**Саъдӣ Маҳдӣ**

# 33 мақола

**Маҷмӯаи мақолоти илмӣ ва оммавӣ**

**Душанбе - 2011**

**ББК:**

Саъдӣ Маҳдӣ. 33 мақола (маҷмӯаи мақолоти илмӣ - оммавӣ). Душанбе: Бахманрӯд, 2011, 173 с.

**Мундарича**

Қирони саъд  (Шаҳбози Кабир)………………..4
Муқаддимаи Сайёф ……………. …………….6
1. Дин ақл аст……………………………………8
2. Вожаи тоҷик, забон ва имло……………….50
3. Адабиётшиносӣ ҳусни забон……………….112
4. Психологияи ҷомеа…………………………..134
5. Гӯштини тоҷикӣ………………………………160
6. Шеър  ……………………………………………166
Ба ҷои хулоса

# Қирони саъд

Хонандаи гиромӣ! Китобе, ки дар даст дорӣ, муаллиф ба он «33 мақола» унвон додааст, зеро ки он 33 мақоларо фаро гирифтааст, вале чаро 30, 35 ё 40 неву маҳз 33 мақола – ин муаммоест, ки калидаш дар дасти Саъдӣ Маҳдист.

Саъдӣ Маҳдӣ аз соли 1996, аз бозе, ки сарварии кафедраи хат ва матни форсии тоҷикӣ (ҳоло кафедраи забони тоҷикӣ барои ихтисосҳои ғайрифилологи) - ро ба ӯҳда дорам, то имрӯз дар паҳлуи мо дар зинаҳои ассистент, муаллими калон ва дотсенти кафедра фаъолият дорад. Инчунин, алҳол вазифаи масъулиятнок – сардори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ бар дӯши ӯст. Бо вуҷуди ин масруфиятҳо Саъдӣ пайваста дар такопӯ ва ҷустуҷӯст. Ӯ ҳамеша ғарқи фикру андешаҳост. Ботамкин, ором, хирадмандона ва паҳлавонона роҳ мегардаду олимонаву орифона сӯҳбат мекунад.

Инак, маҷмӯаи мақолаҳои Саъдӣ Маҳдӣ маҳсули солҳои гуногун буда, он масъала ва мавзӯъҳои мухталифро дар бар мегирад. Аз рӯи мундариҷаву мӯҳтаво мақолаҳои маҷмӯаро ба мавзӯъҳои илмӣ, илмӣ – оммавӣ ва оммавӣ гурӯҳбандӣ намудан мувофиқ аст. Ба ҳам омадани мақолаҳои ҳам илмӣ ва ҳам оммавӣ дар як маҷмӯа ва низ дар услуб созиш додани илми мушкилписанд бо публитсистикаи оммафаҳм чун қирони саъд (нек) дар осмони илму матбуот ҳодисаи пазируфтанист. Зеро дер боз аст, ки қисмати зиёди мардум аз илм дур шудааст ва чунин услуб метавонад оммаро тавассути ВАО як андоза ба андешаҳои илмӣ водор намояд. Оре, ин қирони саъд аст, барои омма!

Дар мақолаҳои илмии муаллиф навгониҳои илмие ба назар мерасад, ки барои илми забоншиносӣ бозёфт ва арзишманданд. Махсусан, дар мақолаҳои «Имло осон бошад», «Ҳикмати ломалиф», «Гурез аз форсӣ ин гурез аз худ аст», баҳси «Ноб беҳтар аст ё НБО», «Нақши кулоҳ дар ташаккули этнонимҳо» ин чизро метавон мушоҳида намуд.

Чун Саъдӣ Маҳдӣ дар назди қиблагоҳаш таълими хуби дини мубини исломро гирифта ва Қуръони шарифро ба сатҳи ҳасана аз бар намудааст, бинобар ин дар силсиламақолаҳои илмӣ-оммавиаш

мунофиқиву риёкорӣ, ҷоҳилӣ ва андешаҳои муғризонаи бархе аз муллову диндорони хурофотпарастро такя ба далелу мадракҳои қотеъ аз китоби Илоҳӣ ва аҳодиси Набавӣ таҳлилу баррасӣ намуда, дар ин бахш бо мақолаҳои «Далели ақлӣ ё нақлӣ», «Аз ҳукми кофар алҳазар», «Таълими исломӣ ҳатмист ва аз он набояд тарсид», «Ҷамшед, номатро дигар макун» ботил будани андешаҳои бебунёду ғаразноки мутаассибонро собит намудааст.

Саъдӣ, воқеан, соҳибистеъдод ва борикбину нуктасанҷ аст. Ӯ аз як мавзӯи дар назар беарзиш, яъне аз ҳеҷ чиз ҳар чиз меофарад. Бисёр ҳолатҳоеро шоҳидам, ки роҳравон ва ё ҳангоми ғизохӯрии нисфирӯзӣ ногаҳон ба ягон мавзӯъ ишора мекунад, ки барои мо на ҷолиб менамояду на арзанда. Лекин пагоҳаш он мавзӯъро ба шакли мақола тавре ба қалам дода, пешкаш мекунад, ки ба борикбиниву сухансанҷии ӯ қоил мешавӣ. Лекин бояд ишора кард, ки баъзан дар иншои баъзе мақолаҳои илмӣ ӯ ба шитобкорӣ роҳ медиҳад, ки ин боиси ба миён омадани баъзе баҳсҳои илмӣ низ гардидааст. Албатта, илм бебаҳс намешавад ва ҳақиқат зодаи баҳс аст. Аз ин ҷост, ки Саъдӣ баҳсро дӯст медорад ва пайваста дар баҳсу талошу ҷустуҷӯст ва умед аст, ки ба қуллаҳои баландтари илм мерасад. Дар ин ҷода барои ӯ барору тавфиқ мехоҳем. Омин!

**Шаҳбози Кабир мудири кафедраи забони тоҷикӣ барои ихтисосҳои ғайри филологии ДМТ**

# Муқаддимаи Сайёф

Саъдӣ чу барқе дурахшон дар осмони матбуот падид омад: Барҷаста, ногаҳонӣ, равшан ва тааҷҷуббарангез. Матлабҳои Саъдӣ Маҳдӣ, ки дар газетаи мардумии СССР низ нашр шудаанд, мисли 1 таҳаввулот буданд; таҳаввулоте дар андеша, инқилобе дар фикри Тоҷик.

Ва ҳамин будӣ, ки хонандагони газета маҳз ӯро оҷилан дар соли 2009, ҳамагӣ пас аз нашри 10 матлабаш, Журналисти Соли газета баргузиданд. Ва хато ҳам накарданд. Зеро 10 матлаби аввалияи Саъдӣ барои андешаи 100-сола кофист.

Саъдӣ воқеан ҳам дар ин маҳдудае, ки дар СССР матлаб нашр мекард, ба насабаш ҳамвор гардида, ҳодии роҳи рост барои хонандагони газета шуд. Мақолаҳои Саъдии Маҳдӣ дар мавзӯъҳои фарҳанги бараҳнагиву фарҳанги либос, пӯшиши кулоҳ, исломшиносиву забоншиносӣ, имло, адабиётшиносӣ ва ҳатто варзишӣ низ қобили андеша буданд.

Мавзӯъҳои динӣ, ки дар он Саъдӣ махсусан ҷилваи фикр мекард, баҳсҳоеро хатм карданд, ки фанатизми ҷанговар сари ҷамъияти Тоҷикон таҳмил менамуд ва дигарандешону тафаккурравшанонро тамғаи «куфр» мекӯбид, ҳамонгуна ки ҳазор сол пештар ин мӯҳри таассубу ҷаҳл домани Синову Ҳофизу Саъди Салмонро гирифта будӣ. Ин ҳамон таассуб аст, ки аз қаъри қурун Синои бузургвор бо таассуф мегуфт: **-Ҳар, к-ӯ на хар аст, кофараш мехонанд…**

Вале Саъдӣ бо роҳи Сино рафт дар ин самт, ки алайҳи фарти харӣ қиём намуд ва чун худ дастпарвари мактаби суннатии мазҳабист, бо факту далелу бурҳони Қуръонӣ исбот намуд, ки кофар хондани мусалмоне худ куфр аст, на каму на беш!

Вале оё медонед, ки пирӯзии афкори андешазудои матлабҳои Саъдӣ куҷо ниҳон аст? Саъдӣ муҳимтар аз дониш чизе дорад, ки мутаассуф, аксарияти донишварони мо надоранд ва он чизи анқо миёни уламои асри 21-и Тоҷикро ном «ҳазрати ҷасорат» аст! Ва Саъдии Маҳдӣ ҳар матлаби хешро дар ҷомаи ҷасорат, тавони пиндор ва шуҷоати фикр, ки ин ҳар 3 аҳсантофарин ҷузви таркиботи ҷавонмардонанд, пероста намудаву пешкаши хонанда мегардонад, ки усулан пирӯзии килки Маҳдии мо низ ҳамин ҷо ниҳон аст:

Ӯ мутафаккири ҷасур аст!

Ва агар ин хислати Саъдӣ насиби дигар удабову уламои мо мешуд, Миллат чӣ бурдҳо дар пеш медошту чӣ музаффариятҳо дар қабл.

Ва аммо ҳамонгуна ки Саъдии дигар дар ин маврид гуфтааст, хонанда бояд худ хулоса кунад, ки Сайёфи Мизроб бар муаллиф мадҳ

задааст ва ё даричаи реалии муаррифии Саъдии сониро ба рӯяш боз кардааст. Ва он гуфтаи Саъдии аввалӣ ин аст:

Мушк он аст, ки худ бибӯяд,
На ин ки аттор(яъне Сайёф) бигӯяд…

Китоби нахустини Саъдии Маҳдиро, мураттаб аз матлабҳои хонданӣ барои муштариёнаш табрик мегӯям!

Бо дуо Сайёфи Мизроб!

**PS/ Вале ҳар матлабе, ки дар СССР нашр мешавад, Сайёф онро таҳрир мекунад ва онро зебу оро медиҳад, мустаҳкам мекунад ва ҳирфаӣ мегардонад. Аз ин рӯ саҳми Сайёф дар ин маҷмӯа бузург аст. Дар ин 120 – 140 шумораи СССР мо тавлиди як чизро дидем - мактаби бузурги журналистии Сайёфро. Бале, инро бояд ҳар як журналисти тоҷикистонӣ эътироф кунад. Имрӯз ҳар нафар донишҷӯ ва навҷавон худро дар СССР мебинад, шаҳди мақолаи худро мечашад. Фарзандони ман Ҷаҳонгиру Ҷаҳоншоҳ дар СССР матлабҳо ба чоп доданд. Духтаронам Марҷонаву Шаҳнозаву ҳатто Раҷабгули хатношинос СССР-ро мехонанду завқ мебаранд. Ҳамсояҳои ман СССР-хонанд. Ба таъбир узви ихвоналСССР-анд. Бале, ин аст мактаби рӯзноманигорӣ!!!**

# 786

## Фасли 1. Дин ақл аст

### Далели ақлӣ ё далели нақлӣ

Дер боз мехостам перомуни далоили ақливу нақлӣ чизе рӯи коғаз биёрам. Аммо фурсат даст намедод. Инак, Ҷамшеди Советӣ- ҷавони басо ҷӯяндаву роғиб ба ин ҷумлаи мо «Дин ақл аст» эътироз баён карда, бо мо ҳамсӯҳбат шудаву ин масъаларо матраҳ сохтанд. Он кас мегӯянд, ки: дин ақл нест, балки нақл аст ва он чи ки мо мегӯем, дар асоси ояту ҳадис, яъне нақлҳои шунидаву хондаамон бояд гап занем, на аз ақли худ. Аммо мо даҳҳо мисолҳо аз ёрони паёмбар (чорёрон), эмомон ва дигар олимони ислом оварда метавонем, ки дар асоси қиёси шаръиву қиёси ақлӣ масъалаҳоро ҳал намудаанд.

**Гавҳари ақл**

Ақл ҳам чизи шариф аст ба ҳар кас нарасад, гуфтааст бузурге. Худованд аз тамоми махлуқоти рӯи замин инсонро шарифтару бузургтар офарид, зеро ба ӯ гавҳаре ато намуд, ки дар дигар ҷонзоти ҷаҳонӣ нест. Ин гавҳарро АҚЛ ном аст. Дар Китоби муқаддас – Библия гуфта мешавад: «Ва худо Одамро ба сурати худ офарид, ӯро ба сурати Худо офарид; онҳоро марду зан офарид. Ва Худо онҳоро баракат дод, ва Худо ба онҳо гуфт: борвар ва афзун шавед ва заминро пур кунед ва онро тасарруф намоед ва бар моҳиёни бахр ва бар паррандагони осмон ва бар ҳар ҳайвоне, ки бар рӯи замин мехазад, ҳукмрон бошед(Ҳастӣ. Боби 1, оёти 27-28)». То ки хонандаи гиромӣ ин сухани Библияро муқобил ба оят аз сураи Ихлос «Ва набошад Ӯ (Худо) ба касе монанд» надонад, ояти Библияро шарҳ медиҳем. Мақсад аз офаридани Одам ба сурати худ ва сурати Худо ин аст, ки Одам шакли зоҳирияш ба худаш монанд офарида шуд, яъне одам шакли худро гирифт, на шакли дигареро, вале аз он ҷиҳат, ки ӯ аввалин ҷонзоти соҳибақл буд, маҳз аз ҳамин ҷиҳат ба Офаридгор монанд офарида шуд. Чун давоми ояи Библия таъкид бар ҳукмрон шудани одам бар тамоми мавҷудоти зинда аст, тақвияти фикри мост. Зеро чуноне ки мебинем, инсон маҳз бо ақли худ дигар ҳаявонро мутеъи худ сохт. Вагарна чӣ гуна метавонад кӯдаке бад-он хурдӣ пилеро бад-он бузургӣ ба зону шинонад.

**Ақли кул**

Ақли кул ин ақли комилу пурраест, ки танҳо Холиқи лам язолро мансуб аст. Банда бо ин ҳама кашфиёти заминияш, бо ин ҳама рисолаҳои номзадию духтурияш пеши он Ақли кул сарафкандаю

хиҷил аст. Ақли мо дар ҳудуди муайян, аз рӯи нақша ё микросхемае амал мекунад. Ақл Худодод аст. Ақли инсон гарчанде пурра нест, маҳдуд аст, вале ҷузъе ё ҳиссае аз ақли кул аст аз ин рӯ он хусусияти халлоқиву офаридгорияшро дар замин идома медиҳад. Имрӯз инсоният бо ракетаву техникаи пурқудраташ сайри коинотро пеша кардааст. Ин дар Қуръони азимушшаън чунин таъкид шудааст: «Ай гурӯҳи ҷин ва инс, агар метавонед, аз каронаҳои осмонҳо ва замин бигзаред, пас бигзаред, вале ҳаргиз гузар карда наметавонед, магар ба нерӯе, ки аз ҷониби Худованд арзонӣ гардад.» (Арраҳмон, ояти 33). Яъне, сайри коинот ва ҳама гуна кашфиётҳо танҳо ба хости Худо ва нерӯи Ӯ анҷом хоҳанд пазируфт, яъне имконияти инсон дар гузаштани каронаҳои осмону замин маҳдуд нест. Аз ин ба баъд кашфиётҳо хоҳанд шуд, албатта бо нерӯи Худо, чуноне ки дар Каломи Илоҳӣ зикр шудааст. Ё ба ақидаи олими соҳаи ҳуқуқ Холиқов Абдураҳим дар Қуръон ояте аст, ки он ифодагари шинохти инсонҳо аз рӯи нӯки ангуштон (отпечатки палцы) мебошад. Ҳадид номи сураи Қуръон, ки маънояш оҳан аст, аз рӯи ҳисоби абҷад 26 мешавад, ки дар ҷадвали Менделеев рақами тартибии оҳан низ 26 омадааст. Ин бозёфт натиҷаи ақли имрӯза аст. Ё тадқиқоти оламшумули Ҳорун Яҳё дар мавриди оятҳои Қуръон ва илми имрӯза ифодагари онанд, ки далелҳои ақлӣ на танҳо амал мекунанд, балки дар шароиту тамаддуни имрӯза инсоният ба онҳо сахт ниёз дорад.

## Одам бояд офарад

Инсонҳо дар рӯи замин рисолате ё кореро анҷом медиҳанд. Барои ҳамин паёмбар (с) мефармояд: «одамон ду гурӯҳанд – донишманд ва доништалаб, дигарон ба монанди пашшаҳоянд, дар эшон хайре нест. Албатта, ҳама донишманд буда наметавонанд ва хонандаи азиз низ худро ба гурӯҳи сеюм набарад, зеро доништалаб будан ба ҳама дастрас аст. Бале, ҳар киро рисолатест. Попов – радио, Бел – телефон, Гагарину Армстронг – кашфи кайҳону моҳ, Менделеев – ҷадвали кимиёӣ, Нобел – кашфи динамиту таъсиси мукофот барои кашшофон ва ғ. ва идома дорад.

Фариштагон пеш аз офарида шудани Одами хокӣ ба Бори Таоло муроҷеъ шуданд, ки ин одамро меофарӣ, дар рӯи замин хунрезӣ мекунад, фасод меварзад ва гуноҳ содир мекунад. Худованд ҷавоб дод, ки: «Он чизеро, ки ман медонам, шумо намедонед». Бале, бани башар дар рӯи замин рисолате дорад, ки ақли маҳдуди мо ба он намерасад. Ояти «Ва наофаридам инсу ҷинро магар аз барои ибодат» барои тамоми инсонҳост, то дар баробари ин ҳама фаъолият ибодат кунанд ва худоро фаромӯш накунанд. Дар ин ҷо овардани шиори яке аз бузургтарин равияҳои тасаввуфӣ дар Осиёи Миёна Нақшбандия (асосгузораш Баҳоваддини Балогардон–р) «Даст ба кору дил ба ёр» басо мувофиқ аст.

## Хиради Фирдавсӣ

Ақл бо вожаи хирад муродиф аст. Бале он хираде, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» онро зиёда сутудааст:

Хирад афсари шаҳриёрон бувад,
Хирад зевари номдорон бувад.
Хирад зиндаи ҷовидонӣ шинос,
Хирад мояи зиндагонӣ шинос.
Ҳамеша хирадро ту дастур дор.
Бад-ӯ ҷонат аз носазо дур дор.

Шоир фасли «Гуфтор андар ситоиши хирад»--ро пеш аз фаслҳои офариниши оламу одам (ҷ.1, саҳ. 26-30) овардааст, ки бесабаб нест. Зеро ӯ хирадро моя, гавҳар ва асли зиндагонӣ медонад ва афзуда медорад, ки:

Хирад раҳнамою хирад дилкушой,
Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой.

Ҳар ду сарой гуфта шоир ин дунё ва он дунёро дар назар дорад. Яъне ақлу хирад одамро дар ду олам дастгир аст. Шоир дар боби офариниши мардум хирадро бо одам якҷо медонад:

Чу з-ин бигзарӣ, мардум омад падид,
Шуд ин бандҳоро саросар калид.
Сараш рост бар шуд чу сарви баланд,
Ба гуфтори хубу хирад корбанд.

Баъд ақидаҳои аз Библияро меорад, ки одам тавассути ақлу ҳушу рой даду дом (ҳайвонҳо)-ро мутеъ мегардонад:

Пазирандаи ҳушу рою хирад,
Мар ӯро даду дом фармон барад.

## Ақл, дониш, тафаккур

Ҳазрати Муҳаммад (с) фармудаанд: «Чун аз ман ҳадисе шунидед, ки ба табиату ҳолатон муносиб бошад, қабул кунед ва агар ба табиату ҳолатон муносиб набошад, он ҳадис аз ман нест ва рӯ кунед». Фикр мекунам, дар ин ҳадис расулуллоҳ ба олимони ислом мурочиат кардаанд, ки аз рӯи ақл амал намоянд.

Ақл дониш ва тафаккур аз якдигар фарқ доранд. Ҷудо будани ақлро аз дониш кайҳо зарбулмасали «Олим шудан осону одам шудан мушкил» таъкид карда буд. Тафаккур натиҷаи илму дониш аст. Фикр рондан амали ботиниест, ки дар ҳар инсон алоҳида ва муфрад аст. Дониш танҳо метавонад чароғи ақл бошад. Инҳо ҳамагӣ исми абстрактанд, ки ба чашм дида намешаванд. Ақл атои Бори Таъолост, аз ин рӯ аз он истифода бояд кард. Касе, ки ақлро инкор мекунад, пас одамро инкор мекунад. Зеро он чи ки одамро аз дигар ҷондорон афзалу бартар гардонидааст, маҳз ҳамин ақл аст. Китобҳои осмонӣ низ ба инсонияти боақл нозил шудаанд, то сари он андеша кунанд, дониш омӯзанд, тафаккур ронанд. Тафсиру шарҳҳо ба Қуръон магар

ифодагари далели ақлӣ нестанд? Ду сарчашмаи асосии ҳуқуқи исломӣ фатво ва қиёс дар асоси ояту ҳадис пурра бо далелҳои ақлӣ ҷамъбаст ва натиҷагирӣ мешаванд. «Маснавии маънавӣ», девони Ҳофиз ва ҳазорон асарҳои гузаштагон натиҷаи ҳамон ақли Худododанд. Тараққиёти илму техникаи ҳозиразамон давоми мантиқии ҳамон ақлу тафаккури гузаштагон аст.

## Нақл низ натиҷаи ақл аст

Он ҳама нақлу ривоятҳо, шарҳу тафсироте, ки дар атрофи китобҳои осмонӣ мавҷуданд, аз тарафи инсонҳои боақл навишта шудаанд ва ҳамаи онҳо равона шудаанд бароиояндагони боақл. Имрӯз бузургмарде бо номи Сайдалии Саид тафсири Қуръонро бо назм навиштааст, бо номи «Тафсири зарнигор». Худо биомурзад ӯро , ки бас далерона чунин пурмасъулият кореро ба сомон расонида. Дар ҳама давру замон ақл чун маҳак ё ҷавҳари аслӣ ба инобат гирифта шудааст. Оё мо далели нақлӣ гуфта, ақлро сарфи назар мекунем? – На, далели нақлӣ худ натиҷаи ақл аст, хоҳ ақли кул бошад, хоҳ ақли ҷуз. Ақли одам ҷузъе аз ақли кул аст. Яъне, дар ҳар амали ақли ҷуз ақли кул такягоҳ аст. Ин мисли он аст, ки падар ба фарзанд мегӯяд, ки духтарам, хӯрок паз. Дигар он тараф намегӯяд, ки оташ гирон, ё равған ширин куну фалон кор кун ва дигар амалиёти хӯрокпазиро таъкид намекунад, яъне ӯ боварӣ дорад, ки фарзандаш бо он ақлу фаросати Худодод боқиро иҷро хоҳад кард. Ё аз сураи Фотиҳа «ҳидоят кун моро ба роҳи рост, роҳи онҳое, ки неъматашон додӣ», муфассирин онро роҳи паёмбарон, содиқону шаҳидону некӯкорон ва неъмати Қуръон тафсир кардаанд. Яъне, бо ақли худ онро шарҳ додаанд. Шояд муфассири дигаре онро неъмати инҷаҳонӣ тафсир кунад. Чаро ки тиҷорати ҳалолу ризқи покиза низ неъмати Худованд аст ва наметавон онро сарфи назар кард. Пас сарчашмаи далели нақлӣ ин ақлу хирад аст. Дур доштани дин аз ақл, дур доштани дин аз техникаву тараққиёти имрӯза ба зарари мусалмон аст, ки натиҷаи онро дар Ироқу Афғонистон ва Фаластин дида истодаанд. Аз ин нуқтаи назар, бо боварӣ мегӯем, ки дин ақл аст бо ҳама нақлу ривоятҳояш ва нақлро хонеду такя ба ақл фикрронӣ намоед!!!

**«СССР»\8.01.09**

# Аз ҳукми кофар алҳазар!

Мункири ҳақ назди мулло кофир аст,
Мункири худ назди ман кофиртар аст.

Муҳаммад Иқбол

### Куфр чист ва кофар кист?

Азбаски солҳои ахир аз минбарҳои баланд дар ҳаққи шахсони алоҳида ва муайян ва ҳатто маъруф вожаи тарсбарангезандаи «кофир»

садо медиҳад, лозим донистам перомуни вожаи мазкур ва аниқтараш ин ҳукм андешаҳои худро иброз дорам. Бошад, ки аз ин гуфтаҳо хонандаи гиромӣ чизе баҳри худ ҳосил намояд.

Куфр, кофир ё кофар аз масдари арабии каффара ё кафара гирифта шуда, маъноям пӯшидан ё пӯшондан мебошад. Мухтасарбаёнкунӣ ва умуман маънидод аз мухтасарсозиҳо дар ҷумлаҳои арабӣ он қадар маъмулӣ гаштааст, ки китоби таълимиеро «Мухтасарулвиқоя» номидаанд. Агар ин китобро бо тақриру тарҷумаву тафсираш биёрем, шояд ду китоби дигареро дар бар дошта бошад. Калимаи кофир низ зинаи мухтасарсозиҳоро кайҳо аз сар гузаронидааст. Дар ибтидо шахсеро кофир мегуфтанд, ки бо сухане рӯи ҳақиқатро пӯшонад. Сухани куфр сухане буд, ки тавассути он бар гуфтаҳои Худову расул муқобил мебаромаданд. Як суханеро бо сухани дигар пӯшонидан, ин аст маънии куфр. Пӯшонидани сухани Ҳақ худ куфр аст. Кофир шахсеро гӯянд, ки Худоро инкор кунад, пайғамбар Муҳаммад (с)-ро пайғамбари барҳақ надонад ва мисли ҳамин ҷумлаҳое, ки маънии болоро ифода кунанд.

## Кӣ ҳаққи ҳукм карданро дорад?

Рафта - рафта вожаҳои куфру кофир чун ду истилоҳи ҳуқуқӣ дар замони исломӣ ва имрӯз дар мамолики исломӣ тақдири одамонро ҳал мекард ва ҳам мекунад. Яъне, ҳукм ба куфр худ баробар буд ба ҳукми қатл дар даврони исломӣ. Пас кӣ ҳақ дорад ва метавонад ин масъулияти бузургеро ба дӯш гирифта, чунин ҳукмеро содир кунад. Дар олами ислом фатво ҳаст ва ҳукм аст. Фатво аз рӯи масъала дода мешавад. Ва ислом ин масъулияти бузургро бар дӯши муфтӣ ё фатводиҳанда вогузоштааст. Муфтӣ низ ҳукмро на ба фарди мушаххас, балки ба амал ва ҳодисаву воқеаҳо медиҳад. Ба таври дигар, муфтӣ вобаста ба ҳодисаву воқеаҳо ва масъалаҳои шаръӣ фатво медиҳад. Ҳукм бошад, бар дӯши қозӣ (судя) вогузошта шуда буд. Аз асарҳои Айниву Икромӣ маълум мешавад, ки қозиҳо ҳеҷ як масъалаи ҷиддиро бе маслиҳати муфтиҳо ҳал намекарданд. Аз ин рӯ қозӣ дар асоси маслиҳати муфтӣ ҳукми худро содир мекард. Дар ҷомеаи демокративу дунявии имрӯзаи мо ҳеҷ кас ҳаққи чунин ҳукм карданро надорад. Ва қозиёту муфтиёт низ чун пештара фаъолият надоранд.

## Куфрон дар тоат ё эътиқод

Агар фаъолият медоштанд ҳам бояд аз рӯи ақлу заковат ва ояту ҳадис ҳукм мекарданд, на чун муллоёни беандеша, ки бо амале дар тоат ё зиндагӣ шахсро дарров ҳукм бар куфр ва завҷаи меҳрубони ӯро талоқ меҳисобанд. Зеро дин ақл аст. Ва аз рӯи ақл амал кардан, асоси мусалмонист.

Ҳадиси саҳеҳи расулуллоҳ (с) аст, ки «Башорат медиҳам шуморо ва башорат диҳед шумо шахсонеро, ки баъд аз шумо меоянд: ҳар кас, ки бигӯяд Ло илоҳа илаллоҳу Муҳаммад расулуллоҳ ба дурустӣ, ки

дохил мешавад ба ҷаннат». Баъди гуфтану дар дил тасдиқ намудани ин калима, ки Тайиба ном дорад, шахс мусалмон мешавад ва то даме, ки ӯ мегӯяд: «ман мусалмонам», ҳеҷ шахсе ҳақ надорад, ки ӯро абадулабад бо тамғаи кофарӣ дар дӯзах андозад. Далели мо ҳамон ҳадиси саҳеҳ аст. Ва ҳеҷ як амале аз қабили нӯшидани шаробу нахондани намоз, ки инҳо ҳама гуноҳони кабираанд, дар эътиқоди ӯ халал ворид намекунад ва ҳамсараш низ талоқ намешавад. Дар мазҳаби мо низ шахс бо содир кардани гуноҳи кабира гунаҳгор мешавад, вале кофир намешавад. Зеро шахс бо гуфтани калимаи тайиба мусалмон мешавад. Ва амалҳои ӯ боқӣ ҳама савобу ваболи ӯянд. Ин мисли он аст, ки шахсе нонро беҳурматӣ мекунад, пас ӯ ношукрӣ мекунад, ношукрӣ хилофи ояти «шукр кунед, зиёда мекунам» мебошад, пас ӯ куфрон дар неъмат кардааст, на дар эътиқод. Эътиқод ё мусалмонии ӯ мисли кӯҳ устувор аст. Ё шахсе намозро беузр қазо мекунад, пас ӯ куфрон дар тоат кардааст, на дар эътиқод. Ӯ мувофиқи гуноҳи кардааш ҷазо хоҳад гирифт, вале кофар ҳукм кардани ӯ беинсофӣ ва нодуруст аст. Маҳз ин ҷиҳати нозук ва ниҳоят муҳими масъаларо баъзе муллоҳо ба инобат гирифтан намехоҳанд ё умуман намедонанд.

## Муллоҳо тайёр нестанд

Рост мегуфт як рафиқам, ки муллоҳои мо барои як ҷомеа ё давлати навини исломӣ омода нестанд. Дар ҳақиқат, фатвои баъзе аз онҳоро дар мавриди ҷашнгирии идҳои соли наву 8-уми март шунида, ба даргоҳи Худованди Азза ва Ҷалла шукр мекунам, ки чунин афроди нолоиқро бар болои мо мусаллат нагардонид, вагарна ин тоҷики аз тарбияи шӯравӣ берунҷаста, бо ин психологияи аз Ивантағояш меросмонда ҳар лаҳза ҳукм ба куфр мешуду чун Мансур ба зери дор мерафт. Чун дар остонаи соли нави масеҳӣ қарор дорему тамоми мардуми тоҷик ин идро анқариб сад сол аст ҷашн мегирад, муллоҳои мӯҳтарам ин ҳама далоилро ба инобат гирифта, сари он ҳама фатвоҳои қаблӣ андеша кунанд.

Ёд дорам, дар Русия чеченҳои бо русҳо унсгирифта, вале қавиэътиқодро, ки бо лафзи Ассаломуалайкум ҷаҳида мехестанд, ки мусулмон омад. «Я мусулман, ты мусулман, мы братя» гуфтанашон ҳанӯз аз гӯшам нарафтааст. Онҳо бо русҳо мешинанду мехезанд, арақ менӯшанд, чӣ корҳое, ки намекунанд, вале афсӯс мехӯранд, ки намоз намехонанд ва агар касе дар пеши ишон нисбати мусулмон таҳқиреро раво бинад, чечен ҳатман ба муҳофизати мусалмон бармехезад. Оё месазад, чунин шахсро кофир гуфтан, ки ӯ баъзе аз амалҳои дини мубини исломро иҷро намекунад? Зеро намоз нахондани ӯ муваққатист ва мерасад вақте ки ӯ бо ҳидояти Худо ибодат мекунад. Чун нишонаи мӯъмин намоз хондан аст.

## Одамонро ноумед накунед!

Мақсади уламоҳо чун ворисони паямбар (с) тарсонидани аввомуннос аз бадномии тамғаи кофар ва оташи дӯзах аст, ки бо ин роҳ каме ҳам бошад, мардумро аз кори бад боз доранд. Яъне, ишон нияти нек доранд ва бо ин мехоҳанд савоберо низ дарёбанд, вале ҳеҷ гоҳ онҳо тарафи дигари ин масъаларо фикр накардаанд, ки бо ин корашон онҳо одамон, махсусан ҷавонони бепарвои замони демократияро ноумед ва аз ислом дур месозанд. Ин дӯстии одаму хирсро ба ёд меорад, ки хирс ба дӯстам некӣ кунам гуфта, бо санг пашшаҳоро аз рӯи рафиқаш дур карданӣ мешавад. Барои кайк шуда пӯстинро оташ задан ҳикмати аҷибест.

Паямбар (с) низ чун тарсонанда барои кофирон азоби алимро ваъда кардааст. Бале танҳо барои кофирон. Аз муллоҳои мӯҳтарам хоҳиш доштам, ки ҳини фатвои ин масъала ҷиҳати куфрон дар тоату куфрон дар эътиқодро ба инобат гиранд. Вале барои ҳар як амале ҷадид ва мухталиф мусалмононро фатво ба куфр кардан ва боз аз минбари паёмбари ислом зани онҳоро талоқ ҳисобидан камоли бехирадист. Коре накунед, ки одамон аз биҳишт ноумеду аз ислом гурезон шаванд, хусусан, дар замоне, ки ҳар гуна дину равияҳо буруз кардан доранд.

Маънии калимаи Иблис ноумед аст. Ноумед аз раҳмати Худо фақат Шайтон аст. Одамонро ба куфр муттаҳам кардан ва онҳоро аз дари биҳишт ноумед сохтан гуноҳи бузург аст.

## Мавзӯъқурбонкуниҳо

Як мавзуъро қурбони мавзӯи айнӣ кардан одати воизон шудааст. Яъне, агар мавзӯи мавриди муҳокима хайру некӣ бошад, ончунон дар ин мавзӯъ иғроқ мекунанд, ки шахс мехоҳад тамоми корро партофта, фақат хайр кунад. Ё, агар мавзӯъ салавот фиристодан бошад, ончунон дар атрофи ин мавзӯъ таассуб меварзанд, ки шахс мехоҳад, тамоми амалҳои дигарро як сӯ монда, танҳо салавот фиристода шинад ва мисли ҳамин. Дар ин маврид воизро лозим меояд, ки ҳангоми ҳукм дар масоили айнӣ аз масъалаҳои дигар сарфи назар нанамояд. Яъне, ҳангоми нишон додани ғазаби Худо аз раҳмати Ӯ фаромӯш накунад, чун дар паҳлӯи дӯзах биҳишт низ ҳаст.

Беҳтарин роҳи даъвати мардум ин амри маъруф ва дуруст фаҳмонидани аҳкоми дин аст. Ҳидояткунанда Худованд аст.

Ба ақидаи баъзе аз уламои пешин мусалмон ҳеҷ гоҳ ба дӯзах намеравад, зеро Худо Ғаффору Раҳмону Раҳим аст. Ояти «Аз раҳмати худо ноумед машавед. Ба дурустӣ, ки Худо ҷамиъи гуноҳонро мебахшад» (сураи Зумар, ояти 53), бурҳони қотеъ ва далели раднопазир мебошад.

Чу дарёи раҳмат талотум кунад,
Гунаҳ соҳиби хештан гум кунад.

Худовандо, моро биёмурз!

**«СССР»\18.12.2008**

# Насиҳати яҳудӣ ба фарзандон

Афсона

Буд, набуд як яҳудӣ буд. Яҳудӣ шаш писар дошт. Писари калонӣ Мишел, дуюмӣ Натан, саввумӣ Барис, чорумӣ Сем, панҷумӣ Фуро, шашумӣ Эмил ном доштааст. Вақте ки писарҳо ба балоғат мерасанд, яҳудӣ онҳоро назди худ даъват намуда, насиҳат мекунад, ки ҳар як шахс бояд касб дошта бошад. Миллати яҳуд барои он сарбаланд аст, ки доно ва ҳунарманд аст. Аз ин рӯ миллати яҳудӣ дар ҷаҳон ягона миллатест, ки гадо надорад. Ҳар шахс бояд дар зиндагӣ касберо интихоб кунад. Бигузор бадтарин касб бошад. Фаромӯш макунед, ки бадтарин касб шуморо нон хоҳад дод. Ҳар як шахс касби худро бояд дӯст дораду ҳурмат кунад ва то дараҷае он касбро омӯзад, ки дар ҳамон соҳа беҳтарин бошад. Дар зоти мо, – мегуфт яҳудӣ, - одами дуввумдараҷаву саввумдараҷа нест. Мо ҳама аз олинасабонем, аз ин рӯ дар ҳама соҳа бояд пешсаф ва якум бошем. Дар ҳама давру замон ҷомеаро мо аз ду узви асосӣ сар ва по, яъне, қисме аз сараш ва қисме аз пояш мегирем. Яъне, мо гурӯҳе сартарош ва гурӯҳи дигар мӯзадӯз шуда зиндагӣ мекунем.

Ту, Мишел, майнаи боқувват дорӣ. Онҷунон илм биёмӯз ва донишманд шав, ки чун кашшоф ва ихтироъкори беҳтарин шинохта шавӣ. Марҳамат, ҷои ту китобхонаҳои шаҳр, шабу рӯз биёмӯз номзад шав, доктор шав, академик шав. Қуллаҳои илмро фатҳ намо. Вале фақат як соҳаро интихоб кун, холаи ҳамакора нашав!

Писарам Натан, ман сари халқро ба ихтиёри ту вогузор мекунам, яъне сартарош хоҳӣ шуд. Одамон ҳамеша мисли гунаҳкорон дар пеши ту сар хам мекунанд. Ту бошӣ чун ғолибон теғ бар даст аз онҳо пул хоҳӣ рӯёнд.

Ту, Барис, дастони моҳир дорӣ, мӯзадӯзи хубе мешавӣ. Нахуст дар назди устои беҳтарини шаҳр ин касбро бо тамоми нозукиҳояш омӯз. Ҳеҷ гоҳ касби мӯзадӯзиро паст назан ва ғам махӯр, ки туро мӯзадӯз мегӯянд. То вақте ин касбро олӣ иҷро карда метавонӣ, мардум ба назди дигар устоҳо нарафта ба назди ту хоҳанд омад. Бурди асосии ту ҳамин аст. Нони даҳони ту дар ҳамин ҷост. Зарбулмасали «Бадтарин ҳунар нонат медиҳад»-ро аз ёд набарор. То вақте ки одамон по доранду роҳ мегарданд, ин касби ту кӯҳна нахоҳад шуд, ҳамеша ҷайбат серпул аст. Ҳеҷ гоҳ мӯҳтоҷи касе нахоҳӣ шуд!

Писари азизам Сем, ту бисёр майдакор астӣ, аз ин рӯ аз ту устои хуби соатсоз мебарояд. Онҷунон ин касбро дақиқкорона биёмӯз, ки моҳиртарин устои соат бошӣ, то ки соатҳои бузурги шаҳрро ба ту бовар кунанд, ҳатто соати Кремлро ту таъмир намоӣ. То даме ки вақту

замон ҳаст, соат дар дасти одамон тик-тик мекунад, касби ту ҳаргиз кӯҳна нахоҳад шуд. Пули нақд дар кафи дастони туст.

Ту, Фуро, танбалу ноӯҳдабаро ҳастӣ. Чӣ супорише ки ба ту додам, баҳона оварда, иҷро накардӣ, аз ин рӯ ба ту дуои бади яҳудиёнро раво мебинам: «Писарам, ба маош гирифтор шавӣ!» Аз маош то маош интизор шуда гардӣ. Бирав, омӯзгори бачаҳо шав!

Ба ҳамаатон ҷавоб, - гуфт яҳудӣ ва ба тарафи фарзанди хурдӣ ишорат кард, ки – ту ист, барои ту супориши махсус аст.

Писарон ғайр аз Эмил ҳамагӣ аз пайи кори худ рафтанд. Яҳудӣ ба тарафи ӯ муроҷиат карда гуфт: - Ту, писарам, бисёр зираку боҳуш ҳастӣ. Аз ин рӯ барои ту супориши махсус ва пурмасъулеро месупорам. Ту бояд барои миллати бузурги яҳудиён хизмат кунӣ. Аз ин рӯ ба мамлакатҳои мусалмонӣ рафта, риш монда, салла монда, мулло мешавӣ. Нозукиҳои дини исломро омӯхта, тамоми ояту ҳадисҳои мусалмононро аз худ мекунӣ, махсусан, воизӣ ва хушсуханиро машқ мекунӣ. Муридони зиёдеро дар гирдат ҷамъ мекунӣ. Дар ягон масҷид муллоэмом мешавӣ. Вақте ки ба боварии ҳама даромадӣ, баъд ба кори асосӣ сар мекунӣ. Аз худат ҳадисҳо бофта, тафриқа меандозӣ. Ин мусалмонони ҷоҳилу нодон чандон ақл надоранд. Чанд фикрҳои муқобили якдигарро дар байни мусалмонҳои мутаассиб ва камсавод роҳандозӣ мекунӣ. Мазҳаби наве бо номи нав ва пурмаъно месозӣ. Чи қадар мазҳабҳо байни мусалмонон бештар бошанд, онҳо якдигарро бештар хоҳанд кушт. Коре кардан даркор, ки мусалмонон ҳеҷ гоҳ ба худ наоянд ва доим дар ҷанг бошанд. Ба ин восита мо метавонем, бисёр мақсадҳои худро дар амал ҷорӣ намоем. Аз ин пас номи ту Эмил не, номи ту Абдулэмил, рав, мулло шав, тафриқа андоз ва ба миллату зоти яҳудиён хизмат кун. Барори кор, Мулло Абдулэмил!

**«СССР»\5.03.09**

## Иисус Воскрессе!

Ҳар кӣ ба ихлос қадам мезанад,
Исии вақт аст, ки дам мезанад!
Низомии Ганҷавӣ

## Соли нави 89-сола муборак!

Воқеият болотар ва пештар аз афкори мост. Одамон низ ҳамроҳ бо воқеият қадам мезананд. Касе воқеиятро ба назар намегирад, мисли қаиқронест, ки дар рӯди тезҷараён ба муқобили об бел мезанад, вале қадаме ба пеш рафта наметавонад ва дар ниҳояти кор ҳам қаиқ аз даст медиҳаду ҳам даст аз ҷон мешӯяд. Воқеият ғолиб аст. Воқеияти Соли навро ҳанӯз хело барвақт, аниқтараш баъди Инқилоби Бухоро (1920)

барои мо созмон доданд. Акнун он тифли маъсуми бехабар аз ҳама гуна ҷашнҳо 88-сола шуда, гоми 89-ро мебардорад. Ӯ танҳо аз дигарон дар бораи соли нави бобой шунидааст, ё чун афсона аз китобе хондааст. Зеро ӯ аз бозе худро мешиносад, ҳамин соли нави масеҳиро дидааст, ҳеҷ гуна таҳдидҳову таҳоҷумҳои аз воқеият дур наметавонанд ӯро аз таҷлили ин иди воқеӣ боз доранд. Бале ӯ гунаҳкор нест, балки воқеияте, ки ӯро ин ҳама солҳо фарогир буда, ӯро чунин тарбия кардааст. Акнун ӯ мисли чӯби хушкест, ки ӯро дигар рост кардан натавон. Чӣ гуна метавон ӯро гунаҳкор ҳисобид. Магар, ӯ гунаҳгор аст, ки дар ин замона таваллуд шуда? Не, ӯ мағлубшудаи воқеияти иҷборист. Ва касе, ки ӯро гунаҳгор меҳисобад, бас беинсоф аст.

**Исои Масеҳ меояд!**

Мужда, эй дил, ки масеҳонафасе меояд,
Ки зи бӯи хушаш анфоси касе меояд (Ҳофиз).

Дар сураи «Марям» ва баъзе оёти Қуръони азимушшаън, муфассал перомуни таваллуд ва зиндагонию ба осмон рафтани Исо (а) қиссаҳо бахшида шудааст. Тафовут байни Инҷилу Қуръон дар ин маврид чанд чиз аст. Нахуст, мусалмонону масеҳиён солҳост, ки сари истилоҳи паёмбар ва писари Худо баҳс мекунанд. Яъне, мо мусалмонон мӯътақид бар ояҳо аз сураи «Ихлос» - «Назод» ва «Назодашуда» мегӯем, ки Аллоҳ Таоло муназзаҳ аз фарзанд аст.

Дуввум, баъзе аз масеҳиён таассуб варзида, Исоро бо лафзҳои Худо ва Худованд ёд кардаанд, ки ислом пурра муқобили чунин ақида аст.

Тафовути саввум дар мавриди кушта шудан ё нашудани Исо (а) мебошад. Ғолибан, ин тафовут ду гурӯҳи имондоронро дар ду сангари муқобил қарор додааст. Масеҳиён бар онанд, ки яҳудиён Исоро маслуб (крест) карданд. Ё дар салиб ӯро мехкӯб карданд, то ки аз дунё чашм пӯшид ва баъд аз зиндагон бархост, рӯзе зиндагӣ кард ва баъд ба осмон рафт. Минбаъд тамоми рафтору кирдор, ҷашну суннатҳо ва ҳатто ашёҳои диндорони масеҳӣ мабнӣ бар ин ривоят қарор гирифт ва асоси дини масеҳӣ гашт.

Дар Қуръон бошад, ваҳйи Илоҳӣ аст, ки Исоро накуштаанд, балки шахси дигареро гумон бурданд, ки Исо аст ва ӯро куштанд. Ҳазрати Исо (а) бошад, ба осмон рафт.

Касе, ки аз хурдӣ тарбияи исломӣ гирифта бошад, ҳатман ба ӯ ёдрас, кардаанд, ки дар охируззамон Исо (а) меояд ва бар зидди Даҷҷол мубориза мебарад ва ахиран Масеҳ бар Даҷҷол пирӯз мешавад. Ин ақидаи танҳо мусалмонон нест, балки ин ақидаи католику православу хулоса, ақидаи тамоми имондорон аст. Фикр мекунам, ин омил метавонад тамоми имондорони ҷаҳонро муттаҳид созад. Яъне, як ақидаи умумӣ ё ҳамақидагӣ дар ин ҷабҳа ҳаст. Чун подшоҳи Ҳабашия Наҷҷошӣ, ки масеҳӣ буд, мусалмононро ба сабаби

сураи бузурги Қуръон «Марям» дар паноҳи худ ҷой дод ва ҳазрати Муҳаммад (с) низ аз ишон ба некӣ ёд мекарданд.

### Нострадамус

Мишел Нострадамус дар китоби «Пешгӯии оянда» қайд мекунад, ки соли 2000-ум, дар ҳавзаи дарёи Волга Исои ҳақиқӣ ба дунё меояд. Ва Россия мамлакати пешбарандаи дини Худо мегардад. Нострадамуси франсавӣ дар асри 15, бо шеър ва франсавии классикӣ, боз ба воситаи рамзҳо пешгӯиҳои худро навиштааст. Албатта, тарҷумонҳо ҳангоми баргардониш ва таъини солу рамзҳои китоб ба ғалатҳо роҳ додаанд. Аз ин рӯ рақамҳо дар омадани Масеҳ дақиқ нестанд. Дар ислом низ замони омадани Масеҳро охируззамон гуфтаанд.

### Милоди Масеҳ мабрук!

Ирониҳои масеҳӣ ҳамин тарз якдигарро табрик мегӯянд! Чун милоду мавлуд ҳаммаъноянд, мабруку табрику муборакy табораку борак аз масдари борака, яъне, дуо додан (благословлять), табрик кардан, бобарор будан реша доранд. Дар Эрон то инқилоб ин ҷашн маъмул буд. Имрӯз чун онро аз воқеият бардоштаанд, одамон ба он таваҷҷӯҳе надоранд ва ба он нигоҳи бефарқ доранд, ба ҷуз чанд шабакаи телевизионии ирониёни Амрико. Дар Русия рӯзи эҳё шудани Исо дар яке аз рӯзҳои якшанбеи фасли баҳор, таҷлил карда мешавад, ки пасха ном дорад. Муборакбодии русҳо якдигарро дар ин рӯз табриккунии идҳои моро ба хотир меорад. Чи хеле ки дар мо мегӯянд: Иди нав муборак ё алиф шариф муборак! Ва шунаванда ҷавоб бояд диҳад: - Худо муборак! Дар Русҳо Табриккунанда мегӯяд: - Исус Христос воскрес! (Исои Масеҳ зинда шуд!) Шунаванда бояд ҷавоб диҳад: - Во истину воскрес! (Дар ҳақиқат, зинда шуд!). Агар касе ҷавоб надиҳад, мегӯянд: - он неверующий. Ва чунинҳо хеле зиёданд. Вожаи воскресение низ аз воскрес, яъне, зиндашавии Исо гирифта шудааст. Яъне, рӯзи истироҳати мо мусулмонон дар ҷашни динии ҳарҳафтаинаи русҳо афтидааст, ки амри воқеияти ғолиб аст. Оё вақти он нарасида, ки рӯзи истироҳати хешро бар урфу одат ва фарҳанги аҷдодӣ, яъне рӯзи одина ё ҷумъа марсум бандем?

### Зикри Исои Масеҳ дар ашъори шуаро

Ҳазрати Исои Масеҳ дар ашъори шоирони классик хеле зиёд ба чашм мерасад, ки тадқиқоти алоҳидаро хостор аст. Дар байни халқи тоҷик қиссаи султон Ҷамҷама ва наъти «Каллаи пӯсида» машҳур аст, ки онро марҳум Одинаи Ҳошим басо пуралам мехонд:

Ҳам ба фармони Худованди ҷаҳон,
Дар сухан калла биёмад он замон.
Гуфт: ё Исо, манам марди куҳан,
Шаммае ту гӯш кун аз ҳоли ман.

Мӯъҷизаи паямбарии Исо (а) – шифобахшӣ ва мурдаро эҳё кардан дар байни тоҷикон маъруф аст. Шоирон низ онро ба килки тасвир кашидаанд. «Исо ба раҳе дид яке кушта фитода» - гуфтани Рӯдакӣ бесабаб нест, зеро маҳз Исои Масеҳ қудрати гуфтор бо мурда ва зинда гардонидани мурдаро бо амри Худо дар миёни паямбарон дошт. Ё Ҳофизи лисонулғайб шифобахшии нафаси Масеҳро аз файзи Рӯҳи муқаддас медонад:

Файзи Рӯҳулқудус ар боз мадад фармояд,
Дигарон ҳам бикунанд он чи Масеҳо мекард.

Ё Ҳилолӣ фармуда:

Сухани хуш ҳаёти ҷону тан аст,
Дами Исо гувоҳи ин сухан аст.

## «Тақвими Ҷалолӣ»-и Хайём дар куҷост?

Дар бораи илми нуҷумро хуб донистану расадхона доштани Умари Хайём бисёр шунидаву хондаем. Низ асари ба Маликшоҳи Ҷалолӣ бахшидаи ӯ бо номи «Тақвими Ҷалолӣ» басо таҳсин арзёбӣ шуда, то дараҷае ки «Тақвими Ҷалолии Умари Хайём аз календари григориянӣ дақиқтар аст». Яъне ин дар китобҳо аст дар воқеият нест. Чизе ки дар воқеият нест мисли афсона ё худтаърифкунӣ ба чашм мерасад. Оё вақти он нарасидааст, ки «Тақвими Ҷалоли»-и Умари Хайёмро кофта, ёфта, омӯхта ва дар амал ҷорӣ намоем. Он агар бошад ва агар ҳаст пас дар куҷост?

Чун дар Тоҷикистони азиз имрӯз ин ид дар сатҳи давлатӣ расман таҷлил карда мешавад ва қонуни ҷорӣ ин идро дар қатори идҳои дигар рӯзи истироҳат эълон доштааст ва то даме, ки бо календари григориянӣ, ҳар рӯзи моро ном мебаранд, то даме, ки рӯзи таваллуду мурдани моро бо он ҳисоб мекунанд, воқеият ғолиб аст ва мо ин идро ҷашн хоҳем гирифт. Ин ҳам дар ҳолест, ки Исо паямбари барҳақи мост. Ва набояд ба думболаи таассуби христианҳо равем, ки паёмбари моро напазируфтаву гумроҳ шудаанд. Баракс, мо, ки ба ҷумла пайғамбарони Худо эмон овардаем, бояд мавлуди Исоро низ таҷлил гирем ва ин аст силоҳи пурқудрати мо бар зиддии ғояҳои адувонаи масеҳияти имрӯза, ки пеши он худи ишон лол мондаву таслим шудаанд ва мехоҳанд бо ҳар роҳу восита мусалмононро душмани Мавлуди Исо эълом доранд. Ва дурӯғ аст, ин ки дар даврони баландахтарии Ислом Соли Нави масеҳиро намедонистанд ва ё пазиро набудаанд. Бобо Тоҳири Урён, парчамбардори тасаввуфия, ки дар соли 1000 мелодӣ (!) таваллуд шудааст, мегӯяд:

Ман он баҳрам, ки дар зарф омадастам,
Чу нуқта бар сари алф омадастам.
Ба ҳар алфе алифқадде бароянд,
Алифқаддам, ки дар алф омадастам!

Алф ба маъно 1000 аст ва алифқадд ба маънии нобиға…

Соли нави мелодиро ба ҳамаи ҳамватанон муборакбод мегӯем!!!

(Ин мақола бо Сайёф навишта шуд).

**«СССР»\01.01.09**

# Ҷамшед, номатро дигар макун!

**Ё калима дар зоти худ гуноҳ надорад, балки гунаҳгор шахс аст аз рӯйи аъмоли бадаш**

Солҳои ахир аз минбарҳои баланд мешунавем, ки номҳои Ҷамшеду Хуршед ва ба ҳамин монанд бозмондаи замони куфру маҷусия буда, бояд онро бо номҳои мусалмонӣ аз қабили Абдураҳмону Абдуллоҳ ва ғайра иваз намоянд. Зеро паямбар (с) дар замони худ ин корро карда буданд. Яъне ин ҷо ду чизро далел мекунанд: 1. Ин номҳо бозмондаи бутпарастию оташпарастӣ мебошанд; 2. Ин суннати паямбар аст.

Мо фикри хешро аз дуюмӣ оғоз менамоем. Аз нигоҳи ислом он амалҳое, ки паямбар доимо ё дафъатан анҷом медоданд, суннат маҳсуб шуда, иҷрои он дар гардани мӯъминин қарз ҳисобида мешавад. Инчунин амалҳое буданд, ки паямбар онҳоро баъзан иҷро мекарданд, баъзан намекарданд. Иҷрои баъзе амалҳоро пайғамбар таъкидан амр мекарданд, ки бо номи суннати муаккада маълуманд. Риояи онҳо чун воҷибу фарз ҳатмӣ мебошад. Номивазкунӣ ва ба кадом навъи суннат мансуб будани он аз рӯзгор ва зиндагонии он ҳазрат (с) маълум мешавад. Зеро паямбар (с) на ҳама номҳои замони бутпарастиро ба иваз намудан амр кардааст. Мисли асмои наздикони он ҳазрат (с) – Абдуллоҳ, Омана, Абутолиб, Абдулмуталиб Ҳошим ва ҳазорон номҳои дигар. Ин шахсон пеш аз зуҳури ислом шаҳди исломро начашида аз олам гузашта буданд. Ва имрӯз дар олами ислом аз истифодаи ин номҳо нуфур намекунанд. Дар ҳар сурат қазия дар атрофи номҳои арабӣ нест, балки танҳо гап сари номҳои порсии тоҷикӣ меравад.

Акнун мегузарем ба таҳлили далели аввал. Баъзе аз воизон дар бораи подшоҳони пешдодӣ аз қабили Каюмарс, Ҳушанг, Сиёмак, Ҷамшед китобе ё таърихеро надидаю нахонда суханҳое мегӯянд, ки кас дар ҳайрат меафтад. Баъзе шоҳ Ҷамшедро кофир, иддае ӯро оташпараст гуфта, шадидан бар ивази ин ном фатво медиҳанд. Мо нодурустии қавли эшонро бо далелҳои зайл нишон медиҳем.

1. Оини Зардушт 7 подшоҳ баъд аз Ҷамшед пайдо шудааст. Аз ин рӯ шоҳ Ҷамшед наметавонист ба дине, ки ҳоло пайдо нашудааст, шомил бошад. Хайрият, ки ин гурӯҳ намедонанд, ки ҷангҳои

Исфандиёру Рустам дар замони Гуштосп барои паҳн кардани дини зардуштӣ буданд, набошад ба иваз намудани ин номҳо сар мекарданд.

2. Шоҳ Ҷамшед, аз рӯи нақли «Шоҳнома», дар ибтидо ба Худои ягона боварӣ дошт. Вақте бар худ мағрур шуд, худро Худо пиндошт, фарри эзадӣ аз ӯ бурида гашт, рӯяш сиёҳ шуд. Мардум аз ӯ рӯй гардониданд. Шоҳ Ҷамшед пушаймон шуд. Боз гашта, тавба кард. Аммо дер шуда буд. Мардум дигар ӯро нахостанд ва Заҳҳоки тозиро ҷонибдорӣ карданд. Ҳамин тариқ, мулк бар Заҳҳоки морон қарор гирифт. Яъне Ҷамшед чун як бандаи хатокор бар хатои худ иқрор аст. Ва ӯ он қадаре нест, ки ин воизон ба қалам медиҳанд ва ӯ он андоза душман нест, ки ояндагон номи ӯро аз насабномаҳо ва дафтари зиндагӣ сутурда кунанд.

3. Номҳои Ҷамшеду Хуршед муродифанд бо номҳои Офтобу Меҳру Шамс. Агар ба хотири офтобпарастон ҳама номҳои порсии ифодакунандаи офтобро иваз кунем, пас исми арабии Шамс чаро дар канор монад? Шамси Табрезӣ – яке аз 5 пири маърифат дар олами ислом ҳеҷ гоҳ дар фикри иваз кардани номаш набуд. Чун офтобу замину дигар сайёрагон ҳама офаридаи Худоянд ва номгузорӣ аз онҳо шукргузорӣ аз Илми бузурги худовандист.

4. Дар Эрону Афғонистон барин давлатҳои бузурги исломӣ ҳазорҳо Рустаму Исфандиёру Ҷамшеду Каюмарсу Ҳушанг хушнуд аз номи хеш кору зиндагӣ доранд ва касе талқин бар ивази номи онҳо надорад ва ҳукумат низ ишонро барои номҳои қадима доштан гунаҳгор намеҳисобад.

5. Агар гирем, ки номҳои мазкур бар оини дигар буда бошанд ҳам, барои иваз намудани онҳо зарурате нест. Зеро паямбар (с) на бар табодули ҳама асмои замони бутпарастӣ таъкид карда буданд. Чуноне ки дар фавқ ишора рафт. Ин мисли он аст ки паямбар гуфт: «ло илоҳа илаллоҳ…», яъне нест худое (ишора ба бутҳо) магар Аллоҳ. Диққат диҳед ба лафзи илоҳ, ки дар калимаи тайба ва тавҳид инкор (ло) пеш аз он омадааст. Гарчанде паямбар лафзи илоҳро (ишора ба бутҳо) инкор карда бошад ҳам, мардуми мусулмон лафзи Илоҳро ба маънии Худои яккаву ягона имрӯз ҳам истифода мекунанд. Мисли «Илоҳо, гуноҳони маро авф кун, ё ояти Илоҳинноси – Маъбуди мардумон». Лафзи Илоҳ дар арабӣ муродифи калимаи Худо буда, арабҳо пеш аз ислом ва баъд аз ислом онро ба ин маъно истифода мекунанд. Чи тавре ки маънои Худо соҳиб аст ва мардуми мо дар тамоми даврони мавҷудияташ пеш аз ислом ва баъди ислом онро ба ҳамин маъно истифода карда меоянд.

Пас калима ё вожа чун номи шахс дар зоти худ гуноҳ надорад ва он наметавонад бори гуноҳеро бикашад, ки соҳибаш содир кардааст, балки ин одамонанд гунаҳкор аз барои аъмоли бадашон. Калима танҳо бори маъноӣ мекашаду халос. Ба таври дигар, Салмони Форсӣ суҳобаи пайғамбар аст. 1300 сол баъд муҷриме бо номи Салмони

Рушдӣ пайдо шуд. Ба хотири гуноҳони дуюмӣ мо наметавонем тамоми номҳои шахсонеро, ки Салмон ном доранд, иваз кунем.

Арҷгузории гузаштагони худ ин шинохти хеш аст, хештаншиносӣ ин гом ниҳодан дар пайроҳаи одамият. Ба ақидаи Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ аввал шахс хешро мешиносад, то ки мусалмон бошад. Ва баъд гом мениҳад дар роҳи дараҷаи ИНСОНИ КОМИЛ:

Ҳазор сол аст аз ту то мусалмонӣ,
Ҳазор соли дигар то ба ҳадди инсонӣ.

Дар ҳамсоягии мо шахсе бо номи Ҷамшед зиндагӣ мекунад. Ӯ ҳофизи 26 пораи Қуръон аст. Наттоқи хубе низ ҳаст. Қавмеро имоматӣ мекунад. Ҳамагон ӯро дӯст медоранд ва ҳурмат мекунанд. Ҳатто шахсе аз эҳтирому ихлоси зиёд ваъда дод, ки агар писардор шавад, ба хотири қорӣ - Ҷамшед ҳатман писарашро Ҷамшед ном хоҳад гузошт.

Агар чунин аст, пас биёед мо хоҳ Рустам ном дорем, хоҳ Исфандиёр, ва ё Афросиёбу Судобаему хоҳ Майк Тайсону Ҷон Терри, Жак Иф Кустоем ё Олегу Наташа чун мусалмонем ва калимаи шаҳодат бар забон рондаем, дар амали нек кӯшем, то ин ном ба некӣ бимонад ва ояндагон ба хотири номи нек аз ин ном истифода кунанд.

**«СССР»\ 2.10.2008**

## Ҳикмати Ломалиф (لا)

### *Ё зуҳури фундаменти низоъ, ки ахиран ба ҷанг кашида буд*

Пайдоиши аломати китобат ба пайдоиши хат алоқаманд аст. Чи тавре ки илми забоншиносӣ дар шакли имрӯзааш зодаи замони шӯравист. Хатти кирилиро низ тоҷикон дар ин давра қабул кардаанд. Аз ин гуфта чунин хулоса мебарояд, ки аломатҳои китобат (дар шакли имрӯзааш) тавъам бо хатти кирилӣ низ баъди Инқилоби Октябр пайдо шудаанд.

Суоле ба миён меояд, ки гузаштагони мо дар тӯли ҳазор соли ҳукмронии хатти арабӣ аломатҳои китобатро истифода мекарданд ё не? Оё дар хатти арабӣ аломати китобат вуҷуд дошт?

### Вақф, яъне ист

Дар хатти арабӣ аломати китобат мавҷуд аст ва онҳоро авқоф меноманд. Авқоф ҷамъи вақф буда, бо калимаи таваққуф (ист), тавқиф ҳамреша аст. Аъроб барои нишон додани исти кӯтоҳу дароз (бофурсат) асосан аз ҳарфҳо ва аломати махсус истифода намудаанд. Баъзан дар охири китоби муқаддаси «Қуръон», барои дуруст хондани толибилмон аломати авқофро бо шарҳаш оварда нишон медоданд. Дар ҷумлаҳои арабӣ ин аломат баъзан бе такя дар шакли пурраи ҳарф ё ҳиҷо оварда мешуданд, баъзан бо такя яъне дар болои доирачае аломатҳои истро мегузоштанд, чунончи: ج صلے ○ ۨ .

Арабҳо барои ист асосан аз ҳарфҳо (дар шакли пурраи ҳарф) ва ҳиҷоҳо истифода кардаанд. Ин ҳарфҳои мим - م, ҷим - ج, итқе - ط, зол - ذ, зе - ز лигатураи лому алиф - لا ва ғайра мебошад.

Баъзан танҳо доирачаро оварда, дар болояш ягон ҳарфе намегузоштанд, ки ин маънои итмоми оят ва исти батафсилро дорад.

**Баёни румузи авқоф**

Дар охири баъзе Қуръонҳо шарҳи ин авқоф, ҳарфҳо чунин оварда шудааст:

لا (ломалиф) – вақф нест, яъне дар охири ҷумла ё оят бошад, ист лозим нест. Агар қорӣ мабодо ист кунад, иъодаи қироат лозим мешавад. Агар дар сари оят набошад.

ط (итқе) – вақфи мутлақ, яъне ист ҳатмист.

م (мим) – вақфи лозим, яъне ист кардан даркор аст.

ج (ҷим) – вақфи ҷоизи тарафайн, яъне ист кунад ё накунад ҷоиз аст.

ص (сод) – вақфи мурахҳас, яъне ист рухсат дода шудааст.

ز (зе) – вақфи маҷуз, яъне вақф иҷоза аст.

Чунин аломатҳо зиёданд. Баъзан калима ё ибораеро аз ду тараф бо се нуқтаии калон ишора мегузоштанд, ки мисли огоҳӣ ∴ ____ ∴ ба назар мерасид, яъне дар аввалӣ ист нест, дар дуввумӣ ист аст.

Иқрор бояд шуд, ки гузаштагони мо авқофро танҳо дар ояту ҳадисҳо ба кор мебурданд. Ҳангоми офаридани асарҳои бадеӣ, илмӣ, тазкираҳо ва ғайра баъзе ишораҳои махсус ҷо барои нишон додани сархат, исти мутлақ ва ғайра доштанд. Масалан, дар баъзе матнҳо чунин аломатҳо итмоми фикр, оғози ҷузъ ё огоҳии саҷдаро мефаҳмонд: ∗ ♠ ۩ . Ё ки барои ифодаи сархат калимаи аввалро бо ранги сурх ё сиёҳтар карда нишон медоданд.

Аломати мадда ( ˜ ) барои дароз кашидани садонокҳо меомад. Онро дар мавридҳои гуногун мегузоштанд. Масалан пеш аз аломати ҳамза, ки чун сактаи сабук шинохта шудааст, аломати моршакли мадда меомад. Чунончи: وسمآء – вассамои…

**«Ло» калимаест, ки ҷаҳонро тағйир дод**

Ломалиф (لا) ҳарфгунаест, ки онро лигатура низ номидаанд. Он дар баробари ду ҳарф будан калима низ ҳаст, ки маънояш не ё нест мебошад. Дар зикри аъроб ё умуман мусалмонон ло муқаддас ҳисобида мешавад. Чаро ки он ибтидои калимаи тавҳид аст. Оғоз шудани калимаи аввали мусалмонӣ - калимаи Тайиба бо «ло» (яъне не), ки инкорро ифода мекунад, ҳикмати худро дорад. Дар замони ҷоҳилия дар Макка бутҳои зиёде буданд, ки ҳар яке ном доштанд. Мисли лоту ҳубал ва ғ. Ҳатто ҳар шахс худои худро дошт ва ҳайкалтарошон ҳар рӯз бути наве метарошиданд ва ҳар кас бути худро

орову тор медод. Пеши бутон қурбонӣ мекарданд ва аз он сангҳои беҷон муроду хоҳиш металабиданд.

Ҳазрати Муҳаммад (с) мурочеъ ба бутпарастон ва мутаннафир аз бутҳои зиёд «Ло илоҳа илаллоҳ…» гуфт, яъне, нест худое магар Аллоҳ. Ло ин не-и инкори бутҳост. Ло ин не- и барҳамзанандаи ҷоҳилият аст. Ло ин не-и барҳамдеҳи русуми нафратангези асномпарастони давр аст. Ло ин рафъати дараҷоти занон аз торикии беҳуқуқии замон буд. Ва ниҳоят ин ло-и таъкид аст. Таъкиди баргардиш аз торикӣ ба сӯи нур, аз зулмат ба ҷониби шаъшаъа, таъкиди руҷӯъ аз каҷӣ ба сӯи ростӣ, аз ботил ба сӯи ҳаққу ростӣ. Ана барои чӣ калимаи нахусти мӯъмин аз ло оғоз шуд, на аз вожае дигар. Ин «ло»-и оддӣ нест, ин «ло»-ест, ки дунёро дигар кард, ин «ло»-ест, ки таърихи башариятро тағйир дод.

**Баҳси ломалиф – вақфи лозим ё нолозим**

Акнун диққат дода шавад ба таъкиди Румузи авқоф: «Ломалиф вақф нест, яъне дар охири ҷумла ё оят бошад, ист лозим нест. Агар қорӣ мабодо ист кунад, иъодаи қироат лозим мешавад. Агар дар сари оят набошад». Яъне ҳангоми қироат қорӣ ин ишораи ломалифро бинад, ист накунад, агар ист кунад, бояд аз сари нав ҳамин ҷумларо хонад. Ҷумлаи охири таъкид: «Агар дар сари оят набошад», ишора ба иъода накардани қироат мебошад, на ба тамоми таъкидот. Ана ҳамин ҷумлаи охирро дастак карда, ҷадидхонҳо ҷумлаи охирро ба ҷумлаи «Вақф нест» низ марбут дониста, пурра аз баҳри вақфи ломалиф, ки ист нест, баромадаанд. Ин иштибоҳро дар баъзе чопҳо фаҳмида, онро вақф ё исти мамнӯъ (манъшуда) эълон кардаанд, то ки қориҳо ин ғалатро дигар такрор накунанд. Вақфи ломалиф аксар вақт дар охири оят омадааст. Охири оят дар Қуръон бо доирача ва дар дохили доирача рақами оят ишора мешавад. Ин доирача худ ишораи вақфи ҳатмӣ ва охири оят аст. Ишораи ломалиф дар болои ин доирача таъкид аст бар набудани ист. Агар ин ишора нолозим ё нодаркор мебуд, онро намегузоштанд. Дар Қуръонҳои чопи Арабистон ва баъзан Покистон авқоф пурра ё қисман бардошта шудааст, ки мақсади ин қориёни навбаромад ва хоҷагони эшонро дар пай дорад.

Бояд гуфт, ки беҳуда дар охири аксари Мусҳафҳо фасли махсус бо номи Румузи авқоф накушодаанд. Ин ба он мақсад аст, то ки қориён истифода аз ин рамзҳо дурусту бехато Қуръон бихонанд. Дар аксар қуръонҳое, ки чопи Когон ва Қазон ҳастанд ва мардуми мо дар замони Шӯравӣ аз ҳамин чопҳо бештар истифода мекарданд, вақфҳои мазкур гузошта шудаанд ва дар охир риояи онҳо таъкид ёфтаанд. Масалан дар сураи аввали Қуръон Фотиҳа, ки бо номи Алҳамд машҳур аст, чор маротиба вақфи ломалиф омадааст. Дар Тоҷикистон то охири солҳои 80-уми асри гузашта ин авқоф риоя шуда меомад. Махсусан мардуми водиҳои Қаротегину Балҷувону Сари Хосору Ҳисору ҳавзаи дарёи Зарафшон, ки таълимдидагони мадрасаҳои

машҳури Бухорои Шариф буданд, боэҳтиёт ин вақфро риоя карда омадаанд. Дар Қуръоне, ки ҳадяи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми Тоҷикистон аст, аксари авқоф шарҳ дода шудааст. Муҳимаш он аст, ки дар ин фасл вақфи ломалиф бо як ибора «вақфи мамнӯъ», яъне ист накунед, шарҳ ёфтааст.

**Низоъ байни кӯҳнамулоҳо ва навбаромадҳо**

Хоҳ бовар кунед, хоҳ не ин ҳақиқат аст. Аввали соли 90-ум баъзе мулобачаҳои таълимгирифтаи мактабҳои хориҷӣ, махсусан, мактаби имрӯзаи Арабистони Саудӣ дар маъракаҳо ба тарзи нав хондани Қуръонро сар карданд, ки ин норизоии муллоҳо ва махсусан онҳое, ки таълими маҳаллиро гирифта буданд, пайдо намуд. Аз ин тарзи қироат ҳатто он солҳо баъзе хатмкардаҳои мадрасҳои Бухоро, ки ҳоло зинда буданд, норизоӣ мекарданд. Чунончи: «дар сураи Мулк барои чӣ аввалҳо «қадируниллази» мехонданду ҳоло бошад, ин мулобачаҳои навбаромад «қадир, баъд ист карда, Аллази» мехонанд?». Ё «чаро пештар «ханосиллази» мехонданду ҳол «ханос. Аллази» мехонанд?» ва ғайра. Чунин ист карданҳои бемаврид дар саросари сураҳо мушоҳида мешуд, ки муллоҳои маҳаллиро бар зидди муллоҳои навбаромад шӯронд. Иқрор бояд шуд, ки як сабаби асосии низоъи байни муллоҳо ана ҳамин вақфи ломалиф ва риоя накардану дар натиҷа ба дигар навъ хондани сураҳо гардид. Ин ҳодиса нақшаи тарҳрезишудаеро мемонд, ки дар паҳлуи сабабҳои ба ҳамагон маълум ба оташи ҷанги шаҳрвандӣ равған мерехт. Оҳиста – оҳиста сафи чунин ҷавонони ба тарзи нав хондан зиёд шуд ва мардум ҳам ба ин навхониҳо одат кардан гирифтанд. Бисёр боиси таассуф аст,ки имрӯзҳо ба таври бобоӣ хондани сураҳо ё умуман аз байн рафта истодаанд, ё аҳён – аҳён ба чашм мехӯранд. Гарчанде ин тарзи хонишро навхонҳо оммиёна ва бесаводона ҳукм кунанд ҳам он аз нуқтаи назари таълимоти мадориси Бухорои Шариф дурусту беғалат мебошад.

Агар филмҳои «Марги судхӯр», «Восеъ» ва он филмҳое, ки замони шӯравӣ сабт шудаанд, тамошо карда шаванд, баъзан сабти сураҳои Қуръон ва тарзи қироати қориёни Бухорои Шариф ба гӯш мерасад. Агар бо диққат гӯш кунед, мушоҳида мекунед, ки вақфи ломалиф дар онҳо пурра риоя мешавад.

Чун бо пешниҳоди Президенти мамлакат соли 2009 соли фарзанди фарзонаи тоҷик Эмоми Аъзам Абуҳанифа Нӯъмон бини Собит таҷлил карда мешавад, боястӣ ки як рукн аз қироати суннатию волои уламои «сайқали рӯи замин» ва «маркази имону дин», яъне Самарқанду Бухоро, эҳё гардад. Васаллом.

**«СССР»\11.12. 2008**

# Аз рамазон то рамазон

Моҳи рамазон омад аз сӯи Биҳишт,

Овард ба машоми мӯъминон бӯи Биҳишт.
Ҳар кас, ки надорад рӯзаи моҳи шариф,
Не бӯи Биҳишт ёбаду рӯи Биҳишт.

Ҳафтаномаи дӯстдоштаи мо СССР аз моҳи шарифи рамазон кори худро оғоз намуд. Ин тифли яксола зодаи ин моҳи бузург аст. Аз ин рӯ дар ин арафаи солгарди нашрия аҳли эҷоди онро, ки воқеан тавонистанд дар як сол чун рӯзномаи мардумӣ, ифодагари армонҳои мардуми ватандӯсту миллатпарвар дар баробари дигар рӯзномаҳо қомат рост кунанд, имону амону тандурустӣ хоҳонам.

Ҳазрати Муҳаммад (с) фармуданд, ки агар шумо фазилатҳои ин моҳи шарифро медонистед, дуо мекардед, ки ҳама сол рамазон бошад. Бале, ин моҳи шариф чун моҳи покизагии на танҳо рӯҳонӣ, балки ҷисмонӣ низ мебошад. Тасаввур кунед, тамоми сол бо шиками пур аз ғизо дар ранҷу азоб ва омоси пурхӯрӣ умр ба сар мебарем. Бузурге гуфтааст, кам хӯрдӣ, шаҳбозӣ, пур хӯрдӣ, омосӣ. Вале як бор андеша кунем, ки ин сутуни ислом – рӯза чӣ қадар аҳамияти калонро молик мебошад. Тиб имрӯз исбот намудааст, ки 70 – 80 % бемориҳо аз ҳисоби пурхӯрӣ мебошанд. Шайх Саъдӣ мефармояд:

Андарун аз таом холӣ дор,
То дар ӯ нури маърифат бинӣ.

Воқеан, шайхон бар инанд, ки барои ба мақсуд расидан ва қурбатуллоҳ маҳз покизагии рӯҳиву ҷисмонӣ муҳим аст. Ана барои чӣ дигар даму нафаси муллоҳои мо намебурад, чаро даму нафаси онҳо шифобахш нест. Чӣ гуна мешавад, шикам пур аз наҷасу рӯҳ дар хатари ғизои барзиёд, боз талаби нафаси тоза кардан. Ин ду чиз ба ҳам наёмезад ва аз ҳам фарсаххо дуранд. Рамазон моҳест, ки дар он имонедор аз беимон маълум мешавад. Бале асоси рӯзадорӣ имондорист. Беимон дар рӯзҳои кӯтоҳи зимистон ҳатто рӯза намегирад. Бале маҳз имон аст, ки шахсро маҷбур мекунад, 16-18 соат дар гармои тобистон нахӯраду наошомад. Имони шахс дар рамазон фаҳмида мешавад.

Дар ин як сол чӣ тағйироте дар ҳаёти мардум шуд? Чӣ қадар савдогар ба салоҳ омад? Чанд нафар миллионерҳои мо ба додани закот яке аз рукнҳои ислом розӣ шудан? Ва умуман нақши ВАО дарислоҳи ин камбуд чӣ андоза аст? Ин суолҳоест, ки ҳар рамазон дар ВАО рӯи коғаз меоянд. Доим дар саҳифаи аввали рӯзномаҳост, ки чаро савдогарон маҳз дар моҳи шариф ду маротиба нархро боло мебардоранд: як бор дар аввали он дуюм бор пеш аз Ид. Зеро медонанд, ки дар ин ду маврид мардум бештар ба маводи хӯрока ниёз доранд. Ва ҳам таъкид мекунем, ки дар мамолики исломӣ савдогарон кӯшиш мекунанд ба хотири савоби ин моҳи бузург, ки як савоби он даҳ ва як ракаат намози он ҳафтод ракаат ҳисобида мешавад, нархро

арзон кунанд ва як кори савоб бештар кунанд. Фикр мекунем, ҳамин ҷиҳатро савдогарону туҷҷори тоҷик дуруст дарк накардаанд ё аҳли илм ба онҳо дуруст онро фаҳмонида натавонистаанд.

**Бинои мусалмонӣ бар панҷ навъ аст:**

1. Калимаи Шаҳодат: Гувоҳӣ медиҳам, ин ки худои дигаре ғайри Аллоҳ вуҷуд надорад ва гувоҳӣ медиҳам ин ки Муҳаммад паёмбари Худост. Инро бо тоҷикӣ гуфтан ва фаҳмидану дар дил тасдиқ намудан ибтидои мусалмонист. Ҳар як падару модарро лозим аст, ки ин калимаро бо забони модарияш ба фарзанд бифаҳмонад. Албатта, шакли арабияшро донад, хуб аст. Аммо ба забони модарияш онро фаҳмидан ва дар дил тасдиқ намудан муҳимтар аст. Зеро имон чист? – ал имону иқрорун биллисони ва тасдиқун билқалбӣ. Яъне, имон ин иқрор кардан аст ба забон ва тасдиқ кардан аст ба дил.

Бовар кунед, аз талабаҳо калимаи тайиба ва шаҳодатро пурсед, кам андар кам онро ҷавоб дода метавонанд. Ҳол он ки шахс бо ин калимаро гуфтан ба мусулмонӣ ворид мешавад. Муаллимони таърихи динро лозим аст, ки аз соли эълоннамудаи фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон истифода намуда, ба ҷои гузаштани ақидаҳои атеистии замони шӯравӣ бинои мусалмониро ба талабаҳо таълим диҳанд.

2. Панҷ вақт намоз гузоридан. Намоз ин нишонаи мусалмон аст. Маҳз намоз аст, ки мусалмон аз ғайримусалмон фарқ карда мешавад. Намоз покиву тозагиву шикастагист. Яъне, таслим шудан ба холиқи тамоми ашё ва розиқи тамоми махлуқоти зинда. Паёмбар (с) фармудаанд, ки хушнудии ман дар намоз аст. Ҳар кас, ки намоз хонда бошад, ин фармудаи он ҳазратро ҳар лаҳза дар вуҷуди худ ҳис мекунад ва агар бо сабабе як рӯз намоз нахонад, андӯҳгин мешавад ва гӯё чизеро гум карда бошад, дар ташвиш мешавад. Агар бо забони оддии тоҷикӣ ба фарзанд аҳамияти намозро фаҳмонида натавонем, вай ҳеҷ гоҳ намоз намехонад. Беҳуда зарбу лат намудан аҳамият надорад, то мо мақсад аз намозро нафаҳмонем.

3. Рӯзаи моҳи шарифи рамазон доштан. Чуноне ки гуфтем, рӯза ин замони тоза кардани рӯҳу ҷисм аст аз ҳама гуна фасоду нопокиҳо.

4. Закоти мол додан. Ман шахсан як бори дигар бузургии исломро дар ин рукн мебинам. Ин рукн маҷбур мекунад тавонгарону ба истилоҳ миллионерҳоро, ки пулу моли худро танҳо нахӯранд ва онро аз рӯи миқдори муайян бо сағирону бечорагону камбағалон тақсим кунанд ва илло мусалмонии онҳо комил нест. Закот касе медиҳад, ки се ҳазор доллари амрикоӣ маблағ дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ мисли моли тиҷоратро доро бошад ва ин маблағро як сол нигоҳ доштааст. Аз се ҳазор доллар 75 доллар. Шахси бехона аз додани закот озод аст. Закотро закот гуфта додан даркор на садақа. Ва онро беминнат мисли

ибодат бояд адо кард ва бояд миннатдор шуд, ки чунин шахси фақиреро ёфта фарзро адо кардӣ. Дар мамлакатҳои араб фақиронро меҷӯянд, вале намеёбанд, ки фаризаашонро адо кунанд, зеро фақирону кмбағалон хело камшуморанд. Закотсупорӣ бештар дар моҳи шарифи рамазон сурат мегирад, зеро савобаш дар ин моҳ даҳ маротиба зиёд аст. Фикр мекунам, ки дар ҷаҳон ва умуман дар таърихи башарӣ аввалин маротиба фақирон фахр мекунанд, ки онҳоро мекобанд. Ҳикмати арабии «Алфахри минал фақри», яъне фахри ман аз фақри ман аст, ибратомӯз аст. Кош дар мамлакати мо низ чунин шаваду тавонгарон фақиронро кобанду наёбанд. Омин! Агар шахсе, ки молаш ба нисоб расидаасту гӯяд, ки ман доим хайру садақа мекунам ва закот надиҳад, хайраш ва ҳатто намозаш қабул намешавад, то вақте ки закотро надиҳад. Бале бузург аст ислом!

5. Ҳаҷ кардан. Тавофи байтуллоҳ ё байтулҳаром барои ҳар як муъмин ва мӯъмина фарз аст, вале аз рӯи қувват ва тавоноӣ. Аммо таъкидан барои он шахсоне, ки ҳар сол ба ҳаҷ мераванд, гуфтанием, ки агар ҳамсоя ё хеши дуру наздикат гурусна бошад, хуб мешуд, ки маблағи муайянеро баҳри онҳо сарф кунӣ. Чун ҳаҷи фарзӣ як бор аст.

Чун моҳи шарифи рамазон меояд, мо лозим донистем як бори дигар бинои мусалмониро ёдрас шавем, зеро бисёранд шахсони ғофил, ки ҳатто оддитарин рукнҳои исломро намедонанд. Агар касе хонаду ақаллан ҷумлае бардорад, мо хушнуд мешавем, зеро расул (с) гуфтаанд: мӯъмин касест, ки аз кори некаш хурсанд шавад. Боқӣ вассалом!

**«СССР»\ 13.08.2009**

# Аввалуҳо раҳматун…

***«Ё айюҳаллазина оману кутиба алайкумус сиёму камо кутиба ъалаллазина мин қабликум лаъалакум татақун, айёман маъдуддот…». Тарҷума: «Эй касоне, ки имон овардаед, рӯза бар шумо фарз гардонида шуда, чунончи ба касоне, ки қабл аз шумо буданд, фарз карда шуд, то шояд, ки парҳезгор шавед, рӯза дар рӯзҳои шумурда шудааст…» (сураи Бақара, ояи 138).***

Инак, моҳи шарифи рамазон фаро расид. Моҳи файзу баракат, моҳи дастархони пур аз нозу неъмат. Моҳест, ки воқеан мӯъминин интизораш буданд.

Ёд дорам замони шӯравӣ, дар деҳаи мо масҷид набуд. Ҳар рамазон мардум дар хонаи мо ҷамъ мешуданд. Бале, хонаи мо масҷид буд. Дар назди хонаи мо чашма воқеъ аст, ки бегоҳ рӯзадорон махсусан занони қишлоқ ҷогаҳҳои обгирӣ дар даст ҷамъ мешуданд, то

овози азони шомро шунаванду рӯза шукоянд. Мардуми минтақаи Кӯлоб шакли кушоданро иваз карда, рӯзашукоӣ мегӯянд.

Раҳматии модарам тараддуд медид, ки ин моҳ ҳама ҳаққу ҳамсояҳо дар хонаи мо ҷамъ меоянд ва дар ҷогаҳи калон (кастрюл) шарбати зардолу ё олуча барои рӯзадорон тайёр мекард. Хӯрок мепӯхт тарбузу харбуза меовард. Албатта, ҳамаи ин дар тобистон, тахмин солҳои 1980 буд. Намозхонон хурду бузург хело зиёд буданд, ки саҳни ҳавлӣ пур мешуд. Ба мо махсусан овози тасбеҳхон, ки «субҳона зилмулки валмалакут» мехонд, ниҳоят маъқул буд, бачаҳо барои шунидани тасбеҳи таровеҳ дар гирди хонаи мо парвона буданд. Аҷаб шаҳомате дошт он замонҳо ҳавлии мо. Баъди ҳафтаи якум гаштак сар мешуд, яъне ҳар кас бонавбат намозхононро ба ифтор даъват мекард. Ёд дорам, як шаб чӣ гуна, аз органҳои дахлдор, ки барои тафтиши таробеҳхонон омада буданд ва мо бачаҳои мактабхон тавассути ҷуйбори хушкидаи қишлоқ гурехта халос шуда будем. Хулоса, моҳи ҷамъшавии одамон, моҳи дӯстиву баҳамоӣ ва ниҳоят моҳи махсус буд рамазон. Ҳамин махсусияташ аст, ки ҳар моҳ мегӯем: Ин моҳ моҳи мост.

Ҳар бандаи мӯъмин бояд моҳи рамазонро эҳтиром кунад. Ҳикоят аст, ки шахсе яҳудии ҳамсояашро, ки аз дунё гузашта буд, дар хоб дид, ки дар ҷаннат сайр дорад. Пурсид, ки ин мартабат аз куҷо ёфтӣ? Гуфт: - боре дар бозор писарамро, ки дар назди рӯзадорон дар моҳи шарифи рамазон чизе мехӯрд, сарзаниш кардам, ки чаро дар назди рӯзадорон хӯрок мехӯрӣ, чун инон ҳама рӯзадоранд. Бо ин сухан ин мартабатро ёфтам.

Аз ин нуқтаи назар он шахсоне, ки бо узру ё бе узр рӯза мехӯранд, бояд, ки ин тановулро ба намоиши дигарон нагузоранд. То аққалан худ рӯза нагиранд, ҳам эҳтироми рӯзадоронро ба ҷо оварда бошанд.

Қуввати некӣ надорӣ, бад макун,  
Бар вуҷуди худ ситам беҳад макун.

Замони рӯза

Ҳадиси расулуллоҳ (с) аст, ки ҳилолро дидед, рӯза гиред, ҳилолро дидед, ифтор кунед (аз китоби «Шарҳи қадурӣ»). Ҳилол моҳи нав ё серӯза аст, ки намози шом дар осмони мағриб ва саҳаргоҳон дар осмони машриқ намудор аст. Яъне саҳарӣ дидани охири моҳи шаъбон аввали рӯза ва бегоҳӣ дидани аввали моҳи шаввол ид аст. Албатта, ҳоло илми астрономия он қадар тараққӣ карда ва пеш рафтааст, ки аз рӯи сония муайян мекунанд, ки моҳи нав (ё новолуние) кай даромадааст. Аммо барои онҳое, ки дар дашту саҳро дур аз шаҳрҳо зиндагӣ ё кор мекунанд, ҳадиси боло беҳтарин далели муайян намудани вақти даромаду баромади моҳи шариф аст.

Вақти рӯзакушоӣ

Вақти кушодани рӯза ё ифтор намози шом аст. Намози шом бошад, дар китоби «Мухтасарул виқоя…» чунин шарҳ ёфтааст: «вақтул мағриби минал ғуруби илалғайбати шафақи». Яъне вақти шом аз ғуруб ё нишастани офтоб аст, то гум шудани шафақ. Азбаски минтақаи мо кӯҳистон аст, ғурубро на аз сари кӯҳ, балки дертар ба ҳисоб гирем, хубтар аст. Шафақ бошад, ба қавле сурхиест, ки баъди нишастани офтоб боқӣ мемонад. Шахсоне, ки панҷ дақиқа то фаро расидани шом бетоқатӣ мекунанд ва муаззинро саросема мекунанд, бояд ин нуктаро ба ҳисоб гиранд. Муаззин низ бояд вақтшинос бошад, зеро шинохтани вақт фарз аст.

Рамазонро ба се даҳа ҷудо кардаанд. Даҳаи аввал даҳаи раҳмат, даҳаи дуввум даҳаи мағфират ва даҳаи саввум даҳаи раҳоӣ аз оташи дӯзах аст.

Ҳазрати Муҳаммад (с) фармуданд, ки ҳар ки рамазонро аз рӯи имону ихлос бигирад, ҳамаи гуноҳонаш бахшида мешавад.

Даҳаи аввал – даҳаи раҳмат

Раҳмат маънии бахшишро дошта, бо вожаҳои раҳмону раҳим ҳамреша аст ва ҳамагӣ маънии бахшандаро доранд. Бахшидан ду маъниро дорост: бахшидани гуноҳ ва бахшидани неъмат. Воқеан, Худованди Раҳмону Раҳим бахшандаи гуноҳони банда ва атокунандаи рӯзӣ ва дигар аз неъматҳо мебошад.

Ҷангу ҷидол манъ аст!

Дар моҳи шарифи рамазон, ки аз моҳони хоса мебошад, мӯъминон бо якдигар бояд кина наварзанд. Ва умуман ҷангу хунрезӣ дар ин моҳ ҳаром эълон шудааст. Мӯъминон бояд бо якдигар дар ин моҳ сулҳу дӯстӣ кунанд ва кинаву ҳасадро як тараф бигузоранд. Риояи ин талабот худ эҳтироми ин моҳ аст. Зеро маънии савм худдорӣ кардан аст. Дар шариат савм ба маънии худдорӣ кардан аст аз хӯрдану нӯшидан ва ҷимоъ кардан. Доштани рӯза худ ҳтироми ин моҳ аст. Эҳтиром ва пос доштани ин моҳ танҳо дур будан аз хӯрдану нӯшидан ва тарки ҷимоъ набуда, инчунин нигоҳ доштани забон аз дашному ҳақорат ва ғайбат мебошад.

Баъзеҳо носу сигор мекашем, гуфта, бегоҳиҳо мисли занбӯр гизала ва дар қаҳр мешаванд. Ҷову ноҷо одамонро меранҷонанд. Бо ин корашон нишон медиҳанд, ки рӯзадоранд. Ба ин гурӯҳ гуфтанием, ки бо ин хашму ғазаб онҳо худро аз аҷру савоби рӯза маҳрум мегардонанд. Чун мулоиматӣ, аҳлӣ ва ҳалимӣ нишонаи мусалмони оқилу хирадманд аст ва қаҳру ғазабу гизалагӣ нишонаи шахси ҷоҳилу бехирад.

Кӣ аз рӯза озод аст?

Шахсони мариз, ки рӯза ба саломатии онҳо зарар дорад, аз рӯза озод ҳастанд. Чун шифо ёфтанд, онро қазо медоранд. Инчунин заноне,

ки дар ҳайзу нифосанд ва шахсони мусофир аз гирифтани рӯза озоданд. Баъди фориғ шудан, қазо медоранд рӯзаро. Агар мусофир имкони рӯза гирифтан дошта бошад, бигирад, беҳтар аст. Заноне, ки тифли ширхора доранд, агар ба саломатии тифл зараре ҳис шавад, рӯзаро бихӯранд, иҷозат аст.

Мӯсафедони пир, ки ба истилоҳ онҳоро «шайхони фонӣ» номидаанд, ки на дар рамазон ва на берун аз рамазон тавони рӯза гирифтан надоранд, аз рӯза гирифтан озоданд. Вале ба ивази он бояд фидя бидиҳанд. Яъне ҳар рӯз як мискинро таом бидиҳанд.

Ба хотири санҷидани маззаи таом ба ошпазу таббохон иҷозат дода шудааст, ки маззаи таомро чашанд ва рӯзаи онҳо намешиканад.

Моҳи шарифи рамазон моҳест, ки дар он Қуръон нозил шудааст, ки ба ин оятҳои 183 то 187-и сураи Бақара шаҳодат медиҳанд. «Шаҳру рамазоналлази унзила фиҳил Қуръону ҳудан линноси ва байинотин минал ҳудо вал фурқон». Тарҷума: «Моҳи рамазон моҳест, ки фуруд оварда шуд дар он Қуръонро раҳнамо барои мардумон ва суханони рӯшан аз ҳидоят ва аз ҷудо кардани ҳаққу ботил».

Аз ин рӯ дар ин моҳи шариф агар шахс тавонад се бор хатми Қуръон кунад, агар натавонад як бор хатми  Қуръон кунад, савоби даҳчанд меёбад.

Моҳи рамазон бар ту муборак бошад!
Ҳамроҳи ту Ёсину Таборак бошад!

**«СССР»\ 20.08.2009**

## Авсатуҳо мағфиратун…

Андар баёни фарри имон

Моҳи шарифи рамазон даҳ рӯзаш гузашт. Шукри Худованди бузург, ки ба мо имон ато карда. Чун имон дорем, чӣ ғам дорем. Ба қавли ҳазрати Алӣ (раз.) «Бузургтарин ифтихор имон аст». Имон сармояи мост, имон бойгарии мост, имон нурест, ки дар ҷабини соҳибимон ҳувайдост. Фарри имон аз дуродур аён аст.

Ҳатто русҳо муллоҳои русиро аз чеҳраашон фарқ мегузоранд. «У него лицо как священника». Адиби ғарбие гуфта буд: «Чтобы увидет нимбу нужен третий глаз». (Барои он ки фарро бинем, чашми сеюм даркор аст). Ба фикри мо чашми сеюм рамзӣ буда, маҳз фаросати худодод дар назар аст.

Фирдавсӣ ва фарр

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсии Тусӣ ба масъалаи фарри эзадӣ ва фарри шоҳаншаҳӣ диққати махсус дода шудааст.

Чу Шеда бидидаш бару бурзи шоҳ,
Ҳамон Эзадӣ фарру он дастгоҳ(ҷ.5,саҳ.269).

Холиқи лам язал хамаи инро халқ кардааст:

Барорандаи меҳру кайвону нур,
Нигорандаи фарру дайҳиму зӯр (ч.4,саҳ.213).

Ва касе соҳиби тахти подшоҳӣ мешавад, ки Худо ба ӯ фарр ва баъд ақлу ҳуш дода бошад:

Касеро диҳад тахту шоҳӣ Худой,
Ки бо фарру бурз асту бо ҳушу рой (ҷ3, с.352).

Дар «Шоҳнома» ду подшоҳ аст, ки аз фар ҷудо мешаванд. Ин ҷудошавӣ аз фар ба парокандагии давлат ва барҳамхӯрии он оварда мерасонад. Яке шоҳ Ҷамшед, дигаре Кайковус аст, ки ҳар ду ҳам гуноҳи бузурге содир намуда, аз ин гавҳари қимат ҷудо мешаванд.

Шоҳ Ҷамшед нуре дошт, ки чун офтоб медурахшид. Дар арафаи Наврӯз бар тахти парвозӣ савор шудану ҷоми сеҳрнокро чун телевизор тамошо кардан дар байни халқ машҳур аст. Берунӣ қайд мекунад, ки вақте шоҳ Ҷамшед бар тахт бар осмон баромад, мардум баромадани ду офтобро дида, ҳайратзада шуданд. Яъне фарри Ҷамшед чун нури офтоб буд, то даме, ки Худоро мешинохт. Чун худро Худо эълон кард, фарри эзадӣ аз ӯ бурида гашт. Мардум аз ӯ рӯй бигардониданд, давлат пароканда шуд. То ин ки Худованд Заҳоки моронро бар ӯ гумошт ва мулк аз дасти Ҷамшед берун гашт:

Ба Ҷамшед-бар тирагун гашт рӯз,
Ҳамекост з-ӯ фарри гетифурӯз (ч.1с.67).

Баъд пушаймон шуд, ки дигар дер шуда буд.

Кайковус низ ба макри иблис гирифтор шуда, тавассути каргасон ба осмон рафт, то фатҳи осмон кунад. Аз он ҷо ба бешаи Чин афтод. Ин идея аз қиссаи Намруди лаин гирифта шудааст, ки айнан бо ҳамин роҳ мехост бо Худо ҷанг кунад ва тире ба сӯи осмон низ андохта буд. Дар «Қасасуланбиё» омадааст, ки Намруди лаин ҳамин Кайковус буд.

Дар шоҳасар ин қисса он қадар муассир аст, ки тамоми мардум бурида шудани фарри Ковусро мебинанд ва мегӯянд, ки Кайковус дигар подшоҳӣ карда наметавонад, зеро ӯ фарри Эзадӣ надорад:

Чу Ковус шуд бедилу тирасар,
Биафтод аз ӯ ному фарру ҳунар.

Ё:

Ки Ковус бефарру бепарру пой,
Нишаста бари тахт бераҳнамой (ҷ3, с. 284).

Дар саросари адабиёти классикӣ фар нур, шукуҳи махсуси шахс маҳсуб шуда, дар тавсифи шоирону нависандагон қарор дошт. Ба ёд биёрем нури Одам (с), Юсуфи моҳталъату Нури Муҳаммад (с)-ро. Одам алайҳиссалом нуре дошт, ки баъди сари ӯ он нур ба тамоми одамони рӯи замин тақсим шуд. Мегӯянд сеяки ин нур дар Юсуф буд ва боқӣ дар тамоми рӯи одамони дигар. Ҳатто дар тасвири рассомони ғарбӣ рӯи Исо (с) ва дигар расмҳои шахсони муқаддас (иконаҳо) бо

нури махсус (нимба) оро ёфта, аз шахсони муқаррарӣ фарқ гузошта мешуд.

Дар «Шоҳнома» ва дигар асарҳои гузаштагон фар чунин номҳоро бо худ мегирад: фарри Эзадӣ, фарри подшоҳӣ, фарри кайӣ, нури Илоҳӣ, фарри Яздонӣ, фарри шоҳаншаҳӣ. Номҳои зиёди тоҷикона низ аз фар пайдоиш доранд: Фаридун (фарри дунё), Фарибурз (аз фар ва бурзу болову қувват), Фарангис (ангезандаи фар), фарҳанг (аз нур ва қувва), Фархор (нури офтоб), Фаромарз ва ғ.

Хулоса, вожаи фар тадқиқоти мукаммалеро хостор аст.

## Дар баёни Нури он ҳазрат (с)

Ҳадиси саҳеҳи он ҳазрат (с) аст, ки «Аввала мо халақаллоҳу Нури» - аввал чизе, ки Худо офарид, нури ман буд. муаллифи асари маъруф «Меъроҷуннубувват» рукни бузургеро, ки аз ҳашт боб иборат аст, ба шарҳи ин ҳадис бахшидааст. Ва ин байтро оварда:

Он дам, ки хона бар сари кӯйи ту сохтам,
Одам ҳанӯз маҳрами хулди барин набуд.
Он дам, ки мо ба бори амонат даромадем,
Ҷибрийл дар хизонаи раҳмат амин набуд.

Ва он нур ба саҷда амр шуд. Муддати сад соли ин ҷаҳонӣ, ки аз сесаду шаст рӯз ва ҳар рӯзе ҳазор соли ин ҷаҳон бошад, дар он саҷда таваққуф фармуд.

Ва баъд аз он нур ҷавҳаре биёфарид ва онро ба даҳ қисм мунқасим гардонид ва аз он қисмҳо аршу курсиву лавҳу қалам ва замину осмонҳоро ба вуҷуд овард. Хулоса, шарҳи он нур басо зиёд аст, ки ин ҷо мухтасар кардем.

Дар Қуръони азимушшаън сураи «Нур» аст. Ибтидои ин сура дар бораи занону мардони зинокор ва ҳукм бар онҳост ва занони поку порсо ва тӯҳмати ноҳақ бар онҳо мебошад. Ва ин бесабаб нест. Дар поён шарҳ хоҳем дод.

«Худованд нури осмонҳо ва замин аст» ва дар охири ҳамин оят гуфта мешавад, ки «ҳидоят мекунад Худо ба нури худ ҳар киро, ки хоҳад ва баён мекунад Худо достону масалҳоро барои мардум. Ва Худованд бар ҳар чиз доност» (Сураи Нур, ояти 35).

Дар охир гуфтанием, ки ҳар ки некӯкору парҳезгор аст, новобаста аз ранги пӯсташ нуре дар чеҳра дорад, ки он нури Илоҳист. Ва аммо онҳое, ки бадкору бадроҳу зинокоранд, чуноне ки дар аввали сураи Нур зикрашон рафта, аз ин Нур бебаҳраанд.

Барҳақ, шоир Ашур Сафар (р) гуфта:

Бегунаҳӣ ба рӯи кас Нури Муҳаммад оварад,
Хок ба сар кунам, ки ин ба ҷои мо намешавад.
Қарзи Худо ба гарданам беш бувад зи мӯи сар,
Ҳайф, ки мурда меравам, қарз адо намешавад.

Чун даҳаи мобайнӣ даҳаи Мағфират ном дорад, умед ба раҳмати Худо баста, даст ба дуо мегӯем, ки дар ин моҳи муборакi рамазон Худованд аз нури поку мубаррояш, ки ҳидояткунандааст, моро бенасиб нагардонад, омин!

**«СССР»\27.08.2009**

## Дар фазилатҳои моҳи шарифи Рамазон

Чун моҳи рамазон ба ҷаҳон мерасад, хитоб расад, ки: эй Ризвони биҳишт, дари ҳашт дарвозаи биҳишт бикушоед, ки рамазон дар ҷаҳон расид. Ва Молики дӯзахро хитоб расад: Ту ҳар ҳафт дари дӯзахро барбанд. То сӣ рӯз ҳашт биҳишт кушода мебошад ва сад ҳазор осиро, ки номи ишон дар дӯзах навиштааст, ҳар рӯз озод мекунад ва шитобон дар биҳишт мегардонад. Ва дигар фармон мешавад: эй Ҷибраил, ту раҳмат бар аҳли зиндони гӯристон бикун; хушӣ ва хуррамӣ мар туро бод, ки моҳи рамазон расид. Бар ҳеҷ аҳли қабре азоб нашавад. Қабрҳои ҳар яке мунаввар гардад… Чун уммати муҳаммадӣ бо мартабат дар арасот пайдо шаванд, уммати пайғамбарони дигар дар тамошои Муҳаммадиён ҳайрон бимонанд ва бигӯянд: ба кадом амал ишонро чунин навохтанд? Фариштагон гӯянд: Ишон рӯзадорони моҳи рамазон буданд, ки чунин ато имрӯз аз парвардигори худ ёфтанд. Алғараз, чун пеши дари биҳишт расанд, Ризвон гӯяд: салом бод бар шумо, пас дароед ба биҳишт ва ҷовид бошед дар он.

Пас мӯъминро бояд, ки ҳаққи моҳи рамазонро нигоҳ дорад, зеро ки рӯза дар чашм аст, рӯза дар забон аст ва рӯза дар дасту пой аст.

Рӯзаи забон он аст, ки ногуфтанӣ нагӯяд ва рӯзаи чашм он аст, ки нодиданӣ набинад ва рӯзаи даст он аст, ки ногирифтанӣ нагирад. Ва рӯза дар пой он аст, ки қадамҳоро ба ҷои нолоиқ набарад. Ҳамчунин дар ҳар узве рӯза аст. Басе рӯзадоронанд, ки насиби ишон савоби рӯза нест, магар гуруснагӣ ва ташнагӣ (аз китоби «Дуррулмаҷолис»).

### Даҳаи охир – даҳаи раҳоӣ аз оташ

Ҳар ки рӯзаи моҳи шарифро аз рӯи сидқу ихлос бидорад, Худованд тамоми гуноҳони ӯро бибахшад ва вуҷуди ӯро аз оташи дӯзах ҳаром гардонад. Даҳаи охирро «утқун мина-нирон», яъне раҳоӣ аз оташи дӯзах номидаанд. Шаби қадр ва тасбеҳи алвадоъ дар даҳаи охир анҷом мепазиранд. Аз ин рӯ даҳаи охир беҳтарин даҳаи рамазон аст. Ҳадиси саҳеҳ аст, ки «ҳама амали фарзанди Одам барои худаш аст, магар рӯза. Он барои ман аст ва ман подоши онро медиҳам».

### Дар баёни шаби қадр

Шаби қадр шабест, ки дар он Қуръон нозил шудааст. Дар Қуръони азимушшаън сурае бо номи «Қадр» иборат аз 5 оят аст, ки дар он ин қавл тасдиқ мешавад. Шаби қадр беҳтар аст аз ҳазор моҳ.

Лайлатулқадр ё шаби қадр дар байни халқ машҳур буда, ба он ранги мӯъҷиза ё берун аз қувваи табиӣ додаанд. Он аслан аниқ нест, ки кадом шаб аст. Аммо ба кавли муҳаққиқин он шаби 27-уми рамазон аст. Чаро? Зеро дар сураи қадр калимаи лайлатулқадр, ки аз 9 ҳарф иборат аст, се маротиба омадааст, аз ин рӯ 9-ро ба се зарб заданд, ки ҳосил 27 мешавад. Аз ин рӯ онро дар шаби 27-ум тахмин задаанд. Қавли дигар ин аст, ки шаби қадр метавонад дар аввал байн ва охири моҳ биёяд ва он дар шабҳои тоқ меояд. Он шаб борони раҳмат меборад. Аз ин рӯ яке аз нишонаҳои он борон аст. Аммо ба фикри мо борони раҳмат на ин борони табиӣ, балки сифати раҳмати Худованд аст. Яъне дар шаби қадр он қадар раҳмати Худо беандоза аст, ки онро чун «борони раҳмат» ташбеҳ намудаанд. Аммо барои шахси шабзиндадору парҳезгор ва обид ҳама шаб шаби қадр аст:

Ҳар шаб шаби қадр аст, агар қадр бидонӣ.

Дар ин шаб шахс бояд намози «Шаби қадр» ният карда, то рӯз дуракаатӣ бихонад, савоби ҳазор моҳи тоату ибодатро дармеёбад. Дар ҳар ду ракаат баъди сураи алҳамд оятулкурсӣ ва 11 бор сураи қадр бихонад.

Лайлатулқадр ё шаби қадр дар байни халқ машҳур буда, ба он ранги мӯъҷиза ё берун аз қувваи табиӣ додаанд. Мақсад пурқимату боқадр нишон додани ин шаби бузург мебошад. Чунончи гуфтаанд, ки агар касе шаби қадрро бинад, ба чизе даст расонад, ба тилло мубаддал мегардад.

**Алвадоъ – алвадоъ, ё шаҳра рамазон!**

Мусалмонон сар аз се шаби охир тасбиҳи «алвадоъ» мехонанд ва аз рафтани моҳи шариф ғам мехӯранд: «Алвадоъ-алвадоъ, ё шаҳраррамазон! Алфироқ - алфироқ ё шаҳра баракати валэҳсон!» - гуфта, изҳори таассуф менамоянд ва дар баробари ин аз даромадани Иди саиди фитр изҳори хурсандӣ. Ҳеҷ шеъреро малеҳтар аз ин ду мисраъ наёфтам, ки ду фикри муқобилро бо як нармию нафосат ва дипломатияи махсус баён медорад:

Иди рамазон омаду моҳи рамазон рафт,
Сад шукр, ки ин омаду сад ҳайф, ки он рафт!

## Зикри рамазон ва шаби қадр дар ашъори шуаро

Шаби қадри васлат зи фархундагӣ
Фараҳбахштар аз фириснофад аст.
(Фириснофад – наврӯз)

Рӯдакӣ

Гӯянд, ки май маҳӯр ба шаъбон на равост,
На низ ба раҷаб, ки он маҳи хоси Худост.
Шаъбону раҷаб маҳи Худоянду расул,
Мо май рамазон хӯрем, ки он хосаи мост.

Хайём

Шаби қадр асту тай шуд номаи ҳаҷр,
Саломун ҳия ҳатто матлаил фаҷр.

Ҳофиз

Бароти лайлатулқадре ба дастам,
Расид аз толеи бедорам имшаб.

Ҳофиз

Чӣ муборак саҳаре буду чӣ фархунда шабе,
Он шаби қадр, ки ин тоза баротам доданд.

Ҳофиз

Моҳи рамазон омад аз сӯи Биҳишт,
Омад ба машоми мӯъминон бӯи Биҳишт.
Ҳар кас, ки надорад рӯзаи моҳи шариф,
Не бӯи Биҳишт ёбаду рӯи Биҳишт.

***

З-он бода, ки дар мастабаи ишқ фурӯшанд,
Моро ду-се соғар бидеҳу гӯ рамазон бош!

***

Шайтон ҳама тадбираш в-он ҳиллаву тазвираш,
Бишкаст ҳама тираш пеши сипари рӯза.

***

Ба рӯзадор наояд зи об ҷуз бонге,
Вале оқибат он бонг ҳам расад ба амал,
Самоъ шарфаи об асту ташнагон дар рақс,
Ҳаёт ёбӣ аз ин бонги об ақал ақал.

Мавлоно

## Фарҳанги имондорӣ ё имондории фарҳангӣ

Иди рамазон омаду моҳи рамазон рафт,
Сад шукр, ки ин омаду сад ҳайф, ки он рафт!

Боз қиматӣ – боз қиматӣ!

Чунин гумон меравад, ки чи қадаре ки дар рӯзномаву телевизион ва дигар ВАО дар бораи қиматӣ пеш аз ду ид ненависанду нагӯянд, фоидае надорад. Зеро дирӯз ба бозор даромадаму дилам аз нарху навои қанду ширинихо ва мағзу чағз – чизе, ки агар онро болои дастурхон наорем, айб ҳисобида мешавад, сард гашт. Албатта, набудану айб шуданҳо ин дар тасаввури мо аст. Аҷаб расму одатҳое, ки мо надорем.

Мағзу чағз - напрокат

Як дӯстам нақл кард, ки дар ин ду рӯзи ид қариб, ки одамон ҳамин мағзу чағзро истеъмол намекунанд. Вале шармшикан бояд дар болои хон бошад. Аз ин рӯ баъзеҳо аз бозор мағзу чағзро мувақкат - напрокат мегиранд, се рӯзи ид болои дастурхон мегузоранд. Баъди се рӯз мағзу чағзро ба савдогар бармегардонанд. Агар кам шуда бошад, фарқияташро мепардозанд. Ана ҳамин хел ба ҷои дусад - сесад доллар дусад - сесад сомонӣ харҷ мекунанд, халос. Албатта, ин роҳи ҳалли масъала нест ва роҳи ҳалли масъала панду насиҳати савдогарони бебок низ нест. Зеро онҳо зери дил ин мисраъҳоро мехонанд:

Маро шӯру ҷунун аз панди носеҳ кам намегардад,
Чӣ имкон аст роҳи шӯъла бандад мушти хошоке?

(Фонӣ)

Аммо ба он муаллифоне, ки доим ба ин масъалаи муҳими ҳаёти мардуми мо дахл мекунанд, гуфтанием, ки рӯҳафтода нашаванд, зеро онҳо кори савоб кардаанд ва дар номаи аъмоли худ амали некеро сабт намудаанд. Зеро ба такрор гуфтани амали савоб аҷри дучанд дорад.

**Ҳар рӯз ид бошад, қиматӣ намешавад!**

***Агар ҳамин мардум тавонгару давлатманд бошад ва доим дастурхонаш пур аз нозу неъмат бошад, яъне на танҳо дар рӯзи ид ба ҷустуҷӯи магзу чагз барояд, балки доим фикр кунад, ки ӯ меҳмондор аст ва ҳар рӯз барои ӯ ид аст, нархбардориҳои сунъӣ худ аз байн хоҳад рафт. Иллат боз ҳамин нодорӣ аст, ки мо танҳо барои тайёрии рӯзи ид рӯ ба бозор меорем ва тоҷири доим дар бозор камхаридори бекорнишаста ва ҳариси харидор низ аз ин фурсати қулай истифода бурда, нархҳоро боло мебарад. Агар дар тасаввури худ ҳар рӯзро ид эълон кунем ва фурӯшанда низ донад, ки доим маҳсулоташ бозоргир аст (на танҳо дар ду мавсим), қаҳтӣ дар тафаккури мо аз байн хоҳад рафт. Яъне барои паст кардани қиматӣ қаҳтиро аз тафаккур дур бояд андохт, зеро наҳсии бозор аз қаҳтии харидор аст, на аз нобуди маҳсулот.***

Ид аз вожаи арабӣ ё решаи «ъавд» гирифта шуда, маънояш боз, аз сари нав баргаштан аст. Яъне ин беҳикмат нест ва он ҳар сол меояд, аз ин рӯ батакрор омадани он ва доим – доим боло рафтани нарх на ба фоидаи харидор асту на ба фоидаи фурӯшанда. Зеро дар маҷмӯъ фурӯшандагон ба маводе низ ниёз доранд, ки дар дӯкон надоранд. Ва онро аз ҷои дигар бояд биханранд. Ба ҳамин тариқ, аз болоравии нарх ҳама табақаи аҳолӣ зарар хоҳанд дид. Ин савдогарони беҳуҷҷат ду суми пешашонро дида, фикр намекунанд, ки чӣ қадар ба зарари худу ҳамватанаш кор карда истодаанд. Эй савдогарони наздикбин, танҳо пешатонро набинед, чашми дилро кушоеду фаротар назар дӯзед!

Дар зеҳни мардум ид ифодагари хурсандию нишот аст. Аммо дар чунин рӯзи саид баъзеҳо аз нодорӣ ва нарху навои бозор маҳзунанд ва

ба ақидаи Ҷонибеки Асрориён «банди дилашон меларзад». Эҳтиёт бошед, эй савдогарони манфиатҷӯ, ки чунин як рӯзи хурсандиро барои бародари мусалмони худ чун рӯзи тарсу ғам мубаддал сохтаед!!! Ва худо шуморо биёмурзад.

## Имон ба Худо ва расулону китобҳои Ӯ

Ба фикри мо роҳи ҳалли масъалаи пешгирии қиматӣ ин баланд бардоштани фарҳанги имондории мо мебошад. Бовар кунед, то савдогар пурра ба он чи ки номаш намоз асту рӯзаву закот асту хайру садақа аст, сарфаҳм наравад ва то мафҳуми имонро дар вуҷуди худ дарк накунад, нарху наво арзон намешавад, ки намешавад. Ва имон чист? – имон боварӣ аст. Боварӣ ба Худои яккаву ягона, ба Худои Одам, Худои Нӯҳ, Мусо, Иброҳим, Яъқуб, Сулаймон, Довуд, Исо ва Муҳаммад (салавот бар ҳамаашон!). Боварӣ бар Тавроти Мусо, Инҷили Исо, Забури Довуд ва Қуръон. Боварӣ ба марг, азоби қабр, ба биҳишту дӯзах, ба зинда гардонидани баъд аз миронидан, яъне рӯзи қиёмат, боварӣ ба тақдири некӣ ва бадӣ... Имон ду тараф дорад, гуфтан ба забон ва тасдиқ кардан ба дил. Амал низ асоси имондорист. Намозу рӯза нишонаи мӯъмин аст. Амали хайру савоб кардан, аз гуноҳ дур будан, фиреб накардан, дурӯғ нагуфтан, дашном накардан нишонаи мусалмонист. Ҷавонмардӣ, олиҳимматӣ аз хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва мусалмониянд.

## Садақаи фитр

Садақаи фитр садақаи моҳи шарифи рамазон аст. Онро шӯрои уламои ҷумҳурӣ якуним сомонӣ муайян кардааст ва он ба сари ҳар аъзои хонавода дода мешавад. Яъне, агар аъзои хонавода аз даҳ нафар иборат бошад, 15 сомонӣ додан лозим меояд. Садақаи фитр ба камбағалон, фақирон, бечорагон, донишҷӯёну мусофирони мӯҳтоҷ дода мешавад. Онро ба шахсе, ки молаш ба нисоб расидааст (яъне 13 ҳазор сомонӣ дошта бошад), додан ҳаром аст (аз «Мухтасар…»). Аз ин рӯ онро ба муллоэмомҳое, ки доранда ҳастанд, додан дуруст нест. Муллоэмом худ бояд иқрор шавад, ки молаш ба нисоб расидааст ва садақаи фитрро ба ӯ надиҳанд. Вақти додани садақаи фитр то адои намози ид аст.

## Дар баёни эътикоф

Эътикоф суннати муаккада аст ба ният, дар даҳ рӯзи охири моҳи шарифи рамазон. Ва он гӯшанишинӣ кардани мард дар масҷид аст. Ақалли муддати эътикоф як шабонарӯз аст. Агар аз деҳае як кас эътикоф нишинад, аз гардани аҳли деҳа соқит мешавад. Мӯътакиф дар ин муддат бояд аз масҷид беузр берун набарояд. Ба ӯ танҳо барои бартараф намудани ҳоҷатҳои зарурии инсонӣ, мисли қазои ҳоҷат, барои гузоридани намози ҷумъа берун баромадан мумкин аст. Беузр берун баромадани мӯътакиф эътикофро ботил мегардонад (аз «Мухтасар…»).

## Ид саиди фитр муборак!

Ҳар шахс саҳар хеста, аввал рӯза мекушояд ва барои адои намози иди фитр тайёрӣ мебинад. Баръакс дар рӯзи иди Қурбон баъди адои намози ид рӯза мекушояд. Пеш аз намози ид ғусл кардан, либосҳои тозаву беҳтаринро пӯшидан ва худро бо хушбӯиҳо оро додан суннат аст. Дар рӯзи ид дағалӣ кардан, ҷангу хархаша кардан дуруст нест. Ба хонаи якдигар рафтан, нишаста дуо кардан ва аз Қуръони маҷид оят хондан расми беҳтарини мусалмонон аст.

Якдигарро табрику муборакбод гуфтан, ба бачаҳо идгардак - тӯҳфа додан, танҳо ба хотири мустаҳкам шудани дӯстиву рафоқат аст. Ҳадиси расулуллоҳ аст, ки «Ҳадя кунед, то дӯстии шумо мустаҳкам шавад». Бале ин ид афзалияти расму оинҳои моро нисбат ба бисёр расму одатҳои халқҳои дигар нишон медиҳад. Дар куҷои дунёст дарҳои кушода, бе хоҳишу иҷозатпурсиҳои расмиятӣ ба хонаи бародари мусалмони худ даромадану табрик гуфтану вақтхушӣ кардан? – дар ҳеҷ ҷо! Бале, ин ид иди мо мусалмонҳост ва мо онро дӯст медорему бо рӯҳи болида ҳар сол онро ҷашн мегирем ва бозомаданашро интизорем.

Иди саиди фитр муборак, ҳамватанони азиз!

**«СССР»\9.09.2009**

## Хато кардед, ҷаноби салафӣ!

***Устод Айнӣ чун дигар устодони мадориси Бухоро мисли муфтӣ Зокир, муфтӣ Икромча, муфтӣ Бурҳониддин, домуло Икром, Садри Зиё (р-ҳ) ва ҳазорон таълимгирифтагони ин макотиб, ки дар навоҳии гуногуни Тоҷикистон умр ба сар бурдааанд ва фарзандони эшон пайравии онҳо карда меоянд, бар мазҳаби поки Эмоми Аъзам буданд ва ин мазҳабро беҳтарини мазҳабҳо медонистанд.***

Аз тарафи Сардори давлат эълон шудани соли 2009 – соли Эмоми Аъзам, Абуҳанифа, Нӯъмон бини Собит голми бузургест барои муттаҳид намудани мардуми тоҷик, пос доштани равияву мазҳаби аҷдодӣ ва бекору заиф сохтани ҳама гуна равияҳои бегонаву навбаромаду тафриқаандоз.

Ба воситаи радиои Озодӣ баҳси яке аз шахсиятҳои маъруфи Тоҷикистон ва ҷавонеро, ки худро пайрави ҷараёни салафия муаррифӣ мекард, дар атрофи қоидаи дар сари гӯр оят хонданро шунида, афсӯс хӯрдам, ки он ҷавон чуноне ки бояд ба шаккокии худ ҷавоб нагирифт. Он ҷавон таъкидан мегуфт, ки дар сари гӯр оят хондан макрӯҳ аст. Домуло ҳам гӯё ба ин ҳукми муллои навбаромад сар фуроварда бошад, далеле барои ҷомеаи имрӯзаи мо, ки аз бозе худро мешиносанд, дар

сари гӯр оят мехонанд, оварда натавонист. Наход, садҳо сол гузаштагони мо дар қабристонҳо оят хонда омадаанд, хато карда бошанд? Наход, имрӯз мо, ки ҳар доим сари гӯри падару бобоёнамон оят мехонем, ба гапи ин нимчамулло аз кароҳият тарсида, дигар тарки як кори савоб намоем? Наход, мо хато карда бошем? Дар гӯристоне ин байтро дар катибае хондам:

Эй раҳгузарон, ояти Қуръон бихонед,
Бо дасти дуо манзиле обод кунонед!

Шояд нависандаи ин сатрҳо низ хато кардааст? Ё хато дар гуфти ин ҷавони тафриқаандоз аст?

Ба китобҳои пешина ва қиссаҳои гузаштагон мувоҷеҳ шуда, дидем, ки дар сари қабр, мазорҳо на танҳо оят хондан мумкин будааст, балки гузаштагони мо қабристонҳоро ба як ҷойи тоату ибодат мубаддал гардонида будаанд.

Дар «Кашфулмаҳҷуб» - и Ҳуҷвирӣ, ки дар бораи каромоти авлиё ва бузургони олами ислом қисса мекунад, қиссаеро хондам. Хоҷа Ҷунайди Бағдодӣ (Р) (Ҳоло мазораш дар Роғун аст.-С.М.) шунид, ки шахсе дар гӯристон чандин сол боз ба зикру тоат машғул аст, вале ба чизе ноил нашуда. Хоҷа ба назди ӯ омад ва гуфт: - Вуҷуди ту ҳиҷоби туст, ин ҳиҷоб бардор, то аз сирри Ӯ огаҳ шавӣ. Мо давоми қиссаро нақл накарда, диққати хонандаро ба чизи дигар равона мекунем. Агар дар гӯристон дуо кардан макрӯҳ бошад, дар он замони исломӣ чаро ин дӯсти Худоро манъ накарданд? Ҳол он ки ин шахс на як бору ду бор ва на як ояту ду хонда, балки чандин сол дар қабристон ба зикру тоот машғул будааст. Воқеан, дар мазорҳои шахсони бузург чиллахонаҳо буданд, ки мусалмонон ва махсусан шайхону авлиё бо тоату ибодат қурбати Худо меҷустанд. Дар мазорҳои Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Шоҳ Неъматуллои Зарробӣ ва ғ. махсус ҷой барои хондани ду ракаат намози аҳли қубур буд ва ҳаст. Намози ҳавли гӯр низ мехонданд, ки ҳар кадом намоз тариқаи махсуси хондан дошт ва дар «Чаҳоркитоб» дар ин бора гуфта шудааст. Ё кадом ҳоҷӣ аз Мадина гузаштаасту дар сари қабри он ҳазрат (с) ду ракаат намоз нахондааст. Ҳоҷиён чун як рукни ҳаҷ дар Мадина дар сари қабри ҳазрати Муҳаммад (с) ду ракаат намоз мегузоранд ва касе инро макрӯҳ нагуфтааст. Пас ин ҷавонони ба истилоҳ салафӣ аз куҷо гап мезананд ва такя ба кадом аснод доранд, мо намедонем.

Дар «Дурратулвоизин» низ қиссае ҳаст, ки шайхи соҳибҳоле дар гӯристон гузар кард ва бозори арвоҳро дид. Пурсид, ки чӣ воқеаест? Гуфтанд: - шахсе аз ин ҷо гузашт ва як бор сураи Фотиҳаро бихонд ва ба арвоҳи гузаштагони ин қабристон бахшид. Ҳафт рӯз аст, ки фариштагон савоби ин сураро байни мурдагон тақсим мекунанд, тамом намешавад.

Ва ниҳоят китоби «Ҳафтяк»-е ба дасти мо расид, ки басо нодир аст, зеро онро устод Айнӣ ва қорӣ Абдулвоҳиди котиб (Шояд Абдулвоҳиди Мунзим бошад- С.М.) китобат карда, ба чоп омода кардаанд. Мо аз чанд китоби дарсии устод Айнӣ «Тартилулқуръон», «Таҳзибуссибиён» ва «Заруриёти диния», ки барои мактаббачаҳо навиштаанд, огаҳӣ доштем, вале аз ин хизмати устод хабар надоштем. Дар саҳифаи аввал ду маротиба ном ва тахаллуси устод навишта шудааст. Нодир будани он боз дар он аст, ки дар ибтидои ҳар сура дар ҳошияҳо хосияти ин сураҳо аз тарафи тартибдиҳандагон оварда шудаанд. Овардани хавоси (хосиятҳои) сураву оятҳо дар ҳавошӣ (ҳошияҳо) пештар низ расм буд. Аз ҷумла дар ҳошияи сураҳои «Мулк» ва «Ихлос» (саҳ. 92 ва 191) истинод аз паёмбар (с) оварда, таъкид кардаанд, ки ҳар кӣ бар сари гӯр ин сураҳоро бихонад, азоби гӯр аз он қабр бардошта шавад. Таъкид мекунем, ки Домулло Айнӣ хатмкардаи мадрасаҳои Бухорои Шариф ба ин бовар доштаанд. Ва умуман ҳамаи он домуллоҳои хатмкарда мутмаин буданд, ки бар сари қабр оят хондан на макрӯҳ, балки савоб аст.

Устод Айнӣ чун дигар устодони мадориси Бухоро мисли муфтӣ Зокир, муфтӣ Икромча, муфтӣ Бурҳониддин, домуло Икром, Садри Зиё (р-а) ва ҳазорон таълимгирифтагони ин макотиб, ки дар навоҳии гуногуни Тоҷикистон ва Осиёи Миёна умр ба сар бурдаанд ва фарзандони эшон пайравии онҳо карда меоянд, бар мазҳаби поки Эмоми Аъзам буданд ва ин мазҳабро беҳтарини мазҳабҳо медонистанд.

Дар яке аз беҳтарин луғатҳои замони СССР интишоршуда Энсиклопедияи советии тоҷик (ЭСТ) дар мақолаи «Ваҳобия» гуфта мешавад, ки дар Арабистони Саудӣ аз соли 1920 дини давлатӣ дини ваҳобӣ аст. Он ба муқобили тамоми расму оинҳои ислом аз қабили авлиёпарастӣ ва дар назди марқади ашхоси муқаддас сохтани масҷидҳо баромада, ин амалҳоро манъ кардаанд. Аз ин ҷо чунин хулоса кардан мумкин аст, ки дар ин ҷода ҳам ваҳобиён ва ҳам салафиён ҳамқадаманд.

Имрӯз, ин ҷараёни шӯрбарангезанда бештар ҷавонони камтаҷриба, динаак намозомӯхта ва содаро ба сафҳои худ мекашад. Воқеан, бештарини онҳо то 40 - солаанд. Оне ки имонаш қавӣ ва устувор аст, оне ки худогоҳ аст, ҳеҷ гоҳ ба мазҳаб ё дини дигар намедарояд.

**Салафу халаф, салафӣ ё нохалаф**

Имрӯзҳо ҳар лаҳза номи салафро шунида, солҳои навадум, ки аз зикри исмҳои Ваҳобу ваҳобӣ тарсе ба дил роҳ меёфт, ба ёд меояд. Ҳол он ки номи Ваҳоб яке аз исмҳои Худо буда, зикри бештари он ба шахс мартабате мебахшад. Аммо бо нақшаи душманони миллат ончунон ин номро барои бадном кардани якдигар истифода бурдем ва шоҳид

будем, ки бо часпонидани доғи «ваҳобӣ» чӣ қадар сарҳо ба зери хок рафтанд.

Акнун нусхаи он нақшаи душманонро дар калимаи салафу салафӣ мебинем. Салаф низ маънии гузаштагонро дорад, ки соҳибэҳтиром аст. Калимаи муқобилмаънои он халаф аст, яъне ояндагон. Мисраи Ҳофиз: «Нохалаф бошам, агар ман ба ҷаве нафрӯшам» танҳо баъди дарки маънии ин ду истилоҳ фаҳмида мешавад. Маънии «нохалаф бошам» яъне аз ояндагон набошам гуфтан аст. Яъне ман низ кори падарам (гузаштаро) давом медиҳам. Аз ин нуқтаи назар мо агар кори падаронамонро давом диҳем, халафиёнем, дар пайравӣ бар аҳли салаф. Ва ҳама бузургони гузашттаву имрӯза эҳтиром гузоштаанд бар гузаштагони худ. Пас ҳар шахс метавонад худро пайрави аҳли салаф гӯяд аз рӯи эҳтиром бар гузаштаи худ ва наметавонад худро салафӣ гӯяд, чун салафиён ҳама гузаштагонанд. Ва касе гузаштаи худро инкор мекунад, нохалаф маҳсуб мешавад.

Эътиқоди салафиёни имрӯза мабни бар фундаментализм ё исломи аввал аст. Онҳо аҳли салаф гуфта, танҳо шахсони аввали олами исломро дар назар доранд ва худро пайрави онон меҳисобанд. Чун дар кору рафтори эшон дақиқ назар кунем, мебинем, ки калимаи зебои салаф барои ишон танҳо рӯпӯши муҳофизе беш нест. Вагарна дар чанд ҷои Қуръон таъкид мешавад, ки дуо кунед, аз ҷумла « Дуо кунед, ман дуои шуморо қабул мекунам». Аммо ин нохалафон (на салафиён!) бар муқобили ояти боло дуо накарда, бо як ғуруру тантана ва намоишкорона тарки намозҷо мекунанд, то ки ба асаби дигарон бирасанд ва ихтилофе эҷод кунанд. Айнан ҳамон нақшаи солҳои 1992. Дар асоси Қуръон ва аҳодису суннат нишон додани камбудии рафтори ба ном салафиёни имрӯза фош намудани хоҷагони эшон аст. Аз ин рӯ уламои мӯҳтарами моро зарур аст, ки ҳама гуна рафтори навоваронаи онҳоро дар асоси оят ва ҳадис танқид ва фош созанд, то ҷавонони навомӯхти ноогаҳ ба доми онҳо гирифтор нашаванд.

### Тамкини миллӣ ба мо сахт лозим аст!

Чӣ бояд кард. Наход боз ба доми душманони хориҷӣ афтем, боз бозичаи дасти гурӯҳе шавем? Кӯр як бор дар чоҳ меафтад. Дар як оила ду нафар ду тарз намоз мехонанд, ду тарз андеша мекунанд, душмани якдигаранд, чӣ расад ба ду нафар аз ду қишлоқ. Ин аст ибтидои маҳалгароиву душмансозии як миллат, ин аст нақшаи кӯҳнаи душманони хориҷӣ. Чаро дар мамлакатҳои аврупоӣ чунин нақшаҳо ба кор намераванд? Чаро миллатҳои дигар бар ҳама гуна дасисаву фитнаҳо бо як тамкину таҳаммул назар меандозанду амал мекунанд, аз пашша фил намесозанд?

Дар Украина айнан вазъияти Тоҷикистон буд. Вале онҳо якдигарро накуштанд. Чаро мо таҳаммули шунидани фикри

муқобилро надорем ва бояд ҳатман хеста ба рӯи якдигар фарорем. Ва боз худу якдигарро бо сифатҳои «сарвайрону девонаву буқа» васф карда, таҳрик мекунем ба низоъ. Низоъшиносӣ басо илми зарурист барои тоҷикони бодиву бодаку тезбашӯроянда.

Барои мо шумори зиёди тоҷикони миллатдӯсту ватандӯст зарур аст. Барои мо ду садсолаи дигар ҳеҷ гуна низоъ ва ҷанг лозим нест. Барои мо хомӯшӣ афзал аст, то бештару иттифоқтару ботамкин ва бурдбор бошем! То душманон донанд, ки нақшаи онҳо кӯҳна шудааст. Дигар тоҷик он тоҷике нест, ки ба ҳар кори майда-чуйда ба хашм ояд. Дигар онҳо ҷанг намекунанд ва якдигарро намекушанд. Ин пилтаро аз гӯшатон гиред! Шумо саҳв кардед, ба ҷои дигар афтодед!

**«СССР»\23.12.2008**

# Ин қадар риш чӣ маънӣ дорад?

### Риш шукӯҳ аст ё даҳшат?

Баҳси риш солҳост, ки идома дорад. Яке онро суннати паёмбар, дигаре чизи барзиёд ва сеюми шукӯҳи шахс меҳисобад. Воқеан, ба симои шахсиятҳои таърихие чун Карл Маркс, Ф. Энгелс, Ленину Тротский омада, то Солженитсин нигарем, чунин ба назар мерасад, ки он, яъне ҳазрати риш, ба дин ва умуман ба дини ислом он қадар бастагие надорад, он гунае, ки диндорони мо иғроқ дар риш мекунанд; зеро аксарияти ин мардум аслан яҳудитаборанд, ҳатто на христиану мусалмоннажод…

### Дирафшӣ накунед!

Имрӯзҳо дар ҷомеаи мо риш шиносномаи шахс гаштааст. Агар сараш тарошида, каллапӯши маҳаллӣ дораду риш мондааст, «ҳа, ин муллобача аст!». Дар солҳои Шӯравӣ касе, ки риш мемонд, мегуфтанд, ки ин шахс дар рухсатии меҳнатӣ аст, ё дар ССО (гурӯҳи донишҷӯёни коргар) ва ё ба нафақа баромадааст. Агар шахс ришу мӯйи сар дораду тоқӣ надорад, ин авбош аст ё боевик аст, мегуфтанд.

Солҳои ахир гурӯҳе навҷавонони ба таъбир салафӣ маҳз бо ҳамин хусусиёти даҳшатафканӣ аз боевику авбош зуд аз назари мардум гаштанд ва ба танқиди сахти аҳли зиё ва махсусан ҳукуматдорон дучор гаштанд. Агар нозире аз ришдоре, ки тартиби ришмониро вайрон намудааст, пурсуҷӯ кунад, айб аз худи ҳамон шахс аст, ки ӯ худ дирафшӣ дорад (зарбулмасали классикӣ ба маънии худро ба намоиш гузоштан, мисли парчам). Ва ин ҳеҷ аҷобате надорад. Чун аз таърих мебинем, ки Пётри Кабир риши мардҳои русро қайчӣ занонду ба салоҳ овард ва имрӯз аз он ибтикор нек арзёбӣ мекунанд.

### Риш - моли ҷамъият аст ё индивид?

Пас риш чист, ки ин қадар боиси нигаронии, на танҳо мардуми оддӣ, ки ҳукуматдорон низ мегардад? Бояд қайд кард, ки чун риши

индивид дар кулл сабаби изтиробу хашму нигаронии ҷамъиятҳо (давлати худамону кишварҳои дӯсту душман) мегардад, пас он дигар моли фард нест!

Яъне, аз ин пас «манаҳи худаму риши худам, кори шумо чӣ гуфтан» асос надорад, зеро риш симои ҷамъият аст, чун симои ҷамъият аст, пас давлат ба он ҳатман кор дорад!

**Одамиро не ба нутқу не ба ришу не ба ҷон,**
**Тӯтӣ ҳам нутқу бузам ришу харам ҷон дорад.**

Гуфтааст Саъдии бузургтар аз Петр. Яъне **ақлу хирад** чун гавҳарии олии инсонӣ баршумурда шудааст дар ин 2 мисраъ шеър. Инсон чун олитарин ва шарифтарини махлуқот маҳз ба хотири ақлу хирад шинохта шудааст, на ба хотири риши ӯ, нутқи ӯ ва ҷон дар тани ӯ.

## Анвоъи риш

Имрӯзҳо ришҳои гуногун зери манаҳ меоянд: тахтариш чун Маркс, муштриш чун Калинин, ангуштриш, памазокриш, дарозриш, кӯтоҳриш, пастриш, кӯсариш, тунукриш, тор-торриш, туркманриш. Ҳатто кокулришон чун фиръавнҳои Миср низ пайдо шудаанд. Ҳамаи ин ришҳо дар муқобили як гурӯҳ қарор доранд, дар муқобили беришон ё аниқтараш риштарошидаҳо. Дар ин миён мӯйлабҳои гуногун дар болои риш зам мешаванд. Воқеан ҳам замони ахир риши бе мӯйлаб ҳам баромадааст, ки на ба салафия тааллуқ дораду на ба таҳририя ва шояд ба таъбири Хайрандеш мутааллиқ ба …алафия бошад… Вале ин ришҳоро як вежагӣ ба ҳам иттифоқ мекунад: ифлосӣ ва шонанадидагӣ!!!

## Кадом навъи риш суннат аст?

Вале чун ҷумла ришпарастон 1 далел доранду ришро суннат хондаву бо ҳамон ришҳои ифлоси худро «сафед» мекунанд, лозим донистем, ки сари он ҳадиси табаррук таваққуф кунем.

Ҳадиси паёмбар (с) аст: «Субҳона ман зайяна фарриҷола билиҳияти ва нисоа биззавоиби», яъне «Пок аст Худое, ки биёрост ва зиннат дод мардонро ба риш ва занонро ба гесу».

Диққати хонандаи нуктасанҷро ба вожаи **«зайяна – ороста кард»** равона мекунем. Яъне, бузургтарин шахси башарият таъкид бар он дорад, ки риш бояд зеб диҳад ва ороста кунад мардро. Чун ба тамоми аҳкоми исломӣ аз қабили таҳорату намозу рӯзаву закоту ҳоказо амиқ назар афканем, мебинем, ки ҳамагӣ бар тозагиву озодагӣ ва покиву нафосат поя доранд. Чун ғуслу таҳорат покизагии бадан, намозу рӯза соф намудани рӯҳу ботин, закот тозагии молу пул ва ғ.

Ислом аз нахуст бо тозагиву покиаш вориди зиндагии араб шуд. Дар он биёбони беоби Ҳиҷоз, ки араби бадавӣ соле 1 маротиба шустушӯ менамуд, чӣ гуна аҳамият доштани аҳкоми исломӣ боризтар пеши рӯ меояд. Пас ба дурустии қавли расул асоси риш тозагиву

озодагӣ ва зебу ороиш аст аз барои мард, ҳамон гуна ки гесуи дарозу зебо ороиш аст мар занро.

**Пас чӣ гуна риш зеби мард аст?**

Ва мурод аз қавли паёмбар ҳамин ришҳои марксиву калининиву авбошӣ аст ё чизи дигар? Зери шиори «Иннамал аъмолу бинниёти» - «амали ҳар кас аз нияташ аст» ба он метавон ҷавоб ёфт, вале мақсад аз ин мӯйи ифлосу шонанарасидаи даҳшатзои зери манаҳ чист?

Воқеан, чун бо ақлу фаросат бингарем, мард аз ҳаводиси рӯзгор дар рӯяш каҷиву нуқсу иллате пайдо шавад, маҳз риш онро пинҳону ороста мекунад ва аз назарҳо мепӯшонад; ё ки шахс пир шавад, холи пирӣ ва пусти зери манаҳ овезон ба назар мерасад. Ва ин риши сафед аст, ки шахсро нуронӣ ва суннатӣ пеши назарҳо мегузорад ва дар ин маврид ҳадиси расул (с) воқеан аҳамияти худро аён месозад.

Дар мазҳаби Эмоми Аъзам мӯйлаб ончунон паст гирифта мешавад, ки дар болои лаб овезон набошад ва мӯйҳо дар даҳон надароянд, то ки боиси олудагӣ аз нафас нашаванд. Ин аст яке аз фарқиятҳои асосии риши суннатӣ аз риши яҳудиву масеҳиён. Барои ҳамин мӯйсафедҳои мо нуронитар аз солхӯрдагони дигар мазоҳибу адёнанд. Ва ин нури имон ва Нури илоҳӣ аст, ки дар чеҳраи ҳар соҳибтақвои боимон аз мазҳаби поки мо ҷилвагар аст ва онро наметавон пинҳон дошт, магар ки нобино бошӣ.

**Ранг кардани риш ба хотири зиннат буд!**

Нақл аст, ки шахсе бо падари мӯсафедаш назди ҳазрати Муҳаммад (с) омаданд. Риши он мӯсафед ниҳоят бетартибу ошуфта буд ва ба ҳазрат (с) маъқул наафтод, ба писараш гуфт:

- Бирав риши падаратро ранг кун, то зебо шавад!

Солҳост, ки ин ҳадис далеле гаштааст барои онҳое, ки риши хешро хизоб (ранг) мекунанд. Рӯдакӣ низ риши хешро ранг мекардааст, ки шоире ба ӯ таъна зада мегӯяд:

**Аҷаб ояд маро зи мардуми пир,**
**Ки мӯи хеш ҳаме хизоб кунанд.**
**Ба хизоб аз оташ ҳаме нараҳанд.**
**Хештанро чаро азоб кунанд.**

Рудакӣ ҷавобаш додааст:

**Ман мӯи хешро на аз он мекунам сиёҳ,**
**То боз навҷавон шаваму нав кунам гуноҳ .**
**Чун ҷомаҳо ба вақти мусибат сияҳ кунанд,**
**Ман мӯй аз мусибати пирӣ кунам сиёҳ.**

Вежагии рангбандии риши «Тоҷики навбаромад» ин аст, ки риши худро сурх мекунанд ва ба кӯчаҳо мерезанд ва гӯиё, ки ин сурхӣ низ гувоҳе аз бартарии мусалмонии ишон аст: Ноогоҳон намедонанд, ки риши сурх моли қабоили паштунтабори афғонистону покистонист; афроде, ки аз қавми бутпарастони браҳманҳои ҳиндувонӣ будаанд, ки

бо ҳидояти Сайид Мир Алии Ҳамадонӣ танҳо дар асри 14 рӯ ҷониби Ислом гузоштаанду то ҳанӯз аркони браҳманияро комилан тарк накардаанд!!!

**На ҳама риш суннат аст!**

Чун ба шарҳу тафсироти аҳодиси набавӣ дар мавриди риши суннатӣ менигарем, нагуфтаанд, ки кадом навъи риш ва чӣ ранг риш бояд гузошт ва низ таъкид нашудааст, ки ҳатман чӣ қадар риш суннат аст. Ё бо назардошти он ки малоли хотири кӯсаришону тунукришон нашавад, гуфта, дар шарҳи зеби риш чизе наафзудаанд. Вале ба ақидаи мо на ҳама гуна риш суннат аст. Ва низ тараққиёти имрӯза ва ин жилету лезваҳои навбаромадро наметавон ба ҳаёти 1400 сол пеш муқоиса намуд. Чӣ нозебанда аст ҷавоне, ки риши ошуфтаву ифлос дорад ва чи басо нороҳаткунанда аст, пире, ки ба ҷои риш пӯсте зери манаҳ овезон дорад…

Воқеан ҳам риш суннат аст, аммо он рише, ки мардро зеб диҳад, на он рише, ки даҳшат афканад, на он рише, ки бо мӯйлаби дарозу гесувони ошуфта якҷо гузошта шавад.

Худо нигаҳ дорад моро аз атрибутикаи даҳшатзо, чӣ риш бошаду чӣ гесӯ ва ё чӣ дигар унсури барзиёди табиӣ!

**«СССР»\16.12.2010**

## Таълими ибтидоии исломӣ ҳатмист ва аз он набояд тарсид!

Ҳодисаҳо пайиҳам омаданд: гурез аз маҳбаси КДАМ, даргириҳо дар Раштон, кушта шудани сарбозони ҳукуматӣ ва ниҳояти кор анҷоми ин ҳодисот бо нобуд кардани дастаи Алии бедакӣ… Дар ин миён фаъол шудани Кумитаи дин ва ниҳоят тарҳрезии қонун дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд. Байни ин ҳама гӯё алоқамандие ҳаст. Ин баҳамоии ҳодисот рабте доранд ё не, баҳс сари он намеравад, вале чизи дигар моро нигарон кардааст.

Оё мо тарбияи исломиро фаромӯш кардаем, ки гӯё аз тарси ин ҳодисот лаб фурӯ бастаем. Суоли матраҳ ин аст, ки: Кӣ тарбияи бобоии исломӣ ё таълими ибтидоии исломӣ нагирифтааст? Аз корманди оддӣ сар карда то мансабдорони баландмақом аз худ бипурсад, ки оё ҳамон таълимоти бобоии алиф бо лом забар ал ҳе бо мим забар ҳам - алҳам дол пеш ду - алҳамду-ро нагирифтааст? Оё мо аз ин таълимот чӣ зарар дидаем, ки аз он ёд намекунем?

Ёд дорам, дар замони шӯравӣ, замоне ки ба истилоҳ шиори «дин афюн аст»-и Маркс дар ҳар хона санг меандохт, раҳматии модарам нону кулча карда, маро ба назди муллои деҳа барои хондани китоби

дарсии «Мухтасарулвиқоя» бурда буд. Махдум дарси аввалро аз рӯзи душанбе бо китоби Таҳорат оғоз карда буданд: «Китобу таҳорати, ин китобест дар баёни масъала ва масоилҳое, ки ба таҳорат мутааллиқанд. Таҳорат дар луғат назофат маънии назофат покист ва дар истилоҳ шустани аъзоҳои махсус аст, бинобар ваҷҳи махсус». Махдум ҳар вожаи арабиро алоҳида ба мо мефаҳмониданд. Иқрор мешавам, ки ҳар чи омӯхтем, аз ҳамон мактаби ибтидоии пинҳонии бобоии ба истилоҳи Айнӣ Мактаби кӯҳна омӯхтем. Ва чун ман даҳҳо ҷавонон буданд, ки ин таълимотро гирифтаанд.

Яъне бо ҳама он тавоноӣ Ҳукумати Шӯравӣ натавонист аз он ҷилавгирӣ намояд. Вале чаро бояд аз таълими исломӣ ҷилав гирифт?

**Хатмуттаҳсили донишгоҳи исломӣ куҷо равад?**

Чун кумитаи дин ҳаст ва давлату ҳукумат аз мазҳаби поки Эмоми Аъзам (р) пуштибонӣ дорад, чаро дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ фанни исломи ибтидоӣ дарс дода нашавад? Яъне шарт нест ҳама мулло шавад, лекин шарт аст, ки фарзандони мо илми ибтидоии исломро на пинҳонӣ, балки ошкоро дар мактаби замонавӣ биомӯзанд. Агар чунин шавад, дигар ҳоҷат ба муллову шайхи мутаассиб намемонад. Бигузор бача одитарин қавоиди исломиро мисли калимаи тайбаву шаҳодат, таҳорат, суннату фарзҳои намоз, тарзи намоз хондан, фавоиди бузургтарин қавонини ислом – Закот, рӯза ва ҳаҷ, ки ин Бинои мусалмонӣ аст, дар мактаб биомӯзад ва аз хурдӣ бидонад. Чун донишгоҳи исломӣ давлатӣ шудааст, хатмкунандагони он бояд ин фанро тадрис кунанд. Такрор мекунем, ин на ба он мақсад аст, ки ҳама мулло шавад. Лекин аз Исломи поку ноб баҳраҳои аввалинро бигирад. Чун аз тарафи давлату ҳукумат ҳама равияҳои динии нодуруст ҷилавгирӣ мешаванд, агар кумитаи дин мавъизаҳои муллоҳоро зери назорат мегирад, пас ҳеҷ ҷои нигаронӣ нест ва мактаби имрӯза пурра метавонад фанни аввали ислом (дар асоси мазҳаби Эмоми Аъзам) –ро ӯҳда кунад.

**Таълимоти бухороӣ ҳанафӣ буд ва бояд эҳё гардад!**

Агар мо инро нодида гирему боз ба ӯҳдаи мактаби пинҳонӣ ё мактабҳои хонагӣ партоем ва 1000 қонун барорему манъ кунем, хоҳем нахоҳем волидайн фарзандашро таълимоти исломӣ хоҳад омӯхт. Оё беҳтар нест, ки ин вазифаи пурмасъулиятро мактаб ба зимма гирад. Ва ман кафолат медиҳам, ки агар шахс қавоиди исломиро дар мазҳаби

Эмоми Аъзам ба хубӣ биомӯзад, ҳеҷ гоҳ фанатику терорист намешавад. Ба атрофиён бингаред, онҳое салафиву таҳририву ваҳобӣ шудаанд, ки аслан дер ба ислом ворид шудаанду заминаи динии маҳаллии бақувват надоранд. Маҳз ҳамин гурӯҳ тез гумроҳ мешаванд. Ҳатто онҳо ба домуллоҳои хатмкардаи Бухоро, ки паҳнкунандаи ақоиди ҳанафӣ дар Осиёи Миёна онҳо буданд, ҳеҷ ихлосе надоранд. Хушбахтона, ин таълимот ҳоло ҳам дар Тоҷикистон дар маҳалҳо боқист ва онро бояд ҷоннок намуд, то ки равияҳои дигар буруз нанамоянд, ин халоро бояд пур кард. Фарқияти ин таълимот дар тарзи таҳорат кардан, намоз хондан, дар намоз пою даст ва ангуштонро наҷунбонидан, тариқаи дафн, садақа, дуо кардан дар намоз ва дар қабристон ва дигар масъалаҳои нозуки ҷомеаи мост, ки аксари куҳансолон комилан ҷонибдоранд. Агар ин таълимот ҷорӣ гардад, ихтилофот аз байн меравад. Шӯрои уламои Тоҷикистонро лозим меояд, то ин масъаларо мавриди омӯзиш қарор бидиҳад ва дастуроте таҳия бисозад, то ин ҳама маросим дар тамоми маҳалҳо аз рӯи ин дастурот сурат бигирад ва ихтилофот аз байн биравад. Бояд дар тамоми маҳалҳо тасмимоти Шӯрои уламо эҳтиром шавад ва ба иҷро расад.

**Аз чӣ бояд тарсид!**

Ба фикри мо азояндаи дур, аз он насле бояд тарсид, ки дигар парвои дин надорад, имон надорад, мисли скинхедҳои рус дигар муқаддасоте надорад, ба ҷуз афкори нодурусти нажодпарастӣ, мисли ҷавонони аврупову Амрико, ки сар ба тарабхонаву қиморхона мезананд, умеде фаротар аз андешаҳои пучи хеш надоранд. Имрӯз Америкову Аврупо намедонад аз он чӣ гуна халос ёбад. Натиҷаи он мӯҳлик аст, мисли бемориҳои табобатнашаванда.

Хуни ҷавонӣ дар ҷӯш аст. Илми психология исбот намудааст, ки нерӯи насли ҷавонро ба корҳое сарф бояд намуд, ки фоидааш ба ҷомеа расад. Агар ин нирӯ ба инобат гирифта нашавад, он сарфи корҳои зарароваре мисли фаҳшу зино, шаробхориву нашаву геракашӣ, қиморбозӣ ва дигар ҷиноятҳо мегардад. Инҳо низ аз фанатику терорист кам нестанд. Пеши роҳи ҳамаи инро фақат як чиз мегирад – Эмон!

**Қонуни менталитет**

1 дӯстам гуфт, ки ҳоло дастархонатро паҳн мекунӣ, аллакай аз ҳамин ҷо қонунвайронкунӣ сар мешавад. Яъне қонунро тарзе бояд

қабул кард, ки дар оянда мо қонунвайронкун нашавем. Асос менталитети миллӣ ба инобат гирифта шавад. Яъне як қонуни нонавиштаи дигаре ҳаст, ин – менталитети миллӣ. Ва тамоми қонунҳои дигар бояд дар ин асос сохта шаванд. Ва ило онҳо иҷро на-ме-ша-ванддд.

**Гавҳари қиматро аз даст надиҳем**

Бармегардем сари тарбияи исломӣ. Имрӯзҳо дар тамоми ҷаҳон вожаҳое аз қабили терористу фидоиву ҳоказо даҳшатафканӣ доранд. Яъне, мактабҳои хориҷие ҳастанд, ки зери номи ислом чунин шахсонро тайёр мекунанд. Аммо фаромӯш набояд кард, ки мо дар мазҳаби таҳаммулпазири Абӯҳанифа қарор дорем ва таълимоти мазҳаби мо поку беолоиш аст. Он исломе, ки ман медонам, талқин ба покиву тозагӣ, ростиву некӣ дорад, он исломе, ки ман аз хурдӣ бо он ҳастам, наҳй мекунад аз дурӯғу фиреб, озори касон, куштору ғорат. Он исломе, ки ман медонам, манъ мекунад аз худкушиву худсӯзиву ношукрӣ аз ҳаёти додаи Худо. Ин аст исломи мо. Ин гавҳари қимат муфт дар дасти мост, онро набояд нодида гирифт. Нашавад, ки баъди чанд сол пушти даст ба дандон канем, ки дигар фоида надорад.

…Инро бояд касе мегуфт, охир. Худо моро нигаҳ дорад!

**«СССР»\13.01.2011**.

# Фасли 2. Вожаи тоҷик, забон ва имло

## Нақши кулоҳ дар ташаккули этнонимҳо

Аз қадим сарулибос аз ҷумла тоҷу кулоҳ байни ақвоми мухталиф махсусиятро касб намуда, ҳамроҳ бо ин миллатҳо дар арсаи таърих аҳамияти бузургеро соҳиб аст. Дар «Шоҳнома»- и Фирдавсӣ шоҳзода Ревниз дар майдони ҷанг кушта мешавад. Лашкари хаставу афгор баҳри аз байни душман баргирифтани тоҷи шоҳзода, ки мабодо ба дасти душман наафтад, хастагиро фаромӯш намуда, кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳанд. Ин лаҳза он қадар муассир ва он қадар миллатдӯстонаву бонанг тасвир гаштааст, ки беихтиёр шахс атрофи ин тоҷ дар андеша меравад, ин ин тоҷ чӣ гуна тоҷест, ки баҳри нигаҳдориву муҳофизати он чун парчами давлатӣ ин қадар аз он муҳофизат мекунанд. Ин чӣ сарпӯшест, ки баҳри он ҷон медиҳанду онро ба дасти душман намедиҳанд?

Сотсиолингвистика ё забоншиносии ҷамъиятӣ илмест, ки забонро чун ҳодисаи ҷамъиятӣ ва моли ҷамъият ба қалам медиҳад. Забон ва ҷамъият дар алоқаи ҷудонашаванда ва мустаҳкам бо якдигар асоси пайдоиши вожаҳо гаштаанд. Аз ин рӯ аз ин ҷанба назар намудан ба вожаҳои мухталиф аз аҳамияти ҳам забониву ҳам этнографӣ ва ҳам сиёсӣ бархурдор аст.

Аз номи либос ва умуман зоҳири ақвом номгузорӣ шудани қавму халқиятҳо ҳодисаи омӯхтанӣ дар таърих аст. Аксар этнонимҳо маҳз аз сарулибос пайдо шудаанд. Мисолҳои поён ба ин далеланд. Ба бисёр халқҳо ҳамсоягон номгузорӣ кардаанд. Ва умуман дар арсаи таърих ин қабул шудааст, ки ҳамсояат туро чизе гӯяд, қавмҳои дигар ҳамон тарз ном мебаранд. Орёиён аз нажоди сафедпӯстон буданд. Римиҳо галҳоро **гали, яъне ширмонанд** (молочный) мегуфтанд. Бояд гуфт, ки вожаи Португал, низ аз решаи **гал** буда, маънии майдон ё замини галҳоро дорад. Бумиёни Амрико (сурхпустони туземӣ) аврупоиёни омадаро **рӯсафед, рангпарида (бледнолицы**) номиданд.

Тоҷикон солҳост, ки дар ҳамсоягӣ бо ӯзбекон умр ба сар мебаранд. Тоҷиконро **тоҷоқ – тоҷсафед гуфтани ӯзбекон чун ҳамсояи наздиктарин ба нажоди сафед** (белая раса), ориёӣ будани тоҷикон далолат мекунад.

Умуман аз шакли зоҳирӣ ва ба чашм аён қавмҳои ҳамсоя якдигариро ном бурдаанд, ки ин аҷиб аст. Масалан, шотландҳову ирландҳо аз қадим бо исми **«келтҳо»** машҳуранд. Шотландҳо бо пӯшидани матоъи рахдор маъруфанд. Ин матоъ вақте ки дар гирди миён печида шуда, бо чарму васлаҳо баста мешавад номи «**килт**»-ро мегирад. Яке аз рамзҳои миллии шотландҳо ҳамин матои рах-рахи пурнақшу нигор (килт) буда, раххҳои он амудиву уфуқӣ шакли чоркунҷаро гирифта, миқдори раххҳову ранги он мансубияти қавму қабила ва табақаву рутба ва ҳатто имтиёзеро дорад, масалан чоркунҷаҳои шашранги килт подшоҳро мефаҳмонд. Чуноне ки мебинем, дар ин ҷо либос - рамзи давлатӣ, пурра чун ашёи сиёсӣ ба назар мерасад. Қавму қабилаҳои гуногун ҳангоми мубориза бо роҳзанон аз воситаҳои гуногун истифода мекарданд. Соли 1544 қавмҳои Фрайзер, Макдоналд ва Камерун ҳини мубориза аз тактикаи аҷибе кор гирифтанд, онҳо ҳангоми ҷанг килтҳои худро партофта бараҳна ба ҳариф ҳуҷум карданд, ки ин муҳориба дар таърих бо номи «**Муҳорибаи куртаҳо**» (Битва рубашек) маъруф аст. Хусусияти дигари килти калон истифодаи он ҳангоми хоб чун болопӯш ва дар боронгарӣ чун муҳофизати сар махсус қайд шудааст, ки он чун Рамзи миллӣ пазируфта шудааст. Маҳз ҳамин пӯшиши зоҳириаш ғайриоддиро ба инобат гирифта ҳамсояҳо онҳоро келтҳо гуфтаанд. Яъне, эҳтимоли қавӣ бар он аст, ки келт ва килт ҳаммаъноанд.



Шотландҳо дар либоси анъанавӣ (килти дароз ва кӯтоҳ)



)

Дар баъзе мавридҳо зоҳири одамон махсусан рӯй, мӯй ва сару гардан аҳамият дорад. Умуман бо мӯйи хеш ҳар қавм ҳар гуна муносибат дошт. Чиниҳо гурӯҳе мӯйи дароз мегузоштанд ва бо он чун воситаи муҳориба ва муҳофизат ифтихор доштанд. Баъзан изҳори ҳайрат низ бо мӯйро зери лаб кардан ифода мешуд: Зи мӯ ангушти ҳайронӣ ба лаб доранд чиниҳо (Бедил). (Дар мо барои ифодаи ҳайрат ангушт газид мегӯянд).

Поинтар аз сару мӯю рӯй гардан аст, ки баъзе ақвоми африқоӣ аз гардани дароз ва ғайриоддӣ фарқ мекарданд. Ҳатто барои дароз кардани гарданҳои духтарон, ки ҳусну малоҳат ҳисоб мешавад, аз воситаҳои гуногун истифода мекунанд.

Дар байни ақвоми бумиёни амрикоӣ гурӯҳе, ки дар сарҳояшон парҳои паррандагонро сахт намуда буданд, фарқ мекарданд ва онҳо аз ин аломати зоҳирӣ номгузорӣ шуда буданд.

Аз номи сар ва он чи ба сар (узви аз ҳама болои инсон) алоқаманд номи қавму миллатҳо пайдо шудаанд, ки овардани ин этнонимҳо аҳамияти ин пӯшиши сарро дар ташаккули маънии ин этнонимҳо нишон медиҳад.

1. **Хахол.** Украиниро мегӯянд. Этноними хахол аз кокул пайдоиш дорад. Зоҳиран ин қавм мӯйҳои худро мебофтанд ва гирди сар тоб дода-тоб дода, боло мебардоштанд. Ин одат ҳоло ҳам дар

украинҳо ҳаст. Дар луғати «Русӣ-тоҷикӣ», ки зери таҳрири М. С. Осимӣ чоп шудааст, вожаи хохол кокул, пӯпӣ, тоҷ, хохлушка украиндухтар ва хохлатый пӯпапкдор, тоҷдор тарҷума шудаанд (саҳ. 1185).

2. **Кулоҳӣ ё куловӣ** курдонро гӯянд, ки мӯи хешро чун кулоҳ гирди сар мепечиданд (ба украинҳо монанд). Ва низ паҳлавонони курдиро мегуфтанд. Ҳофизи Убаҳӣ дар «Тӯҳфатулаҳбоб» (саҳ.91) ин ду мисраъро аз Боронӣ ном шоир меорад:

Дар биёбон бидид қавме курд,
Карда аз мӯй ҳар яке куло.

Гарчанде ки Ҳофизи Убаҳӣ дар шарҳи маънии вожаи куло мегӯяд: «забони курдон бувад» (саҳ. 90). Чун куло (ҳ) нахуст номи қавм гаштааст, пас номи забони онҳо низ бо номи қавмашон айният дорад. Этнонимҳи курд ва куло аз ҷиҳати қонунияти фонетикӣ пурра метавонанд як реша бошанд, чун овозҳои к, р ва л ба узви сар ё калла далолат мекунанд ва таърихан овози рд мубаддал ба л мегардад. Муқоиса: вард – гул, сард – сол, сардор – солор.

Имрӯз, ки курдон зиёда аз 70 млн нафаранд, давлат надоранд ва ҳамеша дар зери истилои қавми дигаре будаанд, чун дар Ироқ, Туркия, Ирон ва Сурия доим одату суннати ниёгони хешро тағйир ба ҳар давру замон мекарданд. Бо ҳамин сабабҳо ин расми куҳан, яъне печидани мӯй гирди сари хеш шояд дар байни курдон боқӣ намонда бошад.

3. **Қизилбош - сурхсар.** Устод Айнӣ низ зикр намудааст, ки ин қавм саллаҳои сурх бар сар мениҳоданд. Аз ин рӯ онҳоро қизилбош - сурхсар мегуфтанд ва ин ифодаи зоҳирии узви болои инсон – сар номи қавм гаштааст. «Сафавиён … кулоҳи сурхи тоҷдор мепӯшиданд ва аз ин сабаб роҳбарони онҳо… худро «қизилбош» (сурхкулоҳ) меномиданд».

4. **Қарақалпоқ - телпаксиёҳ**. Ин қавми муғулитабор бо ин шакли зоҳирии кулоҳашон худро яке аз ақвоми наздик ба Чингизхон дониста, ҳатто ифтихор аз он доранд, ки муҳофизони Чингихон чунин кулоҳҳо дошта, бо далериву ҷасорат машҳур буданд.

5. **Бошқирд**. Бошқирдҳо чун дигар халқҳои осиёӣ мусалмон шуда, дар ҳамсоягӣ бо қавмҳои эронӣ мезистанд. Аз ин рӯ ҳеҷ аҷобате надорад, ки гӯем мулки онҳоро порсҳо ном додаанд. Маълум ки ҷузъи бош ба маънии сар омадааст, ҷузъи қирд ҳамон **гирд** ё **гради**

ҳиндуориёист, ки бо **город** яъне шаҳр ҳаммаъност. Дар ЭСТ дар мақолаи «Бошқирдҳо» омадааст, ки дар адабиётҳои арабӣ ин қавм бо номи бошҷирд ёд шудааст. Ин шаҳодат медиҳад, ки шакли аввали калима бо гофи порсӣ будааст, чун аъроб г надоранд он бошҷирд шудааст. Агар он дар асл бошқирд мебуд, ҳеҷ ҳоҷат ба бошҷирд шуданаш намебуд. Зеро арабҳо қоф доранд ва онро бошҷирд намекарданд. Минбаъд гирд бо тақозои хат аввал кирд шуда, чун одат ҳамсадои к чун даҳҳо калимоти дигар ба қ мубаддал гаштааст. Муқоиса кунед: куҳандиз – Қундуз, киштлох – қишлоқ, коғаз – қоғаз, кулух – қулух, капидан – қапидан.

**Ҷадвали табдилёбии ҳарфҳои пасизабонӣ ба қ**

| Вожаҳои аслӣ | Вожаҳои табдилшуда | Ҳарфҳо и афтида | Ҳарфҳои табдилшуда |
|---|---|---|---|
| капидан | қапидан | | к -қ |
| овкапак | овқапак | | к -қ |
| капакон | қапқон | а | к -қ |
| қуртак | қуртуқ | | к -қ, а-у |
| Кабад, Кубод | Қубод | | а-у, к-қ |
| Куҳандиз | Қундуз | ҳ, а | к -қ, и-у |
| кати | қати | | к -қ |
| хушранг | қашанг | р | х -қ, у-а |
| киштлох | қишлоқ | т | к -қ, х-қ |
| коғаз | қоғаз | | к-қ |
| Самарканд | Самарқанд | | к-қ |
| Хубканд | Қӯқанд | б | х-қ, к-қ |

Яъне ҷузъи гирд ду давраро аз сар гузаронидааст. Аввал муарраб - ҷирд шуда, баъд туркӣ - қирд гаштааст. Ҳамин тариқ, бошқирдро шаҳри сарварон ё сари шаҳр маънидод кардан мумкин аст. Муқоиса кунед вожаҳои Дарбанд, Сарбанд ва Шаҳртузро. Бояд гуфт ки дар луғати машҳури М. Фасмер вожаи бошқирд шарҳ дода нашудааст.

6. **Чебоксар.** Чебок – кулоҳи мӯйинаи сегӯшадор (меховая шапка), ки ду гӯшааш барои аз хунукӣ муҳофизат кардани гӯшҳо бо бандакҳо ва гӯшаи сеюмаш аз паси гардан партофта мешуд (Дал). Ин қавм дар ҳайати Чувашияи Русия зиндагӣ карда, муғулитаборанд. Ҷузъи сар бошад, форсӣ буда, бетағйир мондааст.

7. **Тоҷик**

Чандест, ки аз забони баъзе мутахассисон ва тадқиқотчиёни соҳаҳои гуногун мешунавем, ки гӯё тоҷдор маънидод шудани вожаи тоҷик аз ҷиҳати илмӣ дақиқ набошад. Мавҷудияти як қавми бузург, 7 - 8 млн дар Тоҷикистон, миқдори номуайяни аз 10 то 20 млн дар Ӯзбекистону Чин ва дигар мамолик, ки худро дар ҳама давру замон, пушт ба пушт тоҷику тоҷдор, яъне подшоҳу асилзода ва озода номидаанду меноманд, бисёр далели воқеӣ ва мӯътамад буда, ҳама гуна далелҳои дигарро ба тахминҳои беасос мубаддал мегардонад.



Этноними тоҷик солҳо боз мавриди омӯзиш қарор гирифта, перомуни он афкори мухталиф ба миён омадааст. Устод С. Айнӣ дар мақолааш «Маънои калимаи тоҷик» ин афкори мухталифаро мавриди муҳокима қарор дода, суханони арзишманд баён намудааст.

Мақсад дар ин ҷо ин мақолаҳоро муҳокима кардан набуда, тавассути қонуниятҳои фонетикӣ, такя ба мисолҳои мушаххас, аз тоҷ пайдо шудани калимаи тоҷик баён мегардад. Дар аввал вожаи тоҷик ба қисмҳо ҷудо карда шуда, ба воситаи мисолҳои матраҳгардида ҳар як шарҳи додашуда асоснок ва мустаҳкам гардонида мешавад. Дар охир тавассути ҷадвал вожаҳои монанд чун муқоиса гузошта мешаванд.

Мақсад таркиби калимаи **тоҷик** аст. Ба фикри мо калима аз се ҷузъ (морфема) иборат аст: решаи тоҷ, пасванди -ӣ ва ҳарфи -к.

Бояд гуфт, ки ҳамсадои к дар охири ин вожа чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

Ҳиҷоро мебандад. Табиати забони тоҷикӣ чунин аст, ки ҳангоми вожасозӣ калимаҳо бештар бо ҳамсадо ба охир мерасанд. Дар вожаи тоҷӣ ҳиҷои кушодаи -ӣ- , ки бо садонок тамом шудааст, ҳамсадои к гирифта, ҳиҷои баста мешавад. Барои муқоиса калимаҳои торӣ(к), ости(н), гушти(н), зами(н)-ро меорем, ки ин калимаҳо аз рӯи қонунияти овозии забон, барои хушоҳанг шудан ҳамсадо қабул намудаанд. Дар

шакли аввалӣ мавҷудият доштани вожаҳои болоро мисолҳои зерин шаҳодат медиҳанд:

Ман акнун бибояд саворӣ кунам,
Ба Ковус - бар рӯз **торӣ** кунам.
Ба **гӯштӣ** гирифтан ниҳоданд сар,
Гирифтанд ҳар ду дуволи камар.
(Фирдавсӣ)
Мар он хонаро доштандӣ, чунон,
Ки мар Маккаро **тозиён** ин замон.
(Дақиқӣ)
Асосе, ки дар осмону **замис**т,
Ба андозае фикрати одамист.
(Низомӣ)

Устод Айнӣ онро кофи калимабанд меномад. Воқеан, аз рӯи қонунияти овозии забон ва қонунияти калимасозӣ, ки агар вожа пасванд қабул кунад ё артикли -е гирад, шаклҳои нозеби тоҷиҳо ё тоҷие мегирад, дар ин байн ҳамсадое лозим мешавад, ки калимаро зеб диҳад ва онро аз парокандагӣ нигоҳ дорад. Аз ин рӯ мо онро ҳарфи зинат номидем.

Бояд гуфт, ки сохтмони аксари вожаҳои тоҷикӣ аз рӯи қонунияти ҳиҷоҳои сода, яъне як садонок як ҳамсадо, як садонок як ҳамсадо сурат гирифтааст. Омадани ду ҳамсадо ё ду садонок пайи ҳам равонии забонро халалдор мекунад. Ин аст ки дар забони тоҷикӣ, назири забонҳои дигар, ҳиҷоҳое, ки аз ду зиёда ҳамсадо иборат бошанд (мисли ҳиҷои Маркс), мавҷуд нестанд. Ин қонуният ниҳоят дар забон роиҷ шуда, дар маҷмӯъ забони ноби тоҷикиро ширину гуворотар гардонидааст.

Бояд гуфт, ки дувариантӣ будани пасвандҳо низ аз ҳамин ҷо сарчашма дорад. Чунончи, пасванди -ҳо ё -он бо гунаҳои -ён, -гон, -вонро гирем, дар ҳар пасванд пеш аз садоноки о ва баъди он ду ҳарфи зинат мавҷуд аст, ки ба равонию суфтагии забон сабаб шудаанд. Мисол: оҳуҳо ё оҳувон, гесуҳо ё гесувон, зодаҳо, зодагон. Пасвандҳои -ӣ ва -гӣ бо гунаҳои -ин ва -гин низ ба ин қонунияти забон тобеъ мебошанд. Пасвандҳои -ин ва -гин ҳамсадои н-ро чун ҳарфи зинат дар худ ҷой додаанд, зеро ин ҳарф калимаро аз парокандагӣ нигоҳ доштааст. Мисол: (таоми) гӯштӣ – гӯштин, (бели) чӯбӣ – чӯбин, (ҷомаи) пахтагӣ – пахтагин, (кати) тахтагӣ - тахтагин ва ғ.

Ҳамин тариқ: **тоҷ – реша, яъне кулоҳ, афсар, дайҳим, гарзан;**

**-ӣ – пасванд, йо –и нисбат, ки соҳибиятро мефаҳмонад, муқ: кӯҳӣ – мансуб ба кӯҳ, дарӣ (дарагӣ) мансуб ба дара, пас тоҷӣ – мансуб ба тоҷ ё ки соҳиби тоҷ, тоҷдор, подшоҳ;**

**- к ва ҳарфи зинат, муқоиса: торӣ(к), тозӣ(к), остӣ(н), замӣ(н).**



Фирдавсии бузург дар «Шоҳнома» кулоҳро дар ёздаҳ муродиф (тоҷ, кулоҳ, афсар, дайҳим, гарзан, шора, дастор, сарбанд, тарг, худ, кулаҳхуд) меорад. Вале аз ин миён вожаи тоҷро бештар истифода мекунад ва ҳангоми нишон додани русуми подшоҳони Эрон ба тоҷ диққати ҷиддӣ медиҳад. Тамоми шоҳон ҳангоми қабули меҳмонон ва бори омма дар болои сар ё пешорӯи тахти шоҳӣ тоҷи бузургу вазнинеро меовехтанд. Яъне, дар ин ҷо ду тоҷ пеши назар меояд: як тоҷе, ки онро шоҳон бар сар мениҳоданд ва дигар тоҷи бузурги расмӣ. Ва ин расм он қадар маъмулӣ будааст, ки мисраи «Биёвехт аз бари оҷ тоҷ» даҳҳо маротиба дучор меояд. Ҳатто ин тоҷи вазнинро ҳангоми сафарҳои хидматии подшоҳ аз ҷое ба ҷое мебурданд, то берун аз дарбор низ ин русум комил бошад:

Биёмад бад-он ҳамнишон то ба Чоҷ,
Биёвехт тоҷ аз бари тахти оҷ.

Бояд гуфт, ки дар «Шоҳнома» либосу ашёҳои зиёде аз қабили кафши заррин (Туси зарринакфш), зиреҳи пӯлодин (зиреҳи Сиёвуш), сипари симин, баргустувони оҳанин, тир ё камони пурқувват (камони Рустам) ва ғ. ҳастанд, ки ҳар кадоме дар мавқеи худ аҳамияти махсусро моликанд. Вале шоҳони пешин ҳеҷ як кадоме аз ин ашёро пешорӯи тахти худ, ба таври расмӣ сохта намеовехтанд, балки маҳз тоҷро меовехтанд, ки ин нишонаи олии қавму миллати тоҷик аст.

Фирдавсӣ «Шоҳнома» - ро барои абадӣ гардонидани таърихи як халқу давлате чун давлати Сомониён навишта буд ва онро ба ин шоҳони тоҷик тақдим карданӣ буд. Расму оин ва забону тарзи баёни ба лаҳҷаи имрӯзаи мардуми тоҷик ниҳоят наздики «Шоҳнома»- ро ба инобат гирифта, метавон гуфт, ки «Шоҳнома» ин таърихномаи шоҳони тоҷик ва мардуми форсу тоҷик аст.

Имрӯз тоҷи бузурге дар болои сари ҳайкали Исмоили Сомонӣ гузошта шудааст, ки қисман он тасвироти Фирдавсиро ба хотир меорад. Фақат дар қадим пешорӯи тахти подшоҳ аз болои қаср бо занҷирҳои заррин тоҷи бузургу вазнинеро, ки он тоҷи расмӣ ва суннатии гузаштагони мо ҳисоб мешуд, овезон менамуданд.

Этноними тоҷик таърихи хеле қадим дорад. Тоҷро дар қадим tog мегуфтанд. Азбаски арабҳо овози г надоранд, онро тоҷ номиданд. Яъне тоҷ арабишуда ё муарраби tog аст. Агар чунин бошад, пас шакли таърихии тоҷик бояд togik буда бошад.

Чанд суоле ҳаст, ки ҷавоб наёфтан ба онҳо мутахассисони соҳаи таърихи забон (этимологҳо) ва таърихнигоронро ба тоҷдор маънидод шудани вожаи тоҷик ба коми шубҳаву тардид кашидааст.

Нахуст, агар шакли таърихии тоҷик togik бошад, дар дастхатҳои қадим қавме бо ин ном вомехӯрад?

Мӯҳтарам Ҳотам дар дастхатҳои кадимаи чинӣ, ки аз ҳуҷуми ғосибон эмин мондаанд, ёдрас шудани вожаҳои togik ва tagzik-ро қайд намуд (ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», соли 2006). Сайфиддин Назарзода низ «Дар бораи вожаи тоҷик» ном мақолааш мавҷуд будани қавми тогик ва тагзик-ро (такя ба сарчашмаҳои мӯътамад) дар манбаъҳои тибетӣ ва чинӣ зикр намудааст.

Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо чунин омадааст, ки шоҳ Ҳурмуз ба Нӯъмони араб тоҷеро тӯҳфа бурд. Арабҳо то ин дам тоҷро надида буданд ва Нӯъмонро зуттоҷ (соҳибтоҷ) хонданд. Чунончи: «Аз ин ки калима тоҷ аз эрониён ба тозиён расида шак нест ва чунин менамояд, ки тозиён нахустин бор тоҷӣ шоҳиро дар замони Ҳурмузи Чаҳорум (578-590 мелодӣ) дида бошанд. Ҳурмузи Чаҳоруми сосонӣ дар ҳангоми ба тахт нишондани Нӯъмони Саввум, ки аз мулуки Ҳира ва аз подшоҳони дастнишондаи сосониён будаанд, тоҷе ба ӯ бахшид, ки шаш ҳазор дирам арзиш дошт. Ин аст, ки бархе аз шуарои араб ӯро зуттоҷ (соҳибтоҷ) хонданд».

Ҳамин тавр ин вожаи тоҷикӣ ба забони арабӣ ворид шуд ва дар муштақоти арабӣ фаъол шуд, мисли таввиҷа – тоҷмонӣ, тиҷон – ҷамъи тоҷ, татвиҷ – тоҷгузорӣ ва ғайра.

Шакли аввали он яъне – togik барои он дар адабиёти хаттии ватанӣ вонамехӯрад, ки тамоми дастхатҳои пешин бозмондаи зардуштӣ ё маҷусӣ қаламдод шуда, ба коми нестӣ рафтанд.

Бояд гуфт, ки калимаи тозик (араб, тозӣ ё тойӣ) аналогияи калимаи тоҷик аст ва он ҳаммаънои калимаи тоҷик нест (чи хеле ки дар луғатҳо қайд шудааст).

Суоли дигар: Чӣ чиз сабаб шуда, ки тоҷиконро дар ду луғати мӯътабар «Бурҳони қотеъ» ва «Ғиёсуллуғот » тозик номидаанд?

Ворид шудан ба ислом, қабул намудани тамоми русуми аъроб аз қабили суннат ва ҷамоат, иловатан нуфуз ва обрӯи ислом ва забони илм маҳсуб шудани забони арабӣ ва дигар омилҳо нависандагони моро маҷбур мекарданд, ки қавми тоҷику арабро бо кадом роҳе, ки набошад, як халқ ба қалам диҳанд.

Каюмарсро Одам (ъ), Ҷамшедро Сулаймон (ъ) ё Кайковусро Намруд нишон додани ривоятҳо низ аз ҳамин ҷо сарчашма дорад (ниг. «Форснома»).

Максимилян Фасмер - руси немистабор дар луғати этимологии худ тоҷиконро араби муҳаммадӣ аз қабилаи тай гуфтааст. Шояд Фасмер низ такя ба Бурҳону Ғиёс карда бошад, гарчанде ки ин ду луғати тоҷикиро зикр намекунад.

Дар хусуси дар сарчашмаҳои мӯътамади пештара, махсусан асрҳои X - X1, вохурдани вожаи тоҷик бисёр гуфтаанду навиштаанд. Вале бисёр муҳиму ҷолиб аст, аз забони султони абарқудрати аввали асри X1 султон Маҳмуди Ғазнавӣ вожаи тоҷикро шунидан. Чунончи дар «Таърихи Байҳақӣ» аз забони Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ҷумлае оварда шудааст, ки султон ба иттифоқ будани тоҷикон ва муҳобокории онҳо ишорат мекунад: «...Ва овоз баровард, ки Абулҳасани Укайлиро бихонед, то мутаарриф бошад, ки ин **тоҷикон ҳама яке бошанд ва муҳобо кунанд** дар пайғоме, ки диҳам эшонро...» (ниг. ба маҷмӯаи «Тоҷик – тоҷдор, тоҷвар» саҳ. 63.).

Номгузории қавму миллатҳо аз рӯи зинати узви аз ҳама болои инсон – сар дар бумиёни Амрикову Австралиё ва ҳиндуҳо бояд бештар бошад.

Дар тамоми даврони ҳукмронии идеологияи ислом мафҳуми миллат ба маънои имрӯзааш вуҷуд надошт. Дар Қуръони Карим низ вожаи «миллат» ба маънои роҳу равиш истифода шудааст.

Мувофиқи таълимоти ислом миллати ягонаи мусулмон, ки бо номи миллати Иброҳими Халилуллоҳ ёд мешавад, тамоми қавмҳои дунёро муттаҳид мегардонад. Шояд таъсири ҳамин таълимот бошад, ки нависандагону шоирони гузаштаи мо камтар аз ин соҳа сухан кардаанд ва калимаи тоҷик низ аҳён ба чашм вомехӯрад. Аммо қавму мазҳабҳо зиёд буданд. Устод Айнӣ низ тоҷиконро дар гузаштаву имрӯза халқ, мардум ва қавм номидааст. Миллатро ба маънии имрӯзааш дар Осиёи Миёна Ҳукумати Шӯравӣ ба миён овард.

Дар забони тоҷикӣ вожаҳое, ки мисли калимаи тоҷик дар охир ҳарфи зинат дошта бошанд, зиёд ба чашм мехӯранд. Мо дар ҷадвали поён баъзеи онҳоро ба таври муқоиса меорем, чунки онҳо дар якҷоягӣ якдигарро аз ҷиҳати шаклу маъно пурра мекунанд.

Ҷадвали сохтмони вожаҳо бо пасванд ва ҳарфи зинат

| Решаи калима | Пасванди калимасоз | Мансубият ба | Ҳарфи зинат | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|
| Тоҷ | -ӣ | тоҷ | -к | тоҷик |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Тор | -ӣ | тор | -к | торик |
| Порс | -ӣ | Порс | -к | Порсик |
| Асур | -ӣ | асур | -к | асурик |
| Паҳлав | -ӣ | паҳлав | -к | паҳлавик |
| Кирил | -ӣ | Кирил | -к | кирилик |
| Той | -ӣ | Той | -з-, -к | тозик (арабҳо) |
| Кулоҳ | -ӣ | кулоҳ | -в- | куловӣ (курдон) |
| Замӣ | - | - | -н | Замин |
| Гуштӣ | - | - | -н | гуштин |
| Остӣ | - | - | -н | Остин |
| даст | -а | | -к | дастак |

Ҳангоми маънидоди як калима бо шубҳа онро инкор кардан мумкин аст, аммо гурӯҳи калимаҳоро, ки ҳама дар зери таъсири як қонунияти этнографию фонетикӣ ва морфологӣ пайдо шудаанд, инкор кардан муҳол аст. Зеро дар тӯли солиёни дароз онҳо дар асоси қонуниятҳои сотсиолингвистии ҳамин забон пайдо шудаанд. Мо дар ин мақола кӯшидем, дар такя ба ном ва урфу одати ақвоми гуногун ва халқиятҳои дигар исбот намоем, ки номи қавму халқҳо аз кулоҳ ё сарпӯши инсон ва он чи ба сар марбут аст, сохта мешудааст. Ва номи тоҷик низ аз кулоҳи оддӣ ва кӯчӣ на, ки аз номи кулоҳи олӣ ва шоҳона, яъне тоҷ пайдоиш дорад.

Адабиёт


1. Айнӣ С.А. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъулвақоеъ». Душанбе: Ирфон, 1985. 336 с.
2. Бурҳони қотеъ (таълифи Муҳаммад Ҳусайни Бурҳон): дар панҷ ҷилд. –Теҳрон: Амири Кабир) 1357-2469 с.
3. Даль В.И. Большой толковый словарь. http://қasғm.қғ/pқogpcvse/slovaқpқ/.
4. Ибн-ал-Балхӣ. Форснома. Душанбе: Дониш, 1989, 160с.
5. Исматов С.М. Тоҷ андар «Шоҳнома». Душанбе: Деваштич, 2009,166 с.
6. Луғатнома (таълифи Алиакбари Деҳхудо): иборат аз 50 ҷилд. –Техрон, 1337-1345.
7. Русско-таджикский словарь. М.: Русский язык, 1985. 1280 с.
8. Таърихи Байҳақӣ (Таълифи Абулфазли Байҳақӣ). –Техрон, 1291.

9. Таърихи Бухоро (Таълифи Абубакри Наршахӣ). –Эрон: Матбааи давлатӣ, 1363, 444 с.
10. Тоҷик – тоҷдор, тоҷвар (маҷмӯа). – Душанбе: Адиб, 1990. – 128 с.
11. Фасмер М. Этимологический словарь. http:// fasm.rf /progpcvse /slovarpr/33716.
12. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома (иборат аз 9 ҷилд). - Душанбе: Адиб, 1987-1991.
13. ЭСТ, ҷ.1, Душанбе, 1978.

**«Тоҷикистон»\22.05.2008** қисман бо ҳаммуаллифии Абдураҳмон Маҳмадов чоп шудааст.

**Эзоҳ бар мақола**:

Вембери (Адиби Венгерӣ) гуфта:

Забони форсии Осиёи Миёна, ки бо вай тоҷикон гап мезананд, то имрӯз аз тарафи донишмандони забони форсӣ тадқиқ нашудааст. Дар ин лаҳҷа хоҳ аз ҷиҳати луғат бошад, хоҳ аз ҷиҳати аъроб хосиятҳои бисёре ҳастанд, ки услуби Фирдавсиро ба хотир меоранд (С. Айнӣ куллиёт ҷ. 2 (1) с. 44.

Дар байни тоҷикон як анъанае ҳаст, ки падарон ба писарон номҳои бобоёни худро медоданд. Ин дар байни шоҳон низ роиҷ буд. Натиҷаи ҳамин тарзи номгузорӣ буд, ки таърихшиносон барои фарқ кардани онҳо аз рақамҳо истифода бурда, онҳоро ба таври Шопури 1, Шопури 2 , ё ки Насри 1, Насри 2 ном мебурданд.

Сом низ писари ҳазрати Нӯҳ буд. Сомиҳо асосан бошандагони қитъаҳои Осиё ва Аврупо мебошанд. Сомон ё Сомонхудот аввалин шахс аз сулолаи Сомониён аст. Ба фикри мо вожаи Сомон як маротиба пасванди ҷамъбандӣ гирифтааст. Баъди ё-и нисбат гирифтан шакли Сомонӣ ва дуюм маротиба пасванди ҷамъбандӣ гирифта шакли Сомониёнро соҳиб шудааст.

# Имло бояд осон бошад !

Таваҷҷӯҳи давлату ҳукумати ҷумҳурӣ ба соҳаи маориф ва кӯшишу талошҳои бевоситаи сардори давлатамон Э. Ш. Раҳмонов барои беҳбудӣ бахшидан ба соҳаи мактабу маориф шоистаи таҳсину шукргузории аҳли ҷомеа мебошад. Баъди пурра барҳам додани ҷанги шаҳрвандӣ ва ба сулҳу салоҳ овардани мардуми парокандаи тоҷик Президенти муҳтарами мо рӯ ба мактабу маориф оварданд.

Ислоҳоти соҳаи маориф ва дар партави он беҳбудӣ бахшидан ба сифати таълиму тарбия вазифаи омӯзгорон аст.

Вале мушкилиҳо дар баъзе ҳарфҳои забони тоҷикӣ ва нуқсону камбудиҳо дар имлои забони тоҷикӣ ба савияи дониши хонандагону

донишҷӯён таъсири худро мегузорад. Ҳангоми навиштани кори хаттӣ хонандаи имрӯза дар имлои бисёр калимаву иборaҳо ба хатоҳои зиёд роҳ медиҳад. Мазмунро аъло менависад, вале хатоҳои зиёд муаллимро маҷбур месозад, ки баҳои бад гузорад.

Ҳоло ҷамъият рӯ ба тараққӣ ниҳодааст. Миллатҳои дигар аз ҷиҳати техникаву саноат, компютер солҳо аз мо пеш рафтаанд. Аз ин рӯ имло-навишт ҳар чӣ осонтар бошад, ҳамон қадар ба манфиати кор аст.

Имрӯз хонандаи мо ҳоло ҳам ҷойи хатчаҳоро дар калима мекобад.

Ҳанӯз сесад сол муқаддам Пётри 1 алифбои кириллиро аз шоху баргҳо тоза карда буд (ниг. китоби"Хат ва пайдоиши он" ).

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 1998 имлои нави забони тоҷикӣ тасдиқ шуд, ки дар асоси он китобчаи "Имлои забони тоҷикӣ" дар ҳаҷми 34 саҳифа ба табъ расид.

Бояд гуфт, ки ин китобча тамоми масъалаҳои имлоро дар бар гирифта наметавонад, зеро ҳаҷмаш хурд, вале калимаҳо ниҳоят зиёданд. Зимнан бояд дар охири ин китобча илова мекарданд: кадом масъалае, ки дар ин китобча баррасӣ нашуда бошад, аз рӯйи имлои кӯҳна амал кунед.

Набудани як китоби имлои муфассал мисли имлои марҳум И. Калонтаров сабаб шудааст, ки дар навишти бисёр калимаҳо ба хатоҳо роҳ медиҳем. Чопхонаҳо, рӯзномаҳо имлои навро қариб риоя намекунанд, зеро бисёр масъалаҳои он сунъӣ сохта шудааст.

Бояд иқрор шуд, ки "Имлои забони тоҷикӣ" таҳрирталаб аст. Ислоҳоти мактабро аз ҳамин ҷо бояд оғоз намуд. Имлои калимаҳо ба баҳси алоҳида ниёз дорад. Инак, диққати алоқамандони имлову таълимро ба чанд ҳарфи алифбо ҷалб хоҳем кард.

### Ҳарфи ъ

Ин ҳарф, ки аз ъайн ва аломати ҳамза пайдо шудааст, дар китобчаи "Имлои забони тоҷикӣ" ҳамин тавр - ъе номгузорӣ шудааст. Азбаски бисёриҳо ин ҳарфи ҳалқиро талаффуз карда наметавонанд, дар талаффузи онҳо ин ҳарф чун овози э ба гуш мерасад. Муаллим ҳам дар дарс наметавонад ҳамаро маҷбур созад, ки онро ба ҳалқ талаффуз намоянд. Аз ин хотир номи ин ҳарфро чун пештара **сакта** гузоштан беҳтар аст. Албатта, пештар он аломат буд. Вале имрӯз аҳамияти таълимӣ доштани номи ҳарф ба инобат гирифта, онро **ҳарфи сакта** гӯем, авлотар аст.

### Ҳарфи йи (й)

Бале, ҳарфи й дар имлои навин ҳамин тавр номгузорӣ шудааст. Муаллими бечора ҳангоми дарс намедонад, ки номи ҳарфро чӣ гуна ба самъи хонанда расонад. Пештар он йот ном дошт ва дар асоси он чор ҳарфи дигар - е, ё, ю, я йотбарсар номида шуда буданд. Акнун аз

сабаби он ки номи йот дигар вуҷуд надорад, муаллим сабаби йотбарсар номгузорӣ шудани чор ҳарфи мазкурро чӣ гуна шарҳ медода бошад ?

Ба фикри мо, номи пештараи он - йотро баргардонидан лозим аст. Зимнан, бояд гуфт, ки дар тамоми алифбоҳои олам ҳарфҳо ном доранд: алфа,бета, даблю, ғайн, коф, қоф ва ғ.

**Ҳарфи к**

Дар луғатчаи имло номи ин ҳарф ке гузошта шудааст. Муаллими синфҳои ибтидоӣ ҳангоми ин ҳарфро гузоштан даҳҳо бор шакли талафузӣ ва номи ин ҳарфро ба бачаҳо таъкид мекунад. Чунончӣ: ҳарфи ке-ро нависед; ҳарфи керо талаффуз кунед, ҳарфи керо ин хел менависанд ва ғайра. Худ қазоват кунед, бо номи ҳарфро ке гуфтан муаллим ба чӣ ҳолат меафтад ва хандахариши бачаҳо мешавад. Аз ин рӯ номи пешинаи ҳарф ка- хеле зебо ва аз ҷиҳати таълимӣ мувофиқ буд.

**Ҳарфи ӣ**

Ин ҳарф дар китобҳои дарсӣ шакли морфологӣ номида шуда, ба қатори шаш садонок шомил нашудааст. Онро и- и заданок номидаанд, вале дар калимаҳои омадӣ, дидӣ, (ту) мардӣ маълум аст, ки заданок нест. Зимнан қоидаи дар байн наомадани он дар муқоисаҳои зерин мавҷудияти онро зери шубҳа мегузоранд: кӣ? - киҳо? -чӣ?- чиҳо? моҳӣ- моҳии тилло.

Хонандагон бисёр вакт онро бо ҳарфи й, ки шаклан монандан омехта мекунанд ва аксарият онҳоро фарқ намекунанд. Ғалатҳои асосии иншо низ_аз ҳисоби ӣ ва ӯ мебошанд. Маълум аст, ки аз рӯи меъёри баҳогузорӣ 7- то чунин ғалат ва чор хатои китобатӣ иншоро бо баҳои 2(бад) мебарад.

Дар солҳои Ҳукумати Шӯравӣ, ки дар як факултаи забонҳои шарқ то ҳазор донишҷӯ (як ба даҳ) ҳуҷҷат месупориданд, иншо нақши муҳимро мебозид. Барои "тоза кардан" ин хатчаҳо "хизмати бузург" кардаанд. Довталабони зиёд, ки ин ду ҳарфро намедонистанд, аз иншо баҳои ду ё се гирифта, ноком мешуданд, ё аз мандат намегузаштанд.

**Баҳсу наҳси ӯ**

Атрофи ӯ он қадар баҳсҳо зиёд шуданд, ки ранги сиёсӣ ва ғаразӣ гирифтанд ва муносибатҳои баъзеҳо бад шуд, аз ин рӯ он ба як ӯ-и наҳс мубаддал гаштааст. Сабаби он ба далоили илмӣ ва хусусиятҳои савтиву талаффузӣ ва воқеият такя накардани ин рафиқон аст.

Талаффузи ӯ фавкулодда байни у ва о қарор дорад ва на ба ҳар кас даст медиҳад, ки онро дуруст хонад.

Инро ҳарфи у - и дароз, вови маҷҳул, ҳатто у - и зада (ниг. У. Каримов, забони адабии тоҷик) низ номгузорӣ кардаанд. Вале ҳар

шахси огоҳ аз забону адабиёт ва алифбои ниёгон медонад, ки ин ҳарф дар мавридҳои муайян на вов аст, на дароз аст ва на зада.

Ин ҳарф барои арабҳо нофаҳмо, номаълум, ки буд, онро маҷҳул номиданд. Ҳатто русҳо неизвестный у (вов) гуфтаанд. Қоидаи сохтаву бофтан замони шуравӣ, ки пеш аз ҳарфҳои ҳалқӣ (ҳ ва ъ) дар ҳиҷои баста меояд, ҳеҷ асоси илмӣ надорад. Зеро дар калимаҳои, муъҷиза, муҳтарам, муҳлат, ки дар хатти арабӣ вов надоранд, хатча гузоштан, на тағйири маънӣ мекунад, на чизи дигаре. Ба ибораи дигар калимаҳои мазкурро хоҳ бо у- и хатчадор нависем, хоҳ бе хатча, маъно гум намешавад, зимнан, дар калимаҳои боло онро у- и дароз гуфтан бисёр айб аст. Муқоисаи мисолҳои кӯҳна - куҳан, мӯҳтасиб - муҳосиб, ки ба хотири баста ё кушода будани ҳиҷо дар якумӣ хатча ҳаст ва дар дуюмӣ нест низ сохта ба назар мерасад ва мушкилоти имлоро дучанд кардааст.

Адабиётшиносон ва арӯзиён медонанд, ки у- и дароз дар шеър чист ва чӣ аҳамияте дорад. Калимаҳои дуд, дур, хун, ки дароз ҳисоб мешаванд, дар имлои имрӯза бо у- и оддӣ навишта мешаванд, вале калимаҳои кӯҳна, шӯҳрат, сӯҳбат ҳамагӣ кӯтоҳанд, бо у- и дароз сабт шудаанд. Пас, ку мантиқ?!

Аз ин рӯ, номи ин ҳарфро у- и дароз гузоштан нодуруст аст. Пас, дар ин мақола мо онро у- и хатчадор меномем.

Тарафдорони у- и хатчадор дарҳол суол хоҳанд дод: гулро аз гӯл чи хел фарқ кунем? Ба ин суол чунин ҷавоб аст: гулро аз гӯл матн муайян мекунад. Ва он ба як навъи омонимия - омограф мубаддал шуда меравад. Чунин калимаҳо дар забон дар қисмати омонимҳо (ҳамгунҳо ё таҷнис) хеле зиёданд. Пулро (сӯм) аз пул (кӯпрук), дор (феъл) - ро аз дор (исм), вафот (вафоят)-ро аз вафот (мурдан) матн фарқ мегузорад, на хатчае.

Далели дуюми тарафдорони хатчаи болои у таърихӣ будани ӯ буда, аз дифтонги au сарчашма доштани он аст, мисли рӯз ва гӯш, ки аз raucha ва gausha пайдо шудаанд. Ба ин ду мислои дӯстдоштаи онҳо агар вожаҳои тухм, мардум ва хусрав-ро илова кунем, бепоя будани даъвои ишон баръало мешавад, зеро ибтидо аз ҷиҳати таърихӣ вожаҳои боло дифтонги au дошта, бо гузашти айём ба у-и кӯтоҳ табдил шудаанд. Пас талаффузи таърихӣ меъёр шуда наметавонад ва талаффузи имрӯзаи аксари форсизабонони олам авлотар аст.

Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" тамоми калимаҳои бо у- и хатчадор саршаванда (ба истисноҳои ҷонишини ӯ) калимаҳои туркӣ ё арабӣ зикр шудаанд. Зимнан, ҷумлаи ӯро дидамро хоҳ бо хатча ё бе хатча нависем, ҳамон як ҷонишини шахси сеюм фаҳмида мешавад. Яъне хатчаи болои ӯ ҳеҷ нақше намебозад.

Муаллифони яке аз китобҳои дарсӣ дуруст қайд кардаанд, ки "Ҳарфи ӯ дар аввали калимаҳои тоҷикӣ намеояд (бо истисноиҷонишини ӯ)". Пас ӯ - и хатчадорро кӣ талаффуз мекунад? Тамоми Эрон, Афғонистон онро талаффуз намекунанд. Он чи тавре, ки барои араб маҷҳул аст барои 70 - 80% Тоҷикистон низ номаълум аст.

Савтиётшиноси барҷастаи тоҷик марҳум Хаскашов Т. ҳанӯз замони шӯравӣ ба муқобили у-и хатчадор баромада буд, вале он замон амалӣ намудани ин кор бо сабабҳои маълум ниҳоят мушкил буд. Зеро ӯ "вазифаи муҳим"- ро иҷро мекард. Уктами Холиқназар низ ба забони тоҷикӣ бегона будани ӯ-ро такид карда буд (Маданияти сухан с. 238).

Дар мавриди талаффуз бояд гуфт, ки тоҷикон асосан се у талаффуз мекунанд: 1) у - и дарози таърихӣ - дуд, дур, хун; 2) у - и кӯтоҳ ё замма, ки дар Ҷануби Тоҷикистон ва марказ тақрибан талаффуз намешавад - шътър, гърг, бъз; 3) у - и хатчадор, ки дар Шимоли Тоҷикистон истифода мешавад - рӯз, сӯз, мӯй, ҷӯй. Мо агар шакли талаффузии ҳар лаҳҷа ё шеваро ба назар гирифта, болои у хатчаҳои гуногун гузорем, имло ниҳоят мушкил мешавад. Аз ин рӯ дар забони адабии тоҷик, яъне дар алифбо як у бошад, бас аст.

Адабиётшинос дарозию кӯтоҳии онро худаш муайян мекунад, дар лаҳҷаҳо чи хеле хоҳанд талаффуз кардан мегиранд. Вале мо ҳақ надорем талаффузи гуногуни лаҳҷаҳоро ба забони адабӣ бор кунем ва 70% мардуми боқимондаро маҷбур кунем, ки ӯро дуруст талаффуз кунед. Чунонки дар замони шӯравӣ хостанд амалӣ кунанд, вале ба он муваффақ нашуданд.

Дар хат ба хотири осонии имло як у нависем, мушкили тамоми хонандагону донишҷӯён ва дохилшавандагони макотиби олӣ ва ғайра осон ва бори вазнине аз дӯши миллат гирифта мешавад. Ба ғайр аз ин ҳангоми чоп дар компютер як амали барзиёд камтар хоҳад шуд.

Аз ин рӯ пешниҳод мекардам:

- бо мақсади ягонагӣ дар таълим ва барҳам додани гуногуннависӣ алифбои забони тоҷикӣ дар чор сутун аз тарафи Ҳукумат тасдиқ шавад. Чунончи:

| Шакли чопии ҳарф | Шакли дастнавис | **Номи ҳарф** | Ифодаи овозии ҳарф |
|---|---|---|---|

- Вазорати маориф комиссияе созмон диҳад, то дар он муаллимоне, ки бевосита ба таълим сару кор доранд, шомил бошанд;
- имлое, ки аз нуқтаи назари илмӣ, таълимӣ ва мантиқӣ беҳтару хубтар бошад, тартиб дода шавад.

**«Омӯзгор» 26.05.2006**

# Имло бояд осон бошад -2

Баъди дар зери таҳрири Олимҷон Маҳмадҷонов бори дуввум ба нашр расидани китобчаи "Имлои забони тоҷикӣ" (Деваштич- 2006) шод шудем, ки ғалатҳои дар нашри аввал (Ирфон- 1999) ҷойдошта ислоҳ шудаанд. Аммо баъди варақ задани он маълум шуд, ки ин нашр аз нашри гузашта асосан тафовуте надорад.

Зимнан, тағйиру иловаҳо ба имло бо қарори ҳукумат сурат мегирад, вале ғалатҳои техникӣ бо савобдиди муҳаррирон ва ё нашриёт ислоҳ мешаванд. Дар саҳифаи дуюм гуфта мешавад, ки "китобчаи мазкур бо тасҳеҳу иловаҳои нав ба нашр мерасад". Вале ин тасҳеҳу иловаҳоро кӣ дохил кардааст, гуфта нашудааст. Зимнан ин иловадохилкуниҳо ба салоҳияти як шахс вобаста нест.

Чуноне ки қайд шуд ин нашр аз нашри гузашта асосан тафовуте надорад, гарчӣ муҳаррир таъкидан мегӯяд, ки дар нашри гузашта саҳву хатоҳо зиёд буданд. Масалан: Дар фасли имлои исм сифатҳои сиёҳ- сиёҳ ҳоло ҳам боқӣ мондаанд (саҳ. 15).

Манзури мо дар ин ҷо оид ба хатоҳои техникӣ баҳс кардан нест.

Ҳадафи мо баъзе нуқсу носаҳеҳиҳо дар имло мебошад, ки хонандаву нависандаи имрӯзаро ба иштибоҳ андохтааст. Чунончи, дар ҳеҷ ҷо гуфта нашудааст, ки калимаи Қорӣ-Ишкамба ё Қорӣ-Исмат чӣ гуна навишта шаванд, яъне бо дефис ё бе дефис. Зеро ин исм аз исмҳои дар фасли имлои исм, банди 19 зербандҳои а), б), в) овардашуда фарқ дорад. Масалан, дар банди в) Акбари Мерган дар шакли ибора ва ҷудо навишта мешавад. Лекин, агар онро дар шакли беизофа -- Акбар-Мерган гӯем, бояд чӣ гуна навишта шавад, дар имло зикре нест. Ҳол он ки ин қабил исм-лақабҳо аз исмҳои Аҳмадмахдум, Салимпаҳлавон фарқ доранд.

Дар фасли имлои исм банди 21, ки ба имлои исмҳои хос бахшида шудааст, дар зербанди г) дар қатори номи мақомоти давлатӣ ва мансабҳои миллӣ ду номи дигарро илова кунем, хуб мешавад, Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлиси Намояндагон, Раиси Маҷлиси Миллӣ ва Раиси Маҷлиси Намояндагон.

Бамаврид мебуд агар дар ин фасл дақиқтар муайян мекарданд, ки номи мансабҳои раисони шаҳру ноҳияву вилоятҳо бо ҳарфи хурд навишта мешаванд ё калон.

Инчунин номи факултету кафедраҳо бо ҳарфи хурд бе нохунак навишта мешаванд, ки ғолибан онро касе риоя намекунад. Қоидаи имло бояд ба ин бенизомиҳо хотима гузорад.

Инчунин аз ҳамин зербанди г) Парчам ва Нишони миллиро ба зербанди алоҳида кӯчонида, матни онро "муқаддасоти миллӣ бо ҳарфи калон навишта мешаванд" гуфта , Суруди Миллиро низ илова кунем, қоида комил мешавад.

Дар мавриди истифодаи нимтире (дефис) низ носаҳеҳӣ дида мешавад. Мувофиқи имлои нав исмҳои Мовароуннаҳр, Равзатуссафо,

Лубобулалбоб, ки аз ду ҷузъ бо артикли малфузу ғайрималфуз (вобаста ба ҳарфҳои шамсию қамарӣ) якҷоя навишта мешаванд. Дуруст, ин сабукии имло мебошад. Вале дар имло гуфта нашудааст, ки ҷумлаҳои арабӣ, номи асарҳои классикон, ки аз ибораҳои арабии сеҷузъаву чорҷузъа ва давомдор иборатанд, чӣ гуна бояд навишта шаванд. Зеро имло имлои таҳиягарони осори классикӣ низ мебошад. Ба наздикӣ заҳмату кӯшиши бузургеро анҷом дода, донишманди серғайрат Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ китоби "Равзатуссафо"- и Мирхондро чоп намуд. Баъди мутолиаи ин китоб заифии имлои мо намоён ба назар мерасад. Шояд ҳамин сабаб шуда бошад, ки муҳаққиқи таҳиягар имлои худашро мавриди истеъмол қарор додааст. Чунончи ба номи китоб диққат диҳед: "Равзату-с-сафо фи сирати- л-анбиёи ва-л-хулафо". Мувофиқи имлои нав онро бояд бе нимтире нависем.

Воқеан, аз рӯи имлои нав ҷумлаи аз ҳама серистифодатарин "Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим" якҷоя бояд навишта шавад. Мураттиби "Равзатуссафо" онро чунин овардааст: "Бисми-л-Лоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим". Яъне номҳои Худоро мутобиқи имлои нав бо ҳарфҳои калон навиштааст. Ба фикрам, дар мавриди ибораҳои сеҷузъа ва ҷумлаҳои арабӣ имлои худсохти Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ шоистаи дастгирист. Зеро роҳи дигари навиштани ҷумлаҳои арабӣ вуҷуд надорад.

Дигар: Тамоми ҳиссаҳои нутқи такрор дар имло бо дефис омадаанд. Чунончи: исм -- гулдур-гулдур, милт-милт; феъл -- омад-омад, давон-давон; зарф -- гоҳ-гоҳ, доман-доман, даста-даста ва ғ. Вале сифатҳои такрор якҷоя, бе дефис навишта шудаанд: ҳилҳил, парпар, рахрах. Аҷиб, ки аз рӯи ин имло сифатҳои зеринро бояд якҷоя нависем. Ман себҳои калонкалонро як тараф ва себҳои хурдхурдро ба халта гузоштам.

Вале мутобиқи имло зарфҳои калон-калон бояд бо дефис оянд: Вай калон-калон қадам мегузошт. Инак, ёбеду гиред. Вой бар ҳоли иншонавис ё диктантнавис.

Агар имрӯз ягон шахси барномасози компютер, хоҳад, ки тамоми калимаҳо, ибораҳо ё ҷумлаҳои тоҷикиро ба барномаи дурустнависӣ (правописание) мисли русҳо дохил кунад, ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ мешавад.

Масалан, аз рӯи имлои нав сифатҳое, ки аз ибораҳои исмии изофӣ бо асоси замони ҳозираи феъл (-парвар, -пӯш, -тарош, -хӯр) сохта шудаанд, бояд якҷоя навишта шаванд: марди занбӯриасалпарвар, устои сангиосиётарош ва ғайра (саҳ. 25). Бояд гуфт, ки дар луғат танҳо танҳо чор асоси феълӣ зикр шудааст. Аммо одами пушту паноҳдор, хешу табордор (саҳ. 26) бояд ҷудо навишта шаванд, ҳол он, ки ҳар дуро асоси феъл муттаҳид кардааст. Онро дар шакли ибораи изофӣ низ метавон овард: Одами ҷомаи пахтадор, хотиррасон бояд кард, ки

ҷузъҳои ибора метавонанд тафсил ёбанд, ки ин нависандаро бештар ба иштибоҳ меандозад: Одами кулоҳи сиёҳи чарминдор. Ё ки диққат диҳед: бачаи доғдор, бачаи дар рӯяш доғдор, бачаи дар рӯяш доғи нағзакдор ва мисли ҳамин мисолҳо зиёданд.

Аз ин рӯ, барои забони мо як меъёри муайян лозим аст. Таклиф мекардам, сифатҳои сангиосиётарош ва занбӯриасалпарвар низ ҷудо навишта шаванд. Мисли санги осиётарош, занбӯри асалпарвар. Агар ҷузъҳои ибора илова шаванд ҳам, боке нест. Асоси феълӣ танҳо ҷузъи охирро ба худ якҷоя кунад, беҳтар аст.

Зимнан дар ибораҳои боло дуруст талаффуз кунем, ду зада ба гӯш мерасад: Чунончи: Санги осиётарош, Занбӯри асалпарвар.

Инҳоро дар таълим на сифати мураккаб, балки сифати таркибӣ гуфтан саҳеҳ аст. Ба ғайр аз ин асосҳои феълӣ на танҳо ибораҳои изофӣ, балки ибораҳову таркибҳои пешоянддорро низ бо худ муттаҳид месозад, ки ҳамаи онҳоро якҷоя навиштан ниҳоят имлоро гарон месозад. Мисли: Бачаи дар танаш ҷомаи гулҳои зарҳалидор (ё зарҳалипӯш) ва ғ.

**Омӯзгор\21.2006**

## Ин қаллодаи қалбакиро сарроф мебояд!!!

Дӯсти азиз Сафват!

Мақолаи Шуморо дар ҳафтаномаи «Боргоҳи сухан» (7.07.10) бо номи басо дағали (булварный) «Саймудиновҳо! Доданак бас» хондам ва натавонистам, ки қалам ба даст нагирам, чун камина дар атрофи овози фавқулодаи ӯ ва баъзе мушкилотҳои имлоии он дар ҳафтаномаҳои «Тоҷикистон» ва «Омӯзгор» изҳори назар намуда будам. Шумо низ Сафват ҳамроҳи Сайёф дар «СССР» перомуни ин овоз баҳсе доштед ва мехостед, ки ин овоз набошад ё фаромушт кардед?

Аз он ҳангомаҳое, ки дар гирди ин овоз бархостааст, бисёриҳо хаста шуда, аз баҳраш гузаштанд. То андозае ки баъзеҳо метарсанд дар атрофи ин овоз баҳс ороянд. Чаро? Зеро мо қуввати баҳс надорем, даррав ба дағалгуфторӣ гузашта, дастбагиребон мешавем ва ҳамин тавр аз дарки масъалаи асосӣ дур меравем. Ё шояд ин усуле бошад барои баъзеҳо, то камбудиҳоро ба ин восита пӯшонанд.

Ба мазмуни изҳороти раиси Кумитаи забон ва истилоҳот устод Додихудо Саймиддинов аз ВАО ва итернет - сайти Озодӣ шиносам ва дар ҳеҷ куҷо устод нагуфтаанд, ки ин ҳарфро ба ӯзбакҳо диҳем. Мо ба ҳодисаҳо бояд воқеӣ баҳо диҳем. Дар аввали калимаҳои тоҷикӣ

наомадану ташхиси ҳамаи он вожаҳое, ки дар аввал ӯ доранд, вожаҳои аслии тоҷикӣ набудани онҳо шахсро ба ин гуна фикр кардан водор мекунад.

Акнун мегузарем ба талаффузи овози ӯ. Чаро талаффуз, зеро яке аз принсипҳои асосии имло – яъне дурустнависӣ ин дуруст талаффуз карда тавонистан мебошад. Ӯ-ро на ҳар кас талаффуз карда метавонад, зеро талаффуз ирсӣ аз модар ба фарзанд мегузарад. Шумо Сафватҷон, ки талаффузи дурусти онро аз модар (раҳмат ба он кас!) бехато омӯхтаед, роҳату беғалат менависед ва боварӣ дорам ҳангоми довталаби мактаби олӣ будан ва иншо навиштан ҳам парво надоштед. Вале оё медонед, ки даҳҳо ҳазор довталабони минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон аз сабаби талаффуз карда натавонистани овози ӯ аз иншо ноком шуда, ба колхоз баргашта, дар байни пахтазор умри худро зоеъ карданд. Гарчанде ки онҳо бисёр босавод буданд. Ҷавоби онҳоро ким медиҳад? Албатта, Ҳилол Карим не. Мувофиқи меъёри баҳогузорӣ дар натиҷаи 11 ғалат гирфтан баҳои иншо ду мешавад, ки дар байни ин 11 ғалат ҳатман 7-8 ғалаташ марбут ба овози ӯ буд. **Оё ин ӯ воқеан илмӣ аст ва дониши шахсро дар ҳаққӣ нишон медод ё ин «ӯ» ёрдамчие буд барои устодони як минтақа барои шинохтани шогирдони дигар минтақа? Ана аз ҳамин ҷо сар мешуд интихоби кадри «худӣ».**

Овози у-ро ба чанд гурӯҳ ҷудо кардаанд: кӯтоҳ, дароз, дарози таърихӣ, маъруф, маҷҳул ва ғайра. Дар Тоҷикистон асосан се овози у талаффуз мешавад:

1. У-е, ки маъруф аст ва он дароз талаффуз мешавад: дуд, дур, зуд, гуфт. Зимнан дар шеваи ҷануб вожаҳои рӯз, мӯй, сӯхт низ ҳамин гуна талаффуз мешаванд;
2. У-е, ки кӯтоҳ аст ва он қариб талаффуз намешавад ва он ба заммаи арабӣ монанд аст, дар шеваи ҷануб он серистифода аст. Дар транскрипсияи лаҳҷа онро баъзан бо сакта (ъ) ишорат мекунанд: бъз (буз), шътър (шутур), шъд (шуд). Дар лаҳҷаи шимол он мисли вови маъруф талаффуз мешавад. Дар имлои забони адабӣ низ ҳамин тарзи талаффуз қабул шудааст, яъне **буз**и кӯтоҳ мисли **дуд**и дарози таърихӣ навишта мешавад, ки принсипи талаффузии имло шикаста шудааст. Бояд гуфт, ки тарзи талаффузи кӯтоҳ чанд аҳамият дорад. Аввалан, он роҳи ягонаи муайян намудани калима аст, ки вов дорад ё не. Сониян, чунин тарзи талаффуз барои дуруст дарк намудани вазни шеър аз ҷиҳати дарозиву кӯтоҳӣ кӯмак мекунад. Албатта, мо хатои

имлосозони замони шӯравиро такрор карда пешниҳод намекунем, ки барои як минтақаи бузурги Тоҷикистон як у-и дигар созеду дар зераш думчае гузоред;

3. У-и маҷҳул, ки дар шеваи шимол талаффуз мешавад: рӯз, сӯз, мӯй, зӯр ва ғ. Онро мо вови маҷҳул нагуфтем, чунки калимаҳои арабии сӯҳбат, мӯъҷиза, мӯҳтарам ва ғ. вов надоранд. Зимнан ишораи устод Додихудо Саймиддинов низ ба ҳамин ғалати имлосозони пештара дахл дорад.

**«Ӯ»-и таърихӣ**

Ҷонибдорони ӯ изҳор мекунанд, ки ин ӯ таърихист ва онро муҳофизат кардан даркор ва далел меоранд, он аз дифтонги «au» сарчашма дорад, мисли рӯз аз raucha, гӯш аз gausha ва ғ. Бояд гуфт, ки ин дифтонг дар дигар калимаҳо низ буд, мисли тухм, хусрав ва мардум, ҳоло ҳар сеи ин вожаҳо бе вов ва кӯтоҳ навишта мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки забон дар тӯли солҳо ба ҳодисаҳои савтӣ дучор шуда, тағйир меёбад. Дигар мо таърих гуфта, масалан вожаи гиребонро гривпан гӯем, фақат ба хотири он ки вай таърихан гарданбон буд.

Худи ҳамин далелҳо ишора бар онанд, ки дар илми таърихи забон масъалаи таърихияти овози ӯ кайҳо ҳал шудааст.

Хатои имлосозони шӯравӣ дар он аст, ки овози ӯро ниҳоят вазнин карданд, ба он вазифаҳои нав доданд. Масалан вожаҳои аз хориҷ омадаро, ки калимаҳои иқтибосӣ мегӯянд, ӯ гузоштанд, ки дар натиҷа миқдори он ниҳоят зиёд шуда, мушкилии мардумро дучанд кард. Мисол: сӯҳбат, мӯъҷиза, маҷмӯа, шӯъла, мӯҳтарам, рӯҳ, бӯҳтон.

Хайрият, ки аз сиёсати давлати шӯравӣ ҳазар карда, вожаҳои русиро чунин шоху барг наовехтанд, набошад, имрӯз Путинро Пӯтину, Бушро Бӯш менавиштем.

Баъзе забоншиносон ақида доранд, ки мо бояд калимаҳои хориҷиро ба талаффузи худамон мувофиқ карда нависем. Ман ба ин сухан тарафдорам, вале на дар мавриди овози ӯ. Зеро он дар лаҳҷаҳои Тоҷикистон гуногунталаффуз аст.

Баъзеи дигар таъна бар минтақаи дигар зада мегӯянд: «Муранду ёд гиранд» (айнан аз забони онҳо). Вале ба хотири чӣ?! Устоди ман, ки беҳтарин забоншиноси ҷумҳурӣ буд, синнаш аз 70 гузашту онро ёд нагирифт. Ҳатто ҳангоми қироати диктанте дар мавзӯи Кӯлоб ба ӯ

эрод гирифтанд, ки ӯ-ро талаффуз карда наметавонад. Ва ӯ шӯхиомез мегуфт: «кӯлобиҳо 2700 сол Кулоб гуфтанд, на Кӯлоб, талаффузи киро ба назар гирифта ин ҷо хатча мондаанд, намедонам».

**Ба шогирд чӣ ҷавоб гардонем?**

Ҳангоми таълим ва суолу ҷавоб бо шогирдон баъзан устод низ лол мемонад. Масалан: Овози ӯ аниқ пеш аз кадом овозҳо меояд? Барои чӣ дар **оғӯш** ҳасту дар **оғушта** нест? Барои чӣ дар **мегӯяд** ҳасту дар **мегуфт** (ҳар ду аз як калима) нест? Барои чӣ дар **рӯй** ҳасту дар **рух** нест? Барои чӣ дар ҳиҷои кушодаи **рӯ-ҳӣ** ҳаст, дар сурате ки мувофиқи қоида бояд танҳо дар ҳиҷои баста ояд? Барои чӣ дар фаромӯш ҳасту дар муш нест, чун дар ҳар ду маврид пеш аз овози ш омадааст? Барои чӣ будани вовро ба эътибор нагирифтанд? Ва мисли ҳамин суолҳо.

Воқеан, ин «ӯ» фавқулода аст. Ва маҷбур кардани одамон, ки талаффуз карда ёд гиред, басо беинсофист. Аз ин рӯ пешниҳод доштам, ки ин ҳаммол дар тӯли сафари 70-солааш (аз соли 1940 ин тараф) мӯҳлати мадидеро тай кард ва ба манзил расид ва «функсияаш» адо шуд. Ин хатчаро аз болои ӯ фарорем, то бораш сабук шавад. Касе, чи хеле ки мехоҳад, талаффуз кардан гирад, вале дар навишт як у бас аст. Агар имрӯз ин амал анҷом напазирад, пас ҳеҷ гоҳ амалӣ нахоҳад шуд. Ба хотири хизмат ба ояндагон аз ин ҳарф даст бояд шуст. Зеро ҳеҷ асоси илмие, ки онро бояд нигоҳ дорем, дар даст надорем. Овози ӯ дар вожаҳои аз қабили хурд – хӯрд, гул – гӯл гарчанде маъноро дигар кунад ҳам, минбаъд якранг навишта шуда, ба қатори омографҳо дохил шуда мераванд. Маънои онҳо аз матн фаҳмида мешавад.

Аз ин баъд шояд тавассути ВАО фишороварихо нисбати тасмимоти Кумитаи забон ва истилоҳот бештар гардад, вале аз ин набояд ҳаросид. Мо ба аксар пешниҳодҳои олими варзидаи тоҷик Додихудо Саймиддинов розӣ ҳастем ва аз онҳо ҷонибдорӣ хоҳем кард, зеро он кас бе далелу арқоми илмӣ ҳарф намезананд.

Дар ин азми қатъӣ ба кумитаи забон ва истилоҳот иродаи қавӣ, далерӣ, таҳаммул ва тасмимоти воқеъбинона таманно дорем.

Ҳар ки ҷавоб менависад, бигузор баҳси воқеан илмӣ, бо бурҳону далел бошад, на дағаливу ҷигархарошӣ, ки дунё кирои асабситезиҳо намекунад. Бо эҳтиром!

**«Боргоҳи сухан»\14.07.2010**

## Таълими мавзӯи сермаъноӣ ба воситаи маънихона

Бузурге гуфтааст, ки муаллим дар дарсхона бояд чун ҳунарманд дар саҳна бошад. Воқеан, барои сермаҳсул гузаштани дарс ва хотирмон будани он маҳорату истеъдоди омӯзгор басо бузург аст. Қобилияту тафаккури хонандагону донишҷӯён имрӯз бештар ба бозиҳои шавқовари компютерӣ ва рӯзномаҳои саволу ҷавобдори мавҷуда нигаронида шудааст, ки ин амри табиист. Аз ин хотир мо низ ин неруи вобаста ба синну сол пурҷӯшу хурӯшро аз корҳои беҳуда ба бозии таълимӣ равона карданием. Вобаста ба маҳорати устод чунин бозиҳоро дар аксар мавзӯъҳо ташкил кардан имкон дорад. Масалан сермаъноии феълҳоро ҳам дар боби лексикология ва ҳам қисми морфология гузаштан мумкин аст. Чунончи <u>хӯрдан</u>: нон хӯрдан, об хӯрдан(маънии маҷозӣ), чашм хӯрдан, ба даст хӯрдан, пешпо хӯрдан, ғам хӯрдан ва ғ.; <u>задан</u>: зарба задан, даст задан, гап задан, дасту по задан, чашмак задан, рӯ задан ва ғ.

Ин бозиро дар мавзӯи исмҳо низ ташкил кардан мумкин аст.

Мо дар поён танҳо феъли <u>кашидан</u>ро оварда, онро дар 33 маврид дар маъниҳои гуногун нишон додем, ки яке ба дигаре монанд нест. Ҳатто амали сигор кашидан аз нос кашидан, чой кашидан аз ош кашидан ва ё ду навъи варзиш буз кашидан аз банд кашидан байни ҳам фарқ доранд. Устод ба воситаи саволҳои ҷолиб, ки ифодагари урфу одат, таомул ва ҳодисаҳои таърихиянд, диққати хонандаро ба ифодаҳои маъноӣ ҷалб мекунад. Дар айни замон, хонандаро барои ёфтани ҷавоб саргарм месозад.

Дар тамоми ин таркибҳои феълӣ маънии асосӣ дар хонаи байн нуҳуфтааст, яъне тамоми вожаҳои атрофи он маҳз бо феъли кашидан маънии нав тавлид мекунанд. Аз ин рӯ мо онро маънихона номидем.

**Маънихона** дар ташаккули ҷаҳонбинии хонанда ва донишҷӯ аҳамияти калон дорад.

## Суолҳо ба маънихона

1.Ин таомро тақсим кардан (ош)
2. Амал дар сари дастархон (чой)
3. Рӯдакиро бо ин амал кӯр карданд (мил)
4. Ҳангоми қироат (мад)
5. Бас кардан, тарк кардан (даст)
6. Пеш аз оббозӣ (либос)
7. Шарм доштан (изо)

8. Мӯҳлати дуру дароз (тул)
9. Нигоҳи хашмгинона (теғ)
10. Кор дар анбор (бор)
11. Яке аз панҷ эҳсос (бӯй)
12. Танбеҳи кӯдакон (гӯш)
13. Садои довар (ҳуштак)
14. Оро додани абрӯ (усма)
15. Меҳнат кардан (азоб)
16. Нарафтан (по)
17. Амал дар шудгор (ҷӯяк)
18. Кори рассом (расм)
19. Одати бад (нос)
20. ВТ аз ин амал ҳушдор медиҳад (сигор)
21.Пеш аз харидани картошка ва пиёз (бар)
22. Навъи варзиш(банд)
23. Аз ин амал маска мегиранд(дуғ)
24. Нишонаи мутафаккир шудан (абрӯ)
25. Варзиши наврӯзӣ (буз)
26. Қатори аскарҳо (саф)
27. План сохтан (нақша)
28. Гарданкашӣ кардан (сар)
29. Моил шудан, хостан (дил)
30. Ғам хӯрдан (оҳ)
31. Нишонаи хоб будан (хӯрок)
32. Хоб кардан (дароз)
33. Нишонаи зинда будан (нафас)

Ҷавобҳои дар қавсайн бударо дар ҷадвали поён ҳамроҳ бо паҳлуи рақамҳо низ овардан мумкин аст, вале танҳо баъди ҷавобҳоро ёфтани талабагон.




**«Маърифати омӯзгор»\ с.2007, №5, саҳ.65-66.**

## Маънихона ё сермаъноии феъли задан

Суолҳо ба сканворд

1. Сухан кардан (гап)
2. Таънагӯӣ (наҳ)
3. Зарба ба рӯй (шаппот)
4. Ба коре як лаҳза машғул шудан (даст)
5. Сакта (дил)
6. Пеш аз ҳавлирӯбӣ (об)
7. Касеро аз раъйаш гардонидан (аз роҳ)

8. Аҳмақ кардан (гӯл)
9. Қурбоқа ҳам пояшро…(наъл)
10. Такрори бисёр (забон)
11. Лашкар қатор кашидан (саф)
12. Як гуфтану рафтан (даҳон)
13. Дутор навохтан (нохун)
14. Каддафи (шоҳи Ливия) дар назди Кремл (хайма)
15. Сӯзондан (оташ)
16. Нест кардан (барҳам)
17. Як навъи ороиш (пудра)
18. Як навъи хушбӯӣ (атр)
19. Безор шудан (ба дил)
20. Саҳифа гардонидан (варақ)
21. Офати табиӣ (сел)
22. Ҳодисаи табиӣ (жола)
23. Дағдаға (лоф)
24. Дар футбол (гол)
25. Барои арӯсу домод (тахт)
26. Дар даҳони асп (лаҷом)
27. Навъе ишора (чашмак)
28. Навохтани сози мусиқӣ (доира)
29. Дар бокс (мушт)
30. Гунаҳкорро дар замони амирӣ (чӯб)




*Сарнавишти вожа*

**Мо ҳарфи қ дорем!**

Ҳуруфи ҳ ва қ дар тоҷикӣ нест?

Солҳои донишҷӯӣ муаллимон ба мо таъкидан мегуфтанд: «Калимаҳое, ки ҳарфи қ доранд, тоҷикӣ нестанд. Онҳо ё арабианд ё аз забони туркӣ-ӯзбакӣ иқтибос шудаанд». Чун донишкадаро хатм намудаву ба ҷодаи устодӣ расидем, мо низ мукаррар ба шогирдон тезиси болоро таъкид кардем ва ҳам мекунем. Дар китоби дарсии «Забони адабии ҳозираи тоҷик» ҷ. 1 гуфта мешавад, ки вожаҳое, ки

ҳарфҳои ҳалқии ъ, ҳ ва овози қ доранд, тоҷикӣ нестанд, онҳо ё арабиянд ё туркӣ-ӯзбакӣ (ниг. саҳ 31).

Албатта, ҳ доштан ё надоштани моро калимаҳои деҳа, бидеҳ, даҳ, нӯҳ, ҳамроҳ, коҳ, рубоҳ, моҳ, ҳам, ҳар, шоҳу шоҳномаҳо бозгӯ мекунанд. Инҳо ҳама бо ҳои ҳаваз навишта мешаванд, шояд муаллифон ҳо-и ҳутиро, ки дар алифбо ва талаффузу имлои забони муосири тоҷик нест, дар назар дошта бошанд. Вале мо ҳанӯз идомабахши ҳамон тезиси боло ҳастем, ки мо «ҳ» ва «қ» надорем. Фақат ба он хотир, ки забоншиносе ақидаи шахсии худро дар шакли тезиси боло пиёда сохту мо ҳамагӣ сар фуровардем: «ҳа, дуруст мо ҳарфи қ надорем».

## Аслӣ - яъне чӣ?

Мо одат кардаем, ки калимаҳои аслӣ гуфта, рӯ меорем ба таърихи пешазисломӣ ва нишонаҳои вожаҳои аслиро аз Авасто меҷӯем. Гӯё дар ин 1400 соли давраи исломӣ ва баъдӣ бо таъсири забони арабӣ ва забони ҳамсоягон вожаҳои худӣ насохтаем ва бекор нишаста будем. Ҳол он ки мо бояд фаромӯш накунем, ки забон моли ҷамъият аст ва он ба забоншинос ё мутахассиси таърихи забон тобеъ нест. Он бо роҳи худ меравад. Дуруст, мо талаффузи овози қ-ро аз араб омӯхтем, вале минбаъд онро дар қатори дигар ҳарфу овозҳои забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор додем ва аз рӯи қонуниятҳои савтиву калимасозии тоҷикӣ калимаҳои нав сохтем, ки онҳоро метавон аслии тоҷикӣ номид. Яъне, вожаҳои аслии тоҷикии овози қ-доштаро на аз таърихи пешазисломӣ, балки дертар бояд ҷуст. Ҳамсадои бехизабонии қ, ки барои кӯдакон гуфтанаш мушкилӣ меорад, бо таъсири қироати Қуръон талаффузаш пурра барои тоҷикон низ осон гашт.

## Тақлид ё тасвир асоси базавии пайдоиши вожаҳо

Вожаҳои тақлидӣ-овозӣ ё тасвирӣ асоси базавии пайдоиши калимаҳо дар ибтидо дар рӯи замин мебошанд. Тасаввур кунед, масалан аввалин маротиба одам шаршараро дид ва аз рӯи овозаш ба он ном гузошт. Ё одами ибтидоӣ наздик шудани палангро бо овозе ифода мекард, ки палангро тақлиду тасвир кунад. Мисли ҳайвоне, ки шабона чир-чир мекунаду ӯро чичирак мегӯем. Пас кӣ медонад, ки минбаъд инсоният кадом хусусиятҳоро ба назар гирифта, ба чизҳо ном ниҳодааст?

Баъди таҳлилу муқоисаи мисолҳои зиёд ба чунин хулоса омадем, ки махсусан вожаҳои тақлидӣ-овозӣ ва тасвирӣ, ки ҳарфи қ доранд, гарчанде ки баъдиисломиянд ҳамагӣ аслии тоҷикиянд. Ба таври дигар, вожаи тақлидӣ-овозӣ ё тасвирӣ бояд айнан тасвир ё тақлид шавад, аз ин рӯ он аз забони бегона буда наметавонад ва ин басо далели мӯҳкам аст. Яъне, мо калимаҳои аслии тоҷикии на танҳо пешазисломӣ, балки баъдиисломӣ низ дорем.

## Тақ-тақ мекардем ё так-так?

Оё як бор аз худ пурсидаем, ки тоҷикон дари якдигарро тақ-тақ мекарданд ё не. Агар мекарданд, пас мо ҳарфи қ доштем ва дорем. Зеро тақ-тақ бе ҳарфи қ так-так мешавад, ки имрӯз тамоман маънои дигар дорад. Дарро ҳатто тик-тик карда намешавад, зеро тик-тик хоси гаштани соат аст, ё тирезаро тик-тик мекунанд. Зиёда аз ин диққат диҳед ба номи парранда алошақшақа. Ин ном ба ин парранда, ки онро акка низ меноманд, аз рӯи ду хусусият: зоҳирӣ ва овозӣ гузошта шудааст. Яъне, зоҳиран ало буда, бо нӯлаш нидои шақ-шақ мебарорад. Дар вожаи алошақшақа ҳам тасвир аст, ҳам тақлид. Аз ин рӯ бо овози баланд мегӯем, ки вожаи алошақшақа тоҷикӣ аст, ки ҳарфи қ дорад. Мисли ин вожаи қар-қар, хоси зоғ асту қур-қур, хоси қурбоқа ва қоҳ-қоҳ хоси хандаву қурсу қарс хоси дигар ашёст. Лақидан, лақ-лақ кардан, обро лақидани саг, лақаки (косаи) саг аз нидоҳои тақлидиву тасвирии тоҷикӣ пайдо шудаанд ва ҳамагӣ тоза тоҷикианд.

### Қарсу қурту қуртак низ

Минбаъд нидои қарс аз тақлид ба калимасозӣ ворид гашта, тавассути пасванди –ак калимаи нав сохт, ки амалеро мефаҳмонад, аниқтараш номи амал, яъне қарсак. Нидои чир-чир низ бо пасванди –ак исми нав сохт. Пас ин нидоҳои тақлидӣ ва тасвирӣ чун вожаҳои аслӣ дар фонди луғавӣ маҳфузанд ва онҳо бойгарии забони моанд.

Қариб дар тамоми лаҳҷаҳои тоҷикӣ обро қурт кард, нонро қурт кард мегӯянд ва он амалеро мефаҳмонад, ки аз хӯрдан ва нӯшидан фарқ дорад. Онро дар мавриди алоҳида фурӯ бурдан ба кор мебаранд. Бояд гуфт, ки он аз феъли адабии фурӯ бурдан дида серистеъмолтар аст. Аз он бо пасванди ашёсоз ва сермаҳсули –ак исми қуртак, чизе, ки бо он қурт мекунанд сохта шуда, гулу ё махсус мавзеъ дар гулу фаҳмида мешавад. Минбаъд бо таъсири қ-и аввал к-и охир низ ба қ мубаддал гашта шакли қуртуқ-ро гирифт. Ва ҳеҷ мумкин нест, ки он тоҷикӣ набошад.

### Шакар, суккар, қанд

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» қанд арабӣ нишон дода шудааст, вале арабҳо онро суккарун низ мегӯянд. Дар муштақоти арабӣ вожаҳои зиёди хориҷӣ ворид шуда, чун моли аъроб қаламдод мешаванд. Ин бузургии забони арабӣ аст. Шакари тоҷикӣ ё сахари русӣ низ ба калимасозии арабӣ ворид шуда, дар шаклҳои гуногун истифода шавад ҳам, он решаи ҳиндуориёӣ дорад. Чи тавре ки тиллои ҳиндӣ ва тоҷи тоҷикӣ ба арабӣ ворид шуду дар шаклҳои муталло (зарандуда), татвиҷу мутаввaҷ (тоҷгузорӣ) боз ба мо пешкаш шуд.

### Қапидан тоҷикист!

Вожаи қапидан, ки ҳарфи қ дораду онро одатан моли лаҳҷа меҳисобанд, на арабӣ аст ва на туркӣ-ӯзбакӣ. Зеро арабҳо қапиданро масака ё маскун ва ӯзбакон ушлаш мегӯянд. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» феъли капидан (бе думча) ба маънии қапидан, рабудан тоҷикӣ

нишон дода шудааст. Мутаассифона, дар нашри нави фарҳанг калимаи қапидан ҳасту капидан партофта шудааст. Пас бо таъсири забони арабӣ капидан шакли қапиданро гирифтааст, ки ин дар забон ҳодисаи маъмулист. Чунончи Мароқанд ё Самарқанд, ки ҷузъи канд аслан тоҷикӣ буда, маънии шаҳрро дорад. Вожаи капидан низ на бо таъсири забони туркӣ, балки бо таъсири забони арабӣ ба қапидан мубаддал шудааст.

Асоси замони ҳозираи он – қап (яъне биқап)ва асоси замони гузаштааш қапид бо тамоми шаклҳои замонияш дар истифодаи умум қарор дорад. Мисли қапад, меқапад, қапида истодааст, қапида истед, шакли бавоситаи қапонд, сифати феълии қапида, қапидагӣ, қапиданӣ ва монанди инҳо. Аксари онҳоро нависандагон дар асарҳояшон чун вожаи адабӣ кор бастаанд. Монанд ба вожаҳои даводав, паропар, кашокаш, гирогир бо миёнванди –о- шакли қапоқап дар байни халқ маъруф аст. Чунончи: «Солҳои сиву ҳафт қапоқапи муллоҳо сар шуд».

Бояд гуфт, ки феъли қап дар забонҳои помирӣ низ вомехӯрад. Дар лаҳҷаи Ҷануб овкапак коғази махсусеро гӯянд, ки ранг ё оби болои саҳифаро меҷабад ва онро обчинак низ мегӯянд.

Қапқон - қапакон

Вожаи қапқон низ аз асоси замони ҳозираи қап ба воситаи пасвандҳои –ак ва –он сохта шуда, яъне қапакон, чизе ки вазифааш қапидан аст, маъно дорад. Оҳиста-оҳиста бо таъсири қ-и аввал ҳарфи к-и охир қ шуд ва овоз а коҳиш ёфта, шакли қапқонро гирифт, ки дар луғатҳо туркӣ-ӯзбакӣ нишон дода шудааст.

Дар хусуси вожаи қишлоқ кайҳо гуфтаанд, ки он аз ду унсур решаи кишт ва пасванди маконсози –лох сохта шудааст. Яъне, ҷои кишт. Воқеан, асоси пайдоиши қишлоқҳо ва мақсад аз онҳо кишту кор ва зироаткорӣ аст. Баъдтар аз рӯи қонуниятҳои забон киштлох ба қишлоқ мубаддал гашт, ки ҳеҷ ҷои аҷобаташ нест. Ва онро ба қишлиқи туркӣ, ки маънояш ҷои зимистонгузаронӣ аст, омехтан нашояд. Ҳодисаи бадалшавии овозҳо дар забон маъмул аст ва ин ки киштлох қишлоқ шуда, на бегона, ки худӣ буд, боз худитар гаштааст.

Вожаи серистифодаи эрониён қашанг низ аз ду решаи тоҷикӣ хуш ва ранг, яъне хушранг ва Қундуз (шаҳр) аз ду реша куҳан ва диж (қалъа), яъне куҳандиж иборатанд ва ба ҳодисаи бадалшавӣ дучор шудаанд. Номи паҳлавони Эронӣ Қубод низ аслан кават, куват, кубад, яъне маҳбуб, барҳақ аст. Инчунин: кати – қати. Инҳо ҳамагӣ ба ҳодисаи бадалшавӣ дучор шудаанд.

Вожаи лоқ ба маънии либосу пӯшок низ чун вожаи тоҷикӣ дар истифода аст ва аксар онро мефаҳманд. Калимаи қурутоб хӯроки дӯстдоштаи мову шумо низ дар асоси калимасозии тоҷикӣ сохта шудааст ва он тоҷикист. Аз калимаи арабии арақ исмҳои арақкунӣ,

аракчин (тоқии шабпӯшӣ) ва тоқӣ на тоқия бо унсурҳои тоҷикӣ вожаҳои тоҷикӣ сохта шудаанд.

Ҷадвали табдилёбии ҳарфҳои пасизабонӣ ба қ

| Вожаҳои аслӣ | Вожаҳои табдилшуда | Ҳарфҳо и афтида | Ҳарфҳои табдилшуда |
|---|---|---|---|
| капидан | қапидан | | к -қ |
| овкапак | овқапак | | к -қ |
| капакон | қапқон | а | к -қ |
| қуртак | қуртуқ | | к -қ, а-у |
| Кабад, Кубод | Қубод | | а-у, к-қ |
| Куҳандиз | Қундуз | ҳ, а | к -қ, и-у |
| кати | қати | | к -қ |
| хушранг | қашанг | р | х -қ,у-а |
| киштлох | қишлоқ | т | к -қ, х-қ |
| | | | |

Лаҳҷа нишонаи - зинда будани забон!

Чунин ба назар мерасад, ки аксар вожаҳои қ-дорро ба лаҳҷа партофта, аз истифодаи он ор мекунем. Таъкидан манъ мекунем, ки лаҳҷавӣ гап назанед! Аммо чӣ қадар олимон аз ҳисоби лаҳҷа рисолаҳои номзадиву духтурӣ ҳимоя карданд ва ҳам мекунанд. Мо тарафдори он нестем, ки шаклҳои вайроншудаи лаҳҷа мисли чо (куҷо), мун (ман), фурсодем (фиристодем), гуфсос (гуфта истодааст), рафтай (рафтааст), мерем (меравем) ба забони адабӣ ворид шаванд. Гап дар бораи инҳо нест. Гап перомуни луғат ва калимаҳои сермаъно аз лаҳчаҳо меравад, ки набудани онҳо дар забони адабӣ эҳсос мешаванд. Аҷиб, чаро замбуруғе, ки аксарият истифода намекунад, адабӣ бошаду хоч (лаҳҷаи марказ), чамбуч (Айнӣ) ва чағора (Кӯлоб), ки бештар истифода мекунанду мефаҳманд, адабӣ набошанд ва чун муродифот баробар истифода нашаванд? Ё чаро качбел, ки дар лаҳҷаи марказ бо номи русии лапотка маъруф аст, дар забони адабӣ роҳ наёбад? Чунин вожаҳо зиёданд ва онҳоро эҳё бояд кард.

Ҳуҷум ба лахҷа хуб нест! Зеро лаҳҷа нишонаи зинда будани забон аст. То вақте лаҳҷа ҳаст, забон зинда аст! То реша дар об аст, умеди самар аст. Бале, будани лаҳҷа маънои онро дорад, ки решаи забон дар об аст ва он нашъунамо хоҳад ёфт.

Лаҳҷа посдори калимаву таркибҳои таърихии забон аст. Маҳз лаҳҷа ҳаст, ки дар вожаҳои пайвасти хату чак, ҳангу фара, лоқу пӯст, баҳру бар, карру фар вожаҳои аз истифода бозмондаи чак (ҳуҷҷат), ҳанг (зӯр ва сарҳанг –сардори зӯрҳо), бар (хушкӣ), фар (нур, шукӯҳ) зинда боқӣ мондаанд. Дар Эрон ба лаҳҷа муносибати хубе доранд, то андозае, ки мафҳуми забони адабӣ қариб ҳис намешавад. Дар Русия

низ кӯшидаанд забони адабию гуфтугӯии мардумиро як кунанд. Аз ин рӯ русҳо бе душворӣ ба забони адабӣ фикрашонро ифода мекунанд.

### Зуқидан дар забони адабӣ нест

Феъли лаҳҷавии зиқидан ё зуқидан, ки дар шаклҳои мезуқад, зуқ-зуқ кардан, исми зуқоқ (яъне шахсе, ки мезуқад) вомехӯрад, дар забони адабӣ нест. Яъне, он маъноеро, ки феъли зуқидан дар лаҳҷа ифода мекунад, дар забони адабӣ ҳеҷ феъле ва калимае дар як шакл ифода карда наметавонад. Онро бо ҷумла ё матн ифода мекунанд. Зуқидан як навъ норизоист, ки дар шакли шикоят, нола, рафтор ва гуфтор ифода меёбад.

Дар хазинаи луғавии забон феълҳо ягона ҳиссаи нутқанд, ки соф тоҷикианд. Аз ин рӯ феъли қ-дори зуқидан соф тоҷикист.

Ё дар ҷумлаҳои зер ба феълҳои тасвирӣ диққат диҳед: «Чӣ қорт кардӣ» (рост истодан ба тарзи махсус); «Як кас чумбоқ нишастааст» (тарзи махсуси сари ду по нишастан). Мардум мазмуни онҳоро хуб мефаҳманд. Ин вожаҳо дар ганҷинаи забон, яъне лаҳҷа боқӣ мондаанд ва соф тоҷикианд.

### Феъл - ҷон

Забоншиносон мегӯянд, ки феъл ҷони забон аст. Агар ҳама ҳиссаҳои нутқ иқтибосӣ шаванд, боке нест, ба ҷуз феъл. Зеро феъл дар забон ягона ҳиссаи нутқест, ки иқтибосӣ буда наметавонад. Агар ин ҳиссаи нутқ бегона шавад, пас забон мурдааст. Яъне, як далели мурдани забон ин пурра иқтибосӣ шудани феъл мебошад. Ифодаҳои талаффуз кардан, дохил шудан, хориҷ шудан, ва кӯчагии ждат кардан, провожат кардан ва мисли инҳо дар худ калимаҳои арабӣ ва русӣ бо ёридиҳандаҳои кардан ва шудан доранд, ки танҳо ҳамин ёридиҳандаҳо осоре аз тоҷикӣ медиҳанд. Пас феълҳоро эҳтиёт кунем. Худо нигоҳ дорад аз иқтибосӣ шудани феъл!

### Далел – 1400 сол

1400 сол пеш, яъне то ҳуҷуми арабҳо аҷдодони мо ба ҷои қ дар калимаҳои тақлидӣ-овозии қур-қур, қар-қар, ё тақ-тақ чӣ мегуфтанд, маълум аст. Мисли талаффузи имрӯзаи русҳо шояд роҳе доштем, ки ин вожаҳоро талаффуз кунем. Аммо баъди қабули дини ислом дар зери таъсири забони арабӣ овозҳои ҳалқӣ ва бехизабонии қ ба талаффузи мо ҷорӣ шуд. Дар ин муддати тӯлонӣ мо ба эҷоди калимаҳои худӣ бо овози иқтибосии қ пардохтем. 1400 сол ин даҳ солу сад сол нест, ин ба ҳисоби миёна 15-20 пушти моро дар бар мегирад. Иддаои он ки ҳарфи қ иқтибосӣ аст, дуруст аст, вале дар ин 1400 сол он ба калимасозии тоҷикӣ ворид шуд. Калимаҳои тақлидӣ-овозӣ ё тасвирии қ-дор, ки минбаъд пайдо шудаанд, иқтибосӣ набуда, соф тоҷикиянд. Ин сарнавишти ҳарф ё овози қ ва ҳ-и тоҷикӣ аст. Далели мо 1400 сол аст. Дар ин муддат қ он қадар худӣ шуд, ки дар дохили фонди луғавии забон мавқеъ пайдо намуд ва он ҳаргиз бегона нест.

Бештарини вожаҳо байни халқҳои Осиёи Миёна дар муносибат он қадар радду бадал шуда, аз даст ба даст гузаштанд, ки имрӯз мушкил аст асли онҳоро муайян кардан.

Бале, муносибатҳои дӯстона бо ҳамсоякишварҳо хешутаборӣ, ҳамдинӣ, ҳаммазҳабӣ моро он қадар муттаҳид кардааст, ки баъзан наметавонем муайян кунем, ки фалон калима моли фалон забон аст ва наметавонем онҳоро аз якдигар ҷудо кунем.

Ҳарфҳо дар якҷоягӣ калима, калимаҳо дар маҷмӯъ нутқ ва забонро ташкил медиҳанд. Забон бошад, сутуни асосии миллат аст. Пас биёед ҳар ҳарфи забонро эҳтиром кунему ҳар вожаи онро азизу мӯҳтарам дорем, то дар маҷмӯъ эҳтироми миллатро ба ҷо оварда бошем! Вассалом!

**«Тоҷикистон»\ 2.04.2009**

(Ин мақола бо ҳамроҳии Мамлакат Аюбова дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ, ки забони ӯзбакиро хуб медонад, навишта шудааст).

## Армонҳои миллӣ дар лоиҳаи Қонуни забон

*Дар Қонуни забони аввалӣ дар 37 модда 33 маротиба калимаи* ***русӣ*** *зикр шуда буд. Кас гумон мекард, ки ин на Қонуни забони тоҷикӣ, балки Қонуни забони русӣ ё ба хотири русӣ буд.*

Изҳороти раиси комиссияи татбиқи қонуни забон, профессор Ғаффор Ҷӯраевро тавассути садову симои ҷумҳурӣ шунида, шигифт аз он шудам, ки ҳоло ҳам ба истиқлолияти кишвари мо аз берун мехоҳанд дахолат кунанд. Воқеан ҳам изҳороти баъзе амалдорони Русия дар мавридҳои гуногун тааҷҷуббарангез аст. Ба ёд биёред чанде пеш таъкиди сафоратхонаи Россияро дар мавриди ҷорӣ намудани сензура бар болои ВАО-и ҷумҳурӣ. Шояд онҳо ҳоло ҳам дарк накардаанд, ки Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ ва ягона мебошад. Шукр, ки мо соҳибистиқлол ҳастем ва қонунҳои мо низ ифодагари ҳамин истиқлолияти мо мебошанд.

Акнун бармегардем сари он моддаи пештараи забон, дар мавриди забони русӣ чун забони муоширати байни миллатҳо, ки имрӯз баъзеҳоро ба ташвиш овардааст.

Банда дар яке аз мақолаҳоям дар ҳафтаномаи «Тоҷикистон» (аз 9.02.2006) ин моддаро таҳлил намуда будам ва ман ягона набудам, ки пеш аз ману баъд аз ман ин масъаларо мавриди баррасӣ қарор дода буданд. Бояд гуфт, ки бар асоси чанд далел ин моддаро аз қонун берун бояд кард:

1. Аввалан ин Қонуни забони давлатӣ аст на забони дигар;
2. Сониян забони муошират гуфта, забони алоҳидаро таъин намудан ҳуқуқи шахсонеро, ки ин забонро намедонанд, помол мекунад;

3. Қонун хусусияти маҷбуркунӣ дорад вагарна он Қонун буда наметавонад. Акнун бубинед, пештар аз рӯи ин модда ду нафари хориҷиро маҷбур бояд мекардем, ки бо якдигар бо забони русӣ гап зананд, зеро дар қонун забони муошират русӣ таъин шуда буд на забони дигар;

4. Мувофиқи қонуни ҷомеаи демократӣ ду нафари хориҷӣ бо якдигар бо забоне гап мезананд ва муошират мекунанд, ки худ интихоб кардаанд ва медонанд ва чунин бандеро дар қонун ҷой додан умуман ҷоиз нест.

Дар лоиҳаи нави Қонун «Дар бораи забони давлатӣ» чандин бартариҳо дида мешавад. Нахуст бартарӣ дар номи қонун дида мешавад. Пештар он Қонуни забон ном дошт. Ҳоло бошад, Он Қонун «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дорад, ки он имкон медиҳад бар даҳони бисёр шахсони ғаразнок мӯҳри хомӯшӣ зада шавад, то онҳо натавонанд бар болои забони тоҷикӣ забони дигареро бартарӣ диҳанд. Зеро он қонуни забони давлатӣ аст на забони дигар.

Ғайр аз ин дар банди дуюми моддаи 4 барои истифодаи озодонаи забонҳои дигар қонун шароит муҳайё намудааст.

Ёд дорам, ки замоне дар шаҳри Самарқанд будем ва баланд – баланд бо забони тоҷикӣ гап мезадем, ки шахсе ба наздамон омаду гуфт: - Тоҷикӣ гап назанед! Ва чанд маротиба ин лафзро такрор карду рафт.

Шукр, ки дар Тоҷикистони мо қонун он гуна тарҳрезӣ шудааст, ки мавқеи ягон забон ё қавмеро танг намекунад. Қонун ба хотири ҳимояи як сутуни давлат, яъне забони тоҷикӣ, кабул шудааст. Зеро дар замони шӯравӣ вазъи забон то дараҷае бад шуда буд, ки мисли забонҳои хурди дигари Иттиҳоди Шӯрави хавфи аз байн рафтани он ба миён омада буд.

Инак 20 сол аз қабули Қонуни забон сипарӣ гашт. Дар ин 20 сол хеле забон пеш рафту дар мақоми давлатии худ устувор шуд ва аз унсурҳои бегона нисбатан пок шуд. Вале ин хеле кам аст. Ин ҳанӯз оғози кор аст. Зеро дар ин замони ҷаҳонишавӣ хавфи ҳуҷуми калимаҳои хориҷӣ аз ҳисоби забонҳои бузург хеле калон аст. Пеши роҳи вуруди онҳоро танҳо давлат ва қонун гирифта метавонад.

Бартарии дигари лоиҳаи Қонун «Дар бораи забони давлатӣ» дар мӯҳтавои он аст. Қонун хеле ихчаму нишонрас таълиф шуда, тақрибан пурра забони давлатиро ҳимоя менамояд. Хулоса, ҳама армонҳои зиёиёну миллатдӯстон дар он таҷассум ёфтааст, ки ба комиссияи татбиқи қонуни забони назди Ҳукумати Ҷумҳурӣ изҳори сипос менамоем.

Масъалаи хеле муҳим масъалаи номгузорӣ ё насабсозии тоҷикӣ мебошад. Азбаски дар Тоҷикистон насаб ё фамилияи тоҷикӣ қариб, ки

аз байн рафтааст, бисёр зиёиён насаби русии худро ба мисли пештара нигоҳ доштаанд, яъне ҳоло ҳам Исматову Достиеву Қурбонованд. Сабабаш пеш аз ҳама дар муайян набудани насаб ё номи хонавода, ки онро фамилия мегуфтем, мебошад.

Ман тарафдори насабсозӣ ё фамилясозии ягона мебошам. Иқрор бояд шуд, ки дар фомилсозии мо ҳарҷу марҷ ниҳоят зиёд аст. Мо он қадар гунасозиро дӯст медорем, ки 16 ё 18 гунаи фомилсозиро пешниҳод карда будем. Ана ҳамин сабаб шуда, ки бисёр тоҷикон роҳгуманд, ки ному насаби худро дар шиносномаву ҳуҷҷатҳо чӣ гуна нависанд. Ҳатто имрӯз дар журналҳои синфӣ муаллим намедонад, ки ба ҷои фамилия чиро нависад. Дар мо бештари номҳо номи шахс ва падар аст, вале насаб нест. Тоҷикон аз қадим насаб ё номи хонавода доштанд. Насаби тоҷикӣ ба воситаи пасванди –он бо гунаҳояш – ён, -гон сохта мешуд. Диққат диҳед: Зангаи Шоварон, Гударзи Кашводагон, Қорани Ковиён, Сомониён, Сосониён. Агар дар шӯъбаҳои шиносномадиҳӣ як гуна ё варианти тарзи насабсозӣ роҳандозӣ мешуд, ин низом ба тартиб медаромад. Масалан аз рӯи нақшаи ФИО аввал насаб, сонӣ номи шахс баъд номи падар меомад, хуб мешуд. Ин корро аз рӯи гунаи зерин метавон анҷом дод:

| | | |
|---|---|---|
| Насаб ё фамилия/ | номи шахс/ | номи падар |
| Сомониён | Исмоил | Аҳмад |

Таъкид мекунем, ки дар шиноснома бандаки изофии –и наояд хубтар аст. Масалан Саидои Асрор набошад, балки Саидо Асрор бошад, беҳтар аст. Зеро бандаки изофиро ғайр аз тоҷикон дигар миллатҳо намефаҳманд, аз ин рӯ номи Саидоро Саидои гуфта, мехонанд.

Ҳоло ки лоиҳаи Қонун дар Маҷлиси Олӣ тасдиқ нашудааст, чанд пешниҳод доштам.

1. Ба тазъиқу фишори беруна ва манқуртони дохилӣ нигоҳ накарда, кӯшиш ба харҷ бояд дод, ки моддае бо номи забони муошират ворид нагардад;

2. Дар боби 5, ки Забони номгузорӣ ном дорад, чунин ҷумла илова шавад: «Насаб, ном ва номи падари ҳар шаҳрванди Тоҷикистон аз рӯи насабсозии тоҷикона сурат гирад». Тарзи якхелаи насабсозӣ бошад, аз тарафи Ҳукумат тасдиқ шуда, ба шӯъбаҳои марбута равон карда шавад.

Дар ин ҷо суоле меафтад, ки онҳое, ки аз замони шӯравӣ бо фамилияи – ов, -ев ва номи падар бо –ович ва –евич омадаанд, чӣ кор кунанд? Ғайр аз ин онҳо ду ё се ҳуҷҷат доранд. Ҷавоби ин хеле содда аст. Онҳо дар фамилия ба ҷои –ов, –еви русӣ –ён, - гони тоҷикиро иваз карда, аз номи падар –евичро мепартоянд ва танҳо шиноснома ё паспорташонро иваз мекунанд, кифоя аст. Барои ҳуҷҷатҳои дигар

билети ҳарбӣ, дипломҳо ва ғ. танҳо як тасдиқномаи шӯъбаи шиносномадиҳӣ кифоя аст. Матни тасдиқнома тахминан чунин бошад:

Тасдиқнома

Бинобар талаботи Қонуни забони ҷумҳурӣ ному насаби шаҳрванд Хизиров Саидасрор Воҳидович ба ному насаби тоҷиконаи Хизириён Саидасрор Воҳид иваз карда шуд. Аз ин рӯ дар ҳуҷҷатҳои боқимонда насаби Хизиров Саидасрор Воҳидович чун Хизириён Саидасрор Воҳид пазируфта шавад.

Тасдиқ мекунам шӯъбаи шиносномадиҳии ноҳияи Сино

Имзо мӯҳр

**«СССР»\ 30.07.2009**

*Ба пешвози Рӯзи забон 5-уми Октябр*

## SOS: Насаби тоҷикӣ аз байн меравад!!!

*Ду монеа дар хориҷу дохили кишвар:*

*Якум. Як дӯстам аз Русия занг зад, ки бинобар сабаби насаби тоҷикӣ доштанаш ӯро аз яке аз корхонаҳои шаҳри Маскав пеш намуданд. Ӯ бошад, эътироз намудааст, ки барои чӣ Ҷугашвилӣ, Мкртчян, Шеварднадзе барин номҳо гузашта, ҳатто ба вазифаҳои баланд расидаанду Сафарзода намегузаштааст. Чиновники рус дар ҷавоб хомӯш мондааст.*

*Дуввум. Рӯзноманигори ҳафтаномаи ДМТ «Ба қуллаҳои дониш» Илҳомҷон барои гирифтани шаҳодатномаи таваллуд барои писараш рафтааст. Ҳарчанд кӯшидааст, ки барои фарзандаш насаби тоҷикӣ гирад, кормандони шӯъбаи бақайдгирии шаҳрвандии яке аз ноҳияҳои пойтахт ба ӯ шаҳдатнома бо насаби тоҷикӣ надодаанд ва гуфтаанд, ки танҳо бо фамилияи русӣ медиҳанд. Илҳом норизо баргашта, дигар шаҳодатнома ҳам нагирифтааст.*

Мутаассифона, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатӣ» дар боби 5, ки Забони номгузорӣ ном дорад, дар мавриди ному насаб ишорае нест. Бояд гуфт, ки дар «Қонуни забон»-и аввалӣ ин банд вуҷуд дошт. Чунончи дар Боби 7, банди дуюми моддаи 31 мехонем: «Гражданинҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳақ доранд, ки мувофиқи анъанаҳои миллии худ ном дошта бошанд. Онҳо метавонанд, ки ном, номи падар ва фамилияи худро мувофиқи имлои забони модарӣ нависанд».

Баъди ин дар рӯзномаҳои даврӣ перомуни фомилсозӣ ё насабсозии тоҷикӣ баҳсу мунозираҳо зиёд шуданд. Тарзи фомилсозиро ҳар кас ҳар гуна пешниҳод мекард. Ҳатто баъзеҳо то 17-18 намуди насабсозии тоҷикиро пешниҳод намуданд, ки ростӣ ин зиёдаравӣ дар гунасозии насаби тоҷикӣ таъсири манфӣ расонд, ки имрӯз зарари онро мо дида истодаем.

Камина низ дар яке аз шумораҳои «Ҷумҳурият» аз 10.05.2007 ва ҳафтаномаи «Тоҷикистон» аз 27.04.2007 дар мавриди роҳи осонтарини тоҷикӣ намудани ҳуҷҷатҳо ва фомилсозии ягона пешниҳоде доштем, ки танҳо аз тарафи баъзе рӯзноманигорон дастгирӣ ёфту халос. Аз ин рӯ пешниҳод доштам, ки ба қонуни забон тағйироти мавриди зикрро даровараа, ба МН МО ҶТ пешниҳод намоянд. Хуб мешуд чунин тағйиротро Кумитаи забон ва истилоҳот ба Ҳукумат пешниҳод мекард. Ба фикри мо ин банд зарур ва ҳатмӣ аст. Мо кишвари соҳибистиқлолем. Ва бояд насабномаи аҷдодиро эҳё намуда, онро дар шакли якхела ва ягона дар зеҳни ҳамсоягону умуман ҷаҳониён бишнонем, то ки минбаъд моро аз насабамон низ шиносанд.

Лекин чӣ гуна насаб, ин баҳси алоҳида аст. Чуноне ки гуфтем, намудҳои гуногуни насаби тоҷикиро пешниҳод карданд, ки дар натиҷа дар ҳуҷҷатгузории тоҷикон як харҷумарҷ ва бесарусомонӣ ба миён омад. Зимнан то имрӯз баъзеҳо насабро аз номи падар фарқ накардаанд. Насаб ин номи хонаводагӣ ё номи оила аст. Номи оила ё хонаводаи тоҷик аз қадим бо пасванди ҷамъбандӣ сохта мешуд. Дар замони шӯравӣ низ мо баъди пасванди русии –ев боз ҳамон пасванди ҷамъбандиро илова мекардем ва номи оила месохтем, мисли оилаи Ғаниевҳо, Саидовҳо Сафаровҳо. Яъне он –ев, ки бегона буд, дар насабсозии мо мавкеъ пайдо накард, ки боз –ҳои тоҷикиро илова кардем. Албатта ин –ҳо дар замони шӯравӣ расм шуда буд. Аммо аз қадим тоҷикон бо пасванди ҷамъбандии –он (гунаҳояш –ён, -вон, гон) насаб ё номи хонавода месохтанд.

**Чун Тоҷикистон давлати тозабунёд аст, аз ин рӯ пешниҳод доштам, ки насаби якхела ҷорӣ гардад. Аз пасвандҳои мавҷуда танҳо як пасванд интихоб шавад. Ба чанд далел**:

1. Тамоми ҳуҷҷатҳои мо аз шаҳодатномаи таваллуд сар карда, то журнали синфиву анкетаву ҳоказо аз рӯи нақшаи ФИО (Фамилия, Имя, Отчество) тартиб дода шудааст. Ана ҳамин се ҷузъ дар

насабнома бояд риоя шавад. Ҳоло муаллимон ҳайронанд, ки дар аввал номро нависанд, номи падар ё насабро.

2. Харҷумарҷ рафъ шуда, насабсозӣ ба сомон меояд.

3. Намунаи ягонаи он ба шӯъбаҳои шиносномадиҳӣ равон шуда, ҳама якхела хоҳанд навишт.

Тоҷикон аз қадим Насаби худро бо пасванди ҷамъбандии –он месохтанд, мисли Зангаи Шоварон, Гударзи Кашводагон, Қорани Ковиён, Сосониён, Саффориён, Сомониён, Ғуриён ва ғ. Байни Саидзодагону Ализодагон шаҷараи авлодӣ расм буд, ки то имрӯз аз он бо ифтихор ёд мекунанд. Ба ин номҳо диққат диҳед: Айнӣ, Турсунзода, Улуғзода, Олимпур, Ҳаким Карим ва ғ. инҳо ҳамагӣ тахаллус ё номи падаранд вале насаб буда наметавонанд, танҳо баъди пасванди -он гирифтан он номи хонавода ё оила мешаванд. Аз ин рӯ насаби тоҷикӣ бояд ҷиддӣ, якхела ва расмӣ-ҳуқуқӣ бошад, то ки минбаъд насли оянда ба нофаҳмиҳову саргумиҳо наравад.

Азбаски ба мо таъсири ҳамсоягон, махсусан русҳо зиёд аст ва русҳо садоноки о-ро а мехонанд, пасванди мо шакли –янро гирифта, ба арманҳо монанд мешавад, ки ин ташвишеро дар шуури мо ба бор овардааст. Яъне, агар насаби ман Шарифиён бошад, дар талаффузи русӣ Шарифиян мешавад, ки бегона ба гӯш мерасад. Мо медонем, ки арманиҳо ин пасвандро аз эрониҳо гирифтаанд. Яъне боз монеа аз ин ҷо эҷод мешавад. Ба фикри мо аз ин чиз тарсидан даркор нест, Муҳимаш ин ки Насабномаи ягонаи аҷдодии тоҷикӣ эҳё гардад!

Ҳамин тариқ, чунин шакли насабсозии тоҷикиро аз рӯи нақшаи ФИО тавсия медиҳем:

| Сомониён | Исмоил | Аҳмад |
|---|---|---|
| *Насаб* | *ном* | *Номи падар* |
| Вализодагон | Сафар | Саидалӣ |

Таъкид мекунем, ки дар насабномаи тоҷикӣ бандаки изофии -и набошад. Зеро миллатҳои дигар бандаки изофиро намефаҳманд, аз ин рӯ масалан Шоҳрухи Ғаффорро «Шоҳрухи» гуфта мехонанд.

Мушкилоти дигар ин ҳуҷҷатҳои дар хориҷ гирифташудаи замони шӯравӣ аст. Оё ҳамаи ин ҳуҷҷатҳоро шахс имкони иваз кардан дорад? ҷавоб медиҳем, ки роҳи ҳалли он осон аст. Ин ҳуҷатҳоро иваз кардан ҳеҷ ҳоҷат надорад, фақат ШКД, ки шиносномаи тоҷикӣ медиҳад, бояд як маълумотнома ё тасдиқномае диҳанд, ки мувофиқи он аз

фалон рӯз дар шиносномаҳои тоҷикон тағйирот ба амал омада, пасвандҳои русии –ев ва –евич партофта шуда, ба ҷои он пасванди -он қабул шудааст. Ҳамин тасдиқнома дар шиноснома гузошта мешавад ва зарурати иваз намудани ҳуҷҷатҳои дигар намемонад, зеро тасдиқнома худ ифодагари тағйири ном аст. Баъди 20-30 сол ин мушкилот аз байн меравад.

Масалан, агар дар тамоми ҳуҷҷатҳо Шарифов Неъмат Файзович рафта бошад, дар шиносномаи нав чунин шаклро мегирад:

Шарифиён Неъмат Файз

Дар гуфтугӯ бошад, барои эҳтиром мӯҳтарам Неъмати Файз ё Неъмат Шарифӣ гуфта мешавад, вале дар ҳуҷҷат шарт нест, услуби гуфтугӯӣ ё бадеии шоирона, тахаллусу лақаб дохил шавад. Мисли Хатлонӣ ё Хистеварзӣ ё Саломдухту Ҳикматпур, Ваҳобниё. Ҳуҷҷат хусусияти ҳуқуқӣ ва расмӣ дорад, аз ин рӯ бояд орӣ аз эҳсосоти дигар бошад. Онҳое, ки ба чунин номгузорӣ шавқ доранд, бигузор дар китоби ашъор ё ҳикояҳошон ё номи мақолаашон ин номҳоро гузоранд, вале дар ҳуҷҷат бояд ягонагӣ риоя шавад.

Онҳое, ки номашон бо садонок ба охир мерасад, мисли Сафо, Сайидо, Сабза, Айнӣ барои равонии он аз усули классикӣ – бобоӣ истифода карда, дар байни ду садонок ҳарфи зинат ё ҷузъи зода илова намудан ба мақсад мувофиқ аст. Мисли Сафовиён, Сафоиён, Сайидиён, Сабзазодагон ё Айнизодагон. Баъзан номҳои мураккаб, ки аз чанд реша иборатанд, дар охир пасванди тоҷикӣ гиранд, ғайриоддӣ ба гӯш мерасанд. Мисли Камолиддиниён, Маҳмадшарифиён. Ва ҳаргиз нагӯед, ки ғайриоддӣ аст. Дар замони шӯравӣ номҳоямонро бо туфу пуф сохта одат кардему, акнун ба номҳои бобоӣ одат намекунем? зеро вожа ҳамон вақт ба гӯш менишинад, ки агар дар истифода қарор бигирад.

Пешниҳоди дигари мо зарурати эҷоди Тафсири мукаммали Қонун «Дар бораи забони давлатӣ» мебошад, ки дар он дар баробари шарҳи дигар бандҳо масъалаи насабсозии забони тоҷикӣ бояд пурра шарҳ дода шавад.

Бо мақсади беҳбудии кор ва нияти хайр!

**«СССР»\7.10.2010**

## Тоҷикӣ бесоҳиб нест!

***Кам одамон ҳис намуданд, ки бо ҷорӣ гаштани як фармони Президент як вожаи аслии тоҷикӣ эҳё гашту дар қатори ҳазорҳо***

***вожагони серистифода қарор гирифт. Ин вожаи <u>фурӯзонак</u> мебошад. Кош, чунин фармонҳои тоҷикона зиёд мешуданду вожаҳои асили тоҷикӣ зинда!***

## Алҳазар аз иқтибосу муқтабасҳо!

Борҳо шунидаем, ки дар фазои забонии мо як навъ бесоҳибӣ ҳукмфармост. Кадом калимае хоҳ арабӣ бошад, хоҳ туркӣ ва ё русиву аврупоӣ ба ин фазои бедарвоза ворид мешаваду мавриди истифода қарор мегирад. Ҷои вожаи аслии тоҷикиро танг карда, оқибат ба масали «муши беруна муши дарунаро аз хона бадар месозад» чун хоҷаи комилҳуқуқ ҳукумат меронад. Агар бовар надоред, як ба нутқи худ аз тарафе истода, назар дӯзед, манзараи даҳшатнокеро мебинед. Зеро дар муддати солҳо он қадар калимаҳои хориҷӣ ва бегона, ки илман онро калимаҳои иқтибосӣ номидаем, ба забон ворид шудаанд, ки дар ин анбӯҳи бегонагон вожагони аслии форсии тоҷикӣ аҳён – аҳён ба чашм мехӯранд. Масалан, аз салом, алайк, хайр, мактаб, қалам, дафтар, муаллим сар карда, то даруни хона, подъезд, квартира, вана, балкон, телевизор ва ғайраву ҳоказо вожаҳои арабиву русиянд, ки дар гуфтугӯ ва баъзан дар адабиёти хаттӣ пурра хӯҷаини истифодаанд.

Солҳои шӯравӣ бо ифтихор мегуфтем, ки як роҳи инкишофи забон ин вожаҳои иқтибосиянд, вале нагуфтем, ки чӣ қадар ва чанд адад вожаи бегона забонро инкишоф медиҳанд. Дар ин инкишофкашфкуниҳо он қадар ба ғафлат рафтем ва бехабар мондем, ки агар ҳамин тавр рафтан гирад, нишоне аз вожаҳои асил намемонад. Агар вожаи аслӣ нест, пас забон нест. Чун забони тоҷикӣ нест, пас вожаҳои тоҷику тоҷикистонӣ зери суол қарор мегирад. Ана акнун фаҳмидед, оқибати ногувору даҳшати онро? Барои ҳамин тезиси машҳури замони шӯравӣ «калимаҳои иқтибосӣ забонро инкишоф медиҳанд»-ро, ки имрӯз ҳам баъзе муаллимони фориғбол такрор дар дарсҳо мегӯянд, баръакс карда мегӯем: **«Вожаҳои бегона ва иқтибосӣ забонро ба нестӣ мебаранд! Калимаҳои бегона чун заҳрпечак дар гандумзор вожагони худиро ҷабида, оҳиста-оҳиста ҷои онҳоро соҳибӣ мекунанд. Алҳазар, аз калимаҳои иқтибосӣ!».**

Пешниҳод доштам, ки тарғиби вожаҳои бегона куллан бас карда шавад. Ба ҷои он вожаҳои худӣ тарғиб (реклама) шаванд!

## Тарғиб ё рекламаи вожаҳои тоҷикӣ

Шикоят мекунем, ки мо вожаҳои тоҷикиро намефаҳмем. Ё ки ба ҷои калимаи бегона вожаи тоҷикиеро пешиниҳод кунанд, баҳона меорем, ки «незвучит!». О бародарон, агар вожаи тоҷикиро истифода накунем, агар талаффузи он дар гӯш нанишинад, агар сохту сурати он дар чашм нанишинад, албатта, «незвучит!». Барои он ки вожаи аслии тоҷикӣ дар чашм омӯхта шавад, дар гӯш шинос шавад ва дар забон нишинад, чунин амалҳо ҳатмиянд:

1. Тарғиботи ашё, чизҳо, дар навиштаҷоту овезаҳо пурра ба забони тоҷикӣ бошад, масалан ба ҷои кондитсионер насимафкан, ба ҷои вентеляция ва вентилятор вожаҳои бодгузар ва шамолдеҳаки халқӣ навишта шаванд ва ғ.;

2. Дар кумитаи гумрук гӯшаи забон ташкил карда шавад, то ки тамоми ашёе, ки аз хориҷ вориди Тоҷикистон мешаванд, ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда, бо тамғаи тоҷикӣ вориди мамлакат шаванд, то ки калимаҳои тангему ҷинлупӣ (айнан дар талаффуз) ва ғ. ворид нашаванд.

3. Аз давлатҳои ҳамзабони Афғонистон ва Эрон вожаҳои аслии дарии тоҷикиро омӯхта, қабул намудан фақат бурди забон аст. Масалан ба ҷои технология фановарӣ, компютер роёна ва ғ.

4. Дар болои биноҳо номи муассиса, идора ташкилот бо ҳарфҳои калонтар аз қисмати русӣ бошад, то ки дар чашм шинад. Ва одамон ба гуфтану дидани вожаи тоҷикӣ одат кунанд.

Тасаввур кунед, ки дар болои биное бо ҳарфҳои калон ба ҷои мактаби арабӣ дабиристони тоҷикӣ навишта шавад, ҳама мегӯем: мо дабиристон меравем!!! Ана ҳамин тавр, як вожаи аслӣ зинда мешавад!

## Забони тоҷикӣ намемирад!!!

Бисёр суол медиҳанд, ки забонҳо мемиранд, оё забони тоҷикӣ дар ин ҷаҳонишавӣ (ба ҷои глобализация) маҳв мешавад? Ба ин савол мо бо итминони комил мегӯем, ки НЕ. Чаро? Зеро мо ду бародари бузурги ҳамзабон дорем ва дар чунин як минтақаи бузурги ҷуғрофӣ чун ангуштони як мушт муттакои якдигарем.

Забон низ мисли одам аз узвҳо иборат аст, мисли исм – сар, сифат – рангу қиёфа, шумораву ҷонишин – дасту по, ҳиссаҳои ёридиҳанда – мӯю нохуну гӯшт ва феъл ҷони забон аст. Агар ба таркиби луғавии забон диққат диҳем, аз қабули вожаҳои юнониву арабиву муғуливу туркиву русӣ бештар сари забон, яъне исм, осеб дид. Яъне ба забони тоҷикӣ бештар исмҳои бегона ворид шуданд ва дар муддати чанд садсола забони тоҷикӣ чандин бор тағйири сару сурат намуд, аммо рӯҳи он асил боқӣ монд, яъне феъл ба тағйироти кул дучор нашуд, ки ин хушбахтӣ аст.

## Ҳуҷуми Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ

Акнун мо дар ҳамсоягии давлати пуриқтидори Чин зиндагӣ дорем. Ворид шудани иқтибосоти нав аз ин ҳамсояи аз ҷиҳати иқтисодӣ пурқувват хавфи бузургеро ба миён овардааст. Ин хавф аз ҳуҷуми Яъҷуҷу Маъҷуҷ камтар нест. Барои пешгирии ин истилоҳоти бегона садди искеандарӣ бояд гузошт. Қонунҳои мавҷуда бояд тавре қабул гарданд, ки чун садди Искандар моро аз ҳуҷуми Яъҷуҷу Маъҷуҷ муҳофизат намоянд.

## Аз Фаронса ибрат гиред!

Дар Фаронса агар мабодо дар маҷалла ё рӯзномае ягон вожаи бегонаро ба кор баранд, ҳатман мавриди пурсиш ва сарзаниши кумитаи истилоҳоти кишвар мегарданд. Аз ин рӯ дар мо низ кумитаи истилоҳотро ҷонноктару пурзӯртар гардонидан зарур аст, то ки дарвозаҳои забонии кишвар ба рӯи вожагони бегона билкул баста гардад.

Албатта, он вожаҳое, ки арабиянду ҳазор сол аст дар истифодаанд ва ба ақидаи устод Айнӣ онҳо аллакай тоҷикӣ шудаанд, бигузор бошанд. Вале онҳо чун сабақи таърих бояд пеши рӯ гузошта шаванд, то ки минбаъд чунин иқтибосот дар забони ноби тоҷикӣ ворид нашаванд. Ва онҳо бигузор охирин бошанд.

Ёд дорам, соли 1985 муаллиме вориди синфхона гашту муждаи перестройкаи горбачёвиро дод ва гуфт: - имрӯз ба забони тоҷикӣ вожаи нав ворид шуд – перестройка. Ва таъкид кард, ки касе ҳақ надорад ин вожаи бузурги руси кабирро тарҷума кунад. Вале ҳама шоҳиданд, ки перестройкаро ду навъ тарҷума карданд – азнавсозӣ, бозсозӣ. Мешудаст-ку!

## Саҳми ҷаҳоннамо

Дар байни васоити ахбори омма дар тарғиби вожаҳои аслии тоҷикӣ саҳми симо ё ҷаҳоннамо аз дигарон бештар аст. Тасаввур кунед, агар дар намоиши «Лаҳзаҳои гуворо» ҳунарпеша ба ҷои «даҳсикунда гап задан» даҳсониягӣ мегуфт, ба гӯши аҳолии 7-миллионнафара як вожаи нисбатан тоҷикӣ менишаст ва бовар кунед, ҳам тамошобин механдиду ҳам хизмате ба забони модарӣ мешуд. Ё ки ба ҷои **кастинг** номи барнома вожаи тоҷикии **кӣ беҳтар ё озмун** ё чизи дигари ба ҳамин монанди тоҷикӣ гузошта мешуд, хело беҳтар мебуд. Чун забони тоҷикӣ хело бой ва сермуродиф аст ва ҳаргиз нагӯед, ки инҳо он маъниро дода наметавонанд ё «незвучит». Шумо як бор ба самъи одамон расонед, бовар кунед, баъд мебинед, ки чи гуна «звучит».

Дар маҷлисе устоди чашмтанге мегуфт, ки «аз ҳамин донишҷӯву донишгоҳ дида студенту университет беҳтар буд. Дигаре мехост исбот намояд, ки истилоҳоти русӣ тарҷуманашавандаанд. Вале мо мегӯем, ки мо тарҷума кардем, шууud! Ҳеҷ гап не, оҳиста- оҳиста ба тоҷикӣ одат мекунед, рафиқони тангбин.

## Сарқонунро аз қавс озод кунед!

Бисёр мехостем, ки вожаи тоҷикии Сарқонун дар аввал гузошта шавад ва вожаи Конститутсия дар қавсайн. Номи дарвозаҳои шаҳр, ки аэропорту автовокзаланд бо номҳои аслии тоҷикии фурудгоҳу саристгоҳ иваз карда шаванд ва ҳаргиз нагӯед, ки фурудгоҳ пурра маънои аэропортро дода наметавонад. Зеро шарт нест, ки истилоҳ сад фоиз маъноро диҳад. Агар бист ё сӣ фоиз маъниро ифода кунад, кифоя аст. Масалан, маънии аслии вагон аробача аст. Агар мо ҳозир вагонро

аробача номем, эътироз сар мешавад, зеро мо дар ботини худ бегонапарварем ва калимаҳои худиро қишлоқӣ меҳисобем. Ё ки маънои луғавии файл қавм ё қабила аст. Чунин мисолҳо хело зиёданд. Фақат ба калимаҳои худӣ имконият (шанс) додан даркор, то ки ба гӯшу чашм омӯхта шаванд ва дар забон ҷорӣ.

## Ҳама бояд саҳм гиранд!

Вожаи дирам сад сол дар истифода набуд, бо ҷорӣ шудани пули миллӣ он эҳё гашт. Агар дар баробари вожаи **барқ**и арабӣ аз эҷодиёти Рӯдакӣ вожаи зебои тоҷикии **озарахш (ба маънии электричество)** зинда мешуд, хело хуб мешуд. Ё ба ҷои **вирус заҳр**у ба ҷои **антивирус позаҳр гуфтан** касеро заҳрнок намекунад. Ё ки дар баъзе ҷоҳо қаймоқро рӯширӣ ва тоҷикони Бойсун қаймоқро ширбаст мегӯянд, агар Корхонаи шири пойтахт ба ҷои сметан рӯширӣ ё ширбастро истифода мекарду менавишт, беҳтар мебуд. Ё сметан «бомаззатар» аст? Агар дар номгӯи хӯрокҳои тарабхонаву ошхонаҳо номҳои тоҷикӣ гузошта мешуданду дар қавс шакли аслиашон, оҳиста-оҳиста вожаҳои тоҷикӣ ба чашму гӯшу забони омма медаромад ва бовар кунед, тамъи хӯрокҳо дучанд мешуд, ки кам не. Масалан, ба ҷои **салат нугул**, ки дар лаҳҷаи ҷануб маъмул аст, дар паҳлуи хӯриши умумӣ ҳеҷ бадӣ надорад. Ё ба ҷои супити мо калима ё ибораи мувофиқ надорем? Дорем, фақат хоҳиш даркор. Ё ҳамин чхамбилиро мурғшурбо гӯем, намешавад? Мешавад, фақат…

## Роҳҳои инкишофи забон

Маршруткаҳои тамғаи Газелро ҳама медонанд. Аммо ин газел ҳамон ғизол (оҳу)-и тоҷикӣ аст, кам касон воқифанд. Мо низ иқтисодиёти бой дошта бошему маҳсулоти худро номи тоҷикӣ гузорем, вожаҳои тоҷикӣ зинда ва серистифода хоҳанд шуд. Тасаввур кунед, мо корхонаи истеҳсоли хома (ручка) дошта бошем, ё корхонаи дучархаБарориро бо ҳамин ном гузорем, ин номҳо зинда шуда, дар забон ҷорӣ мегарданд. Яъне, як роҳи пеш бурдану тараққӣ додани забон ин **иқтисодиёт** аст, ки мамолики дигар аллакай пурра аз он истифода мекунанд.

Роҳи дигари тараққӣ додани забон ин **сиёсат** аст, ки он дар ҷои аввал меистад. Сиёсати давлати имрӯзаи мо нисбат ба забон хеле мусоид аст. Эълон намудани соли забон, такмилу таҳияи Қонуни забон, ташкили Кумитаи истилоҳот, саъю кӯшиши Сарвари давлат дар мавриди эҳтирому бузургдошти забон, ҷорӣ намудани имтиҳоноти хаттӣ дар тамоми муассисаҳои таълимотӣ ва ғ. бар ин гуфтаҳо гувоҳанд. Яъне, барои пешравию тараққӣ додани забон давлат шароит муҳайё намудааст. Хулоса, забони зиндаи халқ ҳаст, давлат ҳаст, Қонуни забон ҳаст (шукр!) ва бо имони комил мегӯем, ки Забон соҳиб

дорад, фақат онро аз унсурҳои бегона муҳофизат намудану инкишоф додан вазифаи ҳар як тоҷикистонӣ мебошад.

**«СССР»\ 25.06.2009**

## Гурез аз форсӣ ин гурез аз худ аст

Ҳафтаномаҳои ҷорӣ ниҳоят ташаббус ва тасмимоти арзандаеро роҳандозӣ намуда, баҳри мушкилоти забони тоҷикӣ ва имлову дигар паҳлуҳои он донишмандонро ба баҳси воқеан илмӣ даъват намудаанд, ки воқеан шоистаи дастгирист. Баъди мутолиаи мақолаи Зафар Мирзоён «Гурез аз форсӣ - нотавонии тоҷикӣ» азми мо қавитар гашт, ки чизе перомуни мушкилоти имло ва забони имрӯза бинависем. Бале, дар баҳси воқеан илмӣ ҳар нукта беғаразона, аз дидгоҳи илмӣ мавриди баҳс бояд матраҳ шавад ва касе ҳақ надорад, ки ҷониби муқобилро санг бизанад ва ило илм мавқеъ ва манфиаташро гум мекунад. Шунида тавонистани фикри муқобил ин худ ҳунари бузург аст. Вале мутаассифона, дар мавридҳои зиёд мо фақат гӯш ба амри дили худ намуда, фикри дигаронро пазируфтан он тараф истад, шунидан намехоҳем. Бисёр вақт мақолаҳоро нахонда, танҳо аз сарлавҳаҳо баҳогузорӣ менамоем, ба умқи андешаҳои муаллиф сарфаҳм нарафта, ба мисли фатвогари мутаассиб ӯро кофари илм ҳукм мекунем.

### Табдили алифбо – муваққатӣ!

Нахуст суханро дар мавриди табдили алифбо, ки соли 1929 сурат гирифт, оғоз намуда, диққати хонандаро ба як чиз равона месозем. Ин рӯҳияи мардуми он давра аст. Яъне, як бор алифбои арабиасоси форсии тоҷикӣ – хатти 1400 – солаамон ба хатти лотинӣ иваз шуд. Олимону шоирон ва умуман мардум ин амрро муваққатӣ медонистанд ва он ҳукуматро низ ва мегуфтанд, ки ин хатти арабӣ имону исломи мост ва мо ҳатман ба он боз хоҳем гашт. Чун даҳ сол баъд хатти лотинӣ ба кириллӣ иваз шуд, ин рӯҳия дар дили мардум қавитар гашт. Азбаски мардум дар зери ин рӯҳия алифбои навро қабул намуда буданд, ҳар «кашфиёте», ки дар мавриди ин хатту имло карданд, муваққат ҳисобиданд, чун муваққат ҳисобиданд, он қадар дар мавриди ҳарфҳое аз қабили у ва ӯ (ба ҷои вови маҷҳулу маъруфу замма), и ва ӣ (ба ҷои йо ва касраву ҳамза), ъ ё сакта (ба ҷои ъайну ҳамза) ҷудову якҷо навиштани калимаҳо ва ғ. диққати ҷиддӣ надоданд. Чун мутмаин буданд, ки ин хат муваққат аст, ва як рӯз не як рӯз ба хатти ниёгон бозхоҳанд гашт. Ҳар тоҷики бонангу ор ба фишору таҳдидҳои ҳокимони вақт нигоҳ накарда, нахуст фарзандашро алифбои ниёгон меомӯхт ва меомӯзад ва ҳамеша дар гӯши ӯ садо мекунад, ки ин хатти бобоҳои мост, ин хатти Рӯдакиву Фирдавсист, онро бояд ёд гирифт. Ин ҳама гуфтаҳо далел бар муваққатӣ будани хатти кириллӣ дар рӯҳияи мо тоҷикон буд. Воқеан, соли 1991 муваққатӣ будани ҳукумати шӯро маълум шуд, ҳарчанд ин муваққат ба дарозо кашид.

1920+71= се насли мухталиф

Бале, орзу ба дарозо кашид – аз соли 1929 то соли 1991, яъне 62 сол. Дар ин 62 сол (як умри одамӣ) он насле, ки умеди баргаштан ба хатти ниёгонро дошт, орзуву армони худро ба гӯр бурд.

Дар ин миён се насл боқӣ монд:

1. Насле, ки хуну гӯшту пӯсташ дар идеяҳои ленинӣ пӯхта расидааст. Ба инҳо гапи навро гуфтан баробар аст ба муҳорибаи сахт;

2. Насли миёна, ки охирҳои ҳукумати шӯроҳоро дидаанду мазаи онро чашидаанд. Инҳо ду гурӯҳанд: а) огаҳ ва омӯзандаву равшанфикр; б) ноогаҳ ва манқурт (мутаассифона онҳо зиёдтаранд);

3. Насли нави бепарво ва гаправ, ки ба ҳар идея гӯш дода, дар миёна ҳайрон мекалаванд ва намедонанд, ки ба кӣ бовар кунанд ва аз пайи кӣ раванд.

Албатта, тасмимоти бузурги ҳукумат дар мавриди ҷашнгирӣ ва бузургдошти Имоми Аъзам ва дигар бузургонамон барои ин наслҳо аҳамияти муҳим дорад, вале нобуди хатти бобоӣ ва канишу фосилаи ин 71 соли ахир кори худро кайҳо анҷом додааст.

**Хатти ниёгон 100 млн хонанда дорад**!

Воқеан, ҳар чи зудтар ба хатти бобоӣ баргаштан ин амалӣ шудани армонҳои чандинсолаи ин миллати ҷафокашида аст. Пешниҳод доштам, ки дар Тоҷикистон сараввал ду хат ҳам кириллӣ ва ҳам форсӣ баробар ҷорӣ бошанд. Дар мактабҳо чанд фан аз ҷумла адабиёт, таърих ва ягон фанни дигар аз синфи як то даҳ пурра ба хатти ниёгон гузаранд. Тасаввур кунед, агар масалан як китоби Ҷаноби Олиро ба хатти кириллӣ чоп кунем, он 7 млн хонанда дораду агар бо хатти форсӣ чоп кунем, зиёда аз 100 млн. Бубин тафовути роҳ аз куҷост то ба куҷо. Киштии кайҳонии Эрон ба осмон рафту мо ҳанӯз дар ҳамон ақидаем, ки хатти арабӣ пеши роҳи тараққиётро мегирад. Майдони фаъолияти хатти арабӣ дар ВАО ва интернет аз кирилии мо фарохтар аст, ки ҷои баҳс нест.

**Ташдид – чаро дуто?**

Ташдид, мушаддад, шиддатнок вожаҳои ҳамреша буда, чи дар мактаби миёна ва чи макотиби олӣ барои тадриси он соатҳо ҷудо шудааст. Арабҳо ташдидро ду ҳарф наменависанд. Онҳо бо аломати махсус дар болои ҳарф ишораи[93] монда, дар навиштҳои маъмулӣ ва ҳаррӯза дигар онро ҳатто наменависанд. Яъне ба хотир мегиранд, ки ин вожа дар фалон ҳарф ташдид дорад. Вале нишон надодани он ғалат ҳисобида намешавад. Дар дастхатҳои арабиву форсӣ аломати ташдид дар баробари ҳаракатҳои зеру забар ё фатҳаву касраву замма дар болои ҳарфҳо ҷой гирифта, дигар навиштанаш дар қатори ин аломот зарурӣ нест. Ин ҳаракату аломот фақат дар Қуръон ба хотири беғалат хондан сахт риоя мешавад. Мо ба хатти кириллӣ гузаштему чӣ кор кардем? Аз таҷрибаи хатти 1400-солаамон - алифбои бобоӣ истифода

накардем. Яъне, метавонистем бо аломате ё ишорате дар болои ҳарфи мушаддад иктифо карда, насли ояндаро аз як мушкилот ва дардисарӣ озод мекардем.

Мақсад бо ишорае соқит намудани дутонависии бемаврид аст. Вале на ишорае, ки ҳатмӣ бошад ва дарди сари нав ба бор орад. Шумо як бор ба талаффузи атрофиёнатон диққат диҳед, ҳеҷ кас худро маҷбур карда, ташдид намегузорад, вале дар навишт ин амри зарурист. **Мо бояд калимаҳои хориҷиро ба талаффузи худамон мувофиқ карда нависем (ақидаи аксар забоншиносон)**, зеро яке аз шартҳои асосии имло ин талаффуз аст.

**Музаффар ё Музафар ?**

Як дӯсти арабшиносам бо номи Музаффар, ки чандин сол дар мамолики араб буд, гуфт, ки ҳеҷ кас маро мисли арабҳо Музаффар (зада дар а-и якум ва ф-и мушаддад) намегӯяд, вале дӯстони арабам маро ҳамин тавр бо зада ва ташдиди махсуси худашон фарёд мекунанд. Аммо хонавода ва тамоми дӯстони тоҷикам маро Музафар (беташдид ва зада дар охир!) овоз мекунанд.

Ин устод дуруст мушоҳида намудаанд. Чун задаи исмҳои тоҷикӣ дар охир аст, задаи арабӣ дар талаффузи тоҷикӣ мешиканад ва ҳеҷ ҳоҷат ба ташдид намемонад. Баъди ин ман диққат додам ба вожаҳои аслии тоҷикӣ, ки ташдид доранд: арра, барра, латта, пашша, калла, салла. Зимнан ҳар ҳарферо метавон ташдид гузошт: компютерр, харр, саффед, хонна. Ин маҷбурсозӣ аст. Ва фикр мекунам овозҳое, ки ба таъбири забоншиносон роғанд, яъне дароз талаффуз мешаванд мисли с, ш, ф, з ва ғ. чун дарозталаффузанд, ҳеҷ ҳоҷат ба ташдиди маҷбурӣ надоранд. Зимнан ҳамсадои р худ ларзон аст ва дар ташкилёбии он забон худ камаш се бор меларзад, аз ин рӯ ҳоҷат ба ташдид надорад. Яъне ташдиди р забонро бояд 6-8 бор ларзонад, ки зарур нест. Солҳост, ки забоншиносон баҳс доранд, ки содда дуруст аст ё сода, оддӣ ё одӣ, хоса ё хосса, ҳамма ё ҳама ва ғ.

Худ қазоват кунед, ки муаллим маҷбур аст барои ба хонанда ё донишҷӯ фаҳмонидани ташдид ба қолабҳои калимоти арабӣ рӯй биёрад. Масалан: қолаби фаъол – Саттор, Даҷҷол, қассоб; қолаби тафаъул- табассум, ташаккур, тараддуд; қолаби муфаъал – муқаддас, мураккаб, мушаххас; муфаъил – муаллим, муҳаррир, мусаввир ва ғ. Албатта, ин ҳама омӯзиш барои дарси фанни забони арабӣ бениҳоят хуб аст, аммо бо ишораи ташдид, на дуто навиштани он. Ҳарчанд, ки мо устодон дастурҳои таълимие бо номҳои «Луғатномаи Ӯ» ва «Имлои вожаҳои ташдиддор» тартиб дода бошем ҳам, чун қоидаҳои нахуст ҷоришуда асоси илмӣ надоранд, ба дарди донишҷӯёни насли нав намехӯранд. Ин аст, ки ҳангоми навиштани иншо аксар баҳои қаноатбахш намегиранд.

**Ҷудо нависем ё якҷо?**

Масъалаи дигар ҷудо ва якҷо навиштани калимоти мураккаб ва таркибист. Зимнан ин ду истилоҳ мураккаб ва таркибӣ ҳамреша буда, (ниг. ба луғатҳои арабӣ), аз феъли ракиба – савор шудан бар болои чизе пайдоиш доранд. Аъроб дар рикоби як вожа вожаи дигареро чун ду савора дар як маркаб тасаввур намуда, мураккабун ва таркибиюнро ба маънои сохташуда истифода мебаранд. Яъне се истилоҳ – сохта, мураккаб, таркибӣ як маъно доранд – сохташуда. Забоншиносони мо низ аз ин ду калимаи ҳамреша ду истилоҳро ном гузошта, қоидаи ҷудонависӣ (яъне калимаҳои таркибӣ) ва якҷоянависӣ (яъне мураккаб)-ро ба забон ва имло дохил намуданд. Имрӯз дар натиҷа вожаҳои тумтароқе аз қабили сангиосиётарош (се реша), занбӯрисалпарвар (се-то), рӯймолбасар (низ се-то) ва ғ пайдо шуданд. Агар мо аз қоидаҳои хатти ниёгон, аз ҷумла ҳарфҳои муттасила ва мунфасила, якҷояву ҷудо навиштани вожаҳои дурешадор истифода мекардем, дар сари мардум ин ду қоидаи сохтаву бофтаро бор намекардем. Зимнан калимаҳоро хоҳ ҷудо нависем, хоҳ якҷоя, маъно аз матн бармеояд (манзур вожаҳои се решадор аст) ва чун таҷрибаи хатти ниёгон бояд беташвиш аз ҷудову якҷоя навиштананашон наҳаросем. Ба ибораҳои зерин диққат диҳед: духтари рӯймолбасар. Акнун бояд мо задаи алоҳида гузорему муайян кунем, ки кадом ҷузъ бояд ҷудо навишта шаваду кадомаш якҷо, дар сурате, ки муайянкунанда тафсил ёфтан мегирад: духтари рӯймоли сурхбарсар, духтари рӯймоли сурхи ҷигарӣ барсар, духтари рӯймоли сурхи ҷигарии зарҳалӣ барсар ва ғ. Акнун ёбеду гиред, ки кадомашро ҷудо нависему кадомашро якҷо. Қоидаи имло (с.1998) инро муайян накардааст. Агар мо мавзӯи мураккабу таркибиро ин қадар сохтакорона илм намекардем, ин мушкилот ҳалли худро меёфт. Дар калимаҳои гунаи боло бигузор ду ҷузъи охир якҷо навишта шаванду дигараш ҷудо. Мисли ҳамин марди ҷомадор, марди ҷомаи беқасабдор, марди ҷомаи беқасаби пахтадор; марди занбӯрпарвар, марди занбӯри асалпарвар, устои сангтарош, устои санги осиётарош; Яъне, асоси феълӣ танҳо калимаи охирро бо худ гирад, кифоя аст. Дар мавриди зерин бошад, ҷудо нависем беҳтар аст: марди нав омада, марди нав аз дар даромада, марди нав аз дар давида даромада. Шарт нест, ин қадар калимаҳоро бордор кардану сеошёнаву чорошёна кардан. Пас хуб мешуд, ки умуман ҳар се истилоҳ ҳам сохта ва ҳам мураккабу таркибӣ бо як ном (сохта) ифода мешуд.

**Имлои осон – роҳати пиру ҷавон!**

Баъзе устодон иброз медоранд, ки имлоро ин қадар сабуку осон накунед, бигузор бачаҳо фикр кунанд, майна об кунанд, бо ин роҳ майнаи бача инкишоф меёбад. Вале ба фикри мо, хуб мешуд донишҷӯён атрофи масъалаҳои муҳимтаре аз қабили эҷодкорона навиштани иншо, ифода карда тавонистани эҳсосоти ботинӣ дар

иншо, ҷумлаҳои солиму услубан беғалат ва дигар масъалаҳои умда майна об мекарданд, на дар атрофи он ки буйи хуш хатча дорад ё не ва барои ин луғат кобанд. Дар сурате, ки бӯи хуш хоҳ хатча дошта бошад хоҳ надошта бошад, заррае бӯяш кам намегардад. Баръакс чунин фикркуниҳо дониши хонандаи имрӯзаи моро ба дигар тараф бурда, аз дарки масъалаи асосӣ фаротар мекашад.

**«Боргоҳи сухан»/ 7.01.2010**

# Ҷилави вожаҳои бегонаро кӣ мегирад?

Вожаҳои бегона чун заҳрпечак дар гандумзор вожаҳои худиро фурӯ мебаранд. Дар аввал гӯё онҳо чун меҳмон соҳибэҳтироманд, вале оҳиста – оҳиста ин меҳмонони нохонда соҳибхонаро аз хонааш зада, комилан ҷои ӯро соҳиб мешаванд. Бале, мо бояд воридшавии вожаҳои ба истилоҳ иқтибосиро, ки дар назар ноаён асрҳо боз вожаҳои аслиро берун намуда, хуҷаинӣ доранд, маҳз чунин мушаххас ба қалам диҳем. То ки ин тоҷики фориғбол бо чашми ақл зарари онҳоро, на танҳо ҳис кунад, балки пешорӯ бубинад.

## Аз калимоти арабӣ дигар ҷудоӣ нест

Вожаҳои арабӣ 1400 сол боз ҳамроҳ бо дини мубини ислом ва Қуръон дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо ворид шудаанд. Дигар мо мактабу қаламу дафтару салому алайк ва ҳазорон калимоти дигари арабиро, ки дар хуну гӯшту пусту имони мо реша давондаанд, бегона намедонем. Ва ба ақидаи устод Айнӣ онҳоро тоҷикӣ кардан ҳоҷат надорад. **Аммо он бояд чун сабақи таърих ҳушдоре бошад ба ҳар соҳибватан, ки зиёд ворид шудани вожаҳои аҷнабӣ забонро ба нестӣ мебарад. Забон, ки аз байн рафт, як пояи асосии давлат аз байн бурда мешавад.**

**Забон - чаро моддаи 2?**

Барои ҳамин баъди муқаррар намудани сохти давлат (яъне моддаи 1) забон дар моддаи 2-юми Сарқонун омадааст, на дар моддаҳои даҳуму садум. Маҳз муҳим будани онро ба инобат гирифта, дар сарқонунҳои тамоми давлатҳо забон дар ҷои асосӣ гузошта шудааст. Зеро номи давлат аз номи забон ва қавми он гузошта шудааст. Бубинед: забони қирғизӣ – Қирғизистон, забони англисӣ – Англия ва мисли ҳамин забони тоҷикӣ – Тоҷикистон.

## Забони великий рус

Дар 60-70 соли замони шӯравӣ он қадар вожаҳои русӣ ба забони тоҷикӣ зада даромаданд, ки чунин суръатро дар 1400 соли пештар мушоҳида накарда будем. Бо баҳонаҳои гуногун бузургону нависандагони моро аз истифодаи вожаҳои аслӣ манъ мефармуданд. Таънаву маломат мекарданд ва ҳатто душмани халқ низ мегуфтанд. Як эроди Бектош ба асарҳои устод Айнӣ ҳамин буд, ки Айнӣ қасдан вожаҳои русиро истифода намебарад. Таъсири ин эродҳо буданд, ки устод минбаъд ба ҷои инқилоб револютсия, ба ҷои ноҳия район, ба

ҷои истеъдод талант ва мисли ҳамин калимаҳои русиро истифода бурдааст. Дар ҳаёти ҳаррӯзаи мо аз ашёҳои хона сар карда, то дигар вожаҳои гуфтугӯӣ он қадар калимаҳои русӣ дар истифодаанд, ки миқдорашро касе ҳисоб накардааст. Як бор ба худ суол диҳед, ки дар ҳаёти ҳаррӯза шумо квартира мегӯед ё хона, ванна мегӯед ё ҳаммом, умивалник мегӯед ё ташт, столу стул мегӯед ё мизу курсӣ, вилкаву лапотка мегӯед ё шохинчаву каҷбел ва ғ.

## Меъёри истилоҳ – роҳи воридшавии вожаҳои бегона

Баҳонаи дигар меъёри истилоҳ аст, ки ин меъёрро бояд ҳама риоя мекард. Яъне як меъёри истилоҳ ин аст, ки он тарҷума намешавад. Ана, ҳамин меъёр роҳи васеъ кушод ба калимаҳои хориҷӣ, ки ба майдони сухани ноби тоҷикӣ ворид гарданд ва ҷои вожаҳои худиро ба тадриҷ танг карда гиранд. Аммо ба миён омадани луғатҳои зиёди касбӣ-соҳавӣ гувоҳ бар бепоя будани ин меъёр гашт. Яъне, истилоҳ тарҷума мешавад ва дигар чун замони шӯравӣ тарҷумаи вожаҳои великий рус гуноҳ нест. Гарчанде он аз забони Ленини Кабир бошад ҳам. Акнун ин забон он қадар хатар эҷод намекунад, ки вожаҳои англисиву франсавӣ ва чинӣ бо баҳонаҳои гуногун эҷод кардан доранд.

## Меваҳои замони истиқлолро ҳифз кунем!

Бубинед, дар замони худшиносӣ вожаҳои донишгоҳ (университет), пажӯҳишгоҳ (институт), донишҷӯ (студент), дафтарчаи имтиҳонӣ (зачётка), додгоҳ (суд), додситону додситонӣ (прокурору прокуратура), парванда (дело) ва ғайраву ҳоказо чун меваҳои дарахти истиқлол қисме ба бор омаданду қисме хушк шуданд. Чӣ шудааст ба ҳамватани мо, ки парвои забони миллат надорад ва вожаи аслиро чашми дидан. Ва вожаҳои бегонаро чун меҳмони қадрдон ҳурмат кардан дорад. Ва сарқонуни тоҷикиро дар қавсайн мегираду конститутсияи хориҷиро бологузар мекунад. Фурудгоҳи тоҷикиро меканаду аэропорти хориҷиро мечаспонад. Аз вожаи зебои тоҷикии донишкада ор дораду аз факултети хориҷӣ фахр. Бехабар аз он, ки 40-50 фоизи нутқи мо арабӣ ва сиву чили дигараш русиву туркиву муғулӣ гашта. Дар ин миён чӣ мемонад? – нақли Мушфиқиву Хоҷа Аҳрори Валӣ!

Ба донишомӯзон супориш диҳед, ки ҷумлае дарозтар (на сода) соф аз вожаҳои аслии тоҷикӣ созед. Оё чунин ҷумла сохта метавонанд? Агар тавонанд, эй басо ҷумлаи нодир хоҳад буд. Агар ҳол чунин фориғболона идома ёбад, баъди даҳсолаҳо ҷумлаҳои тоҷикӣ чӣ, ки вожаҳои тоҷикӣ ба нӯги сӯзан аз вайронаҳои Афросиёбу аз харсанги Бесутун ҷустуҷӯ хоҳанд шуд.

## Чаро ба Эрон бе тарҷумон меравем?

Эрону Афғонистону Тоҷикистон муттакои якдигаранд дар мавриди муҳофизати вожаҳои аслии форсии дарии тоҷикӣ. Ҳоло ҳам баъзе бехабарон бе тарҷумон ба Эрону Афғонистон сафар доранду бо

бародари эронӣ муошират мекунанд ва фикри якдигарро мефаҳманд ва боз исбот карданӣ мешаванд, ки забони форсӣ дигар асту тоҷикӣ дигар. Онҳо мехоҳанд фарқ гузоранд, байни ду миллати ҳамзабону ҳамдин. Оё мешавад, ки девонҳои Ҳофизу Саъдӣ ва Хоҷа Камолу Рӯдакиро чанд забон гуфт? Чӣ некӯст агар мо вожаҳои зебои ҳамдигариро мавриди истифодаи умум қарор бидиҳем ва дар эҳёи вожаҳои фаромӯшшудаву қадимаи худ саҳм бигирем. Агар ба ҷои компютер – роёна, ба ҷои технология фановарӣ, ба ҷои мактабу таълиму тарбияи арабӣ – дабиристону омӯзишу парвариш ҷорӣ гардад, фақат бурди забони тоҷикӣ аст.

## Ҳуҷуми вожаҳои бегона

Имрӯзҳо низоми нави таълимие бо номи «низоми кредитӣ» чун талаботи стандарти байналмилалӣ ба зуҳур омадааст. Ин ҷо дар мавриди ба бисёр талаботҳову психологияи донишҷӯёну муаллимони мо мувофиқ набудани ин низом гап намезанем. Гап сари ҳуҷуми зиёди калимаҳои аҷнабӣ меравад. Тоҷикони аз сиёсати шӯравӣ берунҷаста, ширинкома аз шаҳди истиқлол чанд вожаи русиро хуни дил шуда, нав тоҷикӣ карда буданд, ки ҳуҷуми навбатӣ сар шуд: кредит, силлабус, рейтинг, бал, эдвайзер, тест. Гӯё мо ҳарф надошта бошем, ки саволгузории тестӣ бо ҳуруфи англисӣ – А, В, С, Д сурат мегирад. Агар мо тестро саволнома ном гузорему ҳарфҳои тоҷикии А, Б, В, Г, Ғ гузорем, осмон омада ба замин мечаспад? Ё ки зада – зада нав кураторро роҳбари синф ном гузошта, одат карда будем, ки боз ин эдвайзераш пайдо шуд. Агар мо ҳамин эдвайзерро роҳбари синф гӯем, стандарти байналмилалӣ халалдор мешавад? – не, ин ҷо фақат ҳисси миллӣ забонпарварӣ (он чизе, ки ба аксари мо намерасад!) лозим аст. Мисли ҳамин вожаҳои мониторингу менеҷеру маркетинг ва ғ. чун лашкари мӯру малах ҳуҷум кардан доранд. Пеши роҳи онҳоро кӣ бояд гирад? Кумитаи истилоҳот? Комиссияи татбиқи Қонуни забон? Вазорати маориф? Ё ҳар се!

## Кредитӣ ё вомдорӣ?

Пешниҳод доштам, ки Кумитаи истилоҳот фаъолтару пурқувваттар карда шавад, то ки мисли як низоми қудратӣ тавонад истилоҳоти аслии тоҷикиро дар тамоми ташкилотҳову муассисаҳо ҷорӣ кунад ва ҳуқуқи ҷазо додану ҳукм карданро дошта бошад. Ва ҳарчи тезтар дар тамоми донишгоҳҳо **низоми кредитӣ низоми вомдорӣ** номгузорӣ шуда, вожаҳои боқимонда пурра тоҷикӣ карда шаванд вагарна фардо дер хоҳад шуд.

**«СССР»\28.10.2009**

# НБО ё НОБ

Имрӯзҳо чун сухан аз Нерӯгоҳи обии барқии Роғун меравад, дар ҳар кӯю барзан ин ибора чи пурра ва чи дар шакли ихтисориаш сари

забонҳост. Агар хато накунем, чандин маротиба дар ВАО таъкид шуда буд, ки шакли НОБ саҳеҳтар аз НБО аст. Аммо афсӯс, ки қариб дар ҳама навиштаҳои ба он мансуб шакли НБО гузошта шудааст, ки ислоҳи он саривақтист. Мо бар тақвияти ин фикр чанд далел меорем, ки шояд ба манфиати кор бошад.

**Нахуст**, аз ҷиҳати талаффузи равону осон беҳтар аст, ки вожаҳо аз рӯи вожасозии ҳиҷоӣ сохта шаванд. Яъне, як ҳамсадо як садонок, як ҳамсадо як садонок ва мисли ҳамин. Таърихан ташкили ҳиҷоҳо ба ин тарз ба як амри зарурӣ табдил ёфта буд, ки ин амр асрҳо боз лафзи дариро чун суруд ба гӯшҳо фораму гуворо гардонидааст. Аз ин рӯ дар ҳиҷоҳои тоҷикӣ ду ҳамсадо пайи ҳам хеле кам буда, се ҳамсадои пайиҳам тамоман нест (назири ҳиҷои Маркс). Аз ин сабаб шакли НОБ беҳтар аст.

**Дуввум**, аз ҷиҳати маъно низ шакли мазкур мувофиқ аст. Зеро аввал об бояд бошад, ки нерӯгоҳро ба кор дарорад ва баъд барқ ҳосил кунад. Аз ин рӯ шакли НОБ аз ҷиҳати маъно мувофиқ аст.

**Саввум**, шакли пурраи ГЭС гидроэлектростансия аст, ки об (гидро) пеш аз электр омадааст, аз ин рӯ агар айнан тарҷума кунем, НОБ мувофиқ аст.

**Чаҳорум**, шакли НБО дар талаффуз чунин аст: ЭНБЕО. Яъне ҳарфи аввал эн талаффуз мешавад, ки дар забони тоҷикӣ чунин номи ҳарф нест ва он ҳанӯз соли 1998 дар қатори ҳарфҳои эл, эм, эр, эс табдил ба ле, ме, не, ре шуда, бо қарори Ҳукумат таҳти рақами 355 тасдиқ шудааст ва касе неро эн гӯяд, ғалат аст. Шакли НБО (дар талаффуз ЭНБЕО) талаффузи русӣ буда, бояд НЕБЕО талаффуз шавад, ки ду бор не ва бе инкорро мефаҳмонад, аз ин рӯ дағал ва гӯшхарош ба гӯш мерасад, аз ин сабаб шакли НОБ беҳтар аст.

**Панҷум**, бояд гуфт, ки вожаи ҳамшакли он ноб баромади таърихӣ дошта, майи ноб маънии майи софу тоза ва пурқувватро дорад. Аз ин рӯ НОБ рамзӣ буда, маънии қуввату нерӯро комилтар мегардонад.

Дар баробари ин вожаҳои марбут ба барқ ва асбобу ашёи барқӣ, ки дар гуфтугӯ истифода мешаванд, аксар ба забони русӣ буда, забони ноби тоҷикиро халалдор месозанд, мисли включател, разведка, трансформатор, индикатор, рубилник, вилка, выпрамител, трайник, генератор, движок ва ғ.

Акнун, ки мо чун кишвари соҳибистиқлол худ соҳиби нерӯгоҳҳои бузург мегардем ва онро бо дасти худ месозем, бояд ин вожагон ҳамагӣ тоҷикӣ гардонида шаванд. Аз ин пас Тоҷикистонро дар ҷаҳон чун кишвари пуриқтидори содиркунандаи барқ хоҳанд шинохт. Бингаред, дар тамоми дунё маҳсулоти истеҳсолкардаи худро бо забони модарии худ номгузорӣ мекунанд. Агар имрӯз, саривақт ин вожагонро тоҷикӣ накунем, фардо дигар ин ҳама вожаҳои хориҷӣ забони моро ба як забони сохтаи аз ҳар ҷо ҷамъкарда мубаддал мегардонанд.

Нахуст чӣ кор бояд кард? Аввал ин вожаҳоро ба забони модарӣ бояд баргардонд. Ва муҳимтар аз ҳама вожаҳои тоҷикӣ бояд ба чашму гӯшу забон нишинанд, яъне чашму гӯшу забони мо бояд ба тоҷикӣ омӯхта шавад. Дар ин кор нақши ВАО хеле муҳим аст. Бубинед 20 сол пеш ҳама ГЭС мегуфтем, акнун НОБ-и тоҷикӣ ва як сол пеш лампочка мегуфтем, акнун фурӯзонак дар чашму гӯшу забони мо нашастааст, ки ин мусоидати сиёсати давлат ва нақши ВАО-ст.

Дар ин шабу рӯз таъсиси Кумитаи забон ва истилоҳот ва бар сари кор омадани забоншиноси варзида ва устоди мо дар соҳаи таърихи забон Додихудо Саймуддинов айни муддаост. Бошад, ки ин забони ба ҳуҷуми мӯрумалахвори аҷнабиён дучоргашта, аз умқи таърих бо бадани пурҷароҳат то имрӯз расидаислоҳу даво ёбад ва аз калимоти бегона тоза гардад. Агар имрӯз тоза нагардад, пас ҳеҷ вақт тоза нахоҳад гашт. Албатта, ин кор ниҳоят мушкил аст. Дар ин ҷода ҳама устодони соҳибтахассус ва махсусан устодони фанҳои забону адабиётро лозим меояд, ки дар ёфтану ба омма расонидани вожаҳои аслӣ ба кумитаи истилоҳот ёрӣ расонанд. Зеро ин забон мисли баҳр аст ва мутаассифона вожаҳои аслии тоҷикӣ чун дур зери ин мавҷҳои пурталотуманд ва ғаввоси ошномоҳир мебояд, ки ин гавҳарҳои пурқимати зери баҳрро ба омма расонад. Дар аввал барои омӯхта шудани чашму гӯш вожаи навпайдои тоҷикиро ёфта, дар қавсайн гуна (вариант)-и русиашро то як муддати муайян овардан аз аҳамият холӣ нест.

Ин амалро на аз рӯи таҷрибаи корхонаи шир бояд анҷом дод. Корхонаи шири пойтахт маҳсулоти корхонаро аз рӯи диди хеш номгузорӣ карда, дар фаҳми мардум вобаста ба нарху навои ҳархелаи маҳсулот нодурустфаҳмиҳо эҷод кардааст. Ҳол он ки агар бо маслиҳати забоншиносе ё бо кумитаи истилоҳоти пештара амал мекард, чунин нофаҳмиҳо намешуд. Масалан аз рӯи диди масъулони ин корхона сметан дигар асту қаймоқ дигар, кефир дигар асту ҷурғот дигар, зеро нархҳояшон гуногунанд. Ҳол он ки дар луғатҳо ин вожаҳо таҷумаи якдигаранд. Агар маҳсулот аз рӯйи сифат фарқ дошта бошанд, масъулин бояд аз рӯи таҷрибаи ҷаҳонӣ кор мегирифтанд. Чунончи ҷурғот 1, ҷурғот 2 ё қаймоқ 1, қаймоқ 2, ширбаст 1 ширбаст 2 ва мисли ҳамин. Агар чунин мекарданд, барои забони модарӣ ва давлатӣ хизмат мекарданд ва маъниро қурбони сифати маҳсулот намекарданд ва дар баробари вожаҳои зебои тоҷикӣ вожаҳои бегонаро дар зеҳни мардум намешинонданд. Зимнан, ҳамон творогро чакаву сири русиро панир гӯему номгузорӣ кунем, маззааш бештар мешавад, ки кам не. Бубинед, дуғоб алакай дар зеҳни мардум нишастааст.

Бале, иқтисодиёт метавонад вожаҳои аслии тоҷикиро дар зеҳни мардум биншонад ва дар маҷмӯъ забонро ба пеш бубарад. Агар дар

ошхонаҳо номи хӯрокҳо аз қабили бифштекс, чхамбили, супити, пити, гуляш ва ғ. тоҷикӣ навишта шаванду инҳо то одат намудани мизоҷон дар қавс оварда шаванд, вожаҳои тоҷикии ҳалол мизу дастурхони моро зеб хоҳанд дод. Бовар кунед, ин вожаҳои аҷнабӣ, ки мо онҳоро ин қадар бологузар мекунем, он қадар маънои чуқуру олӣ (чуноне ки мо фикр мекунем) надоранд. Масалан мегӯянд ҳамин хотдог маънии **саги гарм**ро дорад. Наход ҳамин шаурма ва гамбургери дағали хориҷӣ аз вожаҳои зебои тоҷикӣ дида авлотар бошанд? Инҳоро дар маркази пойтахт ҳар чи тезтар бояд тоҷикӣ намуд. Бовар кунед, агар дар навиштаҷоту номгузории ин ақвот (на авқот) тоҷикӣ риоя шавад, лафзи тоҷикӣ зиндаву ҷорӣ мегардад на лафзи ким-кадом истилогаре.

Пешниҳод доштам, ки Кумитаи забон ва истилоҳот дар якҷоягӣ бо телевизион барномаҳои мустақим ташкил кунанд ва вожаҳои алоҳидаро ба баҳс бигузоранд, барои тарҷумаи беҳтарини вожаҳо ва ёфтани калимаи хубу маънирас мукофотҳо эълон кунанд. Тавассути телефонҳо дар бозиҳои калимаёбак тамоми мардум иштирок кунанд. Дар ин сурат мо беҳтарин луғатҳоро аз лаҳҷаҳои гуногуни ҷумҳурӣ дастраси омма карда метавонем.

Дар ин росто такя намудан ба ҳамзабонони хеш - Эрону Афғонистон фақат ва фақат ба фоидаи забон аст. Бештарини вожаҳои хориҷӣ аллакай гунаи форсии дарии тоҷикии хешро ёфтаанд. Дар ин миқёси аз ҷиҳати ҷуғрофию аҳолӣ (глобалӣ) бузург вожаҳои аслӣ мавриди истифодаи зиёда аз сад миллион нафар форсизабонон гаштаанд, ки нодида гирифтани он ҳеҷ мумкин нест..

Дар замони шӯравӣ чӣ қадар вожаҳо бо баҳонаи илму техника ба забон тарҷума нашуда, айнан дар шакли русиашон ворид шуданд. Он замонҳо тасаввурнопазир буд самолётро ҳавопаймо ё тайёра, вертолётро чархбол, поездро қатора, университетро донишгоҳ тарҷума кардан. Лекин мешудааст-ку! Ҳоло баъзеҳо ақида доранд, ки низоми таълимии вомдорӣ (кредитӣ) ва даҳҳо истилоҳоти ҳамроҳовардааш бояд тарҷума нашаванд, зеро стандарти байналмилалӣ вайрон мешавад. Агар чунин аст, пас вой бар ҳоли забон. Ва боз кӣ кафолат медиҳад, ки чӣ қадар вожаҳои хориҷӣ марзи забониро убур намекунанд?

Ҳазор сол пеш аз Рӯдакӣ Доро мегуфт: Адам даряваш хшаяся хшаясянам (ман Доро шоҳ, шоҳи шоҳон – катибаи кӯҳи Бесутун) ва Рӯдакӣ онро мефаҳмид? – албатта, не. Ва Рӯдакӣ мегуфт: Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ. Ҳазор сол баъди Рӯдакӣ онро хонданду фаҳмиданд. Яъне то Рӯдакӣ забон он қадар тағйир ёфту дигар шуд, ки он забони тамоман нофаҳмо ё мурда маҳсуб мешавад. Аммо дар муддати баъд аз ҳазор соли ӯ забон қариб, ки бетағйир мондааст. Ин ниҳоят хуб аст, ин бузургӣ ва тавонмандии забон аст баъд аз Рӯдакӣ. Акнун баъд аз мо чӣ мешавад, Худо медонад.

Агар мо бетараф бошем, агар ҳар фарди миллатдӯст дифоъ аз ҳар вожаи аслии тоҷикӣ накунад, пас аз чанд садсола шеъри Рӯдакиву Фирдавсиро наслҳои оянда бо луғат хоҳанд хонд. Ва ҳам Бозору Лоиқро.

**«СССР»\29.12.09**

## НОБ басе хубтар аз НБО-ст!

*Дар мақолаи «НБО ё НОБ», ки дар нашрияҳои «СССР» (29.12.09) ва «Боргоҳи сухан» (14.01.10) чоп шуда буд, дар хусуси бартариҳои НОБ аз НБО дар 5 маврид гуфта будем. Вале баъзе вокунишҳо дар мавриди кадом шакл дуруст будан моро водор сохт, ки ба ин масъала бозгардем. Аслан мо чунин одат дорем, ки маънии якумро дарёфта, маънии дуюмро ноогаҳона ва бе таҳлили дурусти илмӣ барҳам мезанем, ҳол он ки муродифот хоси забони мост. Мо мехостем, фикри худро дар мавриди саҳеҳ ё дурустии вожа ҳам аз нигоҳи равониву содагӣ ва ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам аз диди тарҷумаи гидроэлектростансия баён дошта бошем. Баъди ин чандин мақолаҳо ба миён омаданд, ки баҳсро дар атрофи ин ду ибора ба миён овnarданд. Ин хеле хуб аст, зеро ҳақиқат зодаи баҳс аст. Ва баҳси воқеан илмӣ (на ғаразнок) метавонад шакли дурусти вожа ё ибораро ба хонандагон ва ҷомеа пешкаш намояд. Ва бо эҳтиром аз афкори муқобил ба ҳамаи он касоне, ки дар ин баҳс иштирок намуданд ва бетараф набуданд, изҳори ташаккур мекунем, зеро онҳо вокуниш нишон дода, моро ба фикр кардан водор намуданд, то ин навишта тавлид ёфт.*

### Аз нигоҳи ибораорой

Аз нигоҳи иборасозӣ шакли Нерӯгоҳи обии барқӣ беғалат аст. Зеро нерӯгоҳ ҷузъи асосӣ, яъне муайяншаванда буда, муайянкунандаҳои тавсифӣ метавонанд тафсил ёбанд. Мисли хонаи кушоди баланди барҳаво, духтари рӯймолдори қоматбаланди атласпӯш ва ғ. Дар ин мисолҳо калимаҳои хона ва духтар муайяншаванда буда, ҷузъи асосӣ ҳисоб мешаванд ва ҷузъҳои боқимонда муайянкунанда ё ҷузъи тобеанд ва ҷузъҳои тобеъ метавонанд дигар шаванд ё тафсил ёбанд. Баъзеҳо ақида доранд, ки ибораи «нерӯгоҳи барқ» ҷузъи асосист. Дар ибораҳо ду калимаи ба воситаи бандаки изофӣ алоқамандро наметавон ҷузъи асосӣ номид. Ҷузъи асосӣ калимаи воҳид бояд бошад. Яъне нерӯгоҳи барқ (электростансия) ду ҷузъ аст, на як ҷузъи том. Агар мо ҷузъи асосиро аз ду калима иборат донем, дар иборасозӣ харҷумарҷ ба вуҷуд омада,

ниҳоят баҳсҳои беҳуда ба миён меоянд. Аз ин нуқтаи назар дар ибораи тафсилии нерӯгоҳи барқи обӣ ё нерӯгоҳи обии барқӣ нерӯгоҳ ҷузъи асосӣ аст, на нерӯгоҳи барқ. Масалан гап дар бораи рӯймол бошад, барои мақсади худ ибораи «духтари рӯймолдори зебои қоматбаланд»-ро ба ҷузъҳо ҷудо намуда, қисмати духтари рӯймолдорро ҷузъи асосӣ гӯем, фақат барои он ки гап дар бораи рӯймол меравад, ин иборасозӣ неву маънибозӣ мешавад, аз ин рӯ ҷузъи асосӣ ё муайяншаванда як калима боқӣ монад, беҳтар аст.

**Забонро маҳдуд накунеем!**

Ибораи «чойники барқӣ» ибораи дуруст аст, зеро онро барқ ба кор медарорад ва об меҷӯшад. Аммо нерӯгоҳӣ обиро об ба кор медарорад. Агар нерӯгоҳи барқӣ гӯем, чунин ба назар мерасад, ки аввал муҳаррике (движок) онро ба кор медарорад ва ҳамин тавр тавассути ин муҳаррик нерӯгоҳ нерӯ мегирад. Зимнан чунин нерӯгоҳҳо ҳастанд ва шакли нерӯгоҳи барқӣ низ дар ифодаи маънои боло беғалат аст, вале маънои нерӯгоҳи обиро дода наметавонад. Аз ин рӯ баъди вожаи нерӯгоҳ омадани муайянкунандаи обӣ маъноро комил мегардонад. Худи вожаи нерӯгоҳ дар худ барқро гунҷондааст ва дар ин ибора зикри вожаи барқ он қадар зарур нест ва агар зарур бошад, дар охир баъди вожаи обӣ биояд, ҳеҷ зараре ба маънӣ намерасад. Ва низ орӣ аз ҳама калкаҳо (тарҷумаҳои маҷбурӣ) тоҷикона бигӯем, ки нерӯгоҳи Норак ва нерӯгоҳи Роғун ё Сангтӯда бе зикри обу барқ ҳамон маънии ГЭС фаҳмида мешавад. Фақат забонро маҳдуд накунеем.

**Барқ ё барқӣ?**

Баъзеҳо ақида доранд, ки ибораи нерӯгоҳи барқӣ ғалат аст ва онро бояд **нерӯгоҳи барқ** гуфт. Ин ақида низ маҳдудсозии забон аст. Аз пасванди -ӣ тарсидан даркор нест. Пасванди -ӣ сервазифа аст, онро танҳо ба маънии аз чӣ сохта шудан фаҳмидан маҳдудсозии ин пасванд аст. Масалан, дар ибораҳои бели чӯбӣ ё дари оҳанӣ пасванди -ӣ аз чӣ сохта шудани бел ва дарро фаҳмонад, дар ибораҳои мизи корӣ (аз барои кор), меҳри бародарӣ (мисли бародар), давраи кӯдакӣ (мансуб ба замон) ва соати дастӣ ё деворӣ (мансуб ба макон) маъниҳои гуногунро дар ибора ба вуҷуд овардааст. Аз ин рӯ баъди барқ пасванди –ӣ гузоштан танҳо маънои аз барқ сохта шуданро намедиҳад, он мефаҳмонад, ки дар ин ҷо барқ нисбият дорад.

Муҳимаш дар ин ибора баъди нерўгоҳ муайян намудани муайянкунандаи ба маъно наздик буд, на пурра ғайриилмӣ барҳам задани он. Дар асл ибораи нерўгоҳи барқӣ (мансуб ба барқ) низ ғалат нест, вале дар нерўгоҳе, ки асоси пайдоиши он об аст ё боду офтоб аст, бояд маънии якум дар ҷои аввал биёяд ва баҳси мо низ сари ин буд.

**Аз ҷиҳати маъно**

Агар ҷузъи об, ки муайнкунанда аст, ҳеҷ аҳамияте надошта бошад, пас дар он миёни кўҳсор сохтмончиён чӣ кор мекунанд? Ва чӣ ҳоҷат аст ба бардоштани девори баланду ҷамъоварии об. Раванд дар паҳндаште онро бароҳат бисозанд. Вале ҳаргиз ин тавр нест. Ин нерўгоҳе, ки мо сохта истодаем, бо об пайдо мешавад ва генераторҳои онро об ба кор медарорад аз ин рў он нерўгоҳи обӣ аст, пагоҳ шояд бо боду атому офтоб нерўгоҳҳо сохта шаванд ва ҳар кадоми он номи худро мегиранд. Мисли нерўгоҳи бодӣ, нерўгоҳи атомӣ (ҳастаӣ), нерўгоҳи офтобӣ. Шояд баъзеи ин ибораҳо муайянкунандаҳо гиранд. Ё Худо кунаду мо ду нерўгоҳи офтобӣ яке хурду яке бузург бисозем ва онҳоро дар алоҳидагӣ чунин биномем: нерўгоҳи офтобии калони барқӣ, нерўгоҳи офтобии хурди барқӣ. Албатта, ин мисол аст ва мисолҳо ифодагари онанд, ки муайянкунандаҳо метавонанд тафсил ёбанд ва дар як шакл маҳдуд намемонанд ва сифати нисбии барқӣ чун муайянкунанда дар охир ҳам биёяд маънoро дода метавонад.

**Забон ба касе тобеъ нест**

Аз оҳанги баъзе мақолаҳо чунин хулоса бармеояд, ки дар ҳамаи ҳуҷҷатҳо шакли НБО рафтааст, яъне мо дер кардем. Дигар онро наметавон тағйир дод. Вале забон дерӣ надорад. Муҳимаш он аст, ки наслҳои оянда нагўянд, ки гузаштагони мо чаро шакли дағал ва руситалаффузи ЭНБЕО-ро қабул намуда, дар номгузории ин иншооти бузург ду инкор не ва бе ро ҷой додаанд, яъне НЕБЕО.

Мо наметавонем забонро мувофиқи хоҳиш ва мақсадҳои худамон ба ҳар тараф гардонем. Касе калимаеро маҷбурӣ бар сари дигарон бор карда наметавонад ва забон низ ба касе тобеъ нест. Забон ҳодисаи ҷамъиятист ва он бо ҷамъият пайдо шуда, бо ҷамъият ба пеш меравад.

Боиси хушнудист, ки тамоми шоирон дар шеърҳои ба Роғун бахшидаашон шакли равону гуворои НОБ-ро истифода мебаранд. Ва таърих гувоҳ аст, ки шеър аз наср бештар умр дорад:

НОБ басе хубтар аз ЕНБЕО-ст,

Чун сухани ноб дар ин ҷо гувост.

**«Ба қуллаҳои дониш»\ «6.02.2010**.

## Асос

Асос дар қисмати калимасозӣ омӯхта мешавад. Реша, асос, пасванд, пешванду миёнванд (вандҳо) мавзӯи баҳси калимасозӣ буда, ҳар кадом нақшу мавқеи истифодаи худро доранд. Асос ва реша қисмати маънодори калимаанд ва байни онҳо тафовути чандон ҷиддие нест. Фақат ба хотири фарқ кардан решаро қисмати маънодори калима ва асосро қисмати пеш аз бандак номидаанд. Яъне қисмати пеш аз бандакро, ки аз як ё ду реша ва пасванду пешванд иборат буда метавонад, асос меноманд. Масалан: хонаам, ошхонаамон, ошхоначиамон. Дар мисолҳои овардашуда реша ва пасванд илова шуда бошад ҳам, дар ҳар се мисол қисмати пеш аз бандакҷонишин (-ам, -амон), яъне хона, ошхона ва ошхоначӣ асос ҳисобида мешаванд. Баъзан мутахассисин **асоси калимасоз** гуфта, ҳам реша ва ҳам асосро як чиз меҳисобанд. Дар ин маврид реша ё қисмати маънодори калима гуфтан афзалтар аст. Масалан, дар вожаи мураккаби сартарошхона се реша баробар дар ташкили маъно саҳм доранд ва ҳеҷ як кадомро наметавон асоси калимасоз номид, аз ин рӯ ин қисматҳоро бо номи аслиаш яъне реша ном бурдан авлотар аст. Ва агар вожаи сартарошхона худ қисмати пеш аз бандак бошад, дар маҷмӯъ асос мешавад, чунончи: сартарошхонаи деҳа. Дар ин ҷо –и бандаки изофӣ буда, қисмати пеш аз вай, яъне сартарошхона асос аст. Аз ин ҷо чунин хулоса бармеояд, ки решаву вандҳо дар маҷмӯъ асосро ташкил медиҳанд. Масалан, дар вожаи ҳамдигарфаҳмӣ пешванд, ду реша ва пасванд иштирок намуда, як вожаи нав сохтаанд ва ин вожаи нав чун қисмати пеш аз бандак дар нутқ иштирок намуда, номи асосро мегирад. Яъне асос метавонад ҳам сода бошад ва ҳам сохтаву мураккаб. Зеро он дар иборасозиву ҷумлабандӣ, яъне нутқ ворид шуда, чун асос ба эътибор гирифта мешавад.

## Асоси феълӣ

Феълҳо ду асос доранд:

1. Асоси замони гузаштаи феъл, ки амали ба анҷомрасидаро фаҳмонида, ба шахси сеюми шумораи танҳои сиғаи хабарӣ (вай рафт) баробар аст: рафт, гуфт, шунид, дид, парид, кишт, фурӯхт, сӯхт, ва ғ. Масдар ва сифати феълӣ аз асоси замони гузаштаи феъл пайдо шудаанд: рафтан, дидан, шунида, фурӯхта, диданӣ, гуфтанӣ ва ғ.

2. Асоси замони ҳозира, ки ба феъли фармоиш баробар аст ва онро шартан дар пайравӣ ба замони гузашта номгузорӣ кардаанд. Хуб мешуд онро асоси замони оянда мегуфтанд, зеро амали он ба оянда мансуб аст, на ба ҳозира мисол: хон, бин, рав, гӯй, шунав, шӯй, рӯб, хон. Ҳангоми таълим пеш аз асоси замониояндаи феъл овардани пешванди таъкидии би- ё бу- (бо-и зинат) барои фарқ гузоштани вожаҳои ҳамгун (хон-хон, зан-зан, шӯй-шӯй, хар-хар) аз аҳамият холӣ нест. Чунончи: (би)хар, (би)шӯй, (би)зан, (би)кун, (би)соз, (би)хон ва ғ. Баъзе навъҳои феъли ҳол аз асоси замони ҳозира пайдо шудаанд: (ханда)кунон, (шоди)кунон, (чарх)занон ва ғ.

Фарқи асосҳои феълӣ аз асосҳои қисмати калимасозӣ дар он аст, ки дар асосҳои феълӣ пешванду пасвандҳои феълсоз иштирок намекунанд. Агар онҳо илова шаванд, асоси феълӣ чун асос аз байн меравад. Мисол, вожаҳои намерафтам ва намеравам аз ду пешванд ва бандаки феълӣ иборатанд, ки аз онҳо танҳо решаҳои рафт ва рав асос ҳисобида мешаванду халос. Дар ин ҷо мафҳумҳои реша ва асос бо ҳам баробаранд.

Аз ин нуқтаи назар, дар қисмати калимасозӣ истилоҳи **асос** муҷаддадан хостори тадқиқ аст.

(Ин мақола бо хоҳиши Муаззам Диловаров корманди ЭСТ навишта шуд).

## Табдили алифбо ва тағйироти зиёд дар хат ҳар ду як паёмад дорад!

***Абдулаҳад Нуров як нафар хонандаи доимии СССР ва аспиранти Донишгоҳи омӯзгории ш. Кӯлоб ба мо занг задаву аз он изҳори нигаронӣ мекунад, ки дар шабакаи К+ навиштаанд, ки «олимони тоҷик 4 овози садонок (гласные)-ро аз алифбои кириллӣ мепартоянд». Наход чунин тағйироти ҷиддиро мо аз канали хориҷӣ дарак ёбем, наход Ҳукумат ба ин розӣ шавад. Ана боз сар мешавад саргардониву ҳарфалишкунӣ, ин қадар ҳуҷҷатҳои давлативу шахсиро чи гуна иваз мекунем. Дигар кор надоранд ин олимон?***

Ба фикри мо манзур аз ин чор ҳарфи гуфташуда садонокҳо набуда, ётбарсарҳо мебошад, ки дар мақолаи сарвари Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти АИ ҶТ Сайфиддин Назарзода дар рӯзномаи

«Ҷумҳурият» аз 6-уми ноябр омадааст. Албатта навиштаи сарвари чунин як муассисаи бонуфуз новобаста аз мазмуни он ҳукми қотеъ набуда, танҳо пешниҳод аст ва пешниҳод метавонад қабул шавад ё нашавад.

Мақолаи мазкур аз шарҳи алифбои арабиасоси форсиии тоҷикӣ ва лотинӣ шурӯъ шуда, сипас муаллиф перомуни алифбои кириллии тоҷикӣ таваққуф намудааст. Муаллиф дар ҷадвали пешниҳоднамудаи худ 31 ҳарфро ҷой дода, аз он чор ҳарфи ётбарсарро соқит намудааст. Инчунин дар мавриде ҳамсадои миёнизабонии й-ро, ки пештар «йот» ном дошт, нимсадо ва дар мавриди дигар дар қатори 8 садонок ном мебарад. Дар мақола аниқ гуфта нашудааст, ки онро ба қатори садонокҳо дохил кунем ё ҳамсадоҳо. Зеро дар таълим ин чиз бисёр муҳим аст. Ба ғайр аз ин Сайфиддин Назарзода пешниҳод мекунад, ки минбаъд дар байн ва охир ба ҷои ҳарфи е, ки аз алифбо партофта мешавад, ҳарфи э нависем, мисли мэравад, сэб, бэд, бэл, шанбэ, орэ, рӯзэ.

**Й-и бечора садонок аст ё ҳамсадо**

Дар мавриди нимсадо будани овози й гуфтанием, ки беҳтар аст онро ҳамсадо гӯем, зеро баъзе ҳамсадоҳо хусусияти шунавоӣ ё багӯшрасии худро танҳо бо садонокҳо комил мегардонанд. Масалан ҳамсадоҳои зич, мисли к, г, д, т, б, п танҳо дар сурати баъд аз худ гирифтани овози садонок ба гӯш мерасанд. Чунончи: бе, то, де, ка… талаффуз кунед ва боварӣ ҳосил кунед. Фақат ба ин хотир, ки онҳо бе садонок ба гӯш намерасанд ё талаффузашон ғайриимкон аст, онҳоро бесадо номем? Аз ин рӯ овози й-ро ба қатори ҳамсадоҳо дохил кардан беҳтар аст. Истилоҳи «ҳамсадо», гарчанде ки ин мафҳумро пурра ифода накунад ҳам, қабул шудааст. Ба ғайр аз ин ҳангоми талаффузи овози й ҳавои аз шушбароянда ба монеае, ки байни забон (чуқурча шуда) пайдо мешавад, дучор мешавад ва мувофиқи таърифи савтиётшиносон садонок набуда, хоси ҳамсадо аст ва онро нимсадо гуфтану дар таълим хонандагонро ба иштибоҳ андохтан дуруст нест.

**Яҳё нависем ё Йаҳйо**

Акнун дар хусуси ба ҷойи ётбарсар навиштани ду ҳарф, мисли ба ҷои е навиштани йэ, ба ҷои ё – йо, ю – йу, я – йа ба мо ва умуман ба давлату миллати мо чӣ медиҳад?

Ҳар пешниҳод натиҷае дорад, агар мо онро дар чашми хонандаи имрӯза нишон диҳем, хуб ё бад буданаш аён мегардад. Шумо тасаввур кунед, ки ин пешниҳод гузашт ва аз тарафи Ҳукумат қабул шуд ва минбаъд мо бояд чунин нависем:

**Йаҳйо мэхоҳад, ки Йодгору Йусуф йак мошин сэбро бо йакдигар тақсим кунанд. Сэ соат онҳо, бэ он ки касэ йорӣ расонад, машғули ин кор буданд ва ин шэъри Рӯдакиро пайопай зэри лаб замзама мэкарданд:**

**Бӯи ҷӯи Мӯлийон ойад ҳамэ,**

**Йоди йори мэҳрубон ойад ҳамэ**.

Акнун худ қазоват кунед, ки баъди чунин тағйирот ҷомеаи мо ба чи гуна мушкилот рӯбарӯ мешавад. Чанде аз онро номбар мекунем.

1) Шиору овезаҳо ва номи вазоратҳову корхонаҳои ҷумҳурӣ пурра бояд ба имлои мазкур мутобиқ шаванд, мисли Дастгоҳи Прэзидент, Агентии корупсийа

2) Номи садҳо қонуну санадҳо дигар мешаванд, мисли Конститутсийа ва ғ.

3) Номи шахсон дар ҳуҷҷатҳо дигар мешавад, мисли Йаҳйоэв Мадйор, яъне ҳазорҳо -ев -эв хоҳад шуд.

4) Фарҳангу луғот, маҷаллаву рӯзномаҳо пурра тағйир хоҳанд пазируфт!

Номи шаҳрҳо ҳам тағйир меёбанд, мисли Душанбэ, Панҷакэнт, Восэ…

Акнун иқтисоддоне мебояд, ки барои табдили номи шаҳру қишлоқҳову ва ғайра ҳисоб кунад, ки чӣ қадар маблағ лозим аст. Ва рӯҳшиносе даркор, ки ташхис намояд, ки барои ин ҳама чӣ қадар шахс асабонӣ мешавад ва ба ӯ чӣ қадар зарари рӯҳӣ мерасад.

Ва суоли матраҳ аст, ки ин ҳама ба хотири чӣ?

Ғайр аз ин чунин бо ҳарфҳои алоҳида ифода намудани ҳар овоз хоси алифбои лотинӣ буда, барои хатти кириллӣ хос нест.

**Бояд гӯем, ки бо чунин тағйирот 60 - 70 фоизи зоҳири хатти мо (имлои мо) дигар мешавад, ки ин баробар аст ба як табдили алифбо. Агар чунин тағйироту табдилкунии куллие лозим бошад, пас оё беҳтар нест, ки ба хатти бобоӣ - форсии арабиасос баргардем, чун хатти кириллӣ на ба ҳама савтиёту армонҳои мо мутобиқат дорад? Ба хотири Рӯдакиву Фирдавсиву Румиву Саъдиву Ҳофизу Бедил ва Айнӣ, ки ҳама зодагони ҳамин хатанд, оё баргардиш ба алифбои ниёгон, баргардиш ба**

**асли худ нест. Аз ин рӯ дар хатти кириллии имрӯза тағйироти куллиеро набояд кор гирифт.**

Таърих шоҳид аст, ки дар байни 10 сол (1929-1939) ду бор иваз шудани хат ҷумҳурии моро даҳсолаҳо ё садсолаҳо ба қафо бурд. Ва мо низ ҷонибдори яку якбора иваз шудани алифбо нестем. Мо бояд дар макотиби миёна ва олӣ таълими алифбои ниёгонро бештару беҳтар ба роҳ монем. Гулистонхониву шоҳномахониву мавлавихонӣ (курсҳои махсус) бо хатти ниё пурмаҳсулу сераҳмият аст.

**Пешниҳоди мо**

Бо дарназардошти ҷиҳатҳои иқтисодиву сиёсӣ ва дигар сабабҳо бо тағйироти андак мо ҷонибдори ҳамон тағйироти соли 1998 ҳастем ва дар навбати худ чунин ҷадвали алифборо пешниҳод мекунем:

| Ҳарф | Номи ҳарф | Ҳарф | Номи ҳарф | Ҳарф | Номи ҳарф |
|---|---|---|---|---|---|
| Аа | а | Йй | Йот | Уу | у |
| Бб | бе | Кк | ка | Фф | фе |
| Вв | ве | Ққ | қе | Хх | хе |
| Гг | ге | Лл | ле | Ҳҳ | ҳе |
| Ғғ | ғе | Мм | ме | Чч | че |
| Дд | де | Нн | не | Ҷҷ | ҷе |
| Ее | е | Оо | о | Шш | ше |
| Ёё | ё | Пп | пе | Ъ | сакта |
| Жж | же | Рр | ре | Ээ | э |
| Зз | зе | Сс | се | Юю | ю |
| Ии (ӣ) | и | Тт | те | Яя | я |

Дар мавриди номи ҳарфҳои йот, ка ва сакта, ки аҳамияти таълимӣ доранд, дар мақолаҳои пештар гуфта будем. Сакта – ъ бояд чун ҳарф (на аломат) дар алифбо шинохта шавад.

Азбаски хатчаи болои ҳарфи ӣ муваққатӣ аст, яъне баъди и-и заданок ҳарфи дигар ояд, хатчаи болояш меафтад, аз ин рӯ онро бо садоноки и якҷо додем. Дар масъалаи дарозиву кӯтоҳии он бояд баҳс накунем, зеро маҷбур мешавем, ки дар байн низ дарозии онро ишора кунем, мисли тӣр, шӣр, шӣрӣн ва ғ. Бо назардошти мутафовит будани талаффузи у дар лаҳҷаҳо ва баҳси зиёд перомуни сарфи назар шудани вов дар хатти кириллӣ бо як у иктифо мекунем. Дарозиву кӯтоҳии

онро баъди шинос шудан бо хатти ниёгон хонанда дуруст дарк хоҳад кард.

Чуноне ки дида мешавад, бо дастгирӣ аз ин пешниҳод аз харҷу масрафи барзиёд ва мушкилоти миёншикан раҳоӣ ёфта, бо осонтарин роҳ  хатти мавҷуда ва одаткардаи хеш, яъне кириллиро китобат мекунем ва дар роҳи расидан ба асли хеш аз хатти ниёгон ва омӯзиши он муҳофазат. Вассалом!

**«СССР»\25.11.2010**

## Фасли 3. Адабиётшиносӣ - ҳусни забон

### Юсуф ва Зулайхои Рӯдакӣ

Достони «Юсуф ва Зулайхо» навиштан дар адабиёти форсу тоҷик аз фарҳанги араб сарчашма дорад. Чаро ки дар «Қуръон»-и азимушшаън чандин маротиба Яъқуб (ъ) бо лақаби Исроил ва писарони ӯ машҳур бо номи «бани Исроил» (яъне фарзандони Яъқуб) зикр рафтааст. Оҳиста-оҳиста маънои он инкишоф ёфт, ки имрӯз қавми яҳудро бани Исроил мегӯянд ё давлати Исроил низ мусаммо аз ин ном аст. Сураи машҳури «Юсуф» низ сужаи мукаммали қиссаро пеши достоннавис фароҳам мегузорад.

Бояд гуфт, ки ин қиссаи машҳур дар Библияи бузург омада ва шоирони классики мо низ аз истифодаи ин китобҳои осмонӣ бебаҳра набуданд,

Шарҳу тафсири яке аз ниёишҳои машҳури мусулмонон бо номи «Имони муфассал» низ шаҳодат бар он аст,ки ҳазрати Муҳаммад (ъ) омӯзишу арҷгузории ин чор китоби осмониро вазифаи ҳар як мусулмон донистааст.

Аз ин нуқтаи назар шоире ба навиштани достони «Юсуф ва Зулайхо» даст мезад, ки нахуст огоҳии комил аз «Қуръон» бояд медошт.

Яъне, ин омили нахустин барои ҳар як шоир муҳим мебошад. Ба ёд биёрем, Фирдавсии Тусиро, ки баъди аз зулми Султон Маҳмуд ба Ироқ гурехтану дар он ҷо дар асоси сураи «Юсуф» қиссаи «Юсуф ва Зулайхо»-ро таълиф карданаш ва ба ивази он ду ҳазор динор силлӣ ёфтанаш (дар зикри тазкиранависон), ишора ба ин омили муҳим мебошад.

Омили дуюм ин маҳорати шоирӣ ва достонсароӣ мебошад.

Суоле пайдо мешавад, ки оё имкон дошт Рӯдакӣ достони «Юсуф ва Зулайхо» нависад?

Бо камоли боварӣ, ин ҳар ду омил дар шахси Рӯдакӣ ҷой дошт. Омили нахуст: Рӯдакӣ дар синни хурдӣ «Қуръон»-ро азёд карда буд ва инро тазкиранависон қайд кардаанд.

Омили дуввум: Дар хусуси маҳорати шоирии Рӯдакӣ ҳоҷати гап нест. Зеро бадоҳатан бо як истеъдоди фавқулодда шеър гуфтани Рӯдакӣ дар адабиёт машҳур аст.

Шеъри машҳури Рашидӣ «Шеъри ӯро баршумурдам сездаҳ раҳ сад ҳазор» низ тақвият ба гуфтаҳои болост.

Баъди охирин бор аз тарафи болшевикон (соли 1920) нест шудани китобхонаи Бухоро, ки ду моҳ дар Регистони Бухоро китоб сӯхтааст ва он китобҳо чӣ китобе будаанд, касе намедонад, осори бисёр классикон аз байн рафт. Дар чашми хатношиноси болшевики рус, ки

ҳама китобҳо бо як хат – арабӣ навишта шуда буданд, чӣ фарқе буд байни девони Рӯдакӣ ё китобе динӣ.

Кӣ медонад, шояд дар он байн куллиёти Рӯдакӣ ва ё достони дигари ӯ сӯхта нобуд шуда бошад.

Имрӯз аз он шумори Рашидӣ, ки ғолибан 1 миллиону 300 ҳазорро ташкил медод, миқдори камтар аз ҳазор байт аз осори Рӯдакӣ тавассути тазкираҳо то замони мо омада расидаасту халос.

Алҳол мо далеле дар даст надорем, ки Рӯдакӣ достони «Юсуф ва Зулайхо» навиштааст ё не. Вале аз он абёти пароканда, ки дар даст дорем, маълум мешавад, ки Рӯдакӣ на танҳо аз сужаи достон пурра огоҳ буд, балки онро аз дилу ҷон дӯст доштаву ҳаёти худро бо лаҳаззоти мушаххас аз достон ташбеҳ кардааст.

Дар ин ашъори боқимонда 3 маротиба дар 12 мисраъ шоир аз Юсуф, Зулайхо, Яъқуб ва дигар воқеаҳои ин қиссаи осмонӣ ёдрас шудааст.

Нахуст, дар байте шоир қиссаи ба чоҳ партофтани бародарон Юсуфро ва ба имдоди ӯ чун барқ аз Арш даррасидани Ҷабраил (ъ) ва беосеб ба ҳукми Худо ба зери чоҳ расонидани ӯро чун киноя истифода мекунад:

Симоу бодаи гулгуну лӯъбатони чу моҳ,
Агар фаришта бубинад, даруфтад дар чоҳ.

(Рӯдакӣ. Душанбе: Ирфон – 1974, с. 32).

Дуввум, дар рубоие шоир истифода аз санъатҳои талмеҳ ва ташбеҳ, мавриди аз ҳусни рӯзафзуни Юсуф моту мабҳут ба ҷои турунҷ дастони худро буридани занони Миср ёдовар шуда, бо як маҳорати беандоза дили худро ба ин дастони бурида монанд мекунад:

Юсуфрӯе, к-аз ӯ фиғон кард дилам,
Чун дасти занони мисриён кард дилам.
З-оғоз ба бӯса меҳрубон кард дилам.
Имрӯз нишонаи ғамон кард дилам (с. 50).

### Шарҳи се пироҳани Юсуф андар аҳволи Рӯдакӣ

Мавриди саввум, шоир дар қитъае иборат аз 6 мисраъ қариб тамоми сужаи достонро пеши рӯ меорад. Ба таври дигар, барои таҳлили комили ин қитъа таҳлилгар маҷбур аст, достони «Юсуф ва Зулайхо»-ро пурра нақл кунад. Яъне ин қитъаи хурд як достони бузургро дар худ гунҷонидааст, ки ин маҳорати шоир ҳар шахси огоҳро ба ҳайрат меорад. Инак он қитъа:

Нигорино, шунидастам, ки гоҳи меҳнату роҳат,
Се пироҳан салаб будааст Юсуфро ба умр андар.
Яке аз кайд шуд пурхун, дуввум шуд чок аз тӯҳмат,
Савум Яъқубро аз бӯш равшан гашт чашми тар.

Рухам монад бад-он аввал, дилам монад бад-он сонӣ
Насиби ман шавад дар васл он пироҳани дигар (с.27).

Санъати талмеҳ яке аз санъатҳои машҳури шеъри тоҷикӣ ба шумор меравад. Тавассути он шоир кӯшиш мекунад, бо овардани номи қаҳрамони машҳури таърихию афсонавӣ фикри худро равшантару ҷолибтар ба хонанда расонад.

Шеъри боло низ бо санъати талмеҳ оро ёфтааст. Бояд гуфт, ки шеъри мазкур аз тарафи касе таҳлили пурра наёфтааст. Аз ин рӯ, мо мақсад гузоштаем, кӯшиш кунем онро мавриди таҳлил қарор диҳем. Ин шеър ё қитъаи хурд аз ду қисм иборат аст. Қисми якумро метавон қиссаи ҳазрати Юсуф номид. Байти аввал:

Нигорино, шунидастам, ки гоҳи меҳнату роҳат,
Се пироҳан салаб будаст Юсуфро ба умр андар.

Ба гуфти шоир, Юсуф (а) писари Яъқуби пайғамбар (а) дар зиндагӣ ҳангоми азобу роҳат се пироҳан салаб (пушок, либос) дошт. Аз оҳанги байт маълум аст, ки шоир ин се пироҳанро шарҳ додан мехоҳад. Байти дуввум:

Яке аз кайд шуд пурхун, дувум шуд чок аз тӯҳмат,
Савум Яъқубро аз бӯш равшан гашт чашми тар.

Пироҳани якуми Юсуф (а): Бародарон Юсуфи шашсоларо бо макру ҳилла аз пеши падар бурданд, куртаи ӯро аз танаш кашида пур аз хун намуданд ва худи ӯро дар чоҳ андохтанд. Пироҳани хунолудро пеши падар оварда гуфтанд, ки Юсуфро гург хӯрдааст. Шоир « яке аз кайд шуд пурхун» гуфта ҳамин кайду макри бародаронро дар назар дорад.

Пироҳани дуюми Юсуф (а): ҳангоме, ки тоҷирон Юсуфро аз чоҳ гирифта ба Миср оварданду ба Зулайхо фурӯхтанд. Зулайхо ҳафт хонаи дохили якдигар сохт ва хонаи ҳафтумро ороста дар чаҳор тарафи он сурати худу Юсуфро кашид, ки бо якдигар ишрат доранд. Ва Юсуфро ба хонаи ҳафтум бурд ва дарҳоро бубаст. Вақте Юсуф аз нияти Зулайхо огоҳ шуд, бигурехт ва Зулайхо аз дунболи вай медавид, то ин ки ба дари охир расид. Зулайхо даст андохт, ки Юсуфро бигирад, дасташ ба пироҳани Юсуф расид ва он дарид.

Шавҳари Зулайхо (Азизи Миср) аз воқеа огоҳ шуд. Зулайхо ба Юсуф тӯҳмат зад, ки ӯ ба ман дастдарозӣ намудан мехост ва ман пероҳанашро даридам. Кӯдаки гаҳвора ба сухан омад, ки агар пироҳан аз пеш даридааст, гуноҳи Юсуф аст ва агар аз пас дарида бошад, Зулайхо Юсуфро тӯҳмат мекунад. «Дувум шуд чок аз тӯҳмат» гуфта, шоир ҳамин воқеаро дар назар дорад.

Пироҳани саввуми Юсуф (а): Ҳангоме, ки Юсуф подшоҳи Миср шуд, падари ӯ Яъқуб аз фироқи Юсуф Байтулэҳзон (хонаи ғам) сохта буду, шабу рӯз менолид, то ба ҳадде ки чашмонаш нобино шуданд. Юсуф пироҳани худро бо дасти ғуломаш Башир ба Канъон фиристод.

Ҳазрати Яъқуб (а) аз бӯи пироҳани писараш бино гашт. «Савум Яъқубро аз бӯш равшан гашт чашми тар» гуфтани Рӯдакӣ ишора ба ҳамин воқеа аст.

Қисми якум дар ҳамин ҷо ба итмом расида, қисми дуюм – <u>аҳволи шоир</u> оғоз меёбад. Байти сеюм:

Рухам монад бад-он аввал, дилам монад бад-он сонӣ,
Насиби ман шавад дар васл он пироҳани дигар.

Рӯдакӣ бо сӯзу гудоз қиссаи Юсуфро ба хотир оварда, бо як маҳорати баланд аҳволи худро нишон додааст. Шоир рӯи худро ба пироҳани аввали Юсуф, ки аз ҳасаду макри бародарон пурхун шуда буд, монанд мекунад. Кайд вожаи арабӣ буда, дар луғат ба маънии макру ҳилла ва бадандешӣ меояд. Аз байт маълум мешавад, ки шоир аз макру ҳасад ва бадандешии душманону ҳасудон ба воқеаи мудҳише дучор шуда, рӯяш пурхун шудааст.

Ин мисраъ андак шарҳталаб аст.

«Рухам монад бад –он аввал» гуфтани шоир ва маҳз рӯйи худро ба пироҳани аввал монанд кардани ӯ бесабаб нест. Солҳост, ки баҳс перомуни нобиноии Рӯдакӣ идома дорад. Гурӯҳе ақида доранд, ки Рӯдакӣ умуман кӯр набуд. Қисми дигар даъво мекунад, ки Рӯдакӣ кӯри модарзод буд. Иддае даъво доранд, ки дар пиронсолӣ ӯро кӯр карданд.

Сухани асосиро Рӯдакӣ худ гуфтааст: «Рӯхам монад бад-он аввал, дилам монад бад-он сонӣ». Гарчанде Рӯдакӣ чашмам намегӯяд, вале маълум, ки чашм дар рӯй ҷойгир аст ва ҳамин рухам гуфтани Рӯдакӣ кифоя аст, ки аҳволи Рӯдакиро бифаҳмем. Чи тавре ки пироҳани аввали Юсуф аз дасти бародарони ҳасуду бадандеш пурхун шуда буд, Рӯдакиро низ душманони ҳасуду бадандеш кӯр кардаанд. Ва давом медиҳад, ки «дилам монад бад-он сонӣ». Яъне чи тавре ки Зулайхои шайдо ба Юсуф тӯҳмат зад ва пироҳани аз пас даридаи Юсуф ягона далел шуд бар бегуноҳии Юсуф. Рӯдакӣ низ ба моҷарои бузурге афтода, дилчоку ҷигархун аст. Ва дили худро маҳз ба ҳамин пироҳани Юсуф монанд мекунад. Ғолибан адабиётшиносон қайд кардаанд, ки ӯро бо тӯҳмати қармативу рофизигӣ кӯр кардаанд.

Ва чи тавре ки дар мисраи охир мебинем, Ӯ орзӯи аз сари нав бино шуданро дорад, ки мегӯяд:

«Насиби ман шавад дар васл он пироҳани дигар»

Яъне, чи тавре ки ҳазрати Яъқуб аз бӯи пироҳани писараш, яъне нишони васлу ба охир расидани ҳиҷрон бо ӯ бино шуда буд, Рӯдакӣ ҳам дар охирҳои умр орзуи аз нав бино шудан кардааст. Ин мисраъ далели равшан бар он аст, ки Рӯдакӣ замоне, аниқтараш дар охирҳои умр нобино будааст.

Таҳлили шеъри мазкур аз чанд ҷиҳат аҳамият дорад. Аввалан, хонанда аз қиссаи ширини Юсуф ва Зулайхо ёдовар щуда, дар

муқоиса бо он аз аҳволи асосгузори адабиёти форсу тоҷик, ифтихори тоҷикистониён, шоири дӯстдоштаву беназир Рӯдакӣ огоҳ мешавад. Сониян, ба баҳси доманадори нобиноии ӯ ворид шуда, як далели бисёр мӯътамадеро аз эҷодиёти худи шоир пешорӯи хеш мегузорад ва аниқу бешубҳа метавонад аҳволи шоирро на аз тахмини як шахси дуввуму саввум, балки аз гуфти худи шоир ҳадс бизанад.

**«Ҷумҳурият»\13.03.2008**

# "Шоҳнома" ва "Қасас-ул-анбиё"

(Ду гули як гулбун)

Муқоисаи асарҳои бадеӣ дар адабиётшиносӣ мавзӯи маъмулу ҷолиб аст. Усули муқоиса имкон медиҳад, ки дар як вақт ду асар мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор бигирад.

Бояд гуфт, ки мавзӯи мазкур дар адабиёт мавзӯи нав нест. Аз нигоҳи аввал чунин ба назар мерасад, ки ин ду асари аз ҷиҳати мундариҷа мухталиф чӣ гуна метавонанд муқоиса шаванд.

"Қасас-ул-анбиё" бо номҳои "Қасас", "Сияри шариф", "Аҳсан-ул-қасас" ва ғ. зикр шавад ҳам, ҳамон як асар аст, ки дар асоси оёти "Қуръон"-и азимушшаън таълиф шудааст. Ва муҳаққиқин огоҳанд, ки китобҳои осмонӣ - "Таврот"-у "Инҷил" бо "Қуръон"чӣ гуна иртибот доранд. Аз ин рӯ қиссаҳои "Қасас" ҳамон қиссаҳои "Библия"-и машҳуранд, бо баъзе тафовутҳо.

Шабоҳат асосан дар чунин мавзуъбандӣ, ки нақшаи мақолаи мост, дида мешавад: 1.Оғоз; 2. Каюмарс ва Одам(ъ); 3. Шоҳ Ҷамшед ва Сулаймон(ъ); 4. Кайковус ва Намруд; 5. Сиёвуш ва Иброҳим; 6. Зардушт ва Иброҳим.7. Ҷойгаҳи порсиён дар олами ислом.

**Оғози ду асар**

"Шоҳнома"-и Фирдавсӣ нахуст оғоз мешавад бо номи худо:

Ба номи худованди ҷону хирад,
К-аз ин бартар андеша барнагзарад(1-25).

Ва фаслҳои аввали он низ чун "Қасас" дар офариниши олам, мардум ва ғ. аст. Яъне Фирдавсӣ низ ҳамон анъанаи офаридани асарҳои бузургҳаҷмро риоя намудааст. Ҳам дар "Шоҳнома" ва ҳам дар "Қасас" ибтидои пайдоиши олам чор унсур - оташу боду обу хок нишон дода шудааст:

Бад-он то тавоноӣ омад падид.
Ки Яздон зи ночиз чиз офарид,
Аз ӯ мояи гавҳар омад чаҳор,
Бароварда бе ранҷу бе рӯзгор.
Яке оташе баршуда тобнок,
Миён боду об аз бари тирахок(1-25).

Чун нек бингарем, абёти аввали "Шоҳнома" ҳамон оёти аввали Куръонианд:

Худованди ному худованди ҷой,
Худованди рӯзидеҳе раҳнамой.
Худованди Кайҳону гардонсипеҳр,
Фурӯзандаи Моҳу Ноҳиду Меҳр(1-25).

Бояд гуфт, ки ин сабк то охири "Шоҳнома" риоя шудааст. Шоир баъди итмоми подшоҳии тамоми шоҳону бузургон рӯ меорад, ба офариниши олам ва бебақоии одам. Ин руҷӯъҳои Фирдавсӣ мисли таронаҳо ба гӯш мерасанд, ки мавзӯи баҳси алоҳидаанд.

**Каюмарс ва Одам(ъ)**

Аввалин паямбар Одам(ъ) дар Аҷам бо номи Каюмарс ёд мешавад. Ин ақидаро Ибн-ал-Балхӣ дар "Форснома" тасдиқ мекунад. Худи ҳамин муаллиф дар ҷои дигар Каюмарсро яке аз фарзандони Нӯҳ пайғамбар - Ҳом бинни Ёфас мегӯяд(саҳ.32).

**Шоҳ Ҷамшед ва Сулаймон(ъ)**

Умумияти ин ду нафар то ҷоест, ки дар ашъори шуаро баъзе ҳодисаву воқеаҳо ба ҳар ду нисбат дода шудааст. Қиссаи Сулаймон бинни Довуд аз Библия сарчашма дорад. Ангуштарии мӯъҷизаноки ӯ, ки тамоми ҷонварон ва деву париро мутеи ӯ гардонидааст, дар "Шоҳнома"ёд нашавад ҳам, шоҳ Ҷамшедро девону париён итоат мекарданд ва тахти ӯ низ мисли тахти ҳазрати Сулаймон парвозӣ буд. Яъне ҳашмату салтанати ҳар ду қариб як хел ба назар мерасад. Ҷамшед бо ҷоми мӯъҷизаноки худ, ки дар наврӯз тамоми дунёро тамошо мекард, машҳур аст. Ибораи машҳури Ҷоми Ҷам аз ҳамин ҷост. Дар "Шоҳнома" ин ҷом то замони Кайковус, ки ба воситаи он Бежани Гевро аз чоҳ меёбанд, ёд шудааст.

Иди Наврӯзро низ ба ҳар ду нисбат додаанд.

Дар "Шоҳнома" даҳ байт ба сохтани тахти парвозӣ ва пайдоиши Наврӯз бахшида шудааст:

Ба фарри каёнӣ яке тахт сохт,
Чӣ моя бад-ӯ гавҳар андар нишохт.
Ки чун хостӣ, дев бардоштӣ,
Зи ҳомун ба гардун барафроштӣ.
Чу хуршеди тобон миёни ҳаво.
Нишаста бар ӯ шоҳи фармонраво.
Ҷаҳон анҷуман шуд бари тахти ӯй,
Фурӯ монда аз фарраи бахти ӯй.
Ба Ҷамшед - бар гавҳар афшонданд,
Мар он рӯзро рӯзи нав хонданд.
Сари соли нав Ҳурмузи фарвадин,
Баросуда аз ранҷ тан, дил зи кин.
Бузургон ба шодӣ биёростанд,

Маю ҷому ромишгарон хостанд.
Чунин рӯзи фаррух аз он рӯзгор,
Бимонда аз он хусравон ёдгор(ч.1,с.64).

Ҳазрати Сулаймон низ ангуштарини худро, ки гум карда буд, ёфт, бод бисоти ӯ ба ҳаво бардошт ва тоҷу тахт ба ӯ бозгашт. Мардум он рӯзро Наврӯз хонданд.

Хоҷа Ҳофиз, ки девони ӯ чун китоби дарсии мадрасаҳои исломӣ маъруф аст, ин ангуштариро ба Ҷамшед нисбат дода, "Шоҳнома"-ро истинод меорад.Чунончи:

Хотами Ҷамро башорат деҳ ба ҳусни хотимат,
К-исми аъзам кард аз ӯ кӯтоҳ дасти аҳриман…
Шавкати пури Пашангу теғи оламгири ӯ
Дар ҳама шаҳномаҳо шуд достони анҷуман (с.470).

Ё ки ишора ба қиссаи мӯр ва ҳазрати Сулаймон:

Бар тахти Ҷам, ки тоҷаш меъроҷи осмон аст,
Ҳиммат нигар, ки мӯре бо он ҳаққорат омад (с.221).

Ва:

Забони мӯр ба Осаф дароз гашту равост,
Ки хоҷа хотами Ҷам ёва карду боз наҷӯст(с.63).

Дар байти поён бошад, ҳам ҷоми ҷаҳоннамо ва ҳам ангуштарии мӯъҷизанок ба як шахс нисбат дода шудааст. Яъне Ҳофиз Ҷамшеду Сулаймон(ъ)-ро як кас медонад:

Диле, ки ғайбнамоясту ҷоми Ҷам дорад,
Зи хотаме, ки даме гум шавад, чӣ ғам дорад? (с.164).

Гарчанде саргузашти ҳар ду то охир як хел набошад ҳам, бешак метавон гуфт, ки прототипи ҳазрати Сулаймон дар "Шоҳнома" Ҷамшед аст.

Ба ақидаи мо Фирдавсӣ аз ин қиссаи машҳури ва "Қуръон" фаровон истифода намудааст.

**Кайковус ва Намруд**

Аз "Қасас": "Намруд (лаън.) аз мулки Аҷам берун омад. Ва ибни Канъон ибни Одам ибни Сом ибни Нӯҳ тозизабон буд ва дар Аҷам ӯро Кайковус ибни Кайқубод ибни Манучеҳр ибни Фаридун ибни Ҷамшед хонандӣ. Фааммо дурусттар он аст, ки Намруд номи ӯ буд" (саҳ. 50).

Аз ин қиссаи кутуби осмонӣ Фирдавсӣ ду воқеаро истифода намудааст. Яке ба осмон рафтани Намруд тавассути уқобон ё каргасон ва тир андохтан ба сӯи осмон, ки қариб айнан нақл мешавад. Ва дигаре оташ афрӯхтани Намрӯд (лаън.) ва дар оташ андохтани ҳазрати Иброҳим (ъ).

Чунончи Фирдавсӣ мегӯяд:

Нишаст аз бари тахт Ковуси кай,
Ниҳода ба пеш андарун ҷоми май.

Чу шуд гурсуна тезпаррон уқоб,
Сӯи гӯшт карданд ҳар як шитоб.
Зи рӯи замин тахт бардоштанд,
Зи ҳомун ба абр-андар афрохтанд (2-160).

Мақсади ба осмон рафтани Ковус низ бо Намруд аз "Қасас" як хел тасвир ёфтааст:

Шунидам, ки Ковус аз он бар фалак
Ҳаме рафт, то бугзарад аз малак.
Дигар гуфт аз он рафт бар осмон,
Ки то ҷанг созад ба тиру камон(2-160).

Дар ҳар ду асар низ маслиҳатгари Намруду Ковус дар ин кор иблис аст.

**Сиёвуш, Зардушт ва Иброҳим(ъ)**

Қиссаи машҳури Иброҳим(ъ), ки Намруди лаъин ӯро дар оташ андохт ва оташ ӯро насӯхт, дар "Шоҳнома" набошад ҳам, лекин воқеаи дигаре ба он шабеҳ мавҷуд аст. Ин аз оташи бузург саломат берун омадани Сиёвуш ва бегуноҳ ҳисоб шудани ӯ мебошад:

Чу з-он кӯҳи оташ ба ҳомун гузашт,
Хурӯшидан омад зи шаҳру зи дашт…
Ҳаме дод мужда якеро дигар,
Ки бахшуд бар бегунаҳ додгар(2-).

Аз рӯи ақидае, ки дар "Қасас" баён шуда, аз ин пас оташ муқаддас ҳисобида шуд ва оташпарастӣ аз ҳамин ҷо оғоз ёфт: "Ҳорон (вазири Намруд) гуфт: - Ё Намруд, он кароматро Иброҳим(ъ) аз сабаби оташпарастӣ ёфта… Ва габрон ба ин восита оташпараст шуданд. Ва эшон чанд гурӯҳанд: Маздуқиён ва Нушервониён ва Сосониён"(с.57).

Дар порчаи шеърие низ ибораи "Иброҳими Зардушт" вомехӯрад.

Бояд гуфт, ки гӯсфанд дар "Авасто" чорвои муқаддас ҳисобида шудааст. Дар қиссаи Иброҳим(ъ) низ аз ҷаннат ба ивази Исмоил(ъ) гӯсфандеро ҳазрати Ҷабраил(ъ) фидя меорад.

Зардушт ва Иброҳим бо баъзе махсусиятҳо шабеҳи ҳам тасвир ёфтаанд. Падари Иброҳим(ъ) Озар ном дорад, ки маънияш оташ аст. Берунӣ комилан муътақид аст, ки Зардушт аз Озарбойҷон буд(саҳ.222). Маънии Озарбойҷон аз озарободагон(оташобод) аст, ки ду маъниро пайгир аст: 1) ҷое, ки Озар(шахс) обод карда; 2) ҷое, ки Озар(оташ) обод карда. Воқеан, оташкадаҳои Зардушт дар Озарбойҷон, ки он замон ба Эрони Бузург дохил мешуд, сохта шуда буданд.

Вале ислом оташпарастиро дини ботил дониста, Зардушт ва китоби ӯ "Авасто"-ро осмонӣ ҳисоб намекунад. Пас чӣ сабаб шуда, ки хостанд Иброҳим(ъ) ва Зардуштро як шахс ҳисобанд?

Омезиш додани фарҳанги арабу аҷам ва бад-ин васила исломӣ нишон додани урфу одати мардуми Аҷам маъмул буд. Гузашта аз ин, ба фикри мо ҳусни таваҷҷӯҳ доштани шахсони алоҳида ба дини

Зардушт ва китоби Авасто низ сабаби тақвият ёфтани ин афкор буд. Яъне аз мо бош, бо мо бош. Мардуми таърихпарвар дар ҳар давру замон бо ҳар ваҷҳ мехостанд, ёдгориҳои Зардуштиро аз нестӣ муҳофизат кунанд.

Ҳамин тариқ, мавзӯи мазкур дар робита бо ашъори классикон ва эҷодиёти таърихнигорон аҳамияти муҳим касб намуда, ба баҳсҳои чандинсолаи муҳаққиқон равшанӣ меандозад.

**Ҷойгаҳи порсиён дар ислом (ба ҷои хулоса)**

Омезиш ёфтани таъриху фарҳанги ислом бо таъриху фарҳанги Аҷам аз ҳусни таваҷҷӯҳ доштани пайғамбари ислом(с) нисбати мардуми форс сарчашма дорад. Инро Ибн-ал-Балхӣ возеҳ баён мекунад: "Пайғамбарро(с) пурсиданд, ки чаро ҳама қурун(асрҳо) чун Од ва Самуд ва монанди эшон зуд ҳалок шуданд ва мулки порсиён дароз кашид, бо он ки оташпараст буданд? Пайғамбар(с) гуфт: …аз баҳри он ки ободонӣ дар ҷаҳон ва дод густаранд миёни бандагон. Ва дар "Қуръон" ду ҷой зикри порсиён аст, ки эшонро ба қувват ва мардонагӣ сутудааст"(с.16).

Аҳодиси набавӣ: "Ин алам агар аз сурайё овехта будӣ, мардоне аз порс биёфтандӣ(Форснома с.18) ва "Забони аҳли биҳишт арабӣ ва порсии дарӣ аст" низ ба ҳусни таваҷҷӯҳ ва эҳтиром доштани паёмбар ба порсиён ишора мешавад. Салмони Порсӣ яке аз суҳобаҳои расул дар назди он ҳазрат (с) мартабаи хосаеро соҳиб будааст.

Фирдавсӣ низ дар замони ҳаёт буданаш ба таъқиби сахти мутаассибон ва султонпарастони давр дучор шуда бошад ҳам, баъди маргаш аз тарафи худи ҳамин шахсон сафед шуд.

Вожаи Аҷамро, ки маънояш гунг аст, ба мардуми мо аъроб дод ва дар адабиёти араб форсҳо маҳз бо ҳамин ду ном таърифу тавсиф мешаванд. Фирдавсӣ низ киноя аз ин матлаб "Аҷам зинда кардам…" мегӯяд, ки аз он номгузории аъроб порсиёнро нишонгир аст. Воқеан, Фирдавсӣ ба ин мақсади дарпешгирифтаи худ расид.

**Маъхаз**


1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома(иборат аз 9 ҷ.).- Душанбе: Адиб, 1987-1991.
2. Абурайҳон Берунӣ. Осор-ул- боқия.- Душанбе: Ирфон, 1990, 432 с.
3. Ибн-ал-Балхӣ. Форснома.-Душанбе: Дониш, 1989, 160 с.
4. Қасас-ул-анбиё.- Душанбе: Ориёно, 1991, 398 с.
5. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт.- Душанбе: Ирфон, 669 с.


**«Омӯзгор»\25.05.2007 ва «СССР»\16.10.2008**

# Ваъдаи зоҳид

(Ба озмуни Сайри маънӣ)

Ман ки имрӯзам биҳишти нақд ҳосил мешавад,

Ваъдаи фардои зоҳидро чаро бовар кунам.

Шакли пурраи ғазал дар девони тартибдодаи Нодир Шанбезода ба чашм нахӯрд. Аммо дар девони Ҳофиз, ки соли 1907 дар Ҳиндустон чоп шудааст, шакли комили он (16 байт) дарёфт шуд. Шакли пурраи ғазали Ҳофиз чунин аст:

Ман на он риндам, ки тарки шоҳиду соғар кунам,
Мӯҳтасиб донад, ки ман ин корҳо камтар кунам.
Чун сабо маҷмӯаи гулро ба оби лутф шуст,
Каҷдилам хон, гар назар бар сафҳаи дафтар кунам.
Лола соғаргиру наргис масту бар ман номи фисқ,
Доварӣ дорам басе, ё раб, киро довар кунам.
Ишқ дурдонасту ман ғаввосу дарё майкада,
Сар фурӯ бурдам дар он ҷо, то куҷо сар бар кунам.
Гарчи гардолуди фақрам, шарм бод аз ҳимматам,
Гар ба оби чашмаи хуршед доман тар кунам.
Ман ки дорам дар гадоӣ ганҷи султонӣ ба даст,
Кай тамаъ дар гардиши гардуни дунпарвар кунам.
Ошиқонро гар дар оташ announce мееписандад лутфи дӯст,
Тангчашмам, гар назар бар чашмаи кавсар кунам.
Аҳду паймони фалакро нест чандон эътибор,
Аҳд бо паймона бандам, шарт бо соғар кунам.
Боз каш як дам инон, эй турки шаҳрошӯби ман,
То зи ашки чеҳра роҳат пурзару гавҳар кунам.
Бо вуҷуди бенавоӣ  рӯ сияҳ бодам чу моҳ,
Гар қабули файзи хуршеди баландахтар кунам.
**Ман ки имрӯзам биҳишти нақд ҳосил мешавад,**
**Ваъдаи фардои зоҳидро чаро бовар кунам**.
Шеваи риндӣ на лоиқ буд васфамро, вале
Чун дарафтодам, чаро андешаи дигар кунам?
Дӯш лаълат ишваҳо медод ошиқро, вале
Ман на онам, к-аз вай ин афсонаҳо бовар кунам.
Гӯшаи абрӯи меҳроби ту мехоҳам зи бахт,
То дар он ҷо ҳамчу Маҷнун дарси ишқ азбар кунам.
Вақти гул гӯӣ, ки зоҳид шав, ба чашму ҷону дил,
Меравам, то машварат бо шоҳиду соғар кунам.
Зӯҳд вақти гул чӣ савдоест, Ҳофиз, гӯш дор,
То «аъузе» хонаму андешаи дигар кунам.

Бояд гуфт, ки солҳои шӯравӣ маҳз ба хотири чунин байтҳои мармуз ва ба таъбири он замон «мазмуни атеистидошта» бисёр шоирон дар адабиёти дарсӣ ҷой гирифтанд, вале чун Мавлои Рум барин шоирон ба хотири рӯиростгуфтанҳо аз адабиёти онзамона фурӯ афтоданд. Аз ин нуқтаи назар рамзу пӯшидабаёнӣ санъатест, ки асрҳо осори шоиронро аз боди ҳаводиси рӯзгор муҳофизат карда меояд.

Ашъори классикон ба хусус Лисонулғайб Хоҷа Муҳаммад Шамсидин Ҳофизи Шерозӣ аз ду ҷиҳат мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аз нигоҳи зоҳир ва аз ҷиҳати ботинӣ ё аслӣ. Бузургии шоир ҳамон вақт аён мегардад, ки зоҳири шеъри ӯ халале барои дарки ҷиҳати ботинии он ворид накунад. Агар зоҳири шеър ба ботини он мувофиқат кунад, пас шоир ба ҳадаф расидааст. Ғазали Лисонулғайб низ аз ҳаминҳост.

Аммо муҳаққиқину муфассирини ашъори Хоҷаи Шероз бар ин қавл мӯътақиданд, ки Хоҷа ҳеҷ шеъре дар васфу дилбастагии ин дунё нагуфтааст. Партав Алавӣ дар китобаш «Бонги ҷарас» ҳар мисраи Ҳофизро ояте аз Қуръон медонад. Муҳаммад Ансор низ бо саъю кӯшиш тавонистааст 42 ғазали Хоҷаро тафсир намояд. Дар муқоиса ба инҳо адиби турктабор Судии Босниягӣ дар таҳлилҳои худ камтар ба рамзу ботиниёти Ҳофиз сар фуру бурдааст. Ҳамин тавр шарҳу тафсирҳо бар ғазали шуаро ниҳоят зиёданд, ки ҳамаи онҳоро овардан зарурат надорад.

Чуноне ки гуфтем, ин байтро ду тарз метавон таҳлил кард:

Якум, аз ҷиҳати зоҳирӣ. Чунин ба назар меояд, ки Ҳофиз таъкид бар он дорад, ки ҳаёти хуши ин дунё нақд аст, аз он истифода кун, ва ба сухани зоҳиду муллоҳо бовар накун, зеро ваъдаи фардои онҳо – яъне биҳишти роҳатро дар ҳамин ҷо нақд дармеёбӣ (Чуноне ки дар замони Шӯравӣ таълим медоданд). «Ваъдаи фардои зоҳидро чаро бовар кунам» гуфтани Ҳофиз тарафдорони ин ақидаро мутмаинтар кардааст, ки Ҳофиз он дунё - биҳиштро инкор мекунад. Баҳс низ аз ҳамин ҷо сар мезанад, ки Ҳофизи Қуръон чӣ гуна метавонад муртакиби чунин гуноҳи кабира шавад.

Дуввум, аз ҷиҳати ботинӣ. Дар ин мисраъ ишора ба сураи «Юнус» ояти 26 ва сураи «Қиёмат» ояти 22-23 ва ҳадисҳо зиёди ҳазрати Муҳаммад (с) аст, ки ваъдаи дидори Худо дар биҳишт аст. Ва мӯъминон дар ҷаннат ба дидори Ӯ мушарраф хоҳанд шуд. Чунончи:

«Дар он рӯз мӯъминон бо рӯйҳои тоза назар кунанд ба сӯйи Парвардигори худ» (сураи «Қиёмат»).

«Имрӯзам» гуфтани шоир ду маънӣ дорад: яке Ман имрӯз ҳастам, дигаре имрӯз аз барои ман. Ғолибан маънии дуюм дар ин ҷо саҳеҳтар аст. Яъне имрӯз аз барои ман биҳишти нақд – васли Маҳбуб муяссар мешавад, ваъдаи зоҳидро (ишора ба ҳадис) чаро бовар кунам? Ин ҷо суоли чаро бовар кунам? на қатъи имону боварист, балки ба хотири ишқи зиёд ва иштиёқи беҳад бар васли Дӯст тахфифи интизории зиёд аст. Мисли мурдану то қиёмат дар гӯр истодан ва баъд саҳрои қиёмату сирот, ки ин ҳама марҳалаҳои ин интизорияндд. Яъне ваъдаи фардои зоҳид бисёр интизоршуданӣ аст ва ман имрӯз аз бароям васли Дӯст муҳайёст ва ҳоҷат дигар ба он насия ё ваъдаи деринтизор нест. Зеро муфассирин гуфтаанд:

Баёни орифонро истилоҳест,

Ки ҷуз ориф касеро гуфтугӯ нест.

Чуноне ки дар худи ҳамин ғазал дар ҷои дигар меҳнату оташи ишқро аз ҳавзи Кавсар волотар донистааст:

Ошиқонро гар дар оташ меписандад лутфи дӯст,

Тангчашмам, гар назар бар чашмаи Кавсар кунам.

Ҳосил шудани васл дар ҳамин дунё танҳо бо тариқати суфия ва ранҷу машаққати он мисли: дарвешӣ, рӯзадорӣ, бедорхобӣ, чилланишинӣ зикру дигар дастуроти пири муршиди комил ба даст меояд, ки шоирони мо онро аз биҳишти ҷовидонӣ болотар гузоштаанд.

Зимнан дар ғазалиёти Ҳофиз ин маънӣ дар чандин ҷо дида мешавад, ки хоки дари кӯи дӯсту васли ёрро аз тамоми хушиҳои ин дунё ва он дунё болотар ниҳодаанд.

Шояд баъзеҳо шубҳа кунанд, ки дидори Ӯ дар ин дунё ба ҳеҷ ваҷҳ ба касе муясар намешавад. Оре, ин сухани хос аст ва барои ом дастнорас аст, зеро ба қавлӣ Шайх Саъдӣ:

Аз ҳазорон дар яке гирад самоъ,

З-он ки ҳар кас маҳрами пайғом нест.

Ошноён раҳ бад-ин маънӣ баранд,

Дар сарои хос бори ом нест.

Ва суфиён бандагони хосу баргузидаи Худоянд. Танҳо ба ёд овардани қиссаи Увайси Қаранӣ маъруф ба Ҳазрати Султон, ки дар замони паёмбар зиндагӣ мекард ва паёмбар ӯро надида, тавассути

ваҳй аз ӯ воқиф шуда, аз ӯ ёд мекунад: Инни лаачиду нафаса раҳмони мин қибалил ямани. Яъне: «Ҳар оина нафаси Раҳмон аз ҷониби Яман дармеёбам». Ва матлаи машҳури Рӯдакӣ «Бӯи ҷӯи Мулиён ояд ҳаме, Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме» сарчашма аз ҳамин ҳадис дорад.

Ҳамин тариқ суфӣ пас аз иҷрои ду зинаи тасаввуф – шариат ва тариқат ва пас аз кашфи мароҳил дар Ӯ фано мешавад, то ки бақо ёбад. Ана ҳамин фано шудан дар ӯ, яъне пайвастан бо Ҳақ ва бақо ёфтан биҳишти накди суфӣ аст, ки онро зинаи сеюм ва зинаи охир – маърифат гуфтаанд.

**«Ба қуллаҳои дониш»/30.04.201**1

## «Меъроҷуннубуват» асари бузурги илмӣ ва таърихӣ

Рӯзи ҷумъаи гузашта 17-уми июли соли 2009 махдуми Исмон ибни Домулло Муҳаммадалии Қалъанакӣ сокини деҳаи Сиёви хоҷагии ба номи Зарифови ноҳияи Кӯлоб дар синни мубораки 75-солагӣ олами фониро падруд гуфтанд. Эшон ниҳоят шахси ботақво, соҳибҳол ва меҳнаткаш буданд. Дар масҷиди кӯчаи Чармгарони Поёни шаҳри Кӯлоб пешнамози ҷумъа шуданд. Махдуми Исмоил Пирмуҳаммадзода дар бораи марҳум ва аҳкоми дини ислом вазъ гуфта, мардумро ба корҳои неку шоиста ва хислатҳоии ҳамида даъват намуданд.

Марҳум Махдуми Исмон дар тамоми ҳаёти хеш ба дуредгарӣ машғул буданд, аз пушти касби пок нони ҳалол баҳри маишати фарзандон муҳайё менамуданд. Дару тиреза ва сутунҳои наққошишудаи он кас машҳур дар атрофу акноф буд. Падари он кас Домуллои Қалъанак низ гарчанде хатмкардаи мадрасаи Бухорои Шариф бошанд ҳам, аз касби деҳқонӣ оилаи хешро таъмин менамуданд.

Махдуми Исмон дар деҳаи Сиёви ҷамоати Кӯлоб бо ёрии ҷавонмардони ин деҳа масҷиде бо номи масҷиди Заргар сохтанд. Нақшу нигор ва сутуну болопӯши масҷид маҳсули дасти Махдуми Исмон мебошад.

Яке аз корҳои неку шоистаи дигари Махдуми Исмон ин буд, ки он кас дар зодгоҳи падараш деҳаи Қалъанаки Сари Хосор ба сохтмони хона ва иморати қадимаи болои чашмаи Қалъанак машғул буданд. Азбаски махдум щахси меҳнатӣ ва он қадар доранда набуд, қарор дод бо меҳнати дасти худ ҳар сол андак-андак маблағ ғундошта, ватани бобоиро, ки дар замони сталинӣ ба вайрона мубаддал гашта буд, ҳамроҳ бо фарзандон обод намояд. Вале афсӯс, ки сохтмон нотамом монд. Умед аст, ки фарзандон ин кори неки падарро ба анҷом

мерасонанд. Аз байни ҳашт нафар фарзандони дуредгари машҳур танҳо як нафар Умар касби падарро зинда медорад.

Махдуми Исмон чандин китобҳои аз асри нуздаҳ боқимондаи падарашро нигоҳ дошта, онҳоро мутолиа мекарданд. Ин китобҳо ба мисли «Тафсири ҳусаинӣ», «Таърихи Самарқанд» ё «Мусаммо ба қандия», «Меъроҷуннубуват», «Комилуттаъбир»-и Абулфазл Ҳубайши Тифлисӣ, «Тазкиратулавлиё»-и Аттор, девони Ҳофизу «Гулистон»-и Саъдӣ дар дасти фарзандон чун муқаддасот ҳифз мешаванд.

«Меъроҷуннубуват фи мадориҷулфутуват», ки аз тарафи Мулло Муини Кошифӣ (р) ном шахс дар матбааи Бухоро нашр шудааст. Он аз дебочаи калон (172 саҳифа) ва чор рукн ва хулоса иборат аст. Рукни аввал аз ҳашт боб иборат аст.

Боби 1. Дар баёниэҷоди нури он сарвар (с).

Боби 2. Дар халқи Одам (с).

Боби 3. Дар баёни валодати Шис (с).

Боби 4. Дар зикри аҳволи Идрис (с).

Боби 5. Дар зикри Нӯҳ (с).

Боби 6. Дар баёни Ҳуд (с).

Боби 7. Дар баёни аҳволи Иброҳим (с).

Боби 8. Дар зикри Абдулмуталиб ва Абдуллоҳ падари ҳазрати расулуллоҳ (с).

Ҳамин тавр ҳар рукн аз бобу фаслҳо иборатанд. Се рукни боқимонда пурра ба ҳаёту зиндагонӣ ва ба меъроҷ рафтани ҳазрати Муҳаммад (с) бахшида шудааст. Китоби «Меъроҷуннубуват» дар баробари қиссаҳои пағамбарон саросар бо панду андарзҳо ва ашъори дилпазир оро ёфта, воқеан як асари хонданӣ ва шавқовар мебошад.

Чунин китобҳо дар хонадони қариб ҳар як тоҷик вуҷуд дошта, он мероси хонаводагӣ ва ганҷинаи халқамон маҳсуб мешаванд. Ёфтану хондану пешкаши хонандагон гардонидани онҳо вазифаи фарзандон мебошад. Ба онҳо гуфтаниям, ки китобҳоро дар сандуқҳо аз назарҳо пинҳон надоред, балки пешкаши умум гардонед, то хонанду аз онҳо баҳравар гарданд ва бошад, ки рӯҳи падарону аҷдоди бузурги хешро шод карда бошед. Ба шумо тавфиқ мехоҳам!

**«СССР»\6.08.2009**





## Тоҷике, ки гапаш ба Амир Олимхон мегузашт

### Муфтӣ Зокир – мансабдори Бухорои Шариф

Муфтӣ Зокир аз деҳаи Вераҳи ноҳияи Сари Хосор солҳои ҳафтодуми асри 19 ба Бухоро меравад ва дар ин шаҳри маркази илму фарҳанг таҳсили илм мекунад. Чун толибилми босавод баъди хатми мадраса дар Бухоро мемонад. Дар мадрасаҳои Бухорои Шариф ба таълим машғул мешавад. Дар муҳокимаи масалаҳои ҷиддӣ, махсусан масъалаҳои нозуки шаръӣ иштирок намуда, чун шахси босавод дар мазҳаби поки Эмоми Аъзам маъруфият пайдо мекунад. Ӯ то мансаби муфтӣ дар Бухоро мерасад. То дараҷае, ки бисёр масъалаҳои нозукро аз Муфтӣ Зокир (р) мепурсиданд. Қозиён бо машварати ӯ ҳукмҳои хешро содир мекарданд. Аз нақли шахсони воқеӣ маълум мешавад, ки Муфтӣ Зокир мартабаи шайхигариро соҳиб буда, соҳибҳол буд, яъне аз илми тасаввуф низ бархурдор буд. Аксар уламои Бухоро дар назди Муфтӣ Зокир дасти пир мегирифтанд.

### Муфтӣ Зокир (р) – соҳибҳол

Ба муфтӣ хабар меоранд, ки яке аз шогирдонаш – домуло Саъдулло (р) аз деҳаи Дашти Ангораи Сари Хосор, ки дар Бухоро таҳсил мекард, аз дунё гузаштааст. Муфтӣ баъди муроқаба сар бардошта мегӯяд, ки домулло Саъдулло (р) зинда аст. Одамон ҳайрон мешаванд. Муфтӣ ба болои домулло меояд, ки аллакай ӯро шуста, барои ҷаноза тайёрӣ дида истодаанд. Муфтӣ иҷозат намедиҳад ва мегӯяд, ки ду рӯзи дигар «майит»-ро нигоҳ доранд. Ниҳоят рӯзи саввум фарёду нидо аз хонаи домулло ба фалак мепечад, ки домулло зинда шуд!!!

Дигар. Яке аз муридони муфтиро шабона ду шахси номаълум аз ҳуҷрааш гирифта, мебаранд. Ин шахсон аз ин мурид чӣ мехостанд ва чаро ӯро бурданд, нақли алоҳида аст. Аммо ин шаб ҳаёти ин мурид дар зери хатар буд. Чун қариби бомдод аз мурид чизе гирифта натавониста, ӯро ба ҳуҷрааш боз пас меоранд. Мурид таҳорат карда, шукргӯён ба тарафи масҷид, ки ҳама ёрону дӯстон чун одат он ҷо ҷамъ мешуданд, мешитобад. Аз ҳамомҳои Бухоро буғро ин соат сар медоданд. Ин мурид дар наздикии масҷид домуллоҳо, аз ҷумла муфтӣ Зокирро дида, тарафи онҳо меравад, салом мекунад ва мехоҳад чизе бигӯяд, ки муфтӣ ӯро ба оғӯш кашида мегӯяд: «Имшаб то рӯз нахуфтам ва дар фикру ёди ту будам, шукр, ки саломат аз дасти он ғайриинсиён наҷот ёфтӣ!»

### Дархости лағви андоз аз Амиралмӯъминин

Муфтӣ Зокир дар дарбори Амир Олимхон нуфузу мартабае дошт. То дараҷае ки дар сӯҳбате бо Амир Олимхон ба Амир мефаҳмонад, ки

Сари Хосор як макони кӯҳсор аст ва тамоман замини ҳамвор надорад, аз ин рӯ дар ин ҷо кишти гандум қариб, ки намешавад. Мардум худашон аз таҳдаштҳо рафта, бо азоб гандум дарёфт мекунанд. Хулас, ба амир вазъиятро дуруст фаҳмонда, дархост пеш меорад, ки аморат андозро аз ин мавзеи сирф тоҷикнишин бардорад. Амир пас аз ин сӯҳбат бо муфтӣ Зокир бо амри вежа андози заминро аз навоҳии Сари Хосор бардошта мегардонад. Мардуми Сари Хосор то инқилоб андози замин намесупориданд. Дар замони Шӯравӣ ин сирро мардуми Сари Хосор пинҳон медоштанд, то ки муфтиро шахси наздики амир гуфта, осебе ба авлоди Муфтӣ Зокир нарасонанд. Мегӯянд аз авлодони ӯ шахсе бо номи Саидмухтор Мирзоев дар Ҳисор зиндагӣ мекардаасту баъд ба деҳаи Шингидараи Сари Хосор рафта маскуни он ҷо гаштааст.

Воқеан ҳам агар табори ин шахсияти таърихӣ зинда бошанду иттилооти бештаре дар бораи ҷадди худ дар даст доранд, метавонанд , ба редаксияи СССР муроҷеъ шаванд. Мо итминон дорем, ки ба оҳистагӣ ва пайваста таърихи дар ниҳонхонаи ситами таърих мондаи миллати худро бо дасти ҳам менависем.

Ёдаш ба хайр, ки дар он замони амирӣ чунин фарзанди фарзонаи тоҷик аз мардуми хеш пуштибонӣ мекардааст. Дар замони Шӯравӣ низ халқи тоҷик чунин фарзандон доштааст, ки дар Маскав манфиатҳои ин миллатро муҳофизат мекардаанд. Чун Бобоҷон Ғафуров, ки бо як парвоз ба Маскав ҷони сад ҳазор нафарро, ки мувофиқи супориши Маскав бояд ҳабсу бадарға мешуданд, халос карда буд. Дар ҳама давру замон чунин фарзандон буданд, ҳастанд ва аз онҳо ёдовар шудану гуфтани қаҳрамонии онҳо барои ояндагон дарси ибрат аст.

**Конибодомиҳои Суғд ба мо Тоҷикистон додаанд**

Бале, халқи тоҷик дар ҳама давру замонҳо ба чунин фарзандон ниёз дорад. Ҷустуҷӯ кардан, ёфтан ва аз хидматҳои онҳо ба ҷавонони имрӯза нақл кардан ҳисси ватандӯстиву миллатдӯстии онҳоро на танҳо бедор, ки афзун мегардонад. То чанд моҳ пеш на ҳама Давлатманд-бий, Ҳомидбеки Мастчоҳиро мешинохтанд. Фикр мекунам, хизматҳои Лоҳутиву Чинор Имомову садҳо дигар тоҷикон ва ғайритоҷиконро, ки баҳри ин миллат хизмат кардаанд, ҳар доим ва тез-тез ба ёд овардану ба ҷавонон гуфтан вазифаи на танҳо публитсистика, балки ҳар нафари огоҳ аст. Мегӯянд, дар баргардонидани уезди Хуҷанд ба Тоҷикистон хизмати як нафар қирғиз бузург аст. Онро ба ёд овардан бар дӯстии миёни ин ду халқ меафзояд. Ё дар ибтидои Ҳукумати Советӣ ягона халқе, ки зидди ӯзбакикунонии саросари Бухоро баромаданд, ин яҳудиёни Бухоро буданд, ки бо забони тоҷикӣ гап мезаданд ва дифоъ аз забони тоҷикӣ мекарданд. Ё худ кам касе медонад, ки Конибодомиҳо поезди Калининро манъ фармуда, тазоҳурот кардаву

талаб карданд, ки Республикаи Автономии Тоҷикистон бунёд ёбад. Ва маҳз ҷавонмардии конибодомиҳо буд, ки имрӯз мо Тоҷикистон дорем. Дорем вале аз он чанд тоҷики асили конибодомӣ, ки бар мо ин кишварро тӯҳфа кардаанд, фаромӯш кардаем. Нависед: Шоҳидон, таърихнигорон ва хонандагони оддӣ. Нависед, то таърихи ифтихории миллатро бо ҳам навишта бошем!

**«СССР»\29.01.2009**

Ин мақола чандин ҷавобҳоро дар пай дошт. Аз ҷумла шоир Алӣ Furthermore Бобоҷон бо хоҳиши Акбар Турсон ҷавоб навиштанд, ки он солҳо чанд нафарро барои ташкил намудани митинг аз кор хориҷ намуда будаанд. Инчунин аз табори муфти Зокир (р) Саидмухтор Мирзоев дар бораи ҷадди хеш мавод ҷамъ менамояд.



СССР: МО ВА ПАЙКИ

НАВРӮЗИ АҶАМ: ПАЙВАНДГОҲИ АСЛҲО ВА НАСЛҲО

ТАБРИКОТИ АКБАРИ ТУРСОН АЗ АМРИКО БА ХОНАНДАГОНИ СССР

## Дирафши Ковиёнӣ куҷо шуд?

Дирафш, дурафш ё дарафш ва феъли дирафшидан ба маънии дурахшидан, барқ задан ва алвонҷ хӯрдан ҳамреша буда, бо вожаҳои дур(р)фишону дуррафшон таносуби шаклӣ дорад. Чун аз маъхазҳо бармеояд, ки дурафши ковиёнӣ ғарқи дурру гуҳар буд, пеши назар алвонҷ хурдан бо ҳама зебу ороиш ва дурру гуҳараш ҳар ду маъно ҷилвагар мешавад. Маҷозан «дирафшӣ кардан» маънии худро

ангуштнамову машҳур кардан аст. Мутаассифона, ин гуна маҷозҳои сермаъно, ки дар илми имрӯз воҳиди фразеологӣ ном доранд, аз истифодаи ом берун афтодаанд.

**Сарсилсилаи мурдофот байрақ аст ё парчам?**

**Байрақ, алам, роят, ливо, парчам ва дурафш** ин шаш вожа ба ҳамдигар муродифанд. Ғолибан ба ҳар вожа нангарем, берун аз маънои дурахшидану машҳур шудану дидан нест. Бояд гуфт, ки лашкар ҳангоми набард чашм доим тарафи парчами афрошта буд, то дилпур бошад, ки қалби лашкар устувор аст. Аз ин рӯ қисмати зиёди лашкариён вазифадор буданд, ки аз он муҳофизат кунанд. Барафроштагии парчам нишони ғалаба ва дилпурии сипоҳ маҳсуб меёфт.

Вожаи **байрақ** дар Фарҳанги забони тоҷикӣ (ФЗТ) туркӣ гуфта шудааст, вале он аз феъли арабии барақа – дурахшидан бояд ахз шуда бошад. Гарчанде дар «Луғати арабӣ-русӣ»-и Баранов Х. шакли байрақ нест, зеро ин вожа вайроншудаи ҳамон феъли барақа аст.

Калимаи **(ъ)алам** низ аз арабии донистан маъруфу машҳур шудан маънӣ мегирад. Чун ҳар давлатеро аз парчамаш мешиносанд.

Вожаи **роят ё раъят** аз руъятун - дидани арабӣ реша дорад. Чун дар лашкаргоҳ аз ҳар ҷонибе нангарӣ аз ҳама ашёи баланд ва назаррасу ба чашм диданӣ ҳамин рояти қалби лашкар аст.

Вожаи арабии **ливоъун** ба маънии тофтану печонидан рафта – рафта чун ашёи ҳарбӣ – давлатӣ маънии парчаму дирафшро гирифтааст. Шакли **ялав** – байрақ низ аз ҳамин ливо реша дорад.

Чуноне ки мебинем аз ин шаш вожа чортоаш арабӣ буда, танҳо парчам ва дирафш аслии тоҷикианд. Дар ин силсилаи муродифот то замони истиқлолият вожаи арабии байрақ аз ҷиҳати серистифода будан чун сарсилсила маҳсуб мешуд. Шукр, баъди истиқлол ва қабул намудани Нишону Парчам вожаи зебои аслии тоҷикии Парчам серистифода шуд ва ҷои калимаи арабии байрақро соҳиб гашт. Устод Сулаймон Анварӣ дар асоси санадҳо вожаҳои **манҷуқ** (моҳчаи болои байрақ) ва **хуч** (тоҷи хурус) –ро муродифи парчам ва ҷузъҳое аз алам медонад («Вожаҳои низомӣ дар «Шоҳнома»»).

**Парчам** дар ФЗТ «Пӯпаки абрешимӣ, мӯй ё думи гови кӯҳӣ (қутос), ки ба нӯги байрақ ё найза мебастанд». Аз ин ҷо киноя аз зулфи ёр низ гуфта мешавад. Аз шарҳи фарҳанг бармеояд, ки он ҷузъе аз

байрақ будааст. Аммо ба ақидаи мо вожаи Парчам аз калимаи ниҳоят машҳур, ки ҳатто ба забони русӣ гузаштааст, яъне парча – пораи матоъ ё ашёи дигар пайдо шудааст. Чунончи дар «Луғати русӣ - тоҷикӣ» омадааст «Парча *ж* – зарбафт, зарбофт, кимхоб, дебо» (саҳ. 686). Ин маълумот басо пурқимат аст, ки он як матои оддӣ набуда, балки матоъи бо зарҳал бофташудаву ороёфта, дебо мебошад. Дар тасвири Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» низ омадааст, ки дирафши ковиёниро аввалин бор бо матои дебо ва дурру гуҳар Фаридун ороста кард:

Чу он пӯст бар найза бардид кай,
Ба некӣ яке ахтар афканд пай.
Биёрост онро ба дебои Рум,
Зи гавҳар бар ӯ пайкару зар-ш бум.

Минбаъд барои аз парокандагӣ нигоҳ доштани калима ва чун номи ашё ташаккулёбии он ҳамсадои м дар охир илова шуд. Яъне, ҳамсадои «м» ҳарфи зинат аст, зеро «м» вожаи парокандаи парча – ро, ки аз чандин маъно иборат буд, чун як воҳиди комили якмаъно ҷамъ овардааст. Воқеан ҳам ин воҳиди комили якмаъно як чизи оддӣ набуда, ашёи сиёсӣ, ҳарбӣ ва рамзи давлат аст. Агар ба сайри таърихии ин вожа назар кунем, чунин шаклҳоро аз сар гузаронидааст: пора + ча, пораи чизи хурд порача, минбаъд парча + м ва баъд парчам.

**Мақсад аз дирафш**

Зулми Заҳҳок ба дарозо кашид, Фирдавсӣ подшоҳии Заҳҳокро ҳазор сол буд, мегӯяд. Яъне сулолаи аждаҳобардушон ҳамин қадар давом кардааст. Ба ақидаи мо азбаски зулму торикӣ ҷонкоҳу тоқатшикан аст, он хоҳ як сол аст ё сад сол дар назари озодагон хеле зиёд аст, аз ин рӯ шоир онро ҳазор гуфтааст. Зимнан рақамҳои 40, 100 ва 1000 дар насри бадеӣ ва таъбироти халқ ададҳои дақиқ набуда, бисёрӣ ва зиёдиро мефаҳмонанд. Чун зулми Заҳҳок аз ҳад гузашт, Кова - косиби оҳангаре аз миёни меҳнаткашон бархост ва пешдомани чармини хешро бар сари найза кард ва мардумро ба қиёми зидди зулм даъват кард. Суолест, ки чаро пешдомани чармин ва чаро дар чунин рӯз. Зеро Кова аҳли ҳунар буд ва дар миён бастани чарми оҳангарӣ нишони дар коргоҳ сари кору фаъолият будан аст. Аммо бар сари найза кардани он чӣ маъно дорад? Яъне оҳангар дигар дар коргоҳаш нест, мусибате ва аламе ӯро аз кору фаъолияташ дур гардонидааст.

Имрӯз дигар соати кор нест ва аз кори доимӣ ва амали дӯстдошта кори дигар ва муҳимтаре пеш омадааст. Ин даъват аст ба меҳнаткашону ҳунармандони дигар, ки мулк дар хатар аст ва бояд бархост ва пайи наҷоти меҳан кӯшид, ин аст рамзи дирафш ин аст мақсад аз парчам, ана аз куҷо пайдо шудааст ин матои муқаддас.

Дар хусуси рангҳои дирафши ковиёнӣ дар «Шоҳнома» гуфта мешавад, ки аз дирафш рангҳои сурху зарду бунафш фурӯ овехта шуда будаст:

Фурӯ ҳишта з-ӯ сурху зарду бунафш,
Ҳаме хондаш «Коваёнӣ дурафш».

Ва ҳар подшоҳе, ки меомад, дар он гавҳареву ороише илова мекард:

Аз он пас ҳарон кас, ки бигрифт гоҳ,
Ба шоҳӣ ба сар барниҳодӣ кулоҳ,
Бар он бебаҳо чарми оҳангарон,
Баровехтӣ нав ба нав гавҳарон.
Зи дебои пурмояву парниён,
Бар он гуна гашт ахтари ковиён.

(Ҷ.1,саҳ. 100)

Табарӣ менависад, ки он аз пӯсти паланг буд, 8 араш (ваҷаб) арзу 12 араш тӯл дошт. Ба ақидаи Хоразмӣ дирафши коваёнӣ аз пӯсти хирс ва шер буд ва подшоҳон дар ҷангҳо аз он таяммун ва табаррук меҷустанд.

**Дурафши ковиёнӣ куҷо шуд?**

Воқеан ҳам аз замони Фаридун то ҳуҷуми арабҳо лашкари Эрон дар ҳама ҷангҳо пирӯз меомад. Нақл аст, ки саркардае бо номи Баҳроми Ҷодуя ин дирафшро дар даст дошт ва дар чанд муҳорибае бар арабҳо пирӯз шуда буд. Дар замони шоҳ Яздугирди Сосонӣ ва хилофати Умар арабҳо дар ҷанги маъруф ба «Набарди Қодисия» бар эрониён ғалаба карданд. Рустами сипаҳсолор кушта шуд ва тозиён пирӯз шуданд. Ғанимати зиёди ҷангӣ ба дасти арабҳо монд. Аз ҷумла дирафши ковиёниро, ки ғарқи дурру гуҳар ва зарру сим буд, Зирор ибни Хаттоб ном сипоҳии араб ба даст овард.

**2,5 ҳазорро ба 30 ҳазор фурӯхтанд, чаро?**

Масъудӣ дар «Мураввиҷуззаҳаб» менависад, ки баъди ҷанги Қодисия харидори дурафши ковиёнӣ зиёд шуд, онро нарх монданд, ки қиматаш 2,5 ҳазор динор зарри сурх баромад. Аммо ҳар нафар дар ин

савдои музояда чизе меафзуд, то ки дирафши ковиён ба қимати 30 ҳазор динор зарри сурх фурӯхта шуд. Мутаассифона гуфта намешавад, ки онро кӣ харидааст.

Суоли матраҳ ин аст ки чаро ашёи 2, 5-ҳазора бо чунин нархи гарон фурӯхта шуд.

1. Баъзеҳо ақида доранд, ки он табаррук ва муқаддас ҳисобида мешуд, аз ин рӯ ба чунин қимат харида шуд;

2. Гурӯҳи дигар мегӯянд, ки он ашёи атиқа буд, зеро сулолаи сосониён зери ин дурафши ковиён 600 сол ҳукумат доштанд.

Аммо барои мусалмон, ки ғайр аз каломи Худову сухани паёмбар чизи дигареро муқаддас намедонад, ин суханҳо асос шуда метавонанд? Ҳаргиз не.

**Дурафши Ковиёнро тоҷикони ватандӯст харидорӣ кардаанд!!!**

Гумони ғолиб он аст, ки дурафши ковиёниро бо ин нархи гарон ватандӯсте, тоҷике, аҷамие бо ин нарх харидорӣ намудааст ва онро дар ҷое бурда, пинҳон намудааст. Зеро маҳз соҳибпарчам қадри онро медонист ва онро табарруку муқаддас мепиндошт ва ашёи атиқа будани онро низ қадр мекард. Зеро ба ақидаи Фирдавсӣ ашёи расмии давлатӣ мисли тоҷу дирафш набояд ба дасти душман расанд, ки ин нангест бузург.

**«Пажвок» ва «Ба қуллаҳои дониш»/15.12.10.**

# Фасли 4. Психологияи ҷамъият

## Қонуни «Кӣ аввал омад…»

Ман малак будаму фирдавси барин ҷоям буд,
Одам овард дар ин дайри харобободам.
Ҳофиз

Аввал яке аз 99 номи Худост. Охир низ аз асмои Худовандист. Таълимоти тавҳидӣ «Худо аввалест, ки аввали ӯро бидоят нест ва охирест, ки охири ӯро ниҳоят нест» басо ибратомӯз аст.

Қонуни «Кӣ аввал…» қонуни нонавиштаест, ки дар ҳаёти мо, дар тамоми кору фаъолият ва ҳатто дар тафаккури мо ҷой гирифтааст. Зимнан ҳама ба он тобеъ аст, касе зидд нест ва гӯё огоҳона ё фориғболона ба он сар фуровардаанд. Аслан ин қонунро касе набаровардааст. Парлумоне онро бо роҳи овоздиҳӣ тасдиқу расмият набахшидааст. Вале ин қонуни ғайрирасмӣ аз ҳама қонунҳои дигар амалитару ҷонноктар ва иҷроиши он бе полису милисаву банду зиндон роҳитар аст. Ҳар лаҳза мебинем, ки зиндагии мо ба мисли пойгаҳи аспон аст: Ҳар кӣ аввал бо аспаш омад, ғолиб ӯст.

Файласуфон чӣ қонунҳое, ки намебароранд: қонуни муборизаи баҳамзидҳо, қонуни гузаштани тағйироти миқдорӣ ба сифатӣ ва баръакс, қонуни инкори инкор. Физикҳо низ дар қонунбарорӣ ҳамто надоранд: қонуни ҷозибаи умумиҷаҳонӣ (қонуни Ниютон), қонуни Ом ва ғ. Қонунҳои ҳуқуқӣ бошад, аз ҳад зиёданд. Вале қонуни «Кӣ аввал…» -ро касе гӯё ҳис намекунад, вале ҳама дармондаи ин қонуни нонавиштаи ҳаётанд. Ӯ қонуни ҳоким аст.

## Ҳокими мусофиркаш

Ба мусофиркаш (автобус) медароед, дар он ҷо ҳамагӣ 20 ҷойи нишаст. 20 нафар нишастаанд, ҳамин қадар одами дигар ё аз ин зиёдтар рост истодаанд. Касе эътироз намекунад, ки чаро инҳо нишастаанд. Охир ҳама баробар, якхел роҳкиро додаанд-ку?! Ҳа, фаҳмо, инҳо аввалтар омадаанд. Яке мехезаду пиреро ҷой медиҳад. Пир миннатдор шуда, дуои нек мекунад, ки ин ҷойи бо қонуни мазкур гирифтаашро ба ӯ дод. Дигарон ҳамагӣ тобеъ ба қонуни мо хомӯшанд. Ногоҳ ҷавони бебоке вориди мусофиркаш мегардад ва ҷавони дигари ҳамсиннусоли худро бо зӯрӣ аз ҷояш мехезонаду ба ҷойи вай менишинад. Ҳама ба ӯ бо нафрат нигоҳ мекунанд, ки қонуни «Кӣ аввал…»-ро вайрон кард. Ӯ ҷинояткор аст, ки қонунро вайрон кард. Ин ҷо гап сари он намеравад, ки кӣ ҳақ асту кӣ ноҳақ. Ин ҷо сухан сари он аст, ки ҳама аҳли мусофирон ба қонуни «Кӣ аввал…» тобеъ мебошанд ва аз он арҷ мегузоранд ва ҳар вайронкунандаи он дар назари онҳо аз ҷинояткор камтар нест.

## Сербҳо аввал омадаанд

Дар таърих чунин ҳодисае, ки қонуни «Кӣ аввал…»-ро барҳам задааст, кам нест ва касе, ки онро барҳам мезанад, чун истилогару ғосиб қаламдод мешавад. Бале маҳз аз нуқтаи назари қонуни кӣ аввал омадааст ғосиб аст. Мушкилоти албанҳо ҳам дар Югославия ҳамин аст. Зеро ба ин хок авал сербҳо омадаанд. Масъалаи дар хоки Фаластин аввал омадани яҳудиён ё арабҳо солҳост ҳалли худро намеёбад.

Ҳанӯз хеле пештар аз ҷониби Худованд Замин ба Одам (а) ва фарзандони ӯ арзонӣ гашта буд ва ҳушдори ин ки «ҳама кураи замин баробар ба ҳама фарзандони инсон тааллуқ дорад»-ро кайҳо қонуни зикршуда фурӯ бурдааст. Зеро минбаъд замин на ба ҳама фарзандони ӯ баробар тақсим шуд. Имрӯз ҳар порча замин моли ҳамон кас ё давлатест, ки аз дидгоҳи худи онҳо гӯё аввал омадаанд. Курсҳои болоӣ бар поёнӣ, маҳаллиҳо бар омадаҳо, дембелҳо бар наваскарон бо фахр бартарӣ ва муқаддамӣ меҷӯянд. Гӯё аз ин мисраъҳо огаҳ нестанд:

Мо зи оғозу зи анҷоми ҷаҳон бехабарем,<br>
Аввалу охири ин кӯҳнаработ афтодаст.

Оё ин бузургии ҳамин қонун нест? Ё дар ин давру замон аз ин дида қонуни бузургтаре низ ҳаст?

## Муҳаммад, салавот бар ту!

Бузургии Муҳаммад (с) ва дини ислом маҳз дар шикастани ҳамин қонуни мавҷудбуда, ки одамон бар дурустиву нодурустии ин қонун тобеъ буданд, бори дигар ҷилвагар мешавад. Яъне аксарият, махсусан пирони бутпараст, дини худро аввал дониста, бутпарастиро чун дини аҷдодӣ аз даст додан намехостанд. Онҳо барои далели худ ҳар лаҳза мегуфтанд, ин Лоту Ҳубал бутҳоеанд, ки аз қадим бобу аҷдоди мо парастиш мекарданд. Яъне боз такя бар ҳамин қонуни «Кӣ аввал…» мекарданд. Вале Аввали Муҳаммад (с) аввалтар аз ҳамаи аввалҳо буд. Аз ин рӯ Аввали ӯ ғолиб бар ҳама аввалҳои дигар гашт. Ва ҳама қолабҳоро бишкаст. Зиҳӣ, бар он касе, ки қолаб мешиканад. Салавот бар ту, ай расулуллоҳ!

## 6 млрд дар як садсола

Ҳар як садсола 6 млрд аҳолӣ ба ҳисоби миёна меоянду мераванд. Ва чӣ қадар садсолаҳо гузаштаанд, Худо медонад. Ин омадушудҳо ағлаби одамонро панд намешавад, ки намешавад. Ҳанӯз дар фикри ғасби порчае бештару беҳтаранд. Чунин офарида шудааст одамӣ, ки то дами охирин мудаӣ бар аввалият дорад. Дар ин ҳама гирудорҳо, ки як ваҷаб зиёдтар мегирад ва кӣ пештар омада, чизеро соҳибӣ мекунад, мӯҳлати ба ӯ ҷудошуда ба охир мерасаду ӯ ҳанӯз дар ғафлат аст, ҳанӯз огаҳ нест, ки ҷойро барои дигарон холӣ бояд кард.

## Танзим – шикасти қонуни одатӣ

Шикастани ҳар гуна расму оин ва амалҳои одатшудаи барои мардум гарон ҷуръати бузургеро тақозо мекунад. Ва он кори басо мушкил низ ҳаст.  Касе ба ин иқдом мекунад, ки пуштибоне чун Холиқи якто дошта бошад ва ило натиҷааш ниҳоят кулфатбор хоҳад буд.

Аз куҷо пайдо шудаанд ин одатҳо, аввали онро кӣ дидааст, ки он шомил шудааст ба қонуни «Кӣ аввал…»? Гумон меравад, ки ҳар одате, ки як пушт гашт, ба расм ё оин табдил меёбад ва аз байн бурдани он маҳол мешавад.

## Сангчагардонӣ дар Кӯлоб

Тасаввур кунед, шахсе аз навоҳии Кӯлоб барои дар рӯзи ҷумъагии падараш тасбеҳ гардонидан аз сангчаҳо истифода намуд. Ман, шахсан номи ӯ ва падарашро медонам ва медонам, ки аввалин маротиба ӯ дар ҷумъагии падараш сангча ҷамъоварӣ намуд ва тамоми сол бо он сангчаҳо Хатми хӯҷа ё хоҷагон, ки ҳазор бор сураи Ихлос хонда мешавад, гузаронида шуд. Чун сол ба охир расид, он сангчаҳоро дар гирди гӯри падараш рехт. Ҳамин тавр ин кор аввал дар як деҳа ва баъд оҳиста – оҳиста дар тамоми вилояти собиқ паҳн шуд. Ин расм агар чанд соли дигар идома ёбад, аҷаб нест дар бораш ҳадис низ ёбанд.

Гумони ғолиб он аст, ки бисёр расму оинҳо ба ҳамин минвол пайдо шудаанд.

## Ҷуръати Умар (Р)

Нақл аст, ки ҳазрати Муҳаммад (с) баъзе вақти худро дар сояи дарахте мегузарониданд. Баъди вафоти он ҳазрат (с) мардум он дарахтро муборак ҳисобида, иззату икром намуданд. Ҳазрати Умар он дарахтро буриданд. Чун мардум барои зиёрати он дарахт омаданд, дарахтро надиданд. Дар ғазаб шуда, буррандаи онро ҷӯё шуданд. Ҳазрати Умар (р) миёни он издиҳом баромада, арз намуд, ки дарахтро ӯ буридааст. Сабаб пурсиданд. Гуфт: - Бар шумо тарсидам аз ин дарахт, ки онро чунин иззату икром намудед. Мабод, ки рӯзе бар он саҷда биёред. Аз ин рӯ онро буридам.

Ин нақл далели муҳкам аст барои он ашхосе, ки ашёе аз волидайни гузаштаи худро чун ашёи муборак дар хона нигоҳ медоранд ва онро ҳамчун як чизи муқаддас меҳисобанд. Яъне, ашё ҳеҷ гоҳ муборак буда наметавонад. Чун баракату раҳмат ва ризқ ҳама аз ҷониби Худост (ҷ).

## Ҳоким андар тафаккур

Қонуни «Кӣ аввал…» дар тафаккуру навиштаҳои мо низ басе ҳукумат дорад. Масалан, шахсе перомуни шоҳбайти шоире мақола дарҷ мекунад. Ҳафтае баъд шахси дигаре таъкид мекунад, ки ин мавзӯъро фалонӣ дар фалон асараш қайд карда будааст. Яъне, аввал ӯ гуфтааст ва ту дер кардӣ, набояд инро мегуфтӣ. Ҳол он ки «ош дар чанд дег чанд мазза дорад», гуфтаанд.

Ҳар кӣ аввалбин бувад аъмо бувад,
Ҳар кӣ охирбин чӣ бомаъно бувад.
Ҳар кӣ аввал бингарад анҷоми кор,
Дар уқубат ӯ нагардад шармсор.

Румӣ

### Мактаби Айнӣ

Адабиёти муосир бо ҳама содагиву равонияш бо ҳама ҷумланигорияш хизмати Айнӣ аст. Таъсири Мактаби Айниро дар ҳар навиштае мебинем. Аввалин повест, аввалин роман аз ӯст. Яъне ҳукми аввалият дар ин ҷо алакай ҷорист. Агар касе фаразан аз услуби клоссикӣ коргир шавад ё аз ҳамзабонони ирониву афғонӣ вожаҳои наверо бо услуби нав корбаст кунад, ҳатман дучори сарзанишу маломат қарор мегирад. Чаро ки қолаби аввалиятро шикаст.

### Хатти кириллӣ омад

Бо қабул намудани хатти кириллӣ бисёр қоидаҳои мақбулу номақбул дар забон ҷорӣ шудан гирифтанд. Азбаски дар ҷумҳурии мо аниқтараш дар ин минтақа ин хат аввалин бор пой ниҳод, қонуни «Кӣ аввал…» дар он ончунон маҳкам ҳукумат дорад, ки дигар тағйироте дар он ворид намудан қариб номумкин аст гӯем, хато намекунем. Масалан агар гӯем, ки ҳамин ташдид ба забони тоҷикӣ он қадар лозим нест ва агар онро аз имло бардорему аз як дардисарӣ иншонависонро озод намоем, дар назари баъзе забоншиносон қиёмат қоим шудагӣ барин менамояд. Зеро дар тафаккури эшон ҳамин қонуни «Кӣ аввал…» кайҳо ҳукумат дорад. Ва онҳо намехоҳанд, ки аз ин алифбои Ҳилол Карим (рӯҳаш шод бод!) як шоху баргаке кам шавад. Аниқтараш тасаввур карда наметавонанд. Чӣ расад ба гирифтани ташдид. Ҳол он ки дар арабӣ низ ташдидро ду ҳарф наменависанд, балки аломате дар қатори ҳаракатҳои зеру забар мегузоранд, ки аксар вақт навишта намешаванд.

Офарин ба ислоҳотсозе чун Пётри 1, ки ҷуръат карда, алифбои кириллиро аз шоху баргҳо хело тоза намуда буд.

Бале, қонуни «Кӣ аввал… » дар хуну гӯшти мо реша давондааст. Аз он халосӣ нест. Ба он итоат бояд кард.

Мана, шахсе меояд, вай нимбараҳна аст, ха ҳеҷ гап не, аввал одам бараҳна ҳамин хел ба дунё меояд-ку. Чашм пӯшед!

**«СССР»\21.05.09**.

## Муаллимонро даст гирем ё по?

*Мувофиқи таълимоти чиниҳо агар муаллимони давлате мӯҳтоҷ бошанд, пояи давлат бақо нахоҳад дошт.*

**Муаллим кист?**

Муаллим щахси донишмандтар аз дигар табақоти ҷомеа. Табақаи хирадманди ҷомеа. Устоди ҷомеа. Дар тамоми давру замонҳо ёрирасони одамон ва дармонбахши рӯҳониёти мардум. Идеали ҳар як таълимдида нахуст дар шахси муаллим ҷилвагар мешавад. Зеро муаллим ба ҷавҳари ҷомеа, яъне ҷавонон, сарукор дорад.

Инак, 17 сол аст, ки муаллим қариб бемаош кор карда меояд. Аз 5 ҳазор рубли барҳамхӯрда сар карда, то 300 – 400 сомонии имрӯза. Ҳар доим 40 – 50 % маош аз тарафи Ҳукумат баланд мешавад. Баробар бо бардоштани маош нархи маҳсулот низ боло меравад. 17 сол аст устоди бачаҳо дар фикри нони серӣ аст. Равған тамом шуд, гӯшт кай мехарем, либос ва ғ. 17 сол ин як давраи балоғати ақл аст.

Бо пош хӯрдани СССР сардорони идораҳо идораҳову кабинетҳояшонро хусусӣ карда гирифтанд. Ба ронандаҳо мошинҳояшон насиб гашт, колхозчиён соҳиби замин шуданд. Аммо муаллим чӣ? Фикр мекунам, ҳеҷ як табақаи аҳолӣ аз пошхӯрии Ҳукумати Шӯроҳо ин қадар зарар надидааст, ки муаллим дид. Муаллими «ҳақиқӣ», «баномус» ин истилоҳотест, ки 17 сол аст муаллимро дар мактаб қапидааст. Бо вуҷуди зарбаҳои сахти зиндагӣ, норасоию камбудиҳои рӯзғор ӯро дар синфхона нигоҳ доштааст. Зеро ӯ ин касбро дӯст медорад, аз дилу ҷон дӯст медорад. Дарс ҳаёти ӯст. Бӯйи рангу бӯйи хосаи мактаб ӯро рӯҳ мебахшанд. Пурсиши вазифаи хонагиву баёни мавзӯи нав ӯро ҷони дигаре медиҳанд. Ҳамсояҳо ба мардикорӣ ба Русия рафтанд, вале ӯ дар мактаб монд. Ҳама дар фикри бойгариву сарват, аммо ӯ бо дарсаш содиқ монд.

Дар ин 17 сол ҳама фаҳмид, ки муаллимӣ чӣ касбест. Муаллим чӣ зиндагӣ дорад, чӣ гуна хона дорад, пиёда аст ё мошинсавора, хулоса, чӣ рӯзгореро аз сар мегузаронад. Дигар падар ба писараш намегӯяд, ки «писарам нағз хону муаллим шав». Зеро муаллим шав, чун муродифи камбағалу мӯхтоҷ шав ба гӯш мерасад. Кӣ мехоҳад, ки фардо писараш азоб кашида хонда ба нони хӯрдан зор шавад? – Ҳеҷ кас!!!

Агар дар ҷое бо сабаби ҳодисаи табиӣ харобие рӯй диҳад, фондҳо ташкил медиҳанд, то ин харобӣ бартараф шавад. Зеро ин харобӣ ба чашм аён аст. Аммо ин харобие, ки дар майнаи одамон бинобар сабаби камбуди устод рӯй додааст, ба назарҳо ноаён аст ва онро касе намебинад. Аммо чӣ оқибати мудҳише ба бор меорад, ин номаълум аст.

### Савдогар шавам ё муаллим?

Ду бародар буданд, чун бузург шуданд, пайи интихоби касб рафтанд. Калонӣ муаллим шуд ва хурдӣ савдогар. Чун оиладор ва соҳиби фарзандон гаштанд, ҳавлии падарро ду қисм карда, зиндагии мустақилона барпо намуданд. Бародари хурдӣ ба тиҷорат машғул

шуда, фоидаи калон ба даст овард. Хонаи боҳашамат андохт ва мошини хориҷӣ харид. Фарзандонаш серу пур.

Бародари калонӣ бошад, дарс мегуфту дарс мегуфт. Ҳамон хонаи кӯҳнаи падарро ҳатто таъмири дуруст карда натавонист. Бо автобус ба дарс мерафт. Маошаш ниҳоят кам, ҳатто ба як туфлӣ намерасид. Фарзандон калон мешуданд. Бачаҳои бародараш бачаҳои ӯро таъна мезаданд, ки шумо камбағалед, ҳатто велосипед надоред.

Саҳар ӯ ба мактаб меравад, шаш дарс дорад, шаш соат, то нисфирӯзӣ.

Бародари ӯ низ саҳар ба бозор меравад. То нисфирӯзӣ борҳоро ба дӯконҳо тақсим мекунад. Дар як соат якмоҳа маоши бародарашро меёбад.

Бегоҳ бародари хурдӣ аз кор бармегардад. Бағочи мошинро мекушояд, меваву хӯрока, қанду мавиз дар халтаҳо пур ба бачаҳо медиҳад, ки ба хона дароранд.

Бегоҳ ӯ аз мактаб бармегардад, лабҳояш парсинг бастагӣ, маълум ки хӯрок нахӯрдааст, дар дасташ ҷузвдон. Бачаҳяш ӯро пешвоз мегиранд,

- Дада, чӣ овардӣ, - гуфта, умедворона ба ҷузвдони дасташ менигаранд.

– Ҳеҷ чиз, бачем, ҳоло то маош дур. Занаш мебарояд.

- Гӯшт овардӣ як моҳ боз бачаҳо гӯшт нахӯрдаанд. Мегӯянд, ки аз бегӯштӣ кӯр шудан мумкин.

Рафта аз бародараш қарз гирад. Не, зани бародараш фаҳмад, тамом, сар мешавад, таънаю маломат. Чӣ кор кунам, ба ҷонам зад, меравам ба мардикорӣ ба Русия. Мактаб чӣ мешавад, талабаҳоям чӣ кор мекунанд, барномаи таълимӣ чӣ? Таваккал, меравам, дигар илоҷ нест…

Албатта, қисса давом дорад, вале мақсади мо ин ҷо қиссапардозӣ нест. Балки мо тазоди зиндагиро дар шахси ду бародар нишон додем. Имрӯз он бародар серу пур аст. Аммо бехабар аз он ки фарзандони ӯ дар мактаб аз ғизои маънавӣ маҳруманд, зеро дар мактаб муаллим намондааст. Бачаҳо гирди мактаб як давр зада, муаллим нест гуфта, ба хона меоянд ё ба қиморбозиву дигар амалҳо машғул мешаванд. Ана дар ин ҷо назири он харобии офати табииро андак ҳам бошад, мебинем. Ин харобиро кӣ обод мекунад, суоли матраҳ аст.

### Муаллимони мӯҳтоҷу талабаҳои бой

Чун муаллим дастнигару мӯҳтоҷ аст, талабаҳои аз оилаи сарватманд, ки аксар шухтабиату бепарвоанд, гапи муаллимро ҳатто гӯш намекунанд. Чунин талабаҳо аз мавқеи иҷтимоӣ истифода бурда, муаллимро паст мезананд ва дарсҳоро одатан вайрон мекунанд. Ёд дорам, замони шӯравӣ писари раисе ба падараш аз муаллим шикоят бурд. Раис аввал асли гапро пурсид ва баъд аз писараш талаб намуд,

ки рафта аз муаллим узр пурсад ва худи раис муаллимро гунаҳкор наҳисобид. Аҷаб шавкату шаҳомате дошт муаллими замони шӯравӣ! Муаллимро дида, ҳатто бо овози баланд гап намезадем, ки мабодо озурда нашавад. Ҳоло чӣ? Талабагони имрӯза бо муаллим чиҳое ки намегӯянд. Обрӯи пешинаи устодро барқарор кардан, ана ин аст асос бар сифати таълим!

**Офарин ба Вазорати маориф!**

Иқдоми масъулони Вазорати маориф дар мавриди баргардонидани муаллимон ба мактаб имсол назаррас аст. Яъне, муаллимоне, ки ба мактаб бармегарданд, ба замин барои сохтани манзил таъмин мешаванд. Фикр мекунам, ин амал баҳри беҳтар намудани сифати таълим дар макотиби кишвар боис мешавад. Ва онро ҳар чи бештару тезтар амалӣ бояд намуд, то ки устодон ба ин касби дӯстдоштаи худ баргарданд.

**Пули мактаб - қонунӣ**

Инчунин, барои беҳтар намудани мақому манзалати устод маоши устодон бояд баланд шавад. Аммо ин баландшавӣ на аз ҳисоби буҷа, балки аз ҳисоби ба истилоҳ маъмули «пули мактаб» амалӣ шавад. Яъне, мо ҷонибдори қонунӣ намудани «пули мактаб» (албатта аз рӯйи инсоф) мебошем. Зеро он роҳи ягонаест, ки ин соҳаи ниҳоят муҳими ҷомеаро ба ислоҳ меорад. Нахуст муаллимро аз мӯҳтоҷӣ бароварда, баъд аз ӯ кор талаб намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳол дар донишгоҳҳо аз мактабҳои миёна хубтар нест. Дар донишгоҳҳо низ аз ҳисоби шартнома маоши устодонро то 1500 – 2000 сомонӣ боло бурдан мумкин аст, агар ин ҳама таъмирҳои зиёдативу чорабиниҳои нодаркор хотима ёбанд. Чун мақсад дар оянда кадр ё мутахассиси баландпоя ба воя расондан бошад, пас аз бисёр чизҳо бояд гузашт.

Устодони донишгоҳҳо, ки бештаринашон олимони варзида ва соҳибкитобанд, ҳақ доранд ба воситаи китобфурӯшиҳо китоби худро бифурӯшанд. Имрӯзҳо сару садоҳое баланд мешавад, ки муаллим китоби худро маҷбур мекунад, ки бихаранд. Аҷаб замоне шудааст, ки одамон аз китоб дурӣ меҷӯянд. Дар дарс бе китоби дарсӣ нишастан, бе ҷузвдон ду дафтарро дар киса зада омадан солҳои ҷанги шаҳрвандӣ расм шуда буд, ки таъсири онро ҳоло ҳам мушоҳида мекунем. Ба фикрам ҳақ ба ҷониби устодест, ки донишҷӯро маҷбур мекунад, то бо китоби дарсӣ ба дарс биёяд.

Ёд дорам, солҳои донишҷӯӣ ҳашт ҷилди «Энсиклопедия..»-ро бо нархи 100 рубл (пули с.1961, ки 8 лингча орд мешуд) харида, бо таксӣ ба хона овардам ва ҳеҷ гоҳ пушаймон нестам. Имрӯз аз он фарзандонам истифода мебаранд. Аз ин рӯ харидани китоб ба манфиати донишҷӯ аст, на ба зарараш.

Дар мамлакатҳои мутарраққӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ин табақаи нодири ҷамъият, яъне устодон, ки ба таълиму тарбияи ҷавонон машғуланд, хориву зорӣ набинанд ва дастнигар набошанд ва маблағҳои зиёд ҷудо мешавад.

Тасаввур кунед, муаллим ба дарс медарояд, Ӯ бояд дар бораи физикаи ядроӣ ба бачаҳо дарс гӯяд, аммо дар хона орд нест, равған нест, писарчаҳо либоси дуруст надоранд. Ӯ чӣ гуна дарс хоҳад дод ва шогирдони ӯ чӣ хоҳанд омӯхт? Чӣ ин сахтҷонро дар мактаб нигоҳ доштааст? Ишқи касб ё чизи дигаре? Бале, сахтҷонтарин ва сабуртарин табақаи аҳолӣ ин муаллимонанд, воқеан пуртоқатанд устодон. Бошад, зеро Худо бо собирон аст.

**«СССР»\23.04.09**

## Таъсири кино

Кино, ки ба ақидаи Ленин аз ҳама санъатҳо муҳимтар аст, қудрате дорад, ки дӯстро дар назарҳо душман ва баръакс нишон диҳад. Пас чаро аз чунин фишанги пурзӯр истифода накунем ва маблағҳои бештаре ба ин соҳа ҷудо накунем. Чун мақсад сохтани як миллати банангу номус бошад! Ва муҳимтар аз ҳама баъди раҳоӣ аз чанги идеологияи киноӣ шӯравӣ, ки аз мурдани бародари мусалмону ватандори банангу номусат, ки киноӣ советӣ ӯро босмачӣ номидааст, табли шодӣ мезаниву аз захмӣ шудани як нафар истилогар, ки кино ӯро дӯстат нишон медиҳад, ашк мерезӣ. Ин бозӣ карданҳо ба эҳсосоти одамон тамошобинроöнчунон гумроҳ мекунад, ки намедонад киро дӯст хонаду киро душман дорад. Дар натиҷа ӯ ба як махлуқи бетафовут мубаддал мегардад, ки аз манқурти Чингиз Айтматов монданӣ надорад. Ана, чӣ гуна мешавад нест кардани ғурури миллӣ!

Киноӣ ҳиндӣ омад!

Ин ҷумлаест, ки солҳои Шӯравӣ дар қишлоқҷойҳо мешунидем. Он замон дар девори хонаҳо матоъи сафедеро меовехтанд ва кинотеатрҳои сайёр барои колхозчиён баъди пахтачинӣ кино намоиш медоданд. Чӣ замонҳои хуше буданд он замонҳо. Вобаста ба тараққиёти техника имрӯз ҳоҷат ба он кинотеатрҳои сайёр намондааст. Айни онро мо дар чизи ди гаре мебинем. Дар мо одат шудааст, ки ҳар рӯзи истироҳат ба воситаи телевизион филмҳои ҳиндӣ намоиш диҳанд. Ҳатто мардҳои синнашон ба ҷое расида дар назди телевизор нишаста, аз филмҳои фачу сустсужаву сустмазмун, вале сермусиқиву рангоранги синамогарони ҳиндӣ лаззат бурда, боз қоил шуда мегӯянд:

- Ин бозор ҳам киноӣ индиски мешава.

- О бача, хо ай гиряра мембурем бугӯ?!

Духтарҳои мо он қадар филмҳои ҳиндиро дӯст медоранд, ки мехоҳанд ба онҳо пайравӣ кунанд. Акнун баъди истилои инглисҳо ҳиндуҳо баргардиш доранд ба оину расму русуми хеш, ки бештарини онҳо марсум аст бар оини бутпарастӣ ва барои мо мусалмонон бегона. Намоиши шикаму дигар ҷойҳои бараҳнаи бадан аз ҳамин оин сар зада, ба тоҷикдухтаракони ноогаҳ интиқол ёфтааст, ки дар кӯчаҳо беибо гаштугузор доранд. Гӯё ки мо кайҳо ҳинду гаштаем. Ва намоиши шикам ин расми кӯҳнаи мо будааст. Бале, ноогаҳии ҷавонон аз фарҳангу маънавиёти худӣ онҳоро ба ҳар оину равияҳои бегона бурдан мегирад.

Фарқи филмҳои солҳои 70 – 80 – и ҳиндӣ аз ҳозира аз замин то осмон аст. Пештар шарму иффати занона дар филмҳои ҳиндӣ бештар ба назар мерасид. Ҳунармандонаш низ дилписандтару беҳтар буданд. Бовар кунед, ҳатто як писарбача филми ҳиндиро тамошо карда истода, пеш-пеш давоми филмро нақл мекунад. Он қадар сужаҳо такрору дилбазананд, ки пешакӣ мефаҳмӣ, ки ҳозир суруд мехонад ё Ҷими ба ёрии духтар омада, даҳ нафарро тани танҳо зада меафтонад. Ин ҳиндуҳо он қадар камқувватанд, ки ҳатто бо як зарбаи Ҷими парида то даҳ метр мераванд. Ва баръакс ин Ҷими он қадар ҷасур аст, ки ҳатто аз биниаш хун намеояд, аз тир мегурезад. Бояд гуфт, ки дар филмҳои ҳиндӣ қаҳрамони асосӣ аз борони тир беосеб мегузарад. Ягон бор надидаем, ки қаҳрамони асосӣ дар охир бой дода бошад.

Вақти он расидааст, ки саволе дар пеш гузорем, ки умуман хариди чунин филмҳои сустсужа арзанда аст? Ва боз се соат шабу се соати дигар саҳар вақти пурқимати телевизиону одамонро гирифтан далели гумроҳкунии ҷавонон нест? Пештар замони шӯравӣ, ки заводу фабрикаҳо дар се баст кор мекарданд, намоиш додани як филм чанд маротиба зеб дошт. Ҳоло чӣ зарурате дорад ҳам шабу ҳам рӯз ин қадар тӯлонӣ як филмро нишон додан?

## Тоҷикистон – Юсуфистон

Тоҷикистон ошиқистон аст дар фарҳанги дил,
Обу хоки ин диёр бӯи муҳаббат мекунад.

Ин байти Озарахш имрӯзҳо тасдиқи худро меёбад. Бо пасванди -истон омадани исмҳои моддӣ маъмул буд. Гарчанде Ҳофизи бузург «користон»-у Лоҳутӣ бо исми шахс-мард «мардистон» сохт. Озарахши замони мо ошиқистонро пайдо кард. Мисраи «Юсуфистон кард васлаш кулбаи эҳзони ман» низ аз ҳамин қабил аст.

Ин шабу рӯз дар Симои мустақили Тоҷикистон филми синамогарони эронӣ Юсуфу Зулайхо пахш шуда истодааст, ки ҷӯйбори серобе дар даштҳои карахту хушкидаву ташналаби эмондории мо ҷорӣ гашта. Бешак, ин шабу рӯз Тоҷикистон Юсуфистон гаштааст. Ин ибораи сохтаи ман нест. Вале бисёр бамаврид аст. Қудрати синамо ончунон аст, ки баробари тамошои ин

филм ашки садоқату меҳр аз чашмони кас ҷорӣ мешавад. Вале ин гиряи тарс нест, ин нишонаи имон аст. Хубрӯтарин ва зеботарин офарида, ифтихори Худованд дар назди малоик аз ин офаридаи Худ. Ва зебоӣ на дар шахси зан, балки мард. Покӣ, тозагӣ, аз хиёнат дур будан ин ҳама ба ҳам омадаанд дар ин филм. Бешак, бурди синамои Эрон дар филми мазкур аз қиссаи осмонӣ дарёфти ҳунарманди зебо дар нақши Юсуф аст.

Орзу доштам, ки дар ҳама ҷаҳоннамоҳои Тоҷикистон чунин филмҳо бештар пайдо шаванд. Ҷои филмҳои ифодагари расму оину дини бегона ва фаҳш, ки майнаи ҷавононро заҳролуд мегардонанд, филмҳои худӣ рӯи кор биёянд.

Хидмати шабакаҳои мо дар мавриди намоиши филмҳои худӣ дида шаванд ҳам, вале филмҳои мавҷуда хело кам ва барои тарбияи як нафар тоҷики замони навин басанда нестанд.

Албатта мо пурра зидди филмҳои ҳиндӣ ё истеҳсоли дигар нестем. Аммо дар ин даврони гузариш бештар филмҳое намоиш дода шаванд, ки ба худшиносии ҷавонон таъсир расонанд ва дар онҳо беҳтарин хислатҳоро тарбия намоянд. Телевизионҳои Россия чанд сол аст, ки аз пахши филмҳои хориҷӣ рӯтоб шуда, танҳо филмҳои худашонро намоиш медиҳанд. Онҳо комилан таъсири киноро дарк намудаанд, ки дар худшиносиии ҷавонон нақши ҳалкунанда дорад. Воқеан, аксари филмҳои навини русӣ махсус идеяҳоеро тавассути ин санъати зебо ба насли оянда талқин месозанд.

Чизи дигар, дарёфти истеъдодҳои баланд чун Ҳошим Гадову Бимбулат Ватаев ва Саид Пиров дар нақшҳои умда вазифаи кинои имрӯза аст. Маҳз ҳунарманди ҷисман боқувват ва зебо дар дили тамошобин роҳ меёбад.

**«СССР»\5.02.2009**.

## Тарғиби бараҳнагӣ

**Ҳазрати Муҳаммад (с) мефармоянд: "Одамонро дар охируззамон бо либосашон мешиносанд". Ин ҳадиси набавӣ маънии васеъ дошта, дар ҳар давру замон тасдиқи худро ёфтааст. Воқеан, аз ҷиҳати зоҳир кормандони соҳаи тандурустӣ (дар ҷои кор), ҳифзи тартибот, сухторхомушкунӣ, парвозгоҳ, мудофиа ва ғайра бо либоси махсуси фарқ мекунанд. Либоси воломақомон аз аз камбағалону миёнаҳолон низ тафовут дорад. Дар ҳошияи гуфтаҳои паёмбар инро метавон гуфт, ки дар ҷомеаи имрӯза пӯшок ифодагари чунин паҳлӯҳои ҳаёт аст:**

1. Завқи одамонро ифода мекунад;
2. Сатҳи зиндагии инсонро нишон медиҳад;
3. Касбу кори шахсро мефаҳмонад;

4. Фасли солро ифода мекунад;

5. Рӯҳияи шахсро нишон медиҳад;

6. Тӯю сур ва азою мотамро бозгӯ мекунад;

7. Ифодагари имону тақвост.

Хуллас, дар ҳар маъние, ки нагирем, ин пешгӯии паёмбар қобили қабул аст. Зеро он аз таҷрибаи ҳаёт гирифта шудааст. Воқеан, тамоми ҳадисҳои ҳазрати Муҳаммад (с) заминаи ҳаётӣ дошта, аз таҷрибаи рӯзгор сарчашма доранд. Агар либос чунин хусусиятҳоро доро бошад, пас либоси аҳли ҷамъият бояд зери таваҷҷӯҳи ҳама қарор дошта бошад.

***Маънии пӯшок ва мақсад аз он***

Либос аз масдари арабии лабаса гирифта шуда, маънояш пӯшонидан аст. Адиби эронӣ Ғуломалии Ҳаддоди Одил дар китобчаи хеш "Фарҳанги бараҳнагӣ ва бараҳнагии фарҳангӣ" либосро аз масдари лабиса (бо касри бо) медонад. Маънии лабиса баргардонидани шакли аслии бадан ба сурати дигар аст. **Дар ҳар ду шакл (ҳам лабаса ва ҳам лабиса) як маъно нуҳуфтааст - пӯшондани бадани бараҳна ва аз назарҳо ноаён сохтани он. Яъне вазифаи аслии либос баданро пӯшонидан аст.** Пас ин ҷо чанд суоле пайдо мешавад: Одамон либосро ба кадом мақсад ба бар мекарданд? Ихтирои либос ба чӣ мақсад сурат гирифтааст? Бо кадом мақсад одам бояд баданашро пӯшонад? Чӣ инсони луч ба дунё омадаро маҷбур месозад, ки баданашро аз урёнӣ нигоҳ дорад?

**Ин суолҳое ҳастанд, ки мавзӯи баҳси ҳам мардумшиносон (этнографҳо) ва ҳам ҷомеашиносон (сотсиологҳо) қарор гирифтаанд.**

**Ба ақидаи мо, ду чиз инсонро водор сохтааст, ки пӯшиш ба бар кунад: Аввалан, ҷамъият; сониян, табиат.**

**Аз нуқтаи назари биологӣ ва ҳам аз нигоҳи динӣ инсони аввалин дар минтақаҳои гарм, ки талабот ба либос камтар аст, пайдо шуда, зиндагӣ кардааст. Имрӯз ҳам дар Африқову Ҳиндустон баъзе қабилаҳо нимбараҳна ё пурра бараҳна умр ба сар мебаранд. Либосро ҷамъият ба вуҷуд овардааст, либос ҳам мисли забон зодаи ҷамъият аст. Пӯшонидани ҷоҳои дурушту нозеби бадан дар ибтидо ва пайдо шудани шарму ҳаё ба инкишоф ёфтани маданияту фарҳанг асос шудаанд. Бояд гуфт, ки либос ин ибтидои сивилизатсияи инсонӣ аст.**

Пас мо талаботи ҷамъиятии либосро дар ҷои аввал ва талаботи табиъии либосро дар ҷои дуюм мегузорем. Гарчанде ки саҳми

талаботи табиъии либос дар пайдо шудани пӯшишҳои гуногун кам нест. Ин дар минтақаҳои хунук бештар ба назар мерасад. Вале дар утоқҳои гарм бо костюму гарданзеб нишастан, боз талаботи ҷамъиятии либосро дар ҷои аввал мегузорад.

**Муд, намоиши либос ва намоиши бараҳнагӣ**

Шахс дар ҷамъият зиндагӣ карда истода, пурра ба қонунҳои нонавиштаи он тобеъ аст. Масалан, муд ҳеҷ гоҳ тобеи як шахс нест, он доим дар тағйирёбист. Гӯё ҳеҷ кас онро ба танзим намедарорад. Вале маълум аст, ки гурӯҳи сарватмандони ғарбӣ аз воситаҳои гуногуни рекламавӣ, ВАО, ҳатто кинофилмҳо истифода бурда, мақсадҳои худро дар зери мафҳуми либос дар зеҳни мардум ҷой карданӣ мешаванд. Ва иқрор бояд шуд, ки ба мақсадҳои худ як андоза ноил шудаанд. Имрӯз баъзе тоҷикони ноогоҳ мехоҳанд либоси худро ба қаҳрамони дӯстдоштаашон монанд бинанд. Мақсади ин гурӯҳи сарватмандон дар рекламаи молу ашё возеҳтар аён аст. Набошад нӯшидани кофе, чой ё дигар шарбатҳо аз тарафи духтараки нибараҳна чӣ маъно дорад?

Агар падар ё шахси калонсоле ба онҳо эрод гиранд, даррав мегӯянд, ки "ҳоло ин модда шудагӣ". Бале муд мардумро аз паси худ мебарад, ба коми худ фуру мекашад. Оқибати даҳшати муд ногуфтанист. Вагарна, чаро духтараки деҳотӣ, ки якумр ҳатто куртаи остинкӯтоҳ напӯшидааст, шаби тӯяш ба хотири муд шуда, фаттаи русӣ дар бар, бо пеши бари урён, пушташ нисфаш бараҳна ва сари нимбараҳна дар назди омма шармидаву хиҷолатманд рост меистад. Ё талабаи мактаб (14-16-сола) шарм медорад, поҷома пӯшад, зеро бо юбкаи русӣ поҷома пӯшидан "нимодний" аст. Ба қавле, либоси ягонаи мактабӣ гуфта, мо духтаронамонро аз хурдӣ тобеӣ муди ғарбӣ, муди Кармелитаву Марианаҳо мекунем. Мо бозичаи дасти сарватмандони бараҳнапарасти ғарбӣ шудаем. Имрӯз дар бозори тоҷик либоси миллии мактабӣ ёфт намешавад. Зеро моделерҳои мо ба тангнои манқуртизм дармонда, тарғиби бараҳнагӣ доранд, то ки дигаронро низ манқурт созанд.

Як дӯстам нақл кард, дар Ҳиндустон тамоми мактабҳо либоси ягонаи миллӣ доранд, фақат ранги либос дар ҳар мактаб ҳар хел - сафед, зард, сурх қабул шудааст. Дар мо бошад, танҳо ранги сиёҳу сафед таомул шудааст. Ҳол он ки дар табиат дигар рангҳо низ ҳастанд.

**Дар хусуси рӯймол бошад, ҳоҷати гап ҳам нест. Аз мактаби миёна сар карда, мо бо рӯймол ҷанг эълон кардаем. Боз ҳамон шиори "либоси ягонаи мактабӣ". Директорон дар саҳни мактаб истода, духтаронро маҷбур месозанд, ки рӯймол аз сар гиранд. Бале ин шиор баҳонаи хубест барои бараҳнасозии сари духтари тоҷик! Ин ибтидои бараҳнагист. Юбкаҳои толибаҳо низ дӯхтаи дасти ҳамон бараҳнасозони ғарбист ва ба одобу ахлоқи мардуми мо муқобил аст.**

Ин ҷо суханони ҷаноби олӣ Э.Ш.Раҳмонов дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаи маориф ба хотир меояд, ки мо фарзандонамонро набояд бо либоси дискотека ва дискоклубҳои ғарбӣ ба мактаб фиристем! (мазмунан). Пас аз ин ҷо маълум мешавад, ки ин фармони ҳукумат нест. Пас ин "ихтирои" худи директорон аст.

Агар мақсад аз мактаб таълим бошад, пас ман бо боварӣ мегӯям, ки духтар бо сарашро бараҳна кардан саводаш зиёд намешавад!

Агар максад аз мактаб тарбия бошад, пас ман бо итминон мегӯям, ки бо рӯймолро партофтани духтар тарбия кардани ӯ боз душвортар мегардад. Ин ҷо ба ёд меояд он шарму иффати шарқиёна ва он одобу имони бо ислом ташаккулёфта.

Агар баҳона демократия бошад, пас он чӣ гуна озодӣ аст, ки духтар наметавонад либоси шарқиёнаи худро ба бар кунад? Чаро дар мактабҳои миёна озодиро яктарафа мефаҳманду амал мекунанд? Магар демократия бараҳнагист? Ё аз назари баъзе олуфтаҳои шаҳрӣ либоси миллӣ қишлоқӣ менамояд?! Чӣ тавре ки онҳо бо забони худсохти нимрусию нимтоҷикӣ гап зада, инро маданият меҳисобанд, либоси миллиро низ чашми дидан надоранд.

Чингиз Айтматов шахсони бехабар аз гузаштаи худро манқурт номидааст. Оё ин бегонапарастӣ ҳамон манқуртро ба ёд намеорад?

**Ин аст, ки аксари падару модарон аз синфи 7, 8, 9 духтарони худро аз мактабҳо мегиранд. Сабабаш маҳз дар шарқӣ набудани мактабҳои мост. Албатта падару модарон медонанд, ки "талаби илм фарз аст бар зану мард", вале савдоҳои ошиқонаи хатмкунандаҳоро дар "занги охирин" дида, аз баҳри хонондани ҷигарбандонашон мебароянд.**

Аз ин рӯ таклиф мекардам, ки барои санҷиш дар мактабҳои миёна як синфи духтарона таъсис бидиҳанд, то ки духтарон бо хоҳиши худ либоси миллӣ пӯшанд ва аз мактаби миёна сар карда, бо шарму ҳаё ба воя расанд.

**Гумроҳӣ дар ифтихор**

Замони донишҷӯӣ як воқеа ҳеҷ аз ёдам намеравад. Ба озмуни "Донишҷӯ ва пешрафти илму техника", ки дар шаҳри бостонии Самарқанд баргузор гашта буд, рафтем. Ҳамроҳи мо як донишҷӯдухтар аз ноҳияи Кӯлоб ҳам буд. Е бо либоси миллии тоҷикӣ ба Самарқанд омада буд. Ҳангоме ки мо ёдгориҳои шаҳри бостониро тамошо мекардем, ҳис кардем, ки одамон ба либосҳои ин духтар диққати зиёд медиҳанд. Як донишҷӯдухтари самарқандӣ ҳатто аз ӯ пурсид, ки: - Чаро бо ин либосҳоят ба шаҳр омадӣ? Мо аз ин суол ҳайрон шуда, ба духтарону занони дар гирду атрофи сайркунанда диққат додем. Воқеан, ҳама либоси аврупоӣ, аниқтараш курта, юбка доштанд.

Баъдтар духтараки самарқандӣ ба духтари кӯлобӣ фаҳмондааст: "дар шаҳр поҷома намепӯшанд. Мо ҳам аз қишлоқҳои гирду атроф бо поҷома омада, дар роҳ поҷомаҳоямонро кашида, ба борхалтаҳо меандозем. Дар шаҳр почома пӯшидан айб аст. Дар шаҳри якчашма рафтӣ, як чашматро кӯр гир. Дар Бухоро ҳам ин кор кайҳо расм шудагӣ". Дареғо, Самарқанде, ки дар васфаш:

Самарқанд сайқали рӯи замин аст,
Бухоро маркази имону дин аст!

**«Дар Арабистон Маккаву Мадина, дар Мовароуннаҳр Самарқанду Бухоро» мегуфтанд, ба чӣ ҳол афтода.**

Вақте духтари кӯлобӣ инро ба мо нақл кард, мо ӯро тасаллӣ додем, ки "ту фахр кун, ки либоси миллии аҷдодиятро напартофтаӣ". Воқеан, он духтар то охир бо либоси миллӣ буд ва ҳатто дар озмун сазовори ҷои аввал гашт. Аҷиб, ки духтаракони самарқандӣ бо фахр дар бораи либоси аврупоӣ гап мезаданд. Ифтихорро ҳар кас ба таври худ мефаҳмад, яке, ҳатто шаҳре либоси миллиро айб мешуморад, дигаре танҳо аз он ифтихор дорад. Пас кӣ гумроҳ аст? Худ қазоват кунед!

Ташвиши асосӣ дар либоспӯшии занон аст, бале занон, чунки онҳо эътидолро риоя намекунанд, мардон ҳеҷ гоҳ бадани худро дар ҷои ҷамъиятӣ бараҳна намекунанд. Агар марде ҳатто бо либоси варзишӣ дар ҷои ҷамъиятӣ пайдо шавад, ҳама ӯро сарзаниш мекунад. Вале занон озодона дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, телевизион, саҳнаи рақсу ҳофизӣ бо нофҳои бараҳна (мебахшед!), юбкаи дарида (разрез) то рон намоён баромад мекунанд. Ин чӣ гуна либоспӯшист? Духтари тоҷик

ин навъ либос пӯшиданро аз кӣ омӯхтааст? Бовар кунед, ҳатто русҳо чунин либос намепӯшанд. Наход, мо ба либоси дискоклубу дискотекаҳои ғарбӣ, кинофилмҳои фаҳши онҳо тақлид кунем?! Аз мақолае хондам, ки марди ғарбӣ дар оилаи худ доим ин масъаларо байни зану духтаронаш мегузорад, норизоӣ мекунад. Яъне мо он чиро тақлид мекунем, ки ғарбиён аз он худ безоранд, дигар роҳи халосӣ аз онро намеёбанд. Моделерҳо намоиши бараҳнагӣ ташкил мекунанд, на намоиши либосро. Либос, пӯшок вазифаи аслии худ – пӯшонидани баданро аз даст додааст.

Дар ин мақола мо бештар ба либоси занон дахл кардем, на ба либоси мардон. Зеро мушкилот дар либоси занон аст. Зеро зан номуси мост, занон модарони мо, хоҳарону фарзандони моянд. Занон таҳриккунандаи имон ба сӯи нестӣ ва эҳё ҳастанд.

Боварӣ дорам, агар аз сад нафар ҷавонписар пурсанд, ки ҳамсари ояндаи худро дар чӣ гуна либос дидан мехоҳӣ? Боварӣ дорам, аз 97%-и онҳо ҷавоби ягона мешунавем: Либосе, ки ифодагари шарму иффати занон ва либоси миллӣ бошад. Кам андар каманд, ё нестанд ҷавононе, ки оилаи худро нимбараҳна бо либоси аврупоӣ дидан хоҳанд.

Ҳар мард масъул аст, ки зани худ, духтару хоҳари худро, пеш аз он ки ба мактаб, ба бозор ё ба кор мефиристад, ё аз бозор баҳри ӯ либос мехарад, ду масъала: либос ва бараҳнагиро пеш худ гузорад, ӯ кадомеро интихоб кардааст.

Воқеан, кулли ҳаёти мо ду роҳ аст, роҳи дуруст ва нодуруст. Ҳар шахс худ қазоват кунад, ки кадом роҳ роҳи ӯст. Ва ин роҳ то ба куҷо мебарад!

**«Тоҷикистон»\6.03.2006**.

# Сарлуч дашном аст

Ёд дорам мӯсафедони деҳ нисбати ашхоси бетарбия ва беадаб ибораи «сағераи сарлучу пойлуч»-ро бо нафрат истифода мекарданд.

Онҳо бо афсӯси зиёд мегуфтанд, ки ин мактаби советӣ бачаҳои моро сарлуч кард. Бале, онҳо танҳо бачаҳоро дар назар доштанд, зеро он солҳо духтарони сарлуч қариб, ки набуданд.

## Вазорат тарафдор, вале сарварони макотиб…

Баъди шинос шудан ба дастуруламали Вазорати маориф дар бораи либоси талабаҳои мактаб хушнуд шудем, ки рӯймол пӯшидан дар мактаб иҷозат дода шудааст. Вале суоле матраҳ мегардад, ки агар

Вазорат ичозати рӯймол пӯшидан дода бошад, пас директорони мактаб ва муаллимони дигар амри киро ичро карда, пӯшидани рӯймолро дар мактаб манъ мекунанд?

Ё тахти таъсири хамон психологияи замони шӯравӣ монда, аз сахни мактаб сар мекунанд: «духтар рӯмолта гир, манашка рӯмолта бги, кампирак рӯмол надоз». Онхо бо бахонаи либоси ягонаи мактабӣ ин корро мекунанд. Вале боре ба худ наандешидаанд, ки шояд рӯймоли ягонаи мактабӣ созмон дихем, то хам либоси ягона риоя шаваду хам дастуруламал ичро шавад ва низ аз хама асосӣ як урфу одати либоспӯшии шаркиёна, ки кариб аз байн рафта истодааст, эхё гардад. Яъне хам лаъл ба даст ояду хам ёр наранчад. Ё демократия ба ин ичозат намедихад? Хар рӯз рӯймолро аз сари мусалмондухтархои боиффат гирифта мепартоянд, демократия вайрон намешавад. Агар духтархо эътироз кунанд, «холо демократия» - гуфта, боз табассум хам мекунанд». Оё мачбур кунӣ, ки сарлуч шав, демократия мешавад? Э канд занед, нимчадемократхо. Чаро мо демократияро яктарафа мефахмему бахо медихем?

**Вазифаи либос пӯшондан аст**

Максад аз пӯшок ин баргардонидани шакли аслии бадан аст ба бар навъи худи либос. Маънои луғавии либоси арабӣ ва пӯшоки точикӣ кариб, ки як аст. Яъне аз назархо дур доштани шакли аслии бадан. Либосе, ки шакли аслии баданро нишон медихад, вазифаи аслии худро адо накардааст. Ин гуна либос се навъ аст:

1. Либосе, ки нимбарахна мегирад. Ё то зону, то рон ё шикаму дигар аъзоро ба намоиш мегузорад;
2. Харири тунук, ки аз пушти он бадан намоён шуда меистад;
3. Либоси танг, ки шакли аслии баданро пеши чашмон мегузорад.

Мутаассифона, дар чомеаи мо ин се навъи либос ё бехтараш барахнагӣ гӯем, зиёдтар ба чашм мехӯрад. Точикони фориғбол холо хам барахнагиро аз пӯшок фарк нагузоштаанд. Яъне дар мукобалаи ин се навъи барахнагӣ бахри зану мард мо бояд се коидаро пеш гузорем:

1. Пӯшоке, ки ғайр аз рӯ, нисфи гардан, нисфи даст ва то бучулаки по дигар хама чоро пӯшонад;
2. Матоъи нисбатан ғафстар, ки аз пушти он бадан натобад;
3. Бо назардошти ду коидаи боло либоси фарохтар, ки дар бадан начаспад.

Таъкидан мегӯем, ки дар хусуси ранги либос ва навъи матоъ пӯшанда бояд сохибихтиёр бошад. Зеро ин ду чиз хусни чомеа ва иффати шаркиёнаро халалдор нахоханд кард.

Ду чумла барои онхое, ки нимчадемократанду демократияро танхо дар юбкахои ғарбӣ мебинанд. Дар Амрико барин хомии демократияи чахонӣ ба хотири оромии чомеа, бехатарӣ ва ғ. конунхое

қабул шуда, ки озодии баъзеҳоро маҳдуд мекунад. Қариб ҳар штат қонунҳои худро дорад.

Пас чаро мо ба хотири ҳифзи манфиатҳои миллӣ, арзишҳои динию фарҳангӣ чунин як қонун қабул накунем!? Ё дар мактаб як қоидаи муайяни либоспӯширо қабул накунем?!

**Аждаре бо номи Муд фарҳанги моро мехӯрад**

Муд чист? Он либос, ашё ё амали роҳандозишудаест аз ҷониби гурӯҳе бо мақсади умумиҷамиятӣ ва бозоргир кардани ин амалу ашё. Касе, ки истилоҳи муд ё моддаро бароварда, роҳандозӣ кардааст, мақсади муайян доштааст. Баъзеҳо ақида доранд, ки он маҳсули дасти яҳудиёни аврупост.

Ин муд аст, ки ҷавонони моро ба тарафи худ мекашад, маҷбур мекунад, ки дар бари сараш навиштаҷоту рамзҳои хориҷӣ гузорад, дар гӯшу биниаш ҳалқаҳо гузаронад, ё сарро тарошида болояшро чун хурус тоҷ гузорад. Шукр, ки инаш ҳоло дар Тоҷикистони мо муд нашудааст. Вале ҳамин тавр рафтан гирад, аз ин бадтарашро чашмдор шудан мумкин аст. Зеро бачаҳои мо тақлид аз филмҳои хориҷӣ либос мепӯшанд ва рафтор мекунанд.

Ин муд аст, ки духтари деҳотие, ки як умр бошарму ҳаё ба воя расидааст, дар шаби тӯяш фатаи русӣ, ки пušташ то миён бараҳнааст, дар бар мекунад. Домодтӯра ҳам ҳайрон-ҳайрон ба пушти арӯс нигариста, хиҷолатзада худро таскин медиҳад, ки хайр ҳеҷ гап не ин модда аст.

Муд кайҳо сар ба идораву корхонаҳо халондааст. Боре надидаем, ки барандаҳои телевизион ё ҳофизон бо тоқиву рӯмол намоишро бурда бошанд, зеро модда ба ин иҷозат намедиҳад. Касе бо либоси шарқӣ ба кор намеравад, чунки либоси миллӣ ин либоси қишлоқӣ ё хонагӣ аст, яъне муд дар ин ҷабҳа кайҳо кори худро ба анҷом расонидааст. Хонандаи азиз, албатта мо шуморо ба қафо ба асри 19 бурданӣ нестем. Мо танҳо аҳамияту зарари мудро мегӯем, танҳо рӯҳияи ҷамъиятиеро, ки тахти ҳукмронии аждаҳои модда мондааст, баён мекунему халос.

*Гардонзеб (галстук) дар мактабҳо муди маҷбурӣ шудааст. Бе гардонзеб ба мактаб даромадан изн нест, бе он аз дарс ҳатто аз донишгоҳ хориҷ мекунанд. Бубинед, гардонзеб расми мо нест, вале чӣ гуна онро иҷборан муд мекунанд. Бачаҳо ҳам базӯр онро қабул карда истодаанд. Чӣ хуш мебуд агар рӯмол ва тоқиро ба сурати Парчам ва Нишони Миллӣ дар мактабҳо муд мекарданд.*

Аждари модда чун морони Заҳок гӯшу дили моро мехӯрад. Мо дигар аз арзишҳои диниву фарҳангӣ ёд намекунем, аниқтараш он кайҳо аз ёд рафтааст. «Одамӣ одам набинад, аз куҷо одам шавад?!».

Ҳоло муд шудааст, ки навтоҷикдухтарҳо шикамашонро дар саҳнаҳои рақсӣ, ҳатто дар кӯчаҳо намоиш диҳанд (пуф-пуфи бандаи хокӣ). Хайрият, ки бачаҳо шикамашонро нишон намедиҳанд, зеро ин

ҳоло муд нашудааст. Аммо ба эътирози зиёди одамон нигоҳ накарда, бачаҳо ҳам баъзан шимкалта (шортик) пӯшида, пойҳои пурпашми худро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ шамол дода, аз духтарҳои навтоҷик пас намемонанд.

Муд аз ҳар ҷои либос андак-андак бурида мегирад. Агар ҳамин ҷӯр

рафтан гирад, аз пӯшок на абра мемонад на астар. Кӣ медонад, сад сол баъд одамон бо либоси белибосӣ ба кӯчаҳо мебароянд ва шояд ин белибосиро ончунон ҷомаи шаҳомат пӯшонанд, ки... Хайрият зимистон ҳаст, набошад ёде аз пӯшок шояд накунанд. Пас пеши роҳи ин аждари фарҳангхӯрро бояд гирифт.

**Чӣ бояд ?**

1. Тарғиби (рекламаи) ҳама гуна нимбараҳнагӣ барҳам дода шавад, то ки он ба пурбараҳнагӣ оварда нарасонад.
2. Асос мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ аст. Чун мактаб ҷои тарбия, ахлоқ ва одоб аст, дар Дастуруламали Вазорати маориф бояд ин ҷумлаҳо сабт ёбанд: Толибилмон новобаста аз ҷинс бояд либосе пӯшанд, ки шакли аслии бадан намоиш дода нашавад, бо дарназардошти қоидаҳои дар боло гуфташуда.
3. Дар мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ ба ҷои гарданзеб (галстук) духтарон рӯмол ва писарон тоқиҳое ба сурати Парчами ҶТ ва Нишони ҶТ бипӯшанд.

Ҳамаи инҳоро дар зери шиори дӯстдоштаи директорон «либоси ягонаи мактабӣ» метавон созмон дод. Ё шояд инҳо орзуе ҳастанду бас? Ба қавли русҳои замони СССР «Мечтать невредно!»

**«СССР»\9.10.2008.**

## Вазорати маориф метавонад!

*Ё чаро унвонҳои илмиии як кишвари соҳибистиқлол бояд дар дигар мамлакат тасдиқ шавад?*

**Дотсент аз Маскав**

Баъди ҳимояи рисолаи номзадию докторӣ ва гузаштани мӯҳлати муайян шӯрои олимони факултет олимонро ба вазифаи дотсентӣ ва профессорӣ ба Шӯрои олимони донишгоҳ пешбарӣ мекунад. Пас аз гузаштани Шӯрои олимон даводаву саргардониҳо сар мешавад. Яъне, ҳуҷҷатҳои зиёдеро омода бояд кард. Масалан, мутобиқи муқаррароти мавҷуда аз рӯи талаботҳои нав ҳар як олим бояд 20% асарҳои худро ба русӣ баргардонад, яъне агар як китобаш 300 саҳифа бошад, бояд 60 саҳифаи онро русӣ кунад. Ғайри ин ҳамаи қарорҳо ва дигар

ҳуҷҷатҳоро ба русӣ таҳия намуда, ба Маскав фиристад, то ки сазовори унвони дотсентӣ гардад. Ин ҳама барои ҳар олим илова ба сарфи маблағу вақти қимат дардисариҳо ва  асабхаробкуниҳо ба бор овардааст. Аз нигоҳи мантиқ чаро унвонҳои илмии моро, ки чун вазифаҳои дохилидонишгоҳӣ маҳсуб мешаванд, бояд як кишвари дигар тасдиқу баррасӣ намояд? Ин дар ҳолест, ки моро тамоми дунё чун кишвари соҳибистиқлол шинохтаву эътироф кардааст.

**Имиҷи Россия даҳони бадгӯёнро мебандад?**

Ҳангоми ҳимояи рисолаҳои номзадиву духтурӣ ва тасдиқи онҳо дар Маскав душвориҳо аз ин камтар нестанд.  Ва ҳар сол Комиссияи олии атестатсионии Россия (ВАК) қодаҳои нав ба навро бароварда истодааст ва мо бояд онҳоро иҷро намоем. Вале ҳама гӯё бар ин амр муттафиқанд, ки ба хотири пешгирии бадгӯиҳои баъзе ҳамсоякишварҳо дар мавриди ҷой доштани фасод дар шӯроҳои диссертатсионӣ ва рӯи кор омадани олимони тасодуфӣ бигузор рисолаҳои номзадӣ ва духтуриро Маскав тасдиқ намояд. Аз ин сабаб, ба хотири бастани даҳони бадгӯён беҳтар аст, ки дар болои дипломи олимони мо мӯҳри Вазорати маориф ва илми Россия бошад. Яъне боз имиҷ, шӯҳрат, империя ва ғ. нақш дорад. Гарчанде, ки атрофи рисолаҳои тасодуфӣ ва рисолафурӯшӣ дар хориҷи кишвар низ сару садоҳо зиёданд. Яъне бадгӯён дар ҳама ҷо ҳастанд ва набояд ба хотири ин овозаҳо шуда, пӯстинро оташ занем. Оё вақти он нарасидааст, ки мо нуфузи илми кишвари хешро мустақил ба оламиён муаррифӣ намоем. Аксар ҷумҳуриҳои собиқи СССР алакай истиқлолияти комили илмӣ ба даст оварда, новобаста аз дигарон олимони худро тайёр кардан доранд.

**Душанбе – Маскав= 4500 км**

Тасдиқи рисолаҳои номзадиву духтуриро, ки дар асоси шартномаи байни Тоҷикистону Россия сурат мегирад, фаҳмидан мумкин. Вале сухан дар бораи унвонҳо меравад, на дараҷаҳои илмӣ. Ба фикри мо тасдиқ намудани унвонҳои дотсентӣ ва профессорӣ дар Маскав аз рӯи мантиқ ва ҳуқуқ нест ва ҳеҷ зарурате надорад. Аввал ин ки дар Маскав низ чандон муштоқи додани унвонҳои илмӣ ба шахси ношиносе, ки дар дурии 4500 км қарор дорад, нестанд. Ва аз нигоҳи ҳуқуқӣ низ асоснок нест. Илова бар ин қоидаҳои нав ба нав ва сангини ВАК-и ФР ва ҳуҷҷатбозиҳо ба ҷони олимон кайҳо задааст.  Масалан,

пурра ба забони русӣ навиштани рисолаи духтурӣ. Эътироф нашудани мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои аз ВАК нагузашта чоп шудаанд ва ғ. Биёед як бор ақли солимро кор фармоему Комиссияи олии атестатсионии (КОА) худамонро ки дар назди Академияи илмҳо ҳаст, дар назди Вазорати маориф ҷоннок намоем, зеро унвонҳои дотсентиву профессорӣ ба таълим алоқаманданд ва ин унвонҳоро новобаста аз як мамлакати дигар дар кишвари худамон тасдиқ карда, садҳо олимро аз як дардисарӣ ва ғами беҳуда озод намоем.

**Ҳусни нострификатсионӣ**

Инро метавон дар мавриди нострификатсия кардани дипломҳои донишгоҳҳои Тоҷикистон аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Русия низ қайд намуд. **Маънии нострификатсия – муайян кардани баробарарзишии (эквивалентии) ҳуҷҷатҳои шаҳрвандоне, ки дар давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ таҳсил кардаанд (Қонун дар бораи маориф)**.

Яъне ҳар як олимшавандаи тоҷик пеш аз ҳимоя бояд дипломи мактаби олии худро ба ВМ Русия барои тасдиқ кунонидан равона кунад, набошад, рисолаи илмияш қабул карда намешавад. Ҳамин шабу рӯз бояд диссертант аввал ба маблағи 200 то 400 доллари амрикоӣ ба ВМ Русия равон намуда, дипломи тоҷикиро, ки мабодо қалбакӣ набошад, тавассути сертификати додаи ВМ Русия «боқувват» мекунад. Дар ин байн мӯҳлати 5-6 моҳ сипарӣ мешавад. Ин чунин маънӣ медиҳад, ки гӯё ВМ Русия комиссияи махсус ба Тоҷикистон равон намуда, архиви донишгоҳҳоро кофта, дипломҳоро санҷида, хулосаашро баровардааст. Вале аслан ин тавр нест. ВМ Русия ин дипломҳоро ҳатто нигоҳ ҳам намекунад, зеро мо ягон бор ҳам комиссияҳои ин вазоратро дар Тоҷикистон надидаем. Хайрият ин комиссия вуҷуд надорад, набошад мӯҳлати 5-6 моҳ ба солҳо мубаддал мегашт ва диссертант ҳимоя накарда, пир мешуд. Шояд ҳаминро ба назар гирифта, онҳо танҳо маблағи зикршударо мегиранду ҳамту серификат карда, равон мекунанд. Яъне мӯҳри уқоби дусара бошад, шуд. Суоле меафтад, ки дар як кишвари соҳибистиқлол чунин ҳуҷҷатбозӣ (бюрократия) ва дар байни ду давлат саргаранг шудани тадқиқотчии тоҷик то кай идома меёфта бошад? Оё дипломи додаи ВМ Тоҷикистон худ диплом нест, ки онро бояд боз ВМ Русия дубора тасдиқ кунад? Ҳайронем, ки ВМ Русия чиро тасдиқ мекунад, вақте ки

донишҷӯ дар Тоҷикистон хондаву дипломро ВМ-и Тоҷикистон додааст. Ин маънои онро дорад, ки донишҷӯ меҳнат кардаву азоб кашида мехонаду дипломаш то ҳусни ностарификатсионӣ нагирад, диплом не, ки як коғази бекора аст.

**Зинда бод истиқлолияти илмӣ!**

**Моро аз ин вобастагӣ озодӣ мебояд, эй масъулин.** Мо хостори истиқлолияти комили илмӣ ҳастем. Бигузор равобити мустаҳками илмӣ бошад, вале на вобастагӣ. Тоҷикистон узви Асотсиатсияи донишгоҳҳои ҷаҳон мебошад ва Вазорати маорифи Тоҷикистон пурра чунин салоҳиятро дорад. Аз ин рӯ ҳуқуқҳои Вазорати маорифи Тоҷикистонро, ки ба ВМ Русия дода шудааст, баргардонидан даркор аст.

Дар ин асос пешниҳод мекунем:

1. Дипломҳои донишгоҳҳои Тоҷикистон бе ностарификатсияи Вазорати маориф ва илми Русия эътироф карда шаванд;

2. Рисолаҳои номзадӣ ва духтурӣ пурра ба забони тоҷикӣ навишта шаванд, танҳо фишурдаи он мисли пештара ба забони русӣ бошад, кифоя аст. Мутахассисони баъзе соҳаҳо, ки рисолаи онҳо аҳамияти байналхалқӣ дорад, хоҳанд, ихтиёрӣ рисолаашонро ба забони русӣ нависанд, вале масалан диссертатсияи фанҳои гуманитариро чӣ ҳоҷат аст, ки пурра ба русӣ маҷбур нависем;

3. Вазорати маорифи Тоҷикистон Унвонҳои дохилидонишгоҳии дотсентӣ ва профессориро пурра мувофиқи меъёрҳои мавҷуда бе тасдиқ дар Русия худ тасдиқ намояд.

Ё мо наметавонем?

**С.М. дотсенти дар Русия тасдиқнашуда**

РУМУЗ

Аз филми «Джентелмены удачи»:

- Дотсент, откуда ты убежал?
- Из тюрма Средней Азии.
- Звание где тебе дали.
- Там же.
- Да ты настояшый Дотсент.

Латифа

Афандӣ харашро дар бозор таъриф мекард: - Ин хар аз он харҳои оддӣ нест. Тамоми дунёро гаштааст. Худи ҳамин туқумаш аз Ҳиҷоз оварда шудааст.

- О ин хел бошад, чаро мефурӯшед?

- Пир шудааст.

**«СССР»\8.04.2010**.

## Ҳикмати тарс ё тарбияи шуҷоат

Дар талаб кардани ҳақиқати кор,
Аз Худо шарм дор, шарм мадор!
Аттор

Дар сари роҳи марказии пойтахт милисае зани гадои касалнамоеро мезад. Одамони бисёре мегузаштанд. Фақат аз байни тӯдаи одамон зани ашрофнамое эътироз баён намуда, гуфт: ту падару модар надорӣ, чаро ин зани беморро мезанӣ. Милиса бошад, мегуфт: ин роҳи протоколӣ аст ва дар ин ҷо нишаста гадоӣ кардан мумкин нест, ба мо гап мерасад. Ҷавоне бошад, мегуфт: эй мардак, айба намедонӣ, ки ин бечораро мезанӣ. Милиса ба тарафи ӯ - ҳозир мебарум махкамут мекунум - гуфт. Он гадо ба таври худ ҳақ дошту ин милиса ба таври худ гӯё ҳақ рафтор мекард. Ва он зани нотарсу он ҷавон низ ҳақ буданду он бетарафҳо низ гӯё ҳақ буданд, ки ба ҳар кор бинӣ халондан хуб нест. Дар ин ҳодиса кӣ ҳаққу кӣ ноҳақ аст гап сари он намеравад. Гап сари нотарсӣ меравад.

**Тарс ва ҳурмат**

Дар мо одати бисёр баде аст, ҳар кӣ дар сари вазифа ё амале омад, кӯшиш мекунад, ки дигарон аз ӯ тарсанд. Махсусан, тобеин бояд аз ӯ тарсанд. Агар натарсанд, пас ҳурмат намекунанд. Яъне, тарсидан маънии ҳурмат карданро гирифтааст. Амалдор дар участкаи худ бояд сиёсаташро шинонад, набошад ӯро ҳурмат намекунанд. Агар писарбачае аз роҳи камтаҷрибагӣ ва ҷавонӣ гуноҳе содир кунад, онро чунон мезанем, ки як умр тарсуи зиндагӣ шуда меравад. Агар бо ин гуноҳ ба милисахона афтад, ончунон шаттаву шаллоқ мехӯрад, ки як тарсончаки буздил шуда мебарояд. Ҳамаи ин дар маҷмӯъ миллатро тарсу кардааст.

То агар тарсро аз эҳтиром ҷудо накунем, то агар дарк накунем, ки эҳтиром нисбати дигарон поя на дар тарс, балки поя дар одамият дорад, мо мутамаддин нестем.

**Бузургтарин гуноҳ тарс аст!**

Тарс, бим, ҳарос, бок, ваҳм ҳама як маъно доранд. Фикр мекунам, тарсидан ду навъ мешавад. Бими мусбат ва манфӣ. Масалан, кӣ аз заминҷунбӣ ё сел ё вулқон ва дигар ҳодисаҳои табиӣ наметарсад?

Масалан, метарсем, ки фалон шахс хафа мешавад, метарсем, ки аз бовариии фалон кас мебароем ва ғ.

Чун Муҳаммад (С) дар чанд ҷои Қуръон тарсонанда ё бимдиҳанда зикр мешавад, ин тамоман аз тарси заминӣ фарқ дорад. Он поя дар зулмот дораду ин поя дар нур. Он ки аз бандаи заминӣ меҳаросад, ба ҳар гуноҳ меравад ва ин ки аз Худо метарсад, аз гуноҳ мегардад. «Бузургтарин гуноҳ тарс аст», гуфтааст ҳазрати Алӣ (карамаллоҳу ваҷҳаҳу). Ин сухани оддӣ нест. Ман шахсан аз ғазаби Худо метарсам, сахт метарсам. Натарсидан ҳам ду навъ аст. Натарсидани мусбат ва шуҷоати манфӣ. Дар майдони ҷанг бебокона, рафиқро аз марг наҷот додан. Натарсида амреро, ки ба зарари мардум аст, иҷро накардан – инҳо далерии мусбатанд. Аммо натарсида, ба хонаи касе дуздӣ даромадан, ҷайби касеро кофтан ва умуман ҳама гуна дуздӣ, ғорат, қатл ва убури қонун, ки ҷасорати бениҳоят бузургро талаб мекунад, вале чи кунем, ки ҳама ҷасорати манфианд ва шоистаи накуҳишу маломатанд. Агар дар вазъиятҳои ҳассос ин ҷасорат ба фоидаи миллату давлат баргардонида шавад, қаҳрамонони ватанӣ арзи ҳастӣ хоҳанд намуд. Илми психология дар амал исбот намудааст, ки бештарини қаҳрамононони Иттифоқи Советӣ дар замони ҶБВ онҳое шудаанд, ки дар хурдӣ авбошсурат (хулиган), душвортабиат, малеҳтар карда гӯем, шухтабиат будаанд.

**Психологияи тавлиди тарс**

Золимону ҷаҳонгирони истилогар бисёр гузаштанду аз онҳо нишон намонд. Темури ланг барои тарсонидани чашми одамон калламанораҳо сохт. Ин психология бас аҷиб аст, ки ҳар кӣ хунхортару одамкуштар буд, маҳбубияти бештар ёфт. Темурномаҳо аз он нишонанд. Тарафдорони Наполеоне, ки нахуст шӯришчиёни Парижро зери тир қарор доду нисфи Аврупову Осиёро истило намуд, Сталине, ки то Ҷанги Бузурги Ватанӣ миллионҳо одамонро репресия намуд ва Гитлери фашист имрӯз кам нестанд. Ин психологияи тарставлид ҳоло ҳам идома дорад, набошад, чаро портрети яке аз хунхортарин қумондонҳои ҷанги шаҳрвандиро ҳар моҳ рангу зеб дода, дар сари роҳи одамон дар маркази ноҳия мегузоранд. Ӯ чӣ коре кардааст: одамонро қатл кардааст, фақат ба тарзи хоси худ, бераҳмтар ва бисёртар. Барои ҳамин ба ӯ меҳр доранд. Ин дар аввал ҳарос буду рафта-рафта меҳр шуд, эҳтиром шуд. Зарбулмасали машҳур аст: битарс аз касе, ки наметарсад аз Худо.

## Нотарс+Боақл= Ватандӯст

Аз «Шоҳнома» мебинем, ки Фаридун барои озмудани фарзандон худро ба сурати даҳшатноке намуда, назди писарон меояд. Салм мегурезад. Тур бо тиру камон худро муҳофизат карданӣ мешавад. Эраҷ бошад, бо ғурури фаридунӣ бо сухан муқовамат мекунад. Яъне, дар ин шоҳасар се навъи мубориза нишон дода шудааст. Воқеан, дар тамоми ҷангҳои ҷаҳонӣ ин се ҳолат асосан ба назар меояд. Гурехтан низ роҳи мубориза аст. Ба ёд биёред, тактикаи Кутузовро, ки Маскавро ба Наполеон гузошту баъд ғалаба кард. Фаридун Салмро, ки аз пеши душман гурехт, чунин ситоиш мекунад:

…Ки ҷастӣ саломат зи коми наҳанг,
Ба гоҳи гурезиш накардӣ диранг.
Диловар, ки нандешад аз пилу шер,
Ту девона хонаш, махонаш далер (1-145).

Устод Улуғзода басо зебо ин порчаро ба наср баргардонда: «Писарам, ту хуб кардӣ, ки аз доми бало ҷастӣ. Диловаре, ки дидаву дониста ҷони худро дар зери хатар мегузорад, вай диловар нест, девона аст». Яъне ба ақидаи Фирдавсии хирадманд гурехтан нанг нест, балки одам барои муҳофизати ҷони худ – сарвати бебаҳо набояд аз ягон роҳ костӣ кунад, балки аз хурдтарин имконият истифода кунад. Шояд зарбулмасали машҳури тоҷикӣ «нагурехтагӣ – номард» аз ҳамин ҷо манша дорад. Яъне на ҳама нотарсӣ боақлист ва на ҳама боақлӣ ҷасорат.

## Дар «Шоҳнома» даҳҳо Троя аст

Филми машҳури «Троя»-ро, ки ватандӯстиву паҳлавониву мардонагӣ ва ғуруру ифтихор ба ҳам омадааст, ҳама медонад. Ахилес (дар нақш Брэд Пит) – паҳлавони шикастнопазир ва Гектари ватандӯст бо ҳам набард мекунанд. Бовар кунед, маҳз чунин филмҳо мардуми Аврупову Амрикоро Ватандӯсту далер гардонидааст.

Вале дар «Шоҳнома»-и Фирдавсии мо даҳҳо чунин қиссаҳо ҳастанд, ки аз Троя беҳтару болотаранд. Қаҳрамониву фидокориҳо ва ҷонбозиҳои Рустам барои Эронзамин, шикастани Исфандиёр занҷирҳои дасту пои худро ба хотири Ватан, кушта шудани Лӯҳроспи пир барои ватан, ҳимояти Эрон аз душманон аз тарафи Баҳроми Чӯбина қиссаҳое ҳастанд, ки агар ба рӯи синамо биёянд, тарбияи ватандӯстиро дар амал мебинем.

Баҳроми Чӯбина сарлашкари хирадманд ва далер аст. Ӯ дар муқобили лашкари 120-ҳазораи Совашоҳ танҳо 20 ҳазорро мегузорад. Вале ин 20 ҳазори оддӣ набуд, балки ҳама 40-сола буданд. Чаро 40-сола? Зеро чилсола оилаву фарзанд дорад ва дилбастагии камтар ба ашёҳои ҳаёт дорад, чилсола болотар ва авлотар аз Ватану оила чизи дигареро намегузорад. Аз ин рӯ ӯ ватандӯст аст ва ҳеҷ гоҳ дар ҷанг пушт ба душман намекунад. Ва ҳайратовар барои душмани саропо мусаллаҳ Баҳроми Чӯбина ғалаба мекунад. Оре, ҳамон Баҳроме, ки ӯро бобои Исмоили Сомонӣ гуфтаанд. Агар филмашро ҷои киноҳои навбаромади «ашкамшашқатор» месохтем, беҳтарин филми ватандӯстӣ мебуд. Қаҳрамониву паҳлавониҳои «Самаки айёр» бошад, намунаи олии ҷавонмардиву шуҷоатанд, ки баъзе идеяҳои онро дар филмҳои Голивуд мебинем. Шумо тасаввур кунед, ки Шон Конери Самакро бибозаду Силвестер Сталони Геви Гударзро ва Шварснегер Исфандиёри Руинтанро, ин миллат 180 градус ба самти шуҷоату далерӣ тоб мехӯрд.

**Кино беҳтарин роҳи тарбияи нотарсӣ**

Вале мутаассифона, ҳар ҳафта шабакаҳои телевизион рӯзҳои ҷумъа, шанбе ва якшанбе 6-7 филми ҳиндӣ намоиш медиҳанд. Ҳар филм думаротибагӣ як бор шаб як бор саҳар (барои хоболудон) сесоатӣ вақти пурқимати моро мегирад. Аз замони шӯравӣ 40 сол аст, ки мо ҳиндӣ тамошо дорем, зиндагии мо психологияи мо ҳиндувӣ шудааст. Бовар кунед, либоспӯшиву муносибати байни ҷавонон низ хусусияти ҳиндувӣ дорад. Агар аз забони баъзеҳо овозаҳо шунавӣ, ки фалон кас ба фалон кас пинҳонӣ издивоҷ кардааст, ё ба ҳамин монанд, ҳайрон нашав, зеро тафаккури мо ҳиндувӣ аст. Ба рақси ҷавонон як бор бингаред, Ҷимиву Виджайро ба ёд меоранд. Дар муштзанӣ ҳатто ба онҳо тақлид мекунанд. Ҳангоми тамошои филмҳои ҳиндӣ баъзан гардани якдигарро оғӯш карда, гиря ҳам мекунем. Идеали ҷавонони мо чанд беҳунари ба ном ситораи кимчиВуд шудааст. Аз мазмунҳои пӯчу бемазза ва камтарбиявии ҳиндӣ он қадар кундзеҳн шудаем, ки дигар маънои ашъори классикони пурифтихорамонро намефаҳмем ва аз ин дарёи пурганҷ имрӯз бебаҳра мондаем.

**Фарзандро назанед!**

Мегӯянд яҳудӣ ҳеҷ гоҳ фарзандашро намезанад, агар гуноҳи сахт ҳам кунад, зеро фарзанд тарсончаку буздил мешавад. Агар фарзандаш

ба боғи ҳамсоя ба дуздӣ дарояд, дар назди рафиқон таъриф мекунад, ки ин писараш воқеан нотарс баромадааст. Мо бошем, чунон мезанемаш, ки … дигар ҳатто ба боғи падараш нахоҳад даромад! Метарсам, пас аз қабули Қонун дар бораи масъулияти волидайн умуман фарзандонро хонашин мекунем: берун марав, ки милиса меқападат.

Ҷалби ҷавонон ба варзишу баромад дар мусобиқаҳои ҷаҳонӣ ва намоиши онҳо тавассути телевизион агар ҷавонони моро як андоза ватандӯсту рӯҳбаланд намоянд, роҳи дигар ин сабти филмҳои ватанист. Ба ақидаи мо танҳо бо ҳамин роҳҳо метавон нотарсиву далериро дар вуҷуди миллат тарбия намуд.

**«СССР»\ 10.02.2011**.

# Фасли 5. Гӯштини тоҷикӣ

## Гӯштини миллӣ – падари гӯштинҳои дунё

**Гӯштини мо оммавист, вожаи хоккей тоҷикӣ**

Гуштини миллии тоҷикӣ ягона навъи варзишест, ки дар Тоҷикистон оммавӣ мебошад. Оини «Дарвешона», ки ба ин далел аст, тамоми мардумро фаро мегирад. Касе бетараф нест, ҳама ҷавонон мехоҳанд қувваозмоӣ кунанд, ҳатто онҳое, ки дар умрашон машқ накардаанд. Аммо як ғайрати тоҷикона онҳоро ба майдон мекашад. Зану мард ба тамошои паҳлавонон мераванд. Ба ақидаи мо то ягон навъи варзиш дар ҳудуди давлате оммавӣ нагардад, дар мусобиқаҳои ҷаҳонӣ он давлат ба дастоварди назаррасе ноил намегардад.

**Андар баёни тавлиди Пеле ва Третяк**

Дар Бразилия дар ҳар кӯчаву тангкӯча аз хурд то бузург футбол бозӣ мекунанд. Раванди оммавии футбол он гуна ҳомилаи талош шуд, ки ахиран Шоҳи футболро тавлид кард.  Дар Руссия, Канада, Чехославакия, вобаста ба сармои сахт навъи варзишҳои болои барфу ях, аз ҷумла хоккей оммавӣ аст. Аз ин рӯ ин дастаҳо дар ин навъи варзиш дар ҷаҳон пешсафанд. Гарчанде вожаи хоккей аз «хокӣ» - и тоҷикӣ реша дорад. Ва он нахуст дар болои хок, замин дар Эрон пайдо шуда, баъдҳо ба мамолики ҳамсоя интиқол ёфтааст.

**Андар баёни голф ё крикет дар «Шоҳнома»**

Мардуми Эронзамин, яъне тоҷикон аз қадим чавгонбозӣ мекарданд ва ин варзиш он қадар оммавӣ буда, ки шоирони тоҷик зулфи маҳбубаро ба чавгону занах (манаҳ ё фук) – и ӯро ба гӯй (тӯбчаи чавгон) ташбеҳ мекарданд:

Эй гӯйзанах, сухан зи гӯят гӯям,  
В-эй мӯймиён, зи ишқи мӯят мӯям (Муизӣ).

Ва ба ёд биёрем Сиёвуши «Шоҳнома»-рову шаҳре бо номи Сиёвушгирд (Вашгирд – Файзободи имрӯза) бино кардану маҳорати беандозаи ӯро дар чавгонбозӣ, ки рашки ҳасудонро болотар карда буд. Бояд қайд кунем, ки ин навъи варзиш дар шоҳасар ду тарз ба чашм мерасад. Яке бозии ду гурӯҳ ва дигаре бозии ду нафар, ки имрӯзҳо бо номи голф байни сарватмандони ҷаҳон маъруф аст. Чунончи, лаҳзае аз достон, ки Сиёвушу Гарсеваз пеш аз бозии даставӣ гӯю чавгон ба даст мегиранд, ки ғолибан голфи имрӯзаро ба хотир меорад:

Сиёвуш аз айвон ба майдон гузашт,  
Ба бозӣ ҳаме гирди майдон бигашт.  
Чу Гарсеваз омад, бияндохт гӯй,  
Сипаҳбад сӯи гӯй бинҳод рӯй.

Чу ӯ гӯй дар хамми чавгон гирифт,
Ҳамоварди ӯ ***хок***и майдон гирифт.
Зи чавгони ӯ гӯй шуд нопадид.
Ту гуфтӣ сипеҳраш ҳаме баркашид.

Яъне, Сиёвуш он қадар сахт чавгон мезанад, ки гӯй аз зарбаи ӯ дар осмон нопадид мешавад. Куҷоянд Сиёвушони имрӯза!? Ин ҷо муфассал тартиби бозӣ гуфта нашудааст. Аммо дар бозии дунафарӣ як чиз баръало маълум аст. Бозингар гӯй ё тубчаи задашударо дошта, чӣ қадар сахттару дуртар занад ғолиб ӯст.

Баъди бозии дунафарӣ бозии даставӣ сар мешавад:

Чунин гуфт бо лашкари номҷӯй,
Ки майдон шуморову чавгону гӯй.
Чу гурдон ба майдон ниҳоданд рӯй,
Зи туркон ба тундӣ бибурданд гӯй.
Сиёвуш аз Эрониён шод шуд,
Ба сони яке сарви озод шуд (ҷ. 3, саҳ. 172)

Дар Тоҷикистон гӯштин воқеан оммавӣ аст. Шояд ҳамин оммавӣ будани гӯштин аст, ки ҷаҳонпаҳлавоне чун Саидмӯъмин Раҳим дар гӯштини тарзи самбо ва боз вазни аз ҳама боло шарафи Тоҷикистонро боло бурд. Ва ин охир нест зеро нуфузи ин навъи варзиш рӯзафзун аст.

Гӯштини тарзи Самбо (самооборона без оружие) аз гӯштини миллии тоҷикӣ маншаъ дорад.

## Андар баёни маънои гӯштин

Гӯштин аз вожаи аслии тоҷикии «куштӣ» гирифта шуда, маънияш камарбанд аст. Ва низ камарбанди зардуштиёнро куштӣ ё кустӣ меномиданд. Номи аслии ин навъи варзиш куштигирӣ буда, маънии камарбандгирӣ ё камарбанди якдигарро гирифта, қувваозмоӣ кардан мебошад. Ҳарфи н дар охири ин вожа чун зинати калима онро аз парокандагӣ нигоҳ доштааст. Зеро мувофиқи равонӣ ва содагии забони тоҷикӣ калима бо садонок тамом шавад, пароканда ба гӯш мерасад. Аз ин рӯ таркиби калимаҳои забони мо бештаринашон иборатанд аз садонок + ҳамсадо + садонок + ҳамсадо ва мисли ҳамин. Дар вожаи бозингар низ ин ҳодисаро, ки дар забон ҳодисаи афзоиш ном дорад, мушоҳида мекунем. Ҳамсадои н дар охири калимаи бозӣ замоне афзуда шуда будааст, ки имрӯз дар таркиби вожаи бозингар боқӣ мондааст. Дар охири пасвандҳои –ӣ ва –гӣ, ки сифатҳои нисбӣ месозанд, илова шудани ҳамсадои н низ ба ин ҳодиса алоқаманд аст. Мисли чӯбӣ – чӯбин, пахтагӣ – пахтагин, оҳанӣ ё оҳанин ва ғ.

Дар «Шоҳнома» ин навъи варзиш чандин маротиба нишон дода шуда, бештарини мавридҳо на чун бозӣ, балки чун қувваозмоии ҷиддӣ ва барои ҳаёт ҳалкунанда ба чашм мерасад. Чунончи ҳангоми разми Рустаму Сӯҳроб инро мебинем:

Ҳамон гаҳ, ки хашм оварад бахти шум,

Шавад санги хоро ба кирдори мум.
Ба **гӯштӣ гирифтан** ниҳодан сар,
Гирифтанд ҳар ду **дуволи камар**…
Хам овард пушти диловар ҷавон,
Замона сар омад, набудаш тавон (ч. 2, саҳ. 289).

Гӯштини миллии тоҷикӣ чунин таърихи куҳан дорад, вале имрӯз дар мусобиқаҳои байналхалқӣ дохил нашудааст. Рафиқони ӯзбак гӯштини миллии тоҷикиро аз худ карда, бо номи кураш онро дар сатҳи байналмилалӣ баровარданд. Ҳатто дар интернет гуфта шудааст, ки гӯштини самбо маншаъ аз қувваозмоиҳои шарқӣ аз ҷумла тоторию, туркманию японию ӯзбакию ғайра гирифтааст. Вале номи тоҷикон дар он ҷо нест. Ба ақидаи устоди варзиш Абдураҳмон Маҳмадов «Гӯштини миллии тоҷикӣ модари гӯштинҳои дунёст».

Аз ин рӯ масъулини Кумитаи варзишро лозим меояд, ки сари ин масъала чуқур андеша кунанд. Зеро паҳлавонони мо алакай дар ҷаҳон шинохта шудаанд ва онҳо метавонанд дар арсаи байналмилалӣ шарафи Тоҷикистонро бо ин навъи варзиши миллӣ, ки оммавӣ аст, баланд бардоранд. Боварӣ дорем, ки гӯштини миллии тоҷикӣ бо он тағйироти назаррасе, ки имрӯз дохил кардаанд, мавқеи байналхалқиро соҳиб мешавад.

**Андар баёни паҳлавонони тоҷик**

Нахустин бор дар таърихи миллат соли равон ду тан аз гӯштингирони тоҷик Расул Боқиев ва Юсуф Абдусаломов парчами Тоҷикистони азизро дар олимпиадаи Чин баланд барафроштанд ва ҷойҳои саввуму дуввумро ишғол карданд. Ин дар ҳолест, ки аз дигар навъи варзиш дар талоши сабқат мо дар ҷойҳои хеле дур аз мадди назар истодаем. Яъне ба таҳқиқ, чун гӯштин моли миллати мост ва дар хуни мо ва шарёни мо ҷорист, метавонем бо шиками гуруснаву либоси тикка, толорҳои сарду бебарқу бодгард (сквозняк) бар аврупоиёну амрикоиёни серу пур пирӯз оем ва ҳам меоем. Пас, имрӯз замоне расида, ки бар гӯштини миллӣ таваҷҷӯҳи бештаре кунем ва дар сатҳи ҳукумат мавзӯи мазбур мавриди ҳаллу фасл қарор бигирад.

**«СССР»\20.11.2008**

# Ғиромиҳо дар гӯштин

*Ноҳақии довару сари кафида зери тоқӣ ё аз мост, ки бар мост!*

Мо тоҷикон шавқу ҳаваси беандоза ба гӯштин дорем, махсусан, гӯштини миллиро беандоза дӯст медорем. Ҳатто барои тамошои гӯштин аз як ноҳия ба ноҳияи дигар меравем. Хулас, гӯштин дар Тоҷикистон он қадар оммавӣ гаштааст, ки варзишгар гуфта, мо одатан гӯштингирро дар назар дорем. Гӯштини миллӣ модари

гӯштинҳои дунёст. Он қоидаву қонунҳои худро дошт. Ҳатто қоидаҳои ба рӯи коғаз овардаи мутахассисони моро баъзе кишварҳои дигар аз худ намуда, гӯштинҳои миллии хешро эҷод намуданд. Фикр мекунем, бартарияти гӯштини миллии тоҷикӣ аз дигар навъҳо дар он буд, ки мардонагиву паҳлавониро пурра дар худ гунҷонида буд. Акнун чанд сол мешавад, ки ба он қоидаҳои нав илова намудаанд. Албатта, бо талаботи замон ва барои дар сатҳи байналмилалӣ баровардани он ин навовариҳо заруранд.

## Фаъол, яъне чӣ?

Ин қоида аз гӯштинҳои дзюдо ва самбо ба мо ворид шуд. Пештар дар гӯштини миллӣ то ҳариф ҳарифро ба тахтапушт намехобонд, ғолиб ҳисобида намешуд. Ҳамин тавр ду гӯштингири боқувват дар итмоми маъракаҳо соатҳо қувва меозмуданд, вале касе ғолиб намешуд. Ва ҳамин тавр бисёр қувваозмоиҳо нотамом мемонд. Акнун вожаи фаъол фаъол шуд. Аслан ин ҷо доварон фаъол шуданд на вожа. Яъне, дар сурати якранг (на дуранг, зеро вожаи дуранг ду навъ маъно дошта, баръакси мусовӣ аст) ё мусовӣ шудан доварон бояд фаъолтарро муайян кунанд. Ана аз ҳамин ҷо сар мешавад баъзан ноҳақиҳо, ки табъи ҳамаро хира карда, гӯштингирро ба кӯйи яъсу ноумедӣ ва дилшикастагӣ мебарад. Пешниҳод доштем, ки ҳукми фаъол бори дигар дида шавад ва умуман дар мусобиқаҳо барои ҷои аввал ё медали тилло ҳукми «ғалабаи соф» ҷорӣ шавад. Ба таври дигар, то ба тахтапушт ҳарифро нахобонад, ҷои аввал дода нащавад. Таъкид мекунем, танҳо барои ҷои аввал ва медали тилло ин қоида бояд ҷорӣ шавад. Дар дигар мавридҳо фаъол бигузор ба паҳлавони фаъол дода шавад на ба «соҳибдор» ё «тағодор».

## Ҳалол, яъне чӣ?

Ҳукми ҳалол, яке аз ҳукмҳои ҷиддӣ ва ҳуқуқии исломӣ буда, дар шариат тамоман маънои дигар дорад. Он дар байни халқ сермаъно шуда, дар гӯштин маънои нав касб намуд. Яъне ҳариф ҳарифро ба пушт хобонад, «тӯҳфаро ҳалол кард» мегуфтанд. Оҳиста-оҳиста мувофиқи қонуни ихтисоршавӣ аз ҷумлаи «Тӯҳфаро ҳалол кард» танҳо вожаи ҳалол боқӣ монд. Дар баробари ин одамон ба таври мусалмонӣ куштани ҳайвонро ҳалол кардан низ номиданд. Дар ҳар ду сурат гап дар бораи ашёе меравад, ки гирандаи он мувофиқи ҳукми ҳалол ба он пурра ҳуқуқи соҳиб шуданро дорад. Аз ин рӯ дар гӯштини миллӣ ҳукми ихтисоршудаи «ҳалол»-ро дар шакли пуррааш «тӯҳфаро ҳалол кард» ё «мукофоти ҳалол» зинда гардонидан зарур аст.

## Довар, яъне кӣ?

Рисолати довар басо сангин аст. Довар, ҳакам ё судя бояд аз касе ё аз чизе вобаста набошад. Ба ибораи халқӣ «рӯйи Худоро бинад». Довар як исми Худост, аз ин рӯ довар бояд ҳақ гӯяд. Агар гӯштингир ҳарифро ба тахтаи пушт хобонад, ҳар кас дар ин маврид доварӣ карда

метавонад. Маҳорати довар дар ин ҷо аён намешавад. Ҳақ будани довар маҳз дар мусовӣ будани қувваи ҳар ду тараф аён мегардад. Ана дар ҳамин маврид довар бояд мӯйро аз хамир ҷудо намояд, яъне ба истилоҳ фаъолро аз камфаъол беғаразона бояд ҷудо намояд. Аммо мутаассифона, доварон аз ҷумлаи мураббиёни толорҳои варзишӣ интихоб мешаванд ё ин ки шогирди ҳаминҳоянд. Барои ҳамин тарафгириҳо мушоҳида мешавад. Маҳз ҳамин далел ноҳақиҳоро дар амрҳои доварон ба вуҷуд овардааст.

## Ту аз зали куҷо?

Иллати дигар он аст, ки толорҳои варзишӣ дар шаҳри Душанбе ба ноҳияҳо тақсим шуда, сабаби ба миён омадани маҳалгароӣ гаштаанд. Довар низ мутаассифона ба ин иллат гирифтор аст ё бетафовут нест. Дар натиҷа гӯштингири бесоҳиб қурбони ин иллат гашта, зарари маънавӣ мебинад ва аз варзиш дилмонда мешавад.

Ба ин микромаҳалгароён гуфтанием, ки ҷаҳонпаҳлавон Саидмӯъмин Раҳимов (р) на аз номи як маҳал, балки аз номи тамоми Тоҷикистон баромад намуда буд. Расул Боқиев низ дар Олимпиада шарафи на як маҳал, балки Тоҷикистони азизамонро боло бурд. Ёдоварӣ аз ин шахсиятҳои воқеан бузург теша ба решаи маҳалгароӣ хоҳад зад. Аз ин рӯ хоҳиш доштем, ки залҳои варзишӣ ба кӯлобиву ванҷиву ғармӣ ҷудо нашаванд (дастаҳои футбол низ набояд номи маҳалро дошта бошанд. Ин айб аст!).

Дар ҷумҳурии мо барои шинохти варзиш мактаби доварӣ бояд таъсис ёбад. Мо бояд дар сатҳи байналмилалӣ довар дошта бошем, то манфиатҳои хешро дар арсаи байналмилалӣ ҳифз карда тавонем. Агар довар аз тангии майдамаҳалчигӣ берун набаромада бошад, пас ӯ чӣ гуна довари байналмилалӣ мешавад!? Доварӣ ин футувват аст, ба он хиёнат раво нест.

## Дупаспортӣ дар варзиш

Иллати дигари басо нангин ва ноҷавонмардона, ки ин хоси миллати мо набуд ва нест, ду шиноснома доштани гӯштингирон мебошад. Яъне, дар як шиноснома таваллудаш 1988, дар дигараш 1993. Дуюмаш шиноснома неву шаҳодатнома мебошад, «зеро ҳоло ба паспортгирӣ синнаш нарасидааст». Ҳатто баъзан се шаҳодатнома низ меёбанд. Гап сари ҳиллаҳое меравад, ки пеш аз ба майдон баромадан сурат мегиранд.

Тасаввур кунед, писари шумо таваллудаш соли 1993 (ҷавон) ба майдон мебарояд. Дар муқобили вай як ҷавонмарди ба ибораи халқӣ зану кӯдакдор мебарояд. Вазнаш дуруст, шаҳодатномааш ҳам дуруст барин, вале устухонаш расидагӣ. Ин «полвон» шаҳодатномаи бародари хурдияшро гирифта омадааст, ё бо роҳе шаҳодатномаи дигар сохтааст, то бо фиреб соҳиби обрӯ ва медал шавад. Ин бевиҷдон бо маслиҳати мураббии аз худаш бевиҷдонтар ба майдон омадааст, то

ки миёни писарбачаи навхатеро шиканад. Ана аз куҷо сарчашма мегирад шикастани рӯҳи варзишгар. Чун аз ибтидо бо фиреб омадааст, то охир бо фиреб хоҳад рафт. Аммо бори каҷ ба манзил расидан ку намерасад, вале ба чанд нафари дигар таъсири манфӣ мерасонад. Шахсони масъулро лозим меояд, ки сари ин масъала амиқу дақиқ андеша кунанд ва нагузоранд, ки як шахс чанд шаҳодатномаву шиноснома дошта бошад. Байни ҷавонон гап-гап аст, ки ҳама инро медонанд, ин ҳодисаи муқаррарӣ гаштааст. Ва касе пеши роҳи инро гирифта наметавонад. Кор то ҷоест, ки мураббиёни бовиҷдон аз ин зуҳуроти номатлуб огоҳона тарсида, шогирдони наврасашонро ба чунин мусобиқаҳо намебаранд. Оё мутасаддиёни варзиш ба ин зуҳуроти нангин хотима мегузошта бошанд? Нест бод дупаспортӣ дар гӯштин!

## Гӯштин - суннати паёмбар (с)

Дар замони паёмбар (с) кофаре ниҳоят пурқувват, ки дар гӯштингирӣ моҳир буд, бо паёмбар (с) дар баҳс мешавад. Он шахс, ки ба қувваи худ ниҳоят боварӣ дошт, шарт мегузорад, ки агар паёмбар ӯро дар гӯштин мағлуб созад, мусалмон хоҳад шуд. Паёмбар (с) розӣ шуда, ба қудрати илоҳӣ он шахсро мағлуб месозад. Он шахс ҳайрон шуда, имон меорад. Яъне аз кинаву ғазаби пештараи ӯ нишоне намемонад ва мусалмон мешавад.

Дар «Наводирулмеъроҷ» Шайх Олими Акбарободӣ аз Абуҳурайра (р) ривоят мекунад, ки ҳазрати Муҳаммад (с) фармуданд: «паҳлавонӣ ба гӯштин гирифтан нест, ки касеро биандозад. Балки мард он кас бошад, ки дар ҳоли ғазаб худро нигоҳ дорад аз хашм рондан. Мард дар ҳоли ғазаб дар дасти шайтон чунон асир аст, ки (гӯйи) дар хамми чавгони ӯст». Ҳосили маънӣ аз ин ҳадиси саҳеҳ он аст, ки паёмбар (с) ишора ба гӯштин амр ба он мекунад, ки хашми худро фурӯ хӯред, яъне агар шахсе нисбати нафаре кинаву ғазаб дошта бошад, беҳтарин роҳи фурӯ нишондани он гӯштин аст, на ҷангу хархаша. Воқеан, ду нафари кинавар гӯштин гиранд, кинаҳо бартараф шуда, ҷангу хунрезӣ аз байн меравад. Зеро гӯштин мактаби ҷавонмардист. Ва таълимоти ин мактаб «майдон аз далер аст» ва он намегузорад, ки рақобатҳо тезутунд ва ба зарари шахс ва ҷомеа равона гарданд Дар ин ҳолат вожаи гӯштин муқобили вожаи ҷанг намудор мешавад. Зинда бод гӯштин, яъне дӯстӣ!

## Бо нияти нек гуфтанием:

Мо дар ин мақола кӯшидем номи касеро нагирем. Фақат баъзе иллату камбудиҳоро дар ин варзиши воқеан миллӣ ногуфта наметавонистем. Мо на ба он хотир гуфтем, ки касеро паст занем, балки ба он хотир, ки ин иллатҳо аз байн раванд ва гӯштини миллӣ рушду инкишоф ёбад. Мо он чиро гуфтем, ки дар беруни майдони гӯштин ба истилоҳ дар пушти саҳна мегӯянд.

Инак, Наврӯз омад! Наврӯз дар мамлакати мо фасли гӯштингирон аст. Паҳлавонон дар маъракаҳои ба таъбир «дарвешона» сахт омодагӣ мебинанд ва намоиши майдондорӣ, паҳлавонӣ, ҷасурӣ, маҳорат маҳз дар ин давра сурат мегирад. Орзу доштем, ки доварону мураббиён дар симои ҳар як паҳлавон на рақибе, балки нахуст фарзанди тоҷикистонии худро бинанд ва нагузоранд, ки дар ин варзиши сирф мардона номардиву ноҳақиҳо ва тарафкашиҳо роҳ ёбад. Наврӯзро ба ҳамаи варзишгарон ва ҳамватанон табрик мегӯем! Варзиш қосиди сулҳ, паёми озодии ирода, муттаҳидкунандаи миллат ва умеду орзуҳои ватандорист!

**«СССР»\19.03.09.**

(Ин мақола бо Абдураҳмон Маҳмадов – директори академияи миллии олимпӣ, устоди варзиш таълиф шуд).

# Фасли 6. Шеър

**Баҳамзидҳо**

Саҳар гуфтанду бегаҳ офариданд,
Аз ин хуршеду ҳам маҳ офариданд.
Шафақро зид карда бо сапеда,
Шабонро рӯз пироҳан дарида.
Шаби қотил рӯзаш сар буридаст,
Шафақро хун дар поин чакидаст.
Сиёҳиро бididанд аз сапедӣ.
Ситора нимрӯзӣ кас надидӣ.
Агар шаб дар ҷаҳон пайдо намебуд,
Дари рӯз ҳеҷ гоҳе во намешуд.
Сиёҳи аз сафедӣ ёфт ранге,
Бари зишт ёфт обрӯ қашанге.
Баландӣ ёфт аз пастӣ баландӣ,
Сари кӯҳ аз нишебӣ арҷмандӣ.
Агар боло набошад нест поён,
Фазоро дар иҳота буд медон.
Агар меҳтар набошад нест кеҳтар,
Чу кеҳин ҳаст меҳинро бародар.
Агар бошад ҳама ҷо тезобе,
Чӣ гуна гуфт хушкию саробе.
Аз ин рӯ ҳаст дарё ҳаст соҳил,
Агар феъле набошад, нест фоил.
Агар бадкорӣ дар дунё бало шуд,
Каме хубӣ ба оламҳо сало шуд.
Агар ҷанг аст дар дунё равона,
Зи сулҳу дӯстӣ ёбад нишона.
Зи силлӣ сила хезад, эй бародар,
Ки озармрой озор аст дар бар.
Бахилрову сахиро кун қиёсе,
Ки бухл омад саховатро асосе.
Чунин бояд тариқи душманоӣ,
Рақиби хешро эҳё намоӣ

15.05.1994

**Шеър - асалпарварӣ**

Шеър гуфтан нест муяссар ба ҳар кас,
Гулханафрӯзӣ набошад кори ҳар хас.
Асал орад зи гул ору аҷаб аст,
Куҷо гунҷад ин дар ҳиммати ғурмагас.
13.02.1987

**Бахт**

Гаҳе дар дил гаҳе дар дида бошӣ,
Умеди ман зи ман ранҷида бошӣ.
Лабонат бо табассум бод моил,
Чи хуш гар доимо дар ханда бошӣ.
Эмин бош аз ҳама дарду ғами даҳр,
Ҳамеша бори ғам афканда бошӣ.
Расад мурғи ҳумо бар хонаи ман.
Агар сӯям назар афканда бошӣ.
05.03.1987

**Ба духтари помирӣ**

Ноз помириву он рую лабу мӯю даҳан помирӣ,
Ишқи кӯлобиву он тоқату беҳол шудан кӯлобӣ.
Гуфтану хандаи мастонаи бебок задан помирӣ,
Ин қадар чашм ба роҳаш будану лол шудан кӯлобӣ.
Нигаҳи хубу базеб, лек бақаҳр помирӣ,
Агар орзут васлаш бояд помол шудан кулобӣ.
31.05.95

**Ғазал**

Ман ошиқи чашму лаби дилҷӯи туам,
Ошиқ ба қаду басту ду гесуи туам.
Ҳусни ту басо лашкари миҷгон дорад,
Сад тир занад, камони абрӯи туам.
Афсӯс, ки бо маниву аз ман нестӣ,
Фарёд, ки бе мӯи ту бо мӯи туам.
Аз роҳи дароз барои ту меоям,
Рӯзону шабон силсилаи мӯи туам.
Ишқи ту, ки рахнаҳо ба ҷонам кардаст,
Ҷонона, шунав, куштаи он рӯи туам.
Оқибати кори мо ба хайр хоҳад буд:
Ногаҳ шунавӣ, ки шоҳ дар тӯйи туам

11.03.99

**Давлати Сомониён**

Давлати сомониён буд давлати озодагон,
Давлати мардони дониш пешвои тоҷикон.
Пуштибони олиму шоиру ҳам аҳли ҳунар,
Ҳомиёни ваҳдату барҳамзани дасти бадон.
Рӯдакӣ дар аҳди Сомон буд шоҳи шоирон,
Соҳиби девони аввал, фахри Фазли он замон.
Пири Тусу «Шоҳнома» ёфт аз эшон зиё,
Шаст ҳазораш дод доди шоирӣ дар ду ҷаҳон.
Ҳеҷ кас чун «Шоҳнома» ҳеҷ вақт он сон нагуфт,
Чунки будаш такягоҳу баргу соз аз ҳомиён.
Пури Сино он ҳакими бемисолу безавол,
Ҳаст шоир, ҳаст олим файласуфи ҳамадон.
Тибби олам ёфт парру бол ҳам нашъунамо,
«Алқонун», «Ашшифо» нӯшдоруе ба ҷон.
Мардумони бохирадро ҷамъ карда дар Ватан,
Сохта як давлати пурқудрат андар он замон.
Ҳам шуҷоат, ҳам адолат, ҳам хирад ҳам пандро,
Ҳар чи ҳаст омӯзу гир аз давлати Сомониён.

**«Чархи гардун» 2.09.1999.**

## Раҳмати Ҳақ бод бар Шамси Раҳим!

*Ба дӯсти ҷавонмаргам Шамсиддин – бародари ҷаҳонпаҳлавон Саидмӯъмин Раҳимов мебахшам, ки дар садамаи автомобилӣ, ҳалок шуд. Мактаббачагони аз ронандагӣ ноогоҳ, ки барои занги охирин шуда, автомошинаи падарашонро барои дилхушӣ гирифта буданд, бо Шамсиддин бархӯрданд. Ӯ бузург буд, зеро баъди марги ӯ, ки ҳамаро мутаассир сохт, як расмиёти басо нангин – занги охирин аз тарафи ҳукумат барҳам дода шуд. Худо ӯро биёмурзад*!

Сад дареғи бозуву болои ту,
Сад дареғи қомати зебои ту,
Сад дареғи чашму абрӯи сиёҳ,
Сад дареғи паҳлавониҳои ту.
Раҳмати Ҳақ бар ту, эй Шамси Раҳим!

Шамси мо, дигар намегирӣ хабар.
Шамси мо, дигар наметобӣ саҳар,
Дар ғуруби охирин кардӣ гузар,
Боварам не, ки намеоӣ дигар.
Раҳмати Ҳақ бар ту, эй Шамси Раҳим!

Ифтихори қавму авлоди Раҳим,
Гавҳаре дар чашми ношоди Раҳим,
Довари майдони нангу ор ту,
Пояи номуси аҷдоди Раҳим.
Раҳмати Ҳақ бар ту, эй Шамси Раҳим!

Ҷамъи ёрон аз ғами ту сӯхтанд,
Қавму хешон ҷомаи ғам дӯхтанд,
Деҳи Ҷорубқул шуда мотамсаро,
Дар ҷавонӣ сер шуд аз мо, чаро?
Раҳмати Ҳақ бар ту, эй Шамси Раҳим!

Баски эмонат қавӣ буд, устувор,
Фарри Эзад дар ҷабинат пойдор.
Босаховат бонамозу рӯзадор,
Боғи ҷаннат хоҳамат аз Кирдигор,
Раҳмати Ҳақ бар ту, эй Шамси Раҳим!

**«Чархи гардун»\21.06.07**

## Ҳазлҳои солинавӣ

**Ба СССР**

Аҷаб шаҳомат дорӣ,
Бо як утоқи корӣ,
Чун ганҷи дар вайрона,
Ба ҳама ту даркорӣ.

**Ба Сайёф**

СССР-ро месозад,
Фашистҳоро банд созад.
Аз барои муштзанӣ,
Ҳар саҳарӣ метозад.
Аз барои мушти 10
То накаут мебозад.

**Ба Шаҳрзоди Амин**

Шаҳрзоди Аминӣ,
Дар корхона мешинӣ,
Хатоҳоро мебинӣ,
Беасп рӯи зинӣ.

**Ба Сафват**

Чубуқашро даргиронд,
Пашшаҳоро ҳар сӯ ронд.
Қаламро ба даст гирифт,
Нию тақикаш ширифт.

**Ба Аҳмад**

Аҳмад аз Кӯлоб омад,
Роҳкиро гуфт қимат аст,
Барои мошинхарӣ,
Дар СССР гап-гап аст.

**Ба Сӯҳробшоҳ**

Соаташ дар тик-тик аст,
Давои зиён ақик аст.
Сӯҳробшоҳ худ равшанфикр,
Чароғошон торик аст.

**Ба Аслиддин-ако**

Бо ин нигоҳи олӣ,
Дил аз кинаҳо холӣ.
Мешитобӣ матбаа,
Мақола дорӣ олӣ?

**Ба Раҷаб**

Раҷаб, ту дар куҷоӣ?
Асло наменамоӣ.
Номи ту дар СССР,
Чун моҳи дар самоӣ.

**Ба Нуралӣ Давлат**

Нуралӣ Давлаташ кист?
Номи ӯ бас шинос аст.
Эҳа, ҳамон журналист,
Дӯст ба ому хос аст.

**Ба Ориф Ёдгорӣ**

Ҳар ҳарферо мебинад,
Ҳар ҳарферо мечинад.
Масъул ба кори худ аст,
Аз ин рӯ кораш буд аст.

**«СССР»/1.01.2009**

Дар Редаксияи «СССР»






Мо зодаи СССР-ем, мо бачаҳои советием, гарчанде, ки ба баъзе қавонини он розӣ набудем. Вале чи кунем, ки дар ҳамон давра будем, ва шукр мекунем. Зеро фармудаи паёмбар аст, ки замона аз они Худост ва онро дашном накунед, зеро онро Худо ато кардааст.